ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# П А Ё М И
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
## (маҷаллаи илмӣ)

№3/8(216)

# ВЕ С Т Н И К
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## (научный журнал)

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2016

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**Маҷаллаи илмӣ соли 1990 таъсис ёфтааст.**

**Научный журнал основан в 1990 году.**

**Ҳайати таҳририя:**

**Редакционная коллегия:**

**Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Абдулазизов В. - зам. гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент**
**Мухаметов Г.Б. - доктор педагогических наук, профессор**
**Назаров Р. - доктор философских наук, доцент**
**Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент**
**Расулиён К. - доктор исторических наук, доцент**
**Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент**
**Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент**
**Шарипов Ф.Ф. – доктор педагогических наук, доцент**
**Ходжиматова Г.М. - доктор педагогических наук, и.о. профессора**

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.**
**Журнал печатается на таджикском и русском языках.**

**Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.**
**Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).**

**07.00.00. – Исторические науки и археология**
**09.00.00. – Философские науки**
**13.00.00 – Педагогические науки**

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016**
**Вестник Таджикского национального университета, 2016**

# ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

## НАҚШИ МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ ДАР ТАНВИРИ АФКОР ВА БЕДОРИИ ТОҶИКОН

*А.Х. Азимов, Н.У. Ғаффоров*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар оғози садаи бистум сарзамини Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухороро ҳаракати тараққихоҳии ҷадидия фаро гирифт, ки ҳадафи асосии он ислоҳ кардани мактабу маорифи кишвар, паҳн намудани матбуот ва адабиёти нав, танвири афкор ва бедории сиёсиву фарҳангии мардуми он буд. Яке аз намояндаи машҳури ин ҷунбиш Мирзо Сироҷи Ҳаким аз ашхоси фозилу донишманди даврони хеш буд.

Мирзо Сироҷ 23 октябри соли 1877 дар маҳаллаи Исмоилхоҷаи Бухоро дар оилаи сарроф ва тоҷир ба дунё меояд. Падари ӯ Ҳоҷӣ Абдурраufи Мирзохурд шахси ниҳоят бадавлат ва маъруфи Бухоро буд. Ӯ орзу дошт, ки писари ягонааш соҳиби илму маърифат шавад ва касби ӯро давом диҳад. Бинобар ин аз синни панҷсолагӣ ба таҳсили илму фунуни фарзандаш эътибори хоса дод. Сироҷиддини ҷавон баъди аз бар кардани илмҳои мактабу мадраса дар таҳти таълим ва тарбияи мударрисони номии зодгоҳаш илмҳои ахлоқ, таърих, адабиёт, ҳисоб, ҷуғрофия, риёзиёт, забонҳои форсӣ, туркӣ, арабӣ, русӣ ва фаронсавиро меомӯзад. Дар ин овон ба шеъру шоирӣ низ меҳр мебандад, ки шеърҳои нахустинаш аз ҷониби доираи адабии Бухоро хуш пазируфта шуд. Чунончи, ашъори тозаэҷоди ӯ дар «Афзал-ут-тазкор фи зикр аш-шуаро ва-л ашъор»-и Афзали Пирмастӣ (соли 1904), «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Мӯҳтарам (солҳои 1903-1904) мавқеи арзанда мегиранд. Дар ин давр Сироҷиддин аз падараш касби саррофӣ ва тоҷириро ҳам меомӯзад. Ӯ бо кори тиҷорат ба шаҳрҳои Марғилон, Андиҷон, Ҷиззах, Тошканд, Чимкент, Ҷамбул паи ҳам сафар мекунад ва бо тарзи зисти мардуми маҳал аз наздик ошно мешавад.

Мирзо Сироҷ бо тавсияи Садриддин Айнӣ ва Мунзим дар хонаи Садри Зиё бо китоби машҳури замонаш – «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш шинос мешавад. Мутолиаи «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (соли 1887) дар дили Сироҷҷидини ҷавон орзуи ҷаҳонгардиро бедор мекунад. Мирзо Сироҷ дар тӯли солҳои 1902-1909 бо такозои пешаи аҷдодияш – тиҷорат ба бисёре аз кишварҳои Аврупо, ба монанди Австрия, Венгрия, Булғория, Сербия, Фаронса, Британияи Кабир, Италия, Олмон, Россия, Лаҳистон ва соири кишварҳои Шарқ, аз қабили Эрон, Афғонистон, Туркия, Арабистон, Ҳиндустон ва ғайра сафар намуда, дар ин кишварҳо аз илму донише, ки бароварди замони интибоҳ буд, басо судҳо бардошт.

Мирзо Сироҷ бо баҳонаи иҷрои таклифи шоҳзодаи Австрия, ки бо ӯ дар Бухоро шинос шуда буд, 5 июни соли 1902 ба саёҳати шашмоҳаи Аврупо мебарояд. Ӯ тавассути ҷӯли туркман ба Красноводск, аз он ҷо бо роҳи баҳрии Хазар ба Боку ва аз он ҷо ба Тифлис ва Батуми меравад. Мавсуф ба воситаи роҳи баҳри Сиёҳ ба Туркия омада, шаҳрҳои Самсон ва Истамбулро сайр мекунад. Аз он ҷо ба Вена, София, Будапешт, Вена, Берлин, Париж, Лондон, Берн, Марсел, Милан, Варшава, Москва меояд ва тариқи роҳи оҳани Рязан ба Бухоро бармегардад. Сафари дуюми Мирзо Сироҷ ба моҳи марти соли 1903 рост меояд. Ӯ ин дафъа як қатор шаҳрҳои Эрон, аз ҷумла Машҳад, Нишопур, Хуросон, Сабзаворро сайр мекунад ва 16 июни соли 1905 ба зодгоҳаш бармегардад.

Мирзо Сироҷ дар сафари сеюми хеш, ки аз июли соли 1905 то охирҳои соли 1909 сурат мегирад, як қатор шаҳрҳои Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустонро дидан мекунад. Бояд қайд кард, ки Мирзо Сироҷи Ҳаким шоҳиди бевоситаи инқилоби солҳои 1905-1911 дар Эрон буд. Дар Теҳрон ӯ ба колеҷи тиббии амрикоӣ дохил шуда, илми табобати ҷадидро мукаммал меомӯзад ва ин муассисиаи таълимии тиббиро бо муваффақият хатм намуда, соҳиби шаҳодатнома мегардад. Ҳамзамон чанд муддат дар беморхонаи Мозандарон таҳти лақаби доктор Собир ба корҳои табобату муолиҷа машғул мешавад. Пас аз бозгашт ба меҳани хеш декабри соли 1909 Мирзо Сироҷ дар Бухоро табобатхонаи навъи аврупоӣ мекушояд ва ба муолиҷаи мардум бо услуби нав мепардозад.

Саёҳати мамолики гуногун, дидани пешрафти кишварҳои мутараққӣ, шиносоӣ бо матбуоти онҳо, мутолиаи осори маорифпарварони халқҳои дигар, аз як тараф ва

таназзули аморати Бухоро, забунӣ ва зердасти ақвоми ғайр мондани ҳамватанон ва мардуми дар хоби ғафлат ғунудаи сарзамини азизаш аз тарафи дигар, Мирзо Сироҷро водор сохт, ки ба сари тақдири миллат биандешад ва роҳи наҷоти кишварро ҷустуҷӯ намояд. Ба ин мақсад ӯ ба навиштани асари аз ҳама муҳими хеш «Тӯҳафи аҳли Бухоро» оғоз мекунад, ки як навъ ҷамъбасти афкор ва ақидаҳои маорифпарваронаи ин нависандаи ҷадид мебошад. Адиби маорифпарвар ин китоби машҳури худро, ки таассуроти давраи ҷаҳонгардиашро дарбар мегирад, соли 1910 дар як муддати кӯтоҳ ба анҷом расонида, соли 1912 дар матбааи Когон (Бухорои Нав) нашр менамояд.

«Тӯҳафи аҳли Бухоро» бо забони бисёр соддаву фасеҳ аз сафарҳои тӯлонии муаллиф ба мамолики Аврупо ва Шарқ ҳикоят намуда, аҳамияти таърихию ҷуғрофӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣдорад. Нигорандаи ин асари пурарзиш чун ватандӯсти оташинсухан аз ҳоли табоҳу зисти ҳақирона, ҷаҳолату бемаърифатӣ андеша ронда, пурра рӯҳи замонро мунъакис менамояд. Мирзо Сироҷ мамолики тараққикардаи Аврупоро бо ватани бадҳолаш – аморати Бухоро муқоиса карда, боа лам хитоб намуда буд: «Аз Ватан набояд маъюс шуд, ҳубби ӯро набояд аз дил бадар кард. Айб дар Ватани мо нест, айб бар фарзандони ӯст, ки нохалаф ва ҳаққи модарии ӯро намедонанд» (7, 87).

Мирзо Сироҷ на танҳо шоир ва нависандаи хушсалиқа, балки публисист ва рӯзноманигори варзида ҳам буд. Ӯ яке аз муассисони нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» маҳсуб меёфт ва дар саҳифаҳои он бо шеъру мақолаҳои хусусияти иҷтимоидошта баромад мекард. Дар шумораи 4-уми «Бухорои шариф» Мирзо Сироҷ роҷеъ ба нахустнашри рӯзнома ва аҳамияти он андеша ронда, аз ҷумла чунин менависад: «Аввалин нумраи ҷаридаи фаридае, ки боиси ҳаёту тараққии ин миллат тоза қадам ба арсаи маорифи аҳди ҷадид ниҳодааст, зиёрат гардида чашми ҳамаро рӯшан сохт» (2).

Аз навиштаҳои Мирзо Сироҷи Ҳаким дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бармеояд, ки ӯ чун аксари ҷадидони тоҷик ба замони Сомониён рӯ меовард ва ин давраи таърихиро ҳамчун идеал қарор медод. Чунончи, дар яке аз мақолаҳояш Мирзо Сироҷ дар хусуси равнақи илму ирфон дар аҳди Сомониён ҳарф зада, аз ҷумла қайд менамояд: «Ҳар гоҳ мо, мардуми Бухоро чашми худро кушода, ба як назар қаҳқароӣ (таназзулёбӣ – А.А., Н.Ғ.)-и замонҳои гузаштаи худро пеши чашм биёварем, хоҳем дид, ки мо миллати ҳам дорои улум ва фунуни олия буда, миллали мутамаддин ба шумор мерафтем, муаллими мо Форобӣ, ҳакими мо Бӯалӣ, уламои мо Бухорӣ, шуарои мо Рӯдакӣ буданд, ки ҳар кадом ягонаву фарид (беназир – А.А., Н.Ғ.)-и асри худ буда, номашон ҳанӯз зиннатбахши сафҳаи таърих аст» (3).

Ҳамчунин дар рӯзномаи мазкур таҳти унвони «Ҳифз-ус-сиҳат» перомуни масоили тиб ва тандурустӣ беш аз 30 мақолаи арзишманди ӯ ба табъ расиданд, ки дар ҳифзи саломатии мардуми Бухоро басо хизмати шоистае буд. Тавассути нашрияи «Бухорои шариф» Мирзо Сироҷ бо як қатор ходимони ҷадидия, аз ҷумла Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдуррауф Фитрат, Абдуқодир Муҳиддинов ва дигарон аз наздик шинсо мешавад. Бояд зикр намуд, ки шеъру мақолаҳои Мирзо Сироҷ дар матбуоти кишварҳои ҳамҷавори Бухоро, аз қабили «Навбаҳор»-у «Тӯс»-и Эрон, «Самарқанд»-у «Ойина»-и Туркистон низ дарҷ гардида буданд. Чунончи, дар рақами 2-юми маҷаллаи «Ойина» шеъри «Ёд бод» ба табъ расида буд, ки дар зер матни пурраи онро меоварем:

*Ёд бод, эй дил, ки мо ҳам обрӯе доштем,*
*Дар гулистони тамаддун рангу бӯе доштем.*
*Солу моҳи саъду айёми накӯе доштем,*
*Дар тараққӣ ҷидду ҷаҳду ҷустуҷӯе доштем.*

*Доимо будем мо дар тавсани давлат савор,*
*Эмин аз қайди замону аз ҷафои рӯзгор.*

*Ҷаҳлу нодонӣ бубин акнун аз он авҷи камол*
*Бар замин андохт моро ӯ намудаш поймол.*
*Рафт аз каф илму фазлу донишу иқболу мол,*
*Мондаем акнун парешону забуну гунгу лол.*

*Орзуҳо ҷумлагӣ гашта ба маъсӣ бадал,*

*Дода селоби ҷаҳолат бар бинои мо халал.*
*Боиси ин дарди бедармон намедонам кӣ шуд,*
*Соъии ин ҷумлагӣ нуқсон, намедонам кӣ шуд.*
*Ҳодии ин роҳи бепоён, намедонам кӣ шуд.*
*Муқтадои ин ҳама нодон, намедонам кӣ шуд.*

*Боз мегӯям, ки боис ҷаҳл буду ҷаҳл буд,*
*К-аз баландӣ бар замин афганд бегуфту шунуд.*

*Рост гӯям, боиси ин ҷумла хасрон ғафлат аст,*
*Ин қадар пас мондани ин қавми нодон ғафлат аст.*
*Карда як сар ҷумларо зору парешон ғафлат аст,*
*Баҳравар ногаштан аз илму ирфон ғафлат аст.*

*Оҳ аз дасти ҷаҳолат, дод аз адбори бахт,*
*Зиндагӣ бар мо бад-ин ҳолат бувад бисёр сахт.*

*Эй худо, моро ту аз хоби гарон бедор кун,*
*Масту беҳушем, аз фазлу карам ҳушёр кун!*
*Аз камолоту улуми аср бархурдор кун,*
*Ақлу донишро мӯъин бахтро ҳам ёр кун!*

*В-аз карам боби тараққиро ба рӯи мо кушой,*
*Бар сироти мустақиму илм моро раҳнамой.* (5)

Мирзо Сироҷ соли 1913 маротибаи чорум ба сафар мебарояд, лекин дар роҳ бемориаш қувват гирифта, 21 декабри соли 1913 аз шаҳри Рашти Эрон ба Бухоро бозмегардад ва миёнаи моҳи январи соли 1914 бо сабаби хуруҷи касалии сил аз олам чашм мепӯшад. Баъди фавти Мирзо Сироҷ пешвои ҷадидони Осиёи Миёна ва сардабири «Ойина» Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар шумораи 48-уми маҷаллаи хеш таъзияномаи «Зиёъи алим»-ро дарҷ мекунад, ки дар он омадааст:

«Мирзо Сироҷи Ҳаким мулаққаб ба дуктур Собир бинни Мирзо Абдуррауфи Бухороӣ шаби ҷумъаи нуздаҳуми сафар (соли 1332 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 3 (17) январи соли 1914 – А.А., Н.Ғ.) ба раҳмати эзидӣ пайваст. Рӯзи ҷумъа дар саҳнаи Кӯкалтош-мадраса баъд аз адои намози ҷумъа бо имоматии ҷаноби эшон қозикалон ба иштироки аҳолӣ ва аъёни шаҳр ва уломав а шайхулислом ва муфтиён ба ҷамъияти зиёда аз панҷ ҳазор нафар намози ҷанозаашонро хонда, наъшашро дар беруни дарвозаи Қавола дар гӯрхонаи аҷдодаш дафн карда, ба ғуфрони эзидӣ супурда шуд. Худованди карим раҳмат кунад.

Мухтасари тарҷимаи ҳоли марҳум. Мумиилайҳӣ дар санаи 1295 ҳиҷрӣ (1878 мелодӣ – А.А., Н.Ғ.)» таваллуд ёфта. Баъд аз таҳсили ибтидоии форсӣ ва туркӣ сарф ва наҳви арабӣ ва ақоиди диниро таҳсил карда, айзан ба қадри ибтидоӣ лисони русиро таҳсил намуда. Баъд аз он ба пешаи падараш ба тиҷорат машғул шуда ва адабиёти форсиро мутаббаъ карда, дар унфувони шубоб (оғози ҷавонӣ – А.А., Н.Ғ.) ба услуби шуарои қадим хеле шеърҳо навишт. Баъд аз он ба саёҳат баромада, мамолики Рус ва Урупо ва Ҳиндустон ва Афғонистонро саёҳат карда. Дар аснои саёҳат низ дар баъзе мамолик ба илми тиби ҳозира шуғл варзида, дар санаи 1327 (1909 мелодӣ – А.А., Н.Ғ.) ба Бухоро омада, дар табобат машғул шуда буд.

Аз соле чанд то кунун ба иллати марази шуш гирифтор будааст, ки ба сабаби тарбият аз табобат худдорӣ мекардааст. Имсол барои корҳои хусусии худ ба вилояти Рашти Эрон рафта буд. Дар он ҷо маразаш шиддат кардааст. Дар ҳолати хастагӣ 5 сафар (соли 1332 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 21 () декабри соли 1913 – А.А., Н.Ғ.) ба Бухоро омада, 15 рӯз зиндагонӣ карда, ба синни 37-солагӣ вафот ёфт. Асари матбуаш «Тӯҳафи аҳли Бухоро» ном саёҳатномаи форсӣ аст, ки ба саёҳатҳояш муштамил аст. Дар ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ва «Самарқанд», «Ойина», «Навбаҳор», «Тӯс» мақолаҳои нофеаш дар ҳифзуссиҳат ва иҷтимоиёт мундариҷ аст. Бозмондагонаш як падари пири 65-сола, аз оила як писари се-сола, як духтари 6-моҳа. Падараш ғайр аз ин писар дигар надорад. Худованди карим ба падараш сабри ҷамил ва ба фарзандонаш умри дароз каромат кунад. Аз барои Бухоро зиёъ (аз даст

додан – А.А., Н.Ғ.)-и ин марди ғаюри соҳибқалам хеле боиси таассуф ва дилхунист. Ба рақами 2-юми «Ойина» дар саҳифаи 23 шеъре аз марҳум ёдгор аст» (1).

Дар маҷаллаи «Ойина» ду мақолаи пурмӯҳтавои Мирзо Сироҷи Ҳаким – «Ақл» дар шумораи 16-ум (феврали соли 1914) ва «Таҳсил дар Бухоро» дар шумораи 9-ум (феврали 1915) баъди марги муаллиф чоп шуданд, ки аҳамияти фалсафавиву иҷтимоӣ доранд. Чунончи, М. Беҳбудӣ мақолаи «Ақл»ро бо охирсухани зайл чоп менамояд: «Ин мақоларо ҷаноби Мирзо Сироҷиддини Ҳакими марҳум дар ҳангоми ҷаридаи «Самарқанд» фиристода буданд, ки бинобар таътил ба «Самарқанд» дарҷ нашуда буд. Дишаб аз байни қоғазҳо мақолаи боло (мақолаи «Ақл»-и Мирзо Сироҷ – А.А., Н.Ғ.) зоҳир гардид, ки бинобар тазкори номи он ҳакими марҳум нигошта шу два як мақолаи дигар ҳам доранд, ки ба вақти дигар дарҷ мегардад».

Ин ҷо ҳамон матни мақолаи «Ақл»-ро, ки дар маҷаллаи «Ойина» чоп шуда буд, пешкаши хонандагон менамоем: «Маънои луғавии он банд дар по, чун ақл тобеи табиат намешавад, аз ҳаракати худсарона лиҳозо бадин исм мавсум намудаанд. Вале ақл дар асл ҷавҳаре аст зотӣ ва табиӣ, ки ҳар инсони зӣ (соҳибу доро – А.А., Н.Ғ.) шууре ба тафовут дорост. Дар назди ҳукамо инсони холӣ аз ҷавҳари ақл девона ва сафия (холӣ – А.А., Н.Ғ.) аст. Ва дар инсон се қувваи мақнотиссия (оҳанрабо, ҷозиба - аз юнонии «магнетис» – А.А., Н.Ғ.) мавҷуд аст, ки он қувва байни инсон ва соири ҳайвонист, муштарак аст. Ва он се қувва дар асл аз як мабда ҳаракат мекунад, вале қувваи сайр ва ҷазб ҳар як мутафовут аст. Ин се қувва, ки зикр шуд, идрок, шуур, ақл ном карда мешавад. Идрок ва шуур дар соири ҳайвонот ба як андоза ёфт мешавад, яъне инро ҳар ҳайвон дорост. Аз ин сабаб инсонро мудрики куллиёт ва ҳайвонро мудрики ҷузъиёт гуфта мешавад.

Аз ҳазрати хотамӣ мартабат савол намуданд, ки мурод аз ақл чист ва чӣ гуна аст? Ҳазрат фармуданд: Ақл чизест, ки бо ӯ ибодат карда шавад худоро ва касб намояд биҳиштро. Дар ин ҷо мурод аз ибодат ба маърифат ба оллоҳ аст, яъне инсон то маърифат ба худои худ надошта бошад, ҳеҷ вақт ибодати ӯро намекунад. Ва низ то инсон ба худаш маърифат пайдо намуда, худро нашинохт, худоро ҳам намешиносад.

Ақл комил ва ноқис ҳам мешавад. Чунончи, ба сабаби хондан ва шунидан ва бисёр таҷриба намудан ақл тавсиа пайдо намуда, комил мешавад. Мисли симоб вақто ки ҳарорат дид, ҳаракат кард тавсиа пайдо мекунад, дар вақти бурудат (хунукӣ – А.А., Н.Ғ.) ба поён ҷамъ мешавад. Ин аст мегӯянд, ки ақли фалон оқил ба дараҷаи камол расидааст ва ё фалон ҳаким ақли ботаҷриба дорад ва фалонро ақлаш ноқис аст.

Пас маълум шуд, ки ақл комил ва ноқис мешавад. Кам ва зиёда шудани ақл ҳам ду навъ аст. Яке, хилқатӣ ва дигаре, касбӣ. Ақли хилқатӣ дар замони туфуллият кам буда, баъд кам-кам биттабъ ба андоза зиёда мешавад. Ва ақли касбӣ ба сабаби хондани улум ва дидану маълумот ҳосил кардан аз ҳар чиз зиёда мешавад. Инро касбӣ мегӯянд, яъне ба сабаби касб кардан ва таҷриба дидан зиёда шудааст. Ва ҳар инсоне муддаӣ аст, ки ақли ӯ аз соирин кам нахоҳад буд. Ва ҳар қадар инсон камақл бошад. муддаӣ аст, ки ақли зиёд дорад. Ихтилофи ороъ (фикру андеша – А.А., Н.Ғ.) ҳам аз ҳамин маънӣ бархоста шудааст. Вале шахси оқил, яъне дорои ақли комил ва салим фавран ҳар амре, ки мақбули ақл бувад, қабул намуда, мардудро рад менамояд. Аз ин сабаб иттифоқ ва ҳамраъӣ шудани уққало осонтар аз муттафиқ шудани ҷуҳало ва мардумони камақл аст.

*Гар аз басити замин ақл мунҳадим гардад,*
*Ба худ гумон набарад, ҳеҷ кас ки нодонам». (4)*

Ҳамчунин, бино ба фавти Мирзо Сироҷ дар шумораи 14-уми маҷаллаи «Ойина» марсияи аламангези Садриддин Айнӣ ба табъ расид, ки манзури хонандагон менамоем:

*Оҳ, сад оҳ, ки барбаст абадӣ бори сафар,*
*Аз Бухоро сӯи Фирдавс яке донишвар.*
*Ходими миллати ислом Сироҷи дониш,*
*Нощири илми Ватанхоҳ, маорифпарвар.*
*Он ки аз мантиқи ӯ буд маҳофил пурнур,*
*Он ки аз хомаи ӯ дошт ҷароид зевар.*
*Рафт дар маҳфили аҳбоб аз ӯ нест нишон,*

*Рафт дар сафҳаи айём аз ӯ нест хабар.*
*Он ки такмили фунун кард ба айёми шубоб,*
*Он ки таҳсили ҳукм кард ба аснои сафар.*
*Сер нокарда зи дидори хуб абнои Ватан,*
*Ба ҷавонӣ буттаи хоки Ватан сохт мақар.*
*Он ки мекард ба танвири Бухоро хидмат,*
*Рафт, мондем тамоми аҳли Бухоро ба қадар.*
*Оҳ, сад оҳ, супурдем Сироҷиддинро*
*Ногузирона ба ҳукми қазо, дасти қадар.*
*Сар зад аз сина аз ин гам ивази оҳ оташ,*
*Рехт аз синаи ман дарзада дар пайкари ман,*
*Рехт аз дида аз ин рӯ ба дили ашк шарар.*
*Оташ аз синаи ман дарзада дар пайкари ман,*
*Об шав, эй зи ду чашми ман, эй хуни ҷигар.*
*Эй ки дил канда намуда, зи ҳама қатъи назар,*
*Доги андӯҳ зада бар дили бирёни падар.*
*Ту шудӣ восили гуфрони иллоҳӣ, аммо,*
*Мо ҷудо монда зи ту дог ба дил, хок ба сар.*
*Сахтҷонем, ки дидему намурдем аз гам,*
*Ба ҷавонии ту тобути туро дар таки дар.*
*Ба сари турбати ту нолакунон омадаем,*
*Ба куҷо меравӣ як бор ба аҳбоб нигар.*
*Чӣ тавон кард ба тақдири илоҳӣ,эй дил,*
*Сабр кун, сабр, ки ҷуз ин набувад чора дигар.*
*Лафзи маъонии таърихи вафоташ бинавис*
*Ба ҳазору сесаду сивуду, бо шаҳри сафар.(11)*

Устод С. Айнӣ дар эзоҳи ин марсия ва таърихи «Хитоб ба мутаваффо» баъдан чунин навишта буд: «Марсия ва таърих дар вафоти Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ бинни Ҳоҷӣ Мирзо Абдуррауф бинни Мирзо Наврӯз, таваллуд дар санаи 1294 ҳиҷрӣ 15 шаввол (23 октябри соли 1877 – Н.Ғ.), вафот дар санаи 1332 19-уми сафар шаби ҷумъа (17 январи соли 1914 – А.А., Н.Ғ.), соати 7, дафн рӯзи ҷӯмъа баъд аз салот 19-уми сафар. Мазораш дар беруни дарвозаи Қавола, дар ҷанубии роҳи калон. Худо раҳмат кунад» (12).

Ҳамин тариқ, фаъолияти маорифпарварию ҷадидии Мирзо Сироҷи Ҳаким сар то по мубориза барои ҷустуҷӯи роҳи ҳаёти нав, меҳанпарастию худшиносии миллӣ, ислоҳи мактабу маориф, табобати ҷисмонию маънавии мардум, орзуи тантанаи илму фарҳанг дар Бухорои амирӣ буд. Ин нашири илми ватанхоҳ дар умри кӯтоҳи худ тавонист, ки дар танвири афкори аввали қарни XX нақши муайяне гузорад.

## АДАБИЁТ


1. Зиёъи алим // Ойина.- 1914.- № 12.- С. 291-292.
2. Мим Син. Мирзохурдов. Мактуб аз Бухорои шариф // Бухорои шариф.- 1912.- № 4.- 15 март.
3. Мим. Син Мирзохурдов. Қадре фаъолият лозим аст // Бухорои шариф.- 1912.- № 10.- 22 март.
4. Мим. Син. Ҳаким Бухороӣ (Мирзо Сироҷ). Ақл // Ойина.- 1914.- № 16.- С. 286-288.
5. Мим. Син. Ҳаким Бухороӣ (Мирзо Сироҷ). Ёд бод // Ойина.- 1913.- № 2.- С. 22-23.
6. Мирзо Сироҷиддин. Туҳафи аҳли Бухоро.- Когон, 1913.- 344 с.
7. Мирзо Сироҷиддини Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро (Сафарнома) / Тартибдиҳандагон Салоҳиддин Солеҳов, Масрур Мирзоев.- Душанбе: Адиб, 1992.- 272 с.
8. Мирзо Сироҷиддин Ҳоҷӣ Мирзо Абдуррауф. Сафарномаи туҳафи Бухоро / Таҳия ва муқаддимаи Муҳаммад Асадиён.- Теҳрон: Интишороти Бӯалӣ, 1370 (1991).-384 с.
9. Мирзо Сироҷ Ҳаким Бухороӣ. Таҳсил дар Бухоро // Ойина.- 1915.- № 9 (61).- С. 291-292.
10. Раджабова С.М. Проблемы философии и просветительства в творчестве Мирзо Сироджиддина Хакима Бухари: Автореф. дисс. канд. филос. наук.- Ташкент,1997.- 22 с.
11. Сод. Айн. Бухороӣ. Марсия ба Мирзо Сироҷиддин Ҳакими Бухороӣ // Ойина.- 1914.- № 14.- С. 241.
12. Табаров С. Маълумоти тоза дар бораи Мирзо Сироҷ // Омӯзгор.- 1990.- 14 август.
13. Табаров С. Чанд далели нав аз ҳаёти Сарвар ва Мирзо Сироҷ // Садои Шарқ.- 1990.- № 11.- С. 114-116.
14. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX.- Душанбе: Дониш, 1987.-168 с.


## РОЛЬ МИРЗО СИРОДЖА ХАКИМА В ПРОСВЕЩЕНИИ И ПРОБУЖДЕНИИ ТАДЖИКОВ


Авторы на основе исторических и литературных источников раскрывая связь таджикского поэта, путешественника, врача и журналиста Мирзо Сироджа Хакима (1877-1914) под псевдонимом доктор Собир с джадидиским движением, оказавшее воздействие на социально-культурное пробуждение и национальное самопознание таджиков в начале XX века, рассматривают его сложный путь и просветительскую

деятельность. В статье особое внимание уделено публицистической и журналистской деятельности Мирзо Сироджа Хакима и анализированы некоторые его публикации в джадидских изданиях «Бухорои шариф» и «Ойина».

**Ключевые слова:** Мирзо Сиродж Хаким, джадидизм, начало XX века, путешествие, джадидская печать, «Бухорои шариф», «Ойина», публицистика, журналистика, национальное самосознание, пробуждение таджиков.

**ROLE OF MIRZO SIROJ HAKIM IN THE EDUCATION AND AWAKENING OF TAJIKS**

Authors on the basis of historical and references opening communication of the Tajik poet, traveler, doctor and journalist Mirzo Siroj Hakeem (1877-1914) under a pseudonym doctor Sobir with the jadid movement, the made impact on welfare awakening and national self-knowledge of Tajiks at the beginning of the XX century, consider his difficult way and educational activity. In article special attention is paid to publicism and journalism of Mirzo Siroj Hakeem and some of his publications in the jadid press - the "Bukhoroi sharif" and "Oyina" editions are analyzed.

**Key words:** Mirzo Siroj Hakeem, Jadidism, beginning of the XX century, travel, jadid press, "Bukhoroi sharif", "Oyina", publicism, journalism, national consciousness, awakening of Tajiks.

**Сведения об авторах:** ***Азимов Аъзамджон Холматович*** – доктор филологических наук, профессор кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 934754538**
***Гаффоров Нумонджон Усмонжонович*** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета,. Телефон: **(+992) 927750309**.
E-mail: **numonjon_g@mail.ru**

# ИСТОРИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ АРХИТЕКТУРЫ И КЛИМАТА

***Х.О.Норкулов***
**Таджикский технический университет им. М.С. Осими**

Первобытнообщинный строй – это начальная стадия хозяйственного, социального и культурного становления человеческого общества, куда включаются периоды палеолита, неолита, энеолита, бронзового и железного веков. Формирование среды обитания человека в первобытнообщинную эпоху обусловлено, прежде всего, экологическими факторами: колебаниями температуры, влажностью, характером ландшафта и растительности, животным миром, наличием строительных материалов. В становлении самого человека определяющими оказались периоды оледенения, чередующихся с потеплением климата (последнее оледенение проходило 12-10 тысяч лет тому назад) [1. с. 9]. Такие изменения среды заставляли мобилизовать все средства для выживания, искать и строить укрытия от непогоды, они ускоряли процесс отделения человека от животных, научили его шить одежду, строить жилища, добывать огонь. Недаром ледниковая эпоха называется «антропогенной», т.е. породившей человека.

Изменение климата привели, в конечном счете, к широкому климатическому зонированию. Оно характеризуется общим плавным переходом от жаркого экваториального климата с постоянными температурами, позволяющими обходиться без одежды и легким жилищем, к средним широтам с сезонными и суточными колебаниями температуры, дождями и снегопадами, вынуждающими искать более гибкие формы пространственной организации жилища, например, сочетание зимнего жилища в теплых землянках и летнего - под проветриваемыми навесами и далее, к холодным приполярным областям, где особенности хозяйства (кочевое оленеводство и рыболовство) и отсутствие природных материалов для капитального, хорошо защищающего от мороза жилища, привели к необычным формам жизнеобеспечения: сочетанию легкого жилища (чума), укрывающего от снежной пурги, с очень теплой удобной меховой одеждой, т.е. функции жилища были распределены между укрытием и одеждой. Здесь же строили убежища, для которых строительным материалом служили блоки плотного снега, а связующим – быстро замерзающая вода. К простейшим типам сооружений относятся палатки арабских, афганских, тибетских пастухов, казахская и монгольская юрта. Созданные в глубокой древности, зональные типы жилища хорошо отвечают потребностям и современного человека.

С конца последнего оледенения установились постоянные зоны преимущественного хозяйственного освоения земли и широтного разграничения основных строительных материалов, что во многом придало специфику конструктивным и объемно-

планировочным решениям сооружений. Обилие тростника, из которого плели хижины, обмазанные речным илом, и скудность древесной растительности определили формы древней глиносоломенной архитектуры Двуречья и Малой Азии с лепными куполами крыш. Болотистые низины и разливы рек южного побережья Азии, ядовитые змеи и насекомые заставляли ставить рыбачьи дома и поселки на свайные платформы; некоторые прибрежные племена вообще перебирались на лодки, скоплением которых создавался плавучий город. Теплый влажный климат реки Хуанхэ, частые землетрясения породили каркасную архитектуру Китая. Отсутствию дерева и повсеместному распространению лёсса, обязано развитие глинобитной архитектуры культурных очагов Средней Азии. Речной лозой, жесткой степной травой и войлоком ограничивается состав материалов для изготовления кочевого жилища – юрты и палаток. Землянка, полуземлянка и срубный деревянный дом – характерное жилище народов всей лесостепной полосы северного полушария; скатная крыша такого дома имеет тем больший уклон, чем дальше к северу построен дом. Чум и яранга северных оленеводов и таёжных охотников – это жердевой каркас с покрытием берестой или шкурами. На Крайнем Севере, в качестве каркасного материала для сооружения жилища использовали ребра кита, а раньше – бивни мамонтов.

Хотя формирование основ строительной культуры начальных этапов первобытнообщинного строя определяли природные условия, ведущее значение в сложении принципов организации среды обитания – от простейшего укрытия до сложной городской структуры – имеет, конечно, человеческий труд. Поскольку цивилизация порождена трудом коллективов и учитывала интересы развивающихся коллективов, материальные формы среды обитания все отчетливее приобретают социальные черты.

Таким образом, умение строить жилища является одним из важных компонентов приспособления человеком среды обитания к жизни. Известный историк и теоретик современной архитектуры А.К.Буров как нельзя точно определил сущность архитектуры: «Архитектура – искусство не изобразительное, а созидательное. Она не отражает мир и предметы, а устраивает мир и делает предметы, и должно, в первую очередь, использовать законы, по которым природа создаёт свои вещи и организмы» [2].

Поэтому с момента зарождения архитектуры (а это первобытнообщинный строй) главными факторами, влияющими на её развитие, были:

- способ производства материальных благ, уровень производительных сил, науки и строительной техники;
- производственные отношения, общественный строй, образ жизни людей с их идеологическими и эстетическими воззрениями, влияющими на форму организации пространства;
- географическая среда (климат и природные условия), поскольку она решает специальные проблемы приспособления зданий и их комплексов к природно-климатическим условиям конкретного района строительства.

Первые два фактора постоянно меняются, третий - географическая среда, является относительно стабильной. Географическая среда, т.е. климат и природные условия, выступая постоянной величиной в системе архитектурного формообразования, является одним из основных условий возникновения устойчивых региональных и национальных черт архитектуры различных народов мира. В доказательство этого можно привести выводы одного из зарубежных исследователей, который, классифицируя основные типы жилищ ранних эпох, расположенных во всех климатических поясах Земли, подтверждает тот факт, что в течение многих тысячелетий основной целью строителей было создание условий теплоустойчивости, а также то, что типы зданий в гораздо большей степени определяются климатическими зонами, чем национальными признаками различных государств [3].

Претерпев некоторые отклонения, вызванные традициями национального зодчества и социальными обычаями, основные формы жилища наших предков, как было наглядно показано выше, складывались под влиянием условий внешней природно-климатической среды. Динамичное и многообразное изменение архитектурных форм, появление лишь за последнее тысячелетие новых типов и градостроительных структур можно объяснить в основном общественным развитием. Указанная тенденция сохранилась и оказывает влияние на архитектурно-градостроительные решения и в наше время. Опыт показывает, что независимо от социального устройства страны, уровня ее развития, защитные функции строений и стремление обеспечить психофизиологический комфорт, в зданиях и

на территориях поселений, всегда являлись важнейшими и основными. Таким образом, геоэкологическая среда (климат, ландшафт, особые природные условия и др.) является генеральным связующим фактором, обеспечивающим координацию процесса развития архитектуры в пространстве и во времени.

Академик Г.П.Гольц сказал: «Знание природы и её законов мы находим при изучении искусства прошлого. Анализ достижений прошлых культур поможет художнику найти те творческие методы, которыми пользовались мастера прошлого, и те законы природы, которым они следовали. Методы прошлого, основанные на строение природы, есть величина постоянная» [4. с. 15]. Вышесказанное позволяет начать наше повествование о развитии культуры таджикского народа с привлечением данных архитектуры далекого прошлого на обширной территории центрально-азиатского региона, который относится к одному из наиболее благоприятных в геоэкологическом отношении для развития древнейших цивилизаций районов нашей планеты.

Так как таджики исторически сформировались в пределах древних культурно-географических стран – Хорасана, Тохаристана, Мавераннахра, Хорезма, Ферганы, Хафтруда (Семиречья), Бадахшана и прилегающих к ним районах, мы рассмотрим геоэкологическую характеристику среды в пределах Центральной Азии.

Географически Центральная Азия включает всю огромную центральную зону азиатского материка, однако в данном случае мы Центральную Азию принимаем в культурном плане в системе ЮНЕСКО, где условились так именовать регион историко-культурной общности народов, населявших современные области Монголии, Синь-Цзяна, среднеазиатских государств, Восточного Ирана, Афганистана, Пакистана, Северо-Западной Индии. Таким образом, под понятием «Центральная Азия» мы будем в необходимых случаях подразумевать как Средний Восток в целом, так и Среднюю Азию в несколько узком территориальном аспекте.

В целом же, Центральная Азия в ландшафтном плане представляет плодородные долины, барханы пустынь, неприступные горные вершины Памиро-Алая и Гиндукуша, мягкие склоны Копетдага и др.

Мощные лессовые отложения на равнинах Центральной Азии обеспечивали строителей простейшим и весьма подходящим материалом – глиной. Отсутствие строительного леса и повсеместное распространение лесса ещё в древнейший период обусловили самое широкое использование на всем Среднем Востоке в качестве основных строительных материалов производных лесса – пахсы и сырцового кирпича. История этого строительного материала свидетельствует, что уже в 5 тысячелетии до н.э. жилища поселений раннего неолита юга Туркмении, Джейтуна и Чапан-Депе были построены из глиняных блоков овального сечения поперечником 20-25 см и длиной 60-70 см. [5. с. 43-44]. На протяжении IV тысячелетия до н.э. происходит замена глинобитных стен сырцовыми. Ранние сырцы имели вид «булки», которые принимают, как ещё будет отмечено ниже, правильную прямоугольную форму в IV тысячелетии до н.э. (на поселениях юга Туркмении). Всё это свидетельствует о том, что материалы из сырой глины принадлежат к самым древним в мире цивилизации человека.

С отдаленных времен на территории Центральной Азии всюду была жизнь – от высот Памира до песков Каракумов, особенно вдоль русел больших и малых рек, их притоков и изгибов горных ручьев. Исторически и географически Центральная Азия всегда была узлом, в котором во все эпохи скрещивались крупнейшие на Азиатском материке художественные культуры и архитектурные идеи. Истоки этой традиции надо, видимо, искать в недрах раннеземледельческих очагов цивилизации, т.е. в эпохе неолита (новокаменного века) Ближнего и Среднего Востока. В регионе, включавшийся в Юго-Западноазиатский очаг (речные долины Палестины, Ливана, Сирии, Южной Турции, Северной Месопотамии, области Ирана и юга Средней Азии) [6. с. 43-44]. Поэтому мы считаем, что Центральная Азия, в том числе Средняя Азия входит в число очагов древних культур, связанные с длительной оседлостью обособленных племенных групп, первоначально размещенных в географически замкнутых, труднодоступных, преимущественно горных районах, на территориях, разобщенных горными хребтами, пустынями, островным положением и другими естественными преградами. По теории выдающегося советского ученого Н.И.Вавилова, первоначальное развитие земледельческих культур сосредотачивалось в районах величайших горных массивов Гималаев, Передней Азии, Кавказа, Балкан и Албании [7. с. 170, 171, 191-197].

Места, обозначенные Н.И.Вавиловым как мировые очаги распространения древних раннеземледельческих культур, удивительным образом совпадают с местами наибольшей концентрации оборонных форм жилища. На территории Азии такими областями являются высокогорные районы Китая (в особенности, Тибета), Индии, Непала, Афганистана, Средней Азии, Ирана, Ирака, Сирии, Палестины. В Европе в первую очередь следует назвать район Кавказа, древней Скифии, горные области Балканских стран, Альпы, Пиренеи, а также средиземноморской бассейн с островами Крит, Сардиния, Болеарские острова. На Африканском континенте центры развития древних земледельческих культур с неукрепленным и укрепленным жилищем совпадают в Абиссинии и прилегающих к ней горных районов, Египте, Марокко и Алжире. В Южной и Северной Америке очаги размещаются в высокогорных районах Перу, Эквадора, Колумбии, Мексики и в горных областях на территории юго-западных штатов США [8. с. 77-104].

Совпадение мест расположения укрепленного жилища с местами размещения древнеземледельческих культур находит объяснение в ряде сходных причин в выборе среды обитания человека. К ним можно отнести их размещение в стороне от больших дорог (горы служили естественным барьером); существование благоприятных природных условий, позволяющих вести эффективное земледельческо-скотоводческое хозяйство, обеспечивающее всем необходимым в условиях замкнутого существования; длительная непрерывная оседлость, дающая возможность накапливать опыт и общую тенденцию расселения обособленными группами, активно сопротивляющихся объединению.

Различные племенные группы, объединяя оборонные функции с жилыми, пришли к открытию различных форм жилища (поселения с оборонными стенами, башенные жилища и др.).

Народам, находившимся в условиях изолированного существования (к ним относятся предки таджикского народа), приходилось изобретать то, что при других условиях легко могло, было заимствовано. Всюду, где появлялась необходимость в повседневной обороне, строилось укрепленное жилище. В совершенствовании строительных приемов и выработке многочисленных планировочных, конструктивных и объемно-пространственных решений оборонного жилища участвовали народы многих стран и континентов.

## ЛИТЕРАТУРА


1. В.Н.Ткачев. История архитектуры. – М.: Высшая школа, 1987, с. 9.
2. А.К.Буров. Об архитектуре. – М.: Стройиздат, 1960. - 147с.
3. Djllfus J. Les Aspects le L, Architecture Populaire dans le Monde. Albert Morance. – Paris, 1954.
4. Цит по Б.М.Полуй. Архитектура и градостроительство в суровом климате (экологические аспекты). - Л.: Стройиздат, 1989, с. 15.
5. В.Л.Воронина. К истокам строительной техники // Проблемы истории архитектуры народов СССР. Сб. научных трудов. - № 2. – М.: ЦНИИПГрадо, 1975, с. 43-44.
6. В.Л.Воронина. К истокам строительной техники // Проблемы истории архитектуры народов СССР. Сб. научных трудов. - № 2. – М.: ЦНИИПГрадо, 1975, с. 43-44.
7. Н.И.Вавилов. Ботанико-географические основы селекции. /Избр. произв. В 2-х томах/ - . Т.1. – М.: Наука, 1967, с. 170, 171, 191-197.
8. М.И.Джандиери, Г.И.Лежава. Народная башенная архитектура. – М.: Стройиздат, 1976, с. 77-104.


## ИСТОРИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ АРХИТЕКТУРЫ И КЛИМАТА


Статья содержит данные об условиях историческом взаимодействии архитектуры и климата, факторами как экология, колебаниями температуры, влажностью, характером ландшафта и растительности, животным миром, наличием строительных материалов. Также включает адаптацию и обустройство человека к природным условиям, использование природных благ для защиты от природных не угодий, начиная с периода палеолита до средних веков.



**Ключевые слова:** историческое взаимодействие архитектуры и климата, адаптация и обустройство человека к природным условиям, использование природных благ, периода палеолита, средние века.


## THE HISTORICAL CONDITIONS OF INTERACTION BETWEEN ARCHITECTURE AND CLIMATE


**NORKULOV KH.O.**



The article contains data about terms historical co-operation, architecture and climate by factors as ecology, by fluctuations in a temperature, humidity, character of landscape and vegetation, animal kingdom, presence of building materials. Also includes adaptation and arrangement of man to the environmental conditions, use of the natural blessing for defence itself from natural cataclysm and not lands since the period of paleolith to Middle ages.



**Key words:** historical interaction of architecture and climate, adaptation and arrangement of a person to natural conditions, use of natural goods, the Paleolithic period, the Middle Ages.

**Сведения об авторе:** ***Норкулов Холтура Олимшоевич*** - старший преподаватель Таджикского технического университета им. М.С. Осими.

## ҶАНГИ АМИРИ БУХОРО НАСРУЛЛОҲ ВА ХОНИ ХӮҚАНД МУҲАММАД АЛИХОН ТИБҚИ САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ

***Б.Т. Азимова***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Муҳоҷирати қавму қабилаҳои бешумори узабак ба Мовароуннаҳр боиси халалдор гаштани низоми иҷтимоӣ ва амнияти тамоми минтақа гардид. Давлати ягона ва суботу инзибот ба кулли аз минтақа рахт барбаст. Ҷангҳои хонагӣ ба як ҳодисаи муқаррарӣ табдил ёфт. Дар нимаи дуюми асри XVIII - аввали асри XIX дар байни хонигариҳои Хива, Хӯқанд ва аморати Бухоро ҷангҳои хунин рух доданд. Ин ҷангҳо, хусусан, байни Бухоро ва Хӯқанд барои Тошканд, Ҷиззах, Ӯротеппа, Хуҷанд доманадор буд.

Мубориза байни хонҳои асосии Осиёи Миёна гоҳ ба нафъи як тараф ва гоҳ ба нафъи тарафи дигар анҷом меёфт. Дар ин ҷангҳо хону амирон аз тамоми имкониятҳо - тӯҳмат, иғво, бӯҳтон, хабаркашиҳо истифода мекарданд. Бист соли аввал мубориза барои ба даст овардани Ӯротеппа ва Хуҷанд ба ҳеҷ тарафи ҷангкунанда нафъ наовард. Амири Бухоро Ҳайдар ва хони Хуқанд Умар маҷбур шуданд, ки амалиёти ҷангро бас карда, байни худ «сулҳи абадӣ» банданд ва ба ворисони худ васият карданд, ки онро «муқаддас» донанд.

Баъди вафоти амир Ҳайдар писараш Насруллоҳ (1826-1860) ба сари ҳокимият омад. Мардум барои бераҳмӣ ва ҷаллодиҳояш ӯро «амири қассоб» лақаб гузошта буданд. Насруллоҳ сараввал тамоми бародаронашро аз дами теғ гузаронд.

Пас аз марги Умархон писар ва вориси ӯ Муҳаммад Алихон (Мадалӣ) (1822-1842) тамоми умури хонии Хӯқандро дар дасти худ нигоҳ дошт. Ӯ чандин дафъа ба самти ҷанубу шарқ лашкар кашид. Соли 1834 лашкари Хӯқанд мулкҳои Дарвоз ва Қаротегинро зери даст намуд ва муддате чанд ҳокими Кӯлоб низ ба итоати вай сар даровард. Мадалӣ бо Ӯротеппа ҷанг кард. Муҳаммад Алихон ба мисли амири Бухоро Насруллоҳ, як марди золим ва бераҳме буд.

Хони Хуқанд Муҳаммад Алихон ба хурдсолии худ нигоҳ накарда ҳамзамон ба сари тахт омадан ба қатл, бадарға кардан ва мусодира намудани молу мулки афроде, ки дар замони ҳаёт будани падар аз онҳо норозӣ буд, шурӯъ кард. Бераҳмӣ ва золимии Муҳаммад Алихон дар Хуқанд маҳдуд нашуда, қосидони маргро ба дигар шаҳрҳои хонигарӣ фиристода, норозиёни худро ба қатл мерасонд.{1,332.} Бо ин ҳама дар солҳои аввали ҳукмрониаш гурӯҳи калони мухолифон таъсис ёфт, ки сол то сол шумораи онҳо зиёд мешуд.

Соли 1841 амалдорони олимақоми хонигарӣ хусусан мингбошӣ, қушбегии Тошканд, қозикалон, сарлашкар Исохоҷа ба ҳам ҷамъ омада ба хулосае омаданд, ки Муҳаммад Алихонро аз тахт барканор созанд ва ба ҷойи ӯ Шералӣ писари Олимхон ё Муродбий писари Ҳоҷибийро нишонанд.{1.337 }. Суиқасдчиён барои пиёда кардани ниятҳои хеш хеле фикр карда худро заиф диданд ва аз ҳамсояи наздик ва боқудрат амири Бухоро Насруллоҳ мадад хостанд. Амири Бухоро душмани ашаддии Хуқанд буда, дар ҷустуҷуи фурсате буд, ки ба корҳои дохилии кишвар дахолат карда, онро соҳиб гардад. Аммо ин нияти амалдорони Хуқанд сатҳӣ буд ва амир Насруллоҳро низ ба шубҳа овард. Насруллоҳ бовар дошт, ки хуқандиҳо бо макру ҳилла ӯро ба дохили кишвар кашида, ҳамроҳи сипоҳ нобуд мекунанд. Вале бори дуюм Султон Маҳмудхон додари Муҳаммад Алихон ба амир Насруллоҳ ба ин мазмун хат навишт, ки «Ҳоло хизмати Шумо калони Мовароуннаҳр ҳастед ва ҳоло

яқинамон шуд, ки Муҳаммад Алихон акои мо аз бахри зан аз дини аҳмадӣ баргашта аст. Ба хизмати Шумо воҷиб шуда аст, ки ӯро танбеҳ диҳанд ва агар ҷанобашон эҳмол кунед, моро рухсати иҷозат диҳанд, мо мекунем» {2.520}. Ин мактубро навишта ба амир Насруллоҳ фиристод.

Насруллоҳ 2 апрели соли 1841 бо сипоҳи 18 ҳазорнафара аз Бухоро берун шуда, қалъаи Пешогарро чун нигини ангуштарӣ дар миён гирифта ба муҳосира машғул буд {3.332.} Баъд аз ҳашт рӯз мардуми қалъа ба танг омада, сулҳ хостанд ва аҳду паймон намуда, қалъаро холӣ гузошта худ мутаваҷҷеҳи Хуқанд шуданд.

Амир Насруллоҳ бо лашкари анбӯҳ 21 сентябри соли 1841 қалъаи Ямро (истеҳком дар Ӯротеппа-Б.А.) ба муҳосира мегирад. Қалъаи Ямро Исҳокбек девонбегӣ ибн Маҳмудбий идора мекард. Муҳориба се рӯз давом кард. Лоилоҷ Исҳокбий девонбегӣ рӯ ба гурез ниҳод. Сипоҳиёни амир Насруллоҳ ӯро дастгир ва пеши амир Насруллоҳ оварда, ба қатл расонданд {2,536}. Баъди тирпарониҳои дуру дароз сипоҳи Бухоро ба деворҳои Зомин (шаҳрча ва қалъа дар нохияи Ӯротеппа-Б.А.) ҳаракат мекунад. Идораи умури ин мавзеъ дар дасти Абдували бародари Муҳаммад Шариф атолиқ буд. 27 сентябри соли 1841 қалъаро забт намуда, амири Бухоро мутаваҷҷеҳи Ӯротеппа гардид. {5, 236}.

Дар мавзеи Оби Чомак дар як фарсахи Ӯротеппа он ду лашкар ба ҳам даровехтанд. Ба навиштаи манобеи ин давра аз зарби теғу тири захми синон ва шамшери мушксор хун дар он саҳро сарнагун гардид. Дар ин муборизаи шадид лашкари амир Насруллоҳ ғолиб гардиданд ва умарои Хуқанд дар ғояти изтирор карор бар фирор ихтиёр карданд. Чанде аз сардорҳои эшон аз ҷумла, Муҳаммадшариф атолиқ ва Маҳмуд хоҷа ва дигарон дастгир ва кушта шуданд. Аз ҷониби қушуни Бухоро ноиб Абдуссамад бо сарбози худ пешдастӣ намуда, дохили Ӯротеппа шуд ва дар болои Муғ баромада ҳар кас дучор мешуд, ба эшон заррае тараҳҳум накарда ба қатл мерасониданд ва тороҷ мекарданд. Ҳокими Ӯротеппа Каримқули додхоҳро дастгир намуда ба пеши амир Насруллоҳ бурданд. Амир Насруллоҳ низ дохили шаҳр гашта, вилояти Ӯротеппаро мусаххар ва сесад сипоҳи Хуқанд, ки асир гашта буданд сар бурид. Ҳамон шаб Иброҳим парвоначӣ ҳокими нав омада амирро дид ва амир Насруллоҳ қалъаи навро ба Султон Маҳмудхон бахшид. Иттифоқан, аз ҷониби Хуҷанд Абдурраҳмон девонбегӣ, Шоди додхоҳ ва Абдурраҳмон матин омада, хабар доданд, ки Муҳаммад Алихон бо лашкари бисёр Хуҷандро холӣ гузошта мутаваҷҷеҳи Хуқанд шудааст. {6.157 в}. 8 октябр амир Насруллоҳ бе ҷанг ҳамчун ғолиб ба Хуҷанд ворид гардид.

Муҳаммад Алихон чандин ҳазор тилло пешкаш намуда, тағояш Холибеки қушбегӣ, Абдурраҳмонқули атоликро ва эшон ҳидоятпаноҳи Сулаймонхоҷа шайху-л- ислом ва Орифхоҷа Аъламро элчӣ карда бо чандин узру тамаллуқ аз ҷумла вассали Бухоро гаштан, хондани хутба ва сикка задан ба номи амир Насруллоҳ фиристод. {5.237}. Амир Насруллоҳ дар умри худ ин навъ илтиҷоро аз Муҳаммад Алихон нашнида буд, сабаби мубоҳоти ӯ гашта, сулҳ намуда, Султон Маҳмудхонро ҳокими Хуҷанд таъйин ва 26 октябр ба Бухоро бар мегардад.{7.109}.

Султон Маҳмудхон бар сарири аморати Хуҷанд такя зада, ба ҳукумат кардан машғул гашт. Чун аз ин хабар Муҳаммад Алихон воқиф шуд, чун бута дар оташ мегудохт ва намедонист дар ин кор чӣ тадбир кунад ва чӣ макр андешад. Ба Султон Маҳмудхон кас фиристода, ӯро ба худ мутафиқ гардонд ва тамоми мулкҳои забткардаи бухориҳоро то Ӯротеппа аз худ карданд.

Чунин сурат гирифтани воқеа амир Насруллоҳро маҷбур кард, ки 2 апрели соли 1842 бори дуввум аз Бухоро ба ҷониби Хуқанд ҳаракат кунад. Берун аз шаҳр ҳар ду лашкари кинахоҳ ба якдигар барангехта, дар майдони кин тохтанд. Баъд аз муҳориботи бисёр лашкари Фарғона, аз захми тиру теғи сипоҳиёни амир Насруллоҳ

бар хоки ҳалок афтоданд ва бақиятуссайф ба води фирор оварданд. Ва бисёри умарои эшонро дастгир намуданд. Мисли тағои Муҳаммад Алихон Беккушбегӣ валади Раҳмонқул атолиқ ва Гадойбои парвоначӣ валади Довуди парвоначӣ, чанде аз ин қабил ва бисёр сипоҳи Фарғонаро аз бими шамшер ба дарё андохта, туъмаи моҳиёни дарё шуданд.{8,75 }.

Амир Насруллоҳ бо лашкари худ дохили шаҳр шуд. Сарчашма хабар медиҳад, ки лашкари Бухоро то рӯзи дигар чунон тороҷу яғмо мебурданд, ки ки касе як парча латта намеёфт, ки сатри аврати худ кунад. Ҳама сару по бараҳна дар бозорҳо мегаштанд. Рӯзи дигар амир Насруллоҳ мунодӣ гардонд, ки касе ба моли касе дахл накунад, вале каси молдор дигар намонд. {4,в.28}. Рӯзи дигар аз он ҷо куч намуда, ба Тошқурғон нузул фармуд ва аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Хуқанд шуд. Баъд аз чаҳор манзил дар мавзеъи Бешарик нузули иҷлол фармуд. Се рӯз дар он ҷо таваққуф намуд. Рӯзи чаҳорум Муҳаммад Алихон писари худ Муҳаммад Аминхонро бо лашкари қушбегӣ ба истиқбол баровард. Амир Насруллоҳ эшонро нигоҳ дошт. Элчии дигар ба назди Муҳаммад Алихон фиристод. Худ аз он ҷо куч намуда, дар мавзеи Кушкупрук нузул фармуд. Қушкупрук кучида дар мавзеъи Неманҷо ворид гардид.

Дар санаи 1842 амир Насруллоҳ ба таҳияи сипоҳ худро мутаваҷҷеҳ гардонид. Муқаррар шуд ки ноиб Абдуссамад сарбозони қизилбошӣ пурхашму кин дар ҳар аввали раият таваккул барафрозанд ва фавҷи туҳур аз саркардаҳо мисли Иброҳимби ҳокими Самарҳанд ва Одилдодхоҳи минг ҳокими Урметан ва Баҳодур мирохури кенегас набераи Дониёл руй ба вилоят оранд. {7,110}. Баъд аз муҳориботи бисёр вақти чошт Абдуссамад ноиб дар шаҳр даромад чанд туп оташ дода буд, ки Муҳаммад Алихон рӯй ба гурез ниҳод ва Султон Маҳмудхон низ фирорро ихтиёр кард. Баъд аз он амир Насруллоҳ дар урда даромад, ки сарбозони аскарӣ ва он кофаркешон чун лашкари яъҷуҷу маҷуҷ дар ҳарам ва урду заданд. Дасти ғавғои ҷунуди ҳаводис ба тороҷи захоир боло шуд. Хазинаи маъмур ба боди яғмо ва тороҷ доданд. Модари Муҳаммад Алихон бо нозанинони ҳарам сар лучу пои бараҳна аз урдуй бо чандин хорӣ берун кашида ба ҷое маҳбус карданд.

Ва мардуми шаҳрро узбакон ба тақлиди қизилбошон чунон даст ба ғорат кушоданд, ки як даст дар пеш як даст дар пас ба кучаҳо медавиданд. Баъд аз як шабу як рӯзи қатл тороҷ ба поён расид. Муҳаммад Алихон ба ҷониби Марғиён ва Андиҷон рӯ ба гурез ниҳод. Амир Насруллоҳ Хуқандро фатҳ намуда, Маҳмудхоҷа ном тошкандиро бо ҳокими Ӯротеппа Ишик Акобоши фармуд, то Муҳаммад Алихонро дастгир намоянд. Ӯро дастгир намуда, назди амир Насруллоҳ оварданд. Амир амр дод ӯро ҳабс кунанд.

Амир Насруллоҳ писари Муҳаммад Алихон Муҳаммад Аминхонро низ ҳукм фармуд, ки дар пеши падару амаки худ бурда дар ҳабс андозанд. Хулласи калом, ҳар се подшоҳ ва подшоҳзодаро дар як ҷо ҷамъ намуда, амр дод, ки ҳалок кунанд.

Ҳар се соҳиби тоҷу кулоҳ дар миёни хоку хун хору зор афтода буд ва амир Насруллоҳ амр фармуд, ҳамон соат чанде аз ғуломон сару пои шоҳ ва шоҳзодаҳоро ба занбил андохта, ҳар серо дар як гур дафн карданд. Сокинон Хуқанд аз воқеаи Султон Маҳмудхон огоҳ шуда, фарёду фиғон ба авҷи осмон расониданд ва фармондеҳони Бухоро дар Хуқанд боиси шӯриши пурзӯре шуд. Шералихон валади Ҳоҷибек, ки дар миёни қирғизон умр ба сар мебурд, аз ин вазъият истифода бурда, бо лашкари анбуҳи қирғиз, қипчоқ ва қазоқ аз мавзеи Талас хуруҷ карда, озими Фарғона шуд. Шералихон вилояти Намангон, Туроқурғон, Чуст, Охсу ва Косонро таҳти тасарруфи худ даровардa, аз дарёи Сайҳун убур намуда ба наздики Хуқанд расид. Иброҳим парвоначӣ ин хабарро шунида, зану фарзанд ва хазинаю дафинаро вогузошта бо чанде маҳрами худ бо Тилав Қобилбек, ки ҳокими Хуҷанд буд, қарор бар фирор ихтиёр намуда, роҳи гурез пеш гирифтанд. {3,211.} Ба чандин меҳнату

машаққат худро ба Хуҷанд расониданд. Шералихон аз гурези Иброҳим додхоҳ воқиф шуда, ба таъҷили тамом тарамоҳи соли 1842 худро ба Хуқанд расонид ва бар сарири салтанат такя зад ва ҳукумати судолаи мингро аз нав барқарор кард. Амир Насруллох ночор бо лашкари анбӯҳ мутаваҷҷеҳи Хуқанд гардида, дар Конибодом фурӯд омад.

Дар Конибодом, ки беҳтарин ва ободтарин мулки Хуқанд аст, тахминан панҷ ҳазор хонавор мардум ҳастанд, мулки маъмурро ба яғмо дод ва бераҳмона бар сари мардум рехтанд. "Либос аз барояшон кашиданд ва бисоту мол ва амволро бирбуданд. Зевар бо гӯшу бинӣ мегирифтанд ва мӯза аз пой ва сарбанд аз сар мебуриданд". {2,578}.

Аз ин зулми сарбозон замину замон дар ларза ва дарёҳо дар ҷушу ва моҳиён дар хуруш ва кӯҳҳо дар садо ва мурғони ҳаво дар нола омад. Ин хабарро Шералихон дар Хуқанд шунид. Ҳамаи асирони манғит ки аз се ҳазор бештар буд бо зану фарзанд ба қатл расонд. Дар роҳи Қаротеппа ду лашкар ба ҳам даровехтанд. Пас аз муҳориботи зиёд сипоҳи Хуқанд ғолиб баромада лашкари амир Насруллоҳ шикаст хурд ва ба сӯи Бухоро баргашт. Ӯротеппа зери ҳокимияти Бухоро, Исфараю Конибодом ва Хуҷанд зери тасарруфи хонигарии Хуқанд даромаданд.

Онон аз Ҳоҷӣ Мирзо Ҷавод хоста буданд, ки аз - воизон ва рӯҳониён бигӯяд, ки дар масоҷид бар алайҳи воқеаи Режи суханронӣ кунанд. Аммо муҷтаҳидон напазируфтанд, аммо кам-кам теъдоди камтаре аз уламо ва рӯҳониён бо ҳимоя аз нуфузи бозориён ва туҷҷор ба сафи муқобила бо режи пайвастанд. Озарбойҷон, ки қалби тиҷорати хориҷии тамбоку ва тутум буд, тавассути бозаргонон ба яке аз шаҳрҳои муътариз табдил шуд, ки боиси ҳароси давлати марказӣ гардид. Ҳоҷӣ Мирзо Ҷавод Муҷтаҳид нақши восита байни ҳукумат ва туҷҷор ва аснофро бозӣ мекард ва ба ҳукумат эълом кард, ки дар сурати тадовуми ин имтиёз вай қодир нахоҳад буд назми умумиро назорат кунад. Ба ин сурат, заминаи эъломи ҳукми таҳрими Мирзои Шерозӣ фароҳам гардид. Қиём ва эътирози Теҳрон ба унвони пойтахт нақши муҳиме дар саранҷоми ҷунбиш дошт. Аз ҷумла, аз туҷҷори муҳим ва муассир дар шӯриш ва эътирози зиддирежии Теҳрон метавон аз Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳасани Аминуззарб ва Ҳоҷӣ Муҳамммад Козими Маликуттуҷҷор ном бурд. Рӯҳониён ва уламои Теҳрон бо ҳимояти туҷҷори пойтахт ба инҳисори тутум ва тамбоку мухолифат намуданд. Аз рӯҳониёни муассир дар ин ҷунбиш метавон аз Ҳоҷӣ Мирзо Ҳасани Оштиёнӣ ном бурд, ки ҳам бо туҷҷор иртиботи наздик дошт ва ҳам бо Мирзо Муҳаммад Ҳасани Шерозӣ дар Сомиро иртибот дошт. Манобеи зиёде

ишора бар ин дорад, ки интишори хабари ҳукми судури таҳрими тутум ва тамбоку ба далели номусоид будани ҳаво ва баста шудани роҳҳо ва қатъи хутути телеграф то чанд рӯз ба таъхир афтод ва имкони тайиди хабар фароҳам нашуд. Дар шаҳр шоеъ шуд, ки ҳукми ҷаълӣ аст ва омили интишори он Ҳоҷӣ Муҳаммад Козими Маликуттуҷҷор буда, ҳузури вай дар манзили Оштиёнӣ дар шаби қабл аз интишори ҳукми таҳрим ва мухолифатҳои ошкори Маликуттуҷҷор бо имтиёзномаи Режи мунҷар ба судури ҳукми табйиди вай шуд. Ӯро махфиёна дастгир ва ба Қазвин табйид карданд. Пас аз он табйиди Аминуззарб ба хотири фаъолиятҳои зидди Режи баёнгари ҳузури фаъол ва пураҳамияти туҷҷор дар моҷарои Режи буд. Дар ин ҷо мебоист зикр кард, ки гарчи нақши уламо ва рӯҳоният дар ин воқеа имконнопазир аст, як ҳамакобии густардаи ин қишри муассир дар ҷунбиши Режи бо туҷҷор ва парокандани масоил дар байни мардум заминаҳои бурузи ҷунбиши васеътар ва ҳамаҷонибатари машрутияро фароҳам сохт.

Пас аз интишори ҳукми таҳрим бо интишори ниҳоии мабнӣ бар эъмоли ҳукми ҷиҳод аз сӯйи Мирзои Шерозӣ ва часпондани он ба девори Шамсуламора, шоҳ ва дарбориён мадҳуш шуданд ва билофосила маҷлисе аз дарбориён, туҷҷор ва Мирзои Оштиёнӣ сурат гирифт ва вонамуд шуд, ки имтиёз лағв шудааст, дар ҳоле ки муфоди он бо зиракии хос танзим шуда буд. Ҳушёрӣ ва муқовимати туҷҷори огоҳи пойтахт ва Мирзои Оштиёнӣ мунҷар ба табодули мукотиботи мутааддид бо Мирзои Шерозӣ ва пофишорӣ дар лағви комили ин имтиёз шуд. Тасмим ба лағви имтиёз нигарониҳое барои туҷҷор дар пардохти хисороти Режи фароҳам сохт. Онон ба ин бовар буданд, ки билохира давлат хисороти Режиро ба онон таҳмил хоҳад кард. Давлат маҷбур ба лағви комили имтиёзнома шуд ва шоҳ барои он ки бозаргонон бештар аз ин хатар ва ихтишош эҷод накунанд, тайи дастхате итимонон дод, ки имтиёз ба таври комил лағв шуд ва таъкид кард, ки ҳукмро барои қаноати туҷҷори тамбоку амалӣ намоянд.

Аз сӯйи дигар, дар ин мақола саъй шудааст, ки ба нақши табақаи туҷҷор дар инқилоби машрута ишора ва саъй намуда, ки нақши туҷҷор аз соир ақшор ва табақотро ҷилва диҳад ва туҷҷорро бозигарони аслии саҳнаи сиёсӣ дар машрута қаламдод намояд. Аз он ҷиҳат, ки онон дар ҳиттаи иқтисодӣ тавонистанд коре аз пеш баранд ва ба ҳиттаи сиёсӣ ворид шаванд, дар ин арса нақши муҳиме ифо намоянд. Ангезаи аслии бозаргонон дар ифои нақш дар мушрута расидан ба ҳуқуқашон, ки ҳимояти давлат аз онҳо вогузоштани имтиёзот ва ихтиёроти тиҷорӣ буд, зикр мешавад. Чунонки дидем, туҷҷор дар давраи аввали Қоҷор дар як сохтори суннатӣ ба таомули иқтисодӣ мутаносиб бо он шева мепардохтанд. Вале дар давраи дуюм, бо ҳузури ғарбиҳо дар кишвар заминаҳои сармоягузорӣ дар иртибототи туҷҷор ва таъсиси ширкатҳои саноатӣ ва вогузории имтиёзҳое аз сӯйи давлат ба давлатҳои хориҷӣ шароит дигаргун шуд ва лузуми таҳаввул ва дигаргуниро дар шакли фаъолияти тиҷорӣ ба шакли фаъолияи тиҷорати суннатӣ зарурӣ сохт. Туҷҷор низ, барои роҳёбӣ ба шароити зарурӣ ба шароити ҷадид ба фаъолият пардохтанд. Талош барои ташкили бонк, ки тамоми ин талошҳо барои ба даст гирифтани бозори дохилӣ ва рақобат бо сармояҳои бегона буд, ба натиҷаи матлуб ва дилхоҳ нарасид ва ба шикаст мунҷар шуд. Аз ин рӯ, аз он ҷое ки ҳиттаи иқтисодӣ натиҷаи матлубро ба даст надод, туҷҷор ба ҳиттаи сиёсӣ ворид шуданд ва ба эҷоди ташаккулҳои гурӯҳӣ пардохтанд. Дарвоқеъ, ин талош кӯшише барои дастёбӣ ба ҳувияти мустақим ва огоҳ буд. Ташкили маҷлиси вукалои туҷҷор ва моҷарои таҳрими тамбоку, ки пеш аз он суҳбат шуд, аз ин намуна аст.

Дарвоқеъ, дар солҳои пеш аз машрутият навъи дастёбӣ ба анҷом ва огоҳии табақотӣ дар ин гурӯҳ мушоҳида мешавад. Маҷлиси вукалои туҷҷор нахустин таҷаммӯи ин гурӯҳи туҷҷор барои баҳрагирӣ аз имтиёзоти иқтисодӣ-сиёсӣ буд. Туҷҷор зарурати ҳимояти давлат аз худро эҳсос карда буданд ва интизор доштанд, ки давлат бо қавонини ҳимоятӣ аз манофеи туҷҷор ҳимоят кунанд. Туҷҷор ва рӯҳониён дар тӯли давраи Қоҷор ба якдигар наздик шуда буданд ва ин ҳамкорӣ мунҷар ба машрутият шуд. Дар таҳассуни эътирозии туҷҷор дар пеш аз машрута ин ҳамкорӣ вуҷуд дошт. Таҳассун дар сафорат, ки умдатан аз туҷҷор, асноф ва туллоб буд, теъдоди мутаҳассининро чандин ҳазор нафар зикр кардаанд. Таҳассуни муҳассил калиде дар пирӯзии ҷунбиш буд. Бори молии ин таҳассуни ҷунбиш ба уҳдаи туҷҷор буд. Бо пирӯзии ҷунбиши машрутият туҷҷор дар танзими низомномаи интихобот ва дар танзими низомномаи шӯроҳои назорат бар интихобот ширкат доштанд. Чунонки аз таърихи вақоеи инқилоби машрута равшан аст, аснод ва мадорики ин давра ба хубӣ гӯёи ин ҳақиқат аст, ки инқилоб як рӯйдоди иҷтимоии фарогир дар Эрон буд ва базраҳои он пеш аз ин кошта шуда буд ва он чи дар пайкараи ин падидаи бузург

дамида мешуд ва онро зиндаву боланда менамуд, як нафаси ҳаётбахши фарҳангӣ буд. Бинобар ин, ҳаргиз наметавон ин рӯйдоди муҳимми таърихиро бо қолибҳои берӯҳ созгор намуд. Бинобар ин, нақши асноф ва туҷҷор низ бо таъсирпазирӣ аз он, қобили қабул ва таъсиргузор аст. Ба гунаи сирф таваҷҷуҳ ба тиҷорат ё бархурдорӣ аз имтиёзотро ҳаргиз наметавон дар гурӯҳе гирди ҳам овард ва алайҳи ҷараёноти мухталифе басич намуд, то ҷое ки ҷоннисорӣ дар ин роҳ саҳл бошад. Рӯҳияи истибдодситезӣ, адолатхоҳӣ ва истеъморситезӣ реша дар фарҳанги боландаи дини мубини ислом дорад, ки ба забони донишмандону олимон ва фақеҳони бузург дар Эрон бармехост, тӯдаҳоро бедор мекард. Базраҳое, ки ба василаи олимони рӯшанфикр, мисли Сайд Ҷалолиддин дар андешаҳои шогирдонаш кошта шуд, аз онҳо пайгирӣ ва дар пайдоиши ҳаводиси бузурге чун машрута намоён гашт. Нақше, ки рӯшанфикрони асри машрута, ки иборат буданд аз таҳсилкардагони ҳавзаҳои илмӣ дар пирӯзӣ ва шаклгирии машрута ифо карданд, ҳаргиз наметавонистанд мутаассир аз пардохти саҳми бозаргонон ва уламо бошад ва он чи уламо дар машрута дунбол мекарданд, бо ин мафоҳим наметавон маҳдуд шавад.

Инҷониб дар мақолаи худ қасди туҷҷорро дар ширкат ва ҳамроҳии машрута, ҷалби ҳимояти давлатӣ аз онҳо ва вогузории имтиёзот ва ихтиёроти тиҷҷорӣ ба онҳо нигоштааст. Ин матлаб низ дар ҳаққи ин асноф хоҳад буд, зеро бархе аз туҷҷори ин давра худ аз соҳибони илм ва таҳсилкардагони ҳавзаҳое буданд, ки уламои бузург мутаассир аз онҳо буданд. Дар ин мақола ба нақш ва ҳамкории табақаи бозаргонон ва дар таассунҳо ишора шудааст. Омиле, ки ин иштирокро ба вуҷуд меоварад, дар инқилоби машрута туҷҷорро ба табақаи уламо ва табақаи уламои динӣ, кишоварзон ва коргаронро гирди ҳам ҷамъ менамуд. Авомили дигаре, назири таваҷҷуҳ ба тиҷорат ва ҷалби ҳимояти давлат авомили бисёр ночиз ва қобили иғмоз буданд. Нақше, ки уламои дин дар пирӯзӣ ва шаклгирии машрута доштанд, бархоста аз авомили моддӣ набуда, балки он чи дар арзиши инқилобҳо, ки машрута низ яке аз ин инқилобҳост, нуҳуфта дар рисолати онҳо мебошад. Чунонки Шайх Фазулуллоҳ бар сари ин рисолат ҳозир шуд, ки дорро интихоб кунад.

Ҳамон тавр ки қаблан ишора шуд, бозаргонон ва туҷҷор ҷузъи ақшори бонуфуз дар давраи Қоҷория ба шумор меоянд, ки нақши таъйинкунандае дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Эрон дар он замонро ба уҳда доштанд. Салби моликиятҳои густарда ва ахозиҳои (боҷ) бешумори шоҳзодагони Қоҷор аз бозаргонон, чеҳраи норозӣ ба вуҷуд омад ва эътои имтиёзҳои яктарафа ба хориҷиҳо ва гирифтани ҳуқуқи гумрукии номутаориф боиси тӯғёни онҳо шуд. Дар ин давра шоҳиди ҷунбишҳои сиёсӣ ва тақвияти ҷараёни озодихоҳӣ ва машрутаталабӣ дар Эрон ҳастем. Ҷараёни машрутия боиси афзоиши мушорикати сиёсии ҷараёнҳо ва гурӯҳҳо шуд, аммо дар ин миён нақши бозаргонон қобили мулоҳиза аст. Бозаргонон ва фаъолони бахши хусусӣ, ки дар зумраи муътаризони аслии ҳукумат ҳастанд, дар ин ҷо ба табъи гароиши ин табақа ба сурати куллӣ ба ҷараёнҳои рӯшанфикрӣ, ки аз чанде қабл низ ба пуштибонии онҳо бархоста буданд, пайвастанд, яке аз чеҳраҳои ҷараёни рӯшанфикрӣ дар Эрон Абдураҳмони Толбуф буд. Вай, ки ба шуғли бозаргонӣ дар Тифлис машғул буд, ба мутолиаи матолиби ҷадид ба забонҳои аврупоӣ дар бораи инқилобҳо ва андешаҳои навини аврупоӣ пардохт ва осореро равонаи Эрон кард. Вай яке аз чеҳраҳои шохис дар миёни бозаргонон аст, ки ба кумаки наҳзати рӯшанфикрӣ дар Эрон омада буданд. Аммо иддаи дигар аз бозаргонон буданд, ки агарчи исми онҳо сароҳатан ба унвони парваришдиҳанда ва тавлидкунандаи афкори нав наёмадааст, аммо ҳузури онҳо бар лобалои сафаҳоти таърих комилан ба чашм мехӯрад. Тайи солҳо рӯзномаҳои мухталиф дар Русия, Миср ва Усмонӣ, Фаронса ҷо ва ба Эрон фиристода мешуд. Ва ба дасти мардум ва уламо мерасид, ки ба кумакҳои молии бозаргонон сурат мегирифт. Ин кор ба сурати як раванд даромад, то ҷое ки ҳамаи оммаи мардум ва нухбагон омодагии онро доштанд, ки вориди мубориза алайҳи дастгоҳи ҳукуматӣ шаванд. Яке аз намунаҳои комили онро метавон дар воқеаи таҳрими тамбоку мушоҳида кард. Мисоли дигаре аз фаъолияти иҷтимоии туҷҷорро метавон дар ҷараёни ба чӯб бастани бозаргонон мушоҳида кард. Дар ин маврид теъдоди бозаргонон иқдом ба иҳтикори қанд намуданд ва чун дар боби ҳокими Теҳрон ба тундӣ сухан гуфтанд, онҳо фалақ шуданд. Дар ин маврид, зоҳиран, давлат дар ҷиҳати манофеи омма амал карда буд, аммо вокуниши мардум маҳкум кардан ба ғайрушшарти давлат буд, зеро ба назари онҳо тоҷирон на танҳо бегуноҳ буданд, балки қурбонии душмании шахсӣ шуданд. Ҳамон гуна ки баррасӣ шуд, бозаргонон дар Эрон яке аз ваҷеҳтарин ақшори ҷомеа ба шумор мерафтанд, ки тақрибан соири табақоти ҷомеа, аам аз ҳукуматӣ ва ғайри

он ба онҳо эҳтиром мегузоштанд. Вале, ба иллати он ки ҷомеа ва ҳукумати Эрон ҳамвора бо тағйироти ҷаҳонӣ пеш нарафт, ин табақа монанди соир ақшор дучори заработи бас бузург шуд, ба ҳадде ки тоҷири эронӣ, ки замоне аз Чин то Аврупоро дарменавардид, акнун дигар сухане барои гуфтан дар ҷаҳон надошт.

Метавон гуфт, ки афзоиши мизони аворизи гумрукӣ ба молҳои бозаргонони эронӣ вуруди густардаи маҳсулоти аврупоӣ ба Эрон фаъолияти туҷҷор ба ширкатҳои аврупоӣ дар воридот ва содироти молҳо ва сармоягузорӣ дар заминаҳои роҳҳо ва бонкҳо аз сӯйи дигар, назорати бегонагон ба таҳаввулоти дохилӣ, монеаи умда дар рушд ва пешрафти иқтисоди Эрон буд. Аз ин рӯ, ин табақа, ки худ аз рӯшанфикрон ва таҷаддудгароён буданд, барои беҳбуди авзои худ даст ба иқдомоте заданд, аз ҷумлаи он ҳамроҳӣ бо мардум ва рӯшанфикрон ва рӯҳониён дар пешбурди машрутия ва аҳдофи он ки агарчи ба зоҳир ба муваффақият даст ёфтанд, аммо ба далели ноамниҳо ва ҳуҷуми бегонагон вазъият бадтар шуд. Дар ин ҷо бояд ба нукоте ишора кард, ки дар ин даврон бисёр муҳим аст, ки дидгоҳи хонаводаи салтанатӣ ба иллати ниёз ба ҳузури туҷҷор дар порае аз замонҳо ба сурати мусбат буда, ҳатто теъдоде аз онҳо бо ҳамроҳии бозаргонон бо дигар ақшори рӯшанфикри ҷомеа дар ҷиҳати машрутия гом бардоштанд.

## АДАБИЁТ


1. Фаридуни Одамият. Шӯриш бар имтиёзномаи Режи / Фаридуни Одамият. – Теҳрон: Паём, 1360.
2. Некии Кабир. Таҳрими тамбоку дар Эрон / Некии Кабир; тарҷумаи Шоҳрухи Қоиммақомӣ. – Теҳрон: Интишороти китобҳои ҷейбӣ, 1358.
3. Иброҳими Темурӣ. Таҳрими тамбоку аввалин муқовимати манфӣ дар Эрон / Иброҳими Темурӣ. – Теҳрон: Интишороти китобҳои ҷейбӣ, 1358.
4. Абраҳамсон Эрни. Байни ду инқилоб / Абраҳамсон Эрни; тарҷумаи Аҳмади Гулмуҳаммадӣ. – Теҳрон: Най, 1388.
5. Фаридуни Одамият. Афкори иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар осори мунташирнашудаи давраи Қоҷор / Фаридуни Одамият, Ҳумо Нотиқ. – Теҳрон: Огоҳ, 2536.
6. Питер Овери. Таърихи Эрон (давраи Афшори Занд ва Қоҷор) / Питер Овери; тарҷумаи Муртазо Соҳибфар. – Теҳрон:Ҷомӣ, 1387.
7. Абдулҳодии Ҳоирӣ. Ташайюъ ва машрутия дар Эрон / Абдулҳодии Ҳоирӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1360.
8. Чарлс Исави. Таърихи иқтисоди Эрон / Чарлс Исави; тарҷумаи Яъқуб Ожанд. – Теҳрон: Густарӣ, 1362.
9. Ландау. Ҳавзаи сиёсӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ-иқтисодии Эрон дар остонаи машрутия / Ландау; тарҷумаи Алиакбари Рашидӣ. – Теҳрон: Иттилоот, 1388.
10. Перси Сойкс. Таърихи Эрон / Перси Сойкс; тарҷумаи Муҳаммад Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1343.


## РОЛЬ ТОРГОВЦЕВ ТЕГЕРАНСКОГО БАЗАРА В ПРОЦЕССЕ РЕВОЛЮЦИОННЫХ ПРЕОБРАЗОВАНИЙ ПЕРИОДА ПРАВЛЕНИЯ КАДЖАРОВ


Тегеран до основания Каджарской династии и избрания столицей, был небольшим городом, его население насчитывалось всего 15 тысяч человек Позже численность населения Тегерана возросла, а в средине Каджарской эпохи он стал крупнейшим городом страны. Несмотря на то, что город неоднократно перестраивался, в нем сохранилось значительное количество памятников XVIII– XIX вв., а также парки и сады. Тегеранский базар – самый крупный в мире, За период правления Каджаров были проведены многочисленные реформы, но их последствия не всегда были эффективными. Все это становилось причиной многочисленных волнений и восстаний среди населения. В данной статье автор рассмартивает роль торговцев и предпринимателей Тегеранского базара в данный период.



**Ключевые слова:** Тегеран, Каджарская династия, Каджарская эпоха, Тегеранский базар, период правления Каджаров, волнений и восстаний среди населения, роль торговцев и предпринимателей.


## THE ROLE OF TRADERS OF THE TEGERAN BAZSAR IN THE PROCESS OF REVOLUTIONARY TRANSFORMATIONS OF THE PERIOD OF THE CUJAR MANAGEMENT


Tehran before the foundation of the Kajar dynasty and election as the capital, was a small city, its population was only 15 thousand people. Later, the population of Tehran increased, and in the mid-Qajar era it became the largest city in the country. Despite the fact that the city was repeatedly rebuilt, it retained a significant number of monuments of the XVIII-XIX centuries, as well as parks and gardens. The Tehran Bazaar is the largest in the world. Numerous reforms have been carried out during the Qajar period, but their consequences have not always been effective. All this was the cause of numerous unrest and uprisings among the population. In this article, the author considers the role of traders and entrepreneurs of the Tehran Bazaar in this period.



**Keywords:** Tehran, Kajar dynasty, Kajar era, Tehran bazaar, period of Qajars rule, disturbances and uprisings among the population, the role of traders and entrepreneurs.



**Сведения об авторе:** ***Мехди Хоксор Куханги*** – докторант Института истории при Ширазском Университете, Иран

# ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТАХОРИСТОН АЗ НАЗАРИ ЯК САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

*Абдуҳамидов Нурмуҳаммад*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тахористон ва ё Бохтари қадим яке аз вилоятҳои таърихие мебошад, ки дар байни кӯҳҳои Помир, дарёҳои Мурғобу Ҳарирӯд ва кӯҳҳои Ҳиндукушу Ҳисор ва шимоли Афғонистон воқеъ гардида буд. Дар бораи Тахористон яке аз муҳаққиқони машҳури тоинқилобӣ ва замони Шӯравӣ В. В. Бартолд, аввалин шуда маълумот додааст [1]. Баъдтар академик Бобоҷон Ғафуров дар асари «Тоҷикон» [2], А.Ҷалилов «Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековы» [3] ва дигарон маълумот додаанд.

Тахориён номи худро аз номи қабилаи бодиянишини тахориён гирифтаанд, ки дар асри II-и то мелод ба Осиёи Миёна ҳуҷум оварда, давлати Юнонии Бохтарро сарнагун карда буданд. Дар сарчашмаҳои хаттии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ истилоҳи «Тахористон» аз асрҳои 5 то 13 истифода шудааст. Маъхазҳои хитоӣ ин истилоҳро «ту-хо-ло» ном бурдаанд. Туркҳо дар байни аҳолии муқими ин сарзамин кам буданд. Онҳо ба ҷараёни зиндагии ин мардум он қадар мудохила намекарданд. Аҳолии маҳаллии ин сарзамин асосан халқҳои эронинажод буд. Дар аҳди Ҳайтолиён ва туркҳо дар Тахористон муносибатҳои нави ҷамъиятӣ-феодалӣ авҷ гирифт. Якчанд давлатчаҳои алоҳидаи феодалӣ ташкил ёфтанд. Сюан Сзан хабар додааст, ки дар аввали асри VII дар Тахористон миқдори ин давлатчаҳо ба 27 расида буд. Ҷуғрофиядонону муаррихони арабизабони асрҳои VII-IX дар Тахористон якчанд давлатчаҳоро аз ҷумлаи Балх, Тирмиз, Чағониён, Аҳорун, Шуман, Қабодиён, Вахш, Вашгирд, Рашт, Хатлон, Бадахшон, Кумод, Шикинон ва Вахонро номбар намудаанд [4].

Яке аз сарчашмаҳои таърихии замони муосир ин асари муаллифи афғонистонӣ Ҷамшеди Шуъла мебошад. Ин асар соли 2000-ум дар Эрон нашр шуда, «Ҷиҳоди миллати Бухоро ва ҳаводиси лақай дар шимоли Ҳиндукуш» ном дорад. Ҷамшеди Шуъла дар ин асари таърихӣ дар бораи ғалабаи инқилоби Бухоро, фирори амир Олимхон ба Бухорои Шарқӣ ва аз он ҷо ба Афғонистон, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистону ҳаракати босмачигарӣ, аз ҷумла, фаъолияти Иброҳимбек дар Афғонистон ва натиҷаҳои он маълумоти бештар ва муффасал дода, вазъияти умумии Тахористонро инъикос намуда, доир ба вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳаёти фарҳангии ин сарзамин маълумотҳои ҷолиб додааст.

Фасли сеюми ин асар «Маданият ва ҳаёти иҷтимоии Тахористон» номгузорӣ шудааст. Дастраси оммаи хонандагон намудани ин сарчашмаи таърихӣ аз аҳамият холӣ набуда, саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи Афғонистонро ғанӣ мегардонад.Сокинони ин сарзамин, мардуми Тахористон аслан ва бештар аз аҷдодони тоҷик буда, шаҳристонҳои аслиашон Бомиён, Бағлон, Кӯҳандиж, (Қундуз) Ҳартанги Ҳазрати Имом, Руиндиж (Оҳанқалъа), Валич, Суклкунад (Кешм) Рустоқ ва ғайра мебошад.

Ҷамшеди Шуъла илова бар ин ақида дорад, ки баъди хуруҷи ориёӣ, даризабонҳои ин хок аввалин бор дар ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ, баъд ба футуҳоти араб ва ахиран дар ҳуҷуми ваҳшигаронаи Чингизи муғул, «майдони муборизаи зиндагиро бохта» баъд канори Аксус ва Кукча, Қундуз, Бангӣ ва Толиқонро аз даст дода, ба доманаҳои кӯҳи Ҳиндукуш ва кӯҳҳои Бадахшон ва доманаҳои Помир, инчунин ҷойҳои сӯхта ва паноҳгоҳи душвортарин маскан гирифтанд.

Муаллиф менависад, ки дар зарфи ин якуним ҳазор сол қавми дарӣ ё тоҷикҳо аз ҳуҷуми фотеҳони ваҳшатпеша масканҳо, ободонию маданияти худро аз даст дода, ба ҷойҳое паноҳ бурданд, ки дар як сол ҳашт-нуҳ моҳ дар зери барф буда, аз лаззати табиат, афзалияту бартарии зиндагии ҳамсухану ҳамсуҳбату гӯянда маҳрум мегарданд.

*Зи мизон то ҷавзо шайби барфем,*
*Баҳору тирамоҳе нест моро [5].*

Шуъла меафзояд, ки дигар акнун он зиндагӣ ва он маданият, он завқ ба илму маърифат, он ҳисси шаҳомот ва шуҷоат, он маданиятро аз даст дода, дар ҷойҳое зиндагӣ менамоянд, ки аксари хӯрокашон «шилк ва паток» (ду навъ алафи ҳарза дар кӯҳҳои шарқи Бадахшон) буда, ҳатто, дар асри илм ва тамаддун пӯсти бузу гӯсфанд

либосашон буд. Зиндагии онҳоро ҳазор ҳодисоти зулму ситаму беадолатии табиӣ фаро гирифта буд ва ҳам дар он ҷо ба ҳолате зиндагӣ мекунанд, ки садҳо офатҳо аз қабили офати фақр, офати бемориҳои гуногун, офати ҷаҳлу ҷаҳолат ва ғайра даст ба гиребони мардум буданд [6].

Муаллиф шаҳристонҳои Валяч, Толиқон, Руиндиж, Ҳартанг, Куҳандиж, Қалъаи Зол, Тахти Қубод, Зардаст (Норин)-ро ном мебарад, ки аз тарафи куффори муғул истилоъ гардид. Шаҳрҳо ва ободониҳои пуршукӯҳ таҳти таъсири зиндагонии ваҳшаткоронаи аҷнабиён даромад. Дар натиҷа он забонҳои фарҳангию маданӣ ба хаскӯчаҳо мубаддал гардида, он ҳама зиндагии бошукӯҳ дар садҳо сол рӯйи маданият ва ободиро надид. Шаҳрҳои Қундуз, Ҳазрати Имом, Хоҷағор, Пулихумрӣ, Бағлонро соли 1894 марҳум Шермуҳаммадхон (волии Тахор ва Бадахшон) обод намудааст. На танҳо ин шаҳрҳо, балки ин марди хирад дар эҷоди растаҳои бозор, таъсиси маориф, пешрафти зироаткорию иқтисод, аз нав сохтану бино кардан, ҳама бо дилсӯзиҳои ин марди хайрандеш ва тараккихоҳ буд.

Боби дигари асари Шуъла «Ҳаёти илмӣ ва ирфонии Тахористон» номида шудааст. Ҷамшеди Шуъла дар ин асар хабар медиҳад, ки Тахористон ба ду восита аз эҷоди олам то имрӯз сазовори ситоиши илму ирфон будааст, яке он ки аҷдоди аслан ориёӣ ва дарӣ бо истилоҳ тоҷикҳо дар Осиё ва ҳар ҷо ки буданд, бо шаҳодати таърих илмпарвар, дорои дониш ва ҳукумат, маданияту шуҷоат ва мураббии санъат, инчунин ҳирфат, яъне касбу ҳунар шинохта шудаанд ва илова менамояд, ки ҳокимон, бармакиҳо, зардуштиҳои Балх, ҳокимони форсу бузургмеҳрҳо, зарвониҳо, Ибни Синоҳо, Мавлоно, Розиҳо ба ин шоҳиданд.

Дуюм, баъди зуҳури дини ислом асоси тарғиб ва ривоҷи илм ва фарҳанг аз Бағдод оғоз шуд. Минбаъд мартабаи дуюми марказият, ҳукумат ва дониш ба Балх ва Бухоро интиқол шуд. Ин ду сарзамин ҳарду қадимтарин ва бузургтарин ва пурифтихортарин фарҳанги дарӣ (ориёӣ, тоҷикҳо) буданд.

*Сикачу дар Ясриб ба бутҳо заданд,*
*Навбати сонӣ ба Бухоро заданд [7].*

Шуъла илова менамояд, ки дар сарзамини Тахористон Носири Хусрав, Қозӣ Насруллоҳ, файласуфони бадахшонӣ ва қозӣ Ҳомиддини Воличиҳо ва ҳазорҳо дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки ба ҷаҳон машҳур шуданд [8].

Баъд Ҷамшеди Шуъла оид ба вазъи илму маориф дар сарзамини Тахористон дар давраи хукумронии Абдурраҳмонхон (1880-1901), Ҳабибуллоҳхон (1901-1919) ва пастравии илму маорифро дар Тахористон нишон дода ва қайд мекунад, ки чун Амонуллоҳхон ба сари ҳукумат омад, Муҳаммад Нодирхон ба Тахористон омад, вазифаҳои раиси танзими ин сарзаминро ба уҳда дошт, бештар ба мактаб ва масъалаи маориф аҳамияти махсус дод, «вилояти Тахористонро аз сар ранг ва равнақ бахшид» [9]. Муҳаммад Нодирхон дар чордаҳ маркази шаҳрнишин ва ҷамъиятии вилоят мактабҳоро боз кард ва инчунин асоси рӯзноманигориро бунёд гузошт ва аввалин бор рӯзномаеро бо номи «Ислоҳ» ба сифати рӯзномаи ҳафтавор, дар шаҳри Хонобод, ки маркази умумии вилоят буд, нашр намуд. Бурҳониддини Кушкакӣ, ки яке аз рӯзноманигорони маъруфи кишвар буд, сарварии ин ҳафтаворро ба уҳда дошт.

Маълумотҳое, ки Ҷамшеди Шуъла оид ба соҳаи маорифи Тахористон ба даст овардааст, ба мо имкон медиҳад, ки оид ба вазъи таълим дар мактабҳои Афғонистон, хусусан шароити таълиму тадриси тоҷикони ин кишвар, маълумоти пурқимат ба даст оварем. Аз ҷумла, Шуъла меафзояд, ки ҳарчанд вилояти Тахористон донишгоҳ надошт, лекин солҳои охир таҳти сарварии профессор Неъматуллоҳи Шаҳронӣ ва марҳум Шаҳид Наҷмиддинхон, ки яке аз шахсиятҳои сиёсӣ ва диловари ватан буданд, донишгоҳ дар шаҳри Толиқон кушода шуд, ки иборат аз якчанд факулта мебошад ва Шуъла устодони донишгоҳ Иноятуллоҳи Шаҳронӣ ва доктор Назифи Шаҳрониро ном бурда, меафзояд, ки: «хонаводаи Шаҳронӣ аз пешоҳангони донишу фазилат ва аз машъалбардорони илм ва маърифат дар ин сарзамин ва дар таърихи муосири кишвари моанд» [10]. Баъд Шуъла дар бораи дорулмуаллимин ва мадрасаи динии Тахористон, ки то синфи чордаҳ дар он таҳсил мешавад, хабар дода, баъдан оид ба мактабҳои ёздаҳсинфа, ки аз он боло нест, инчунин дар бораи кушода шудани мактабҳои деҳотии шашсинфа ва литсейҳои дувоздаҳсинфа дар аксари шаҳрҳо ва қарияҳои Тахористон маълумот медиҳад ва умедвор мешавад, ки ҳукумати марказии кишвар ва вазорати маориф, савияи пасти маорифи ҳамаи вилоятҳои кишварро ба назар гирифта, ислоҳу мӯътадил гардондани соҳаро ба назар мегирад. Чунки Тахористон аз нигоҳи завқи солим ва фитрати баланду рӯҳияи матлаб ба қабули илму фанни муосир хеле баланду пешрав аст.

Муаллиф бори дигар аз Амонуллоҳхон ва сипоҳсолор Муҳаммад Нодирхон ёдовар гашта, қайд мекунад, ки ин шахсиятҳо бо кушодани «аввалин боби илму ирфони аср номи хешро дар сафҳаи рӯзгор ва таърихи ин сомон барои ҷовидон ба ёдгор гузоштанд» [11].

Ҷамшеди Шуъла дар охир иброз медорад, ки ҳарчанд дар асоси барномаҳои собиқ дар ҳар шаҳр ва деҳу маҳалла мадрасаҳои динӣ вуҷуд дошт, ки дар он дастуроти забони арабӣ мехонданд, ки аз паҳлавиомӯзӣ, улуми Қуръон, фиқҳ, луғат, адабиёт ва дигар ҷамъи улуми расмшуда таълим дода мешуд ва мешавад, тарзи таълими мазкур хеле кухна ва заҳматовар буд, аз сабаби сарпарастӣ намудан аз тарафи ҳукуматҳои аср ба соҳаи маориф, мадориси таълимӣ ва таълимоти мазкур ҳам «рӯ ба касод ниҳода ва ҳам хеле мушкил ва ғайримуфид мебошад» [12].

Шуъла суханро ҷамъбаст намуда, иброз доштааст, ки дар партави таваҷҷуҳи умумии мадориси динӣ ҳам ҳар ҷо равнақ ёфтааст, мисли мадрасаи динии Тахористон, Асдияи шаҳри Мазор, мадрасаи Абӯҳанифаи Кобул, ки дар онҳо шаръиёт ба вуҷуд омад, ки метавон аз улуми динӣ-дунёӣ истифода ба амал овард [13].

Хулоса, дар ин ҷо ҳисси ватандӯстию меҳанпарастӣ, худшиносию худогоҳӣ, маорифпарварии ин инсони наҷибро мушоҳида менамоем, ки аз таърихи кишвар хуб огоҳ буда, дар ғами он аст, ки кишвараш орому осоишта бошаду илму маориф нашъунамо ёбад.

## АДАБИЁТ


1. Бартольд В. В. «Тахаристан» Соч.Т. 3 / В. В. Бартольд. –М.,1965.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон, (давраи қадимтарин ва асрҳои миёна) / Б. Ғафуров.-М, 1972.
3. Ҷалилов А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековы / А. Ҷалилов. –Душанбе, 1973.
4. Энсиклопедияи Советии тоҷик.-Душанбе, 1984 -Ҷ.7.
5. Шуъла Ҷ. Ҷиҳоди миллати Бухоро ва ҳаводиси лақай дар шимоли Ҳиндукуш / Ҷ. Шуъла. –Теҳрон, 2000.-С. 461.
6. Ҳамон ҷо.-С. 462.
7. Ҳамон ҷо.-С . 463.
8. Ҳамон ҷо.-С . 464.
9. Ҳамон ҷо.- С. 465.
10. Ҳамон ҷо.- С. 466.
11. Ҳамон ҷо.-С. 467.
12. Ҳамон ҷо.-С. 467.
13. Ҳамон ҷо.-С. 467.


## СОЦИАЛЬНО -КУЛЬТУРНАЯ ЖИЗНЬ ТАХАРИСТАНА НА ОСНОВЕ ИЗУЧЕНИЯ ОДНОГО ИСТОРИЧЕСКОГО ИСТОЧНИКА


В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению социально-культурная жизнь Тахаристана на основе исторического произведения написанного афганским поэтом Джамшедом Шуъла и изданного в 2000 году в Иране. Третья глава данного произведения называется «Культура и социальная жизнь Тахаристана» и ознакомление читателей с этим историческим источником имеет важное значение и обогащает страницы истории таджикского и афганского народов.



**Ключевые слова:** Таджикистан, Афганистан, историческое произведение, социально-культурная жизнь Тахаристана, страницы истории, Джамшед Шуъла..


## SOCIO-CULTURAL LIFE OF TABARISTAN BASED ON THE STUDY OF ONE HISTORICAL SOURCE


In this article, the author reviewed and the study of socio-cultural life of Tabaristan on the basis of historical works written Afghan poet Jamshed Shayla and published in 2000 in Iran. The third Chapter of this work is called "Culture and social life of Tabaristan and familiarize readers with this historical source is important and enriches the pages of the history of the Tajik and Afghan peoples.



**Key words:** Tajikistan, Afghanistan, historical work, the socio-cultural life of Tabaristan, the pages of history, Jamshed Shayla..



**Сведения об авторе:** ***Абдухамидов Нурмухаммад*** **–** аспирант дневного отделения кафедры истории таджикского народа Таджикского национального университета. Телефон**: +992-98-107-00-30**

# ЧЕКАНКА МОНЕТ В СОГДЕ

***Н.И. Собиров***
**Таджикский технический университет им.М.С. Осими**

Согдийская нумизматика является самым ценным материалом по изучению истории и культуры Зеравшанской долины. Уже в первые годы проведения раскопок в этом регионе было обнаружено несколько тысяч монет, основная часть которых состояла из согдийских монет. Они позволяют представить монетную систему Согда, о которой до этого время не было никаких сведений. Они были важны для изучения экономической, политической и культурной жизни региона, а также для изучения иранских языков.

В этом отношении можно подчеркнуть, что на монетах древнего Пенджикента, с надписями «царь афшина Панча» О.И. Смирнова прочитала имя и титул князя, ywb pncy MRY, который имел право выпускать монету со своим именем и знаками.[1] Ученому удалось доказать существование монетного двора в Пенджикенте, так как на большинстве пенджикентских монет чеканилось имя и титулы афшинов. Монеты, которые имеют родовые знаки или эмблемы, представляют значительный интерес как материал для решения проблем династических и родовых связей. О.И. Смирнова добилась больших успехов в их атрибуции.

Согдийские монеты имеют различные знаки, как У-образный, трехконечный знак, знак с ромбовидной средней частью и знак в виде какого-то креста. Первые монеты Панча (Пенджикент) относятся к первой половине VII в. [2] О хождении этой монеты в денежном обороте О.И. Смирнова верно писала, что на местном рынке господствовала местная бронзовая монета, о чем свидетельствует огромное их количество. При заключении крупных сделок и в международной внешней торговле употреблялось серебро (драхма). Однако в Пенджикенте не выпускалось свое серебро, поэтому в обращении находилось бухарское и самаркандское серебро. Как самостоятельное княжество Пенджикент имел только свою бронзовую монету, по образцу китайских монет с именами и титулами пенджикентских князей. Большинство согдийских монет имеют квадратное отверстие в середине, образцы без квадратного отверстия А.Ю. Якубовский датирует VII-VIII вв. [3]

Золотые монеты в денежном обращении реально не участвовали. Б.Г. Гафуров подтверждает мнение О.И. Смирновой о том, что «динар» как обозначение золотой монеты служил для оценки тех или иных объектов.

Монеты, которые изучала О.И. Смирнова, состояли из согдийских, кушанских, китайских арабоязычных образцов первых веков нашей эры – второй половины VIIв. Исследовательнице удалось определить периоды денежного обращения, время их выпуска. О.И. Смирнова установила время хождения согдийских монет с арабоязычными надписями. В середине VIII в. в Согде появляются монеты местных арабских данников, первые среднеазиатские фельси. Арабские надписи относятся к концу второй четверти VIII в. Это говорит о том, что арабская письменность к тому времени уже была прочно освоена местным населением и признана официальной.

О.И. Смирнова объяснила также идеограмму MR’Y, в которой она видит географическое название «Панча, принадлежащий Панчу – позднейшие pncy knd «город Панча», современный Пенджикент. Идеограмму MRY’ она читает как «Царь афшин Панча»(ywbpncy MRY’вуву’n). Согласно её исследованию, на всех четырех видах монет помещен один и тот же знак, и это обстоятельство убеждает ее в том, что идеограмму следует считать родовым знаком пенджикентских афшинов. Что обозначает идеограмма MR’Y (вариант MR’Y)? Диваштич носил разные титулы, в том числе ywbpncy MRY’ (вариант MR’Y). Становится ясно, что идеограмма MR’Y обозначает титул ихшидов Согда. Такой же титул (переданный той же идеограммой), найденный в мугских документах, носили Диваштич, Тархун, Гурек и Чакин-чур. Диваштич некоторое время, будучи верховным правителем всего Согда, соответственно имел титул sywбy’nk MLK’ sm’rknбе MR’Y, т.е. «ихшид Согда, афшин Самарканда[4]. Титулы MLK’, MR’, MR’Y, MR’Yn также украшают бронзовые монеты.

О.И. Смирнова устанавливает с помощью согдийских монет местную иерархию в VII-VIII вв.: верхнюю ее ступень, занимал царь-ихшид (MLK’), нижнюю – владетель, носивший титул ywbw. О.И. Смирнова выяснила на основе монет с городища Пенджикента и титул цариц Панча: «Панча превосходная царица» и «Панча превосходная

госпожа», существования определенной иерархии среди представительниц женской половины пенджикентского двора, возможно в VIII вв.

На согдийских монетах можно встретить и другие титулы кроме Самаркандских и Пенджикентских царей. О.И. Смирнова выявила одну монету, которая принадлежала Киштутскому владетелю. На ее лицевой стороне имеется изображение головы царя в крылатом венце с надписью frn «благодать», на обратной стороне в квадратной рамке идет надпись из одного слова Kstwtk – киштутский.

При исследовании согдийских монет О.И. Смирнова иногда допускала ошибочные предположения. В именах Бидйан и Диваштич она видит одного и того же царя Пенджикента, беря за основу монеты замка на горе Муг. Дальнейшие раскопки, выход в свет «Согдийского сборника» и работ А.А. Фреймана, В.А. Лившица, самой О.И. Смирновой и М.Н. Боголюбова, ряда других исследователей не подтвердили это предположение.

Среди согдийских монет есть образцы, которые О.И. Смирнова относит к монетам неизвестных центров, поскольку данных для установления места их чеканки не имеется. Она высказала мнение о том, что в Панче выпускались монеты с именем богини Наны.

Также с помощью согдийских монет О.И. Смирнова устанавливает хронологию правителей Согда. Согласно ее исследованию, в течение почти полутора веков (с второй четверти VII в. до середины VIIIв.) в Согде правили представители одной династии, имена которых встречаются как на монетах, так и в письменных источниках. Одновременно она устанавливает годы правления ихшидов.

Согдийские монеты не имеют года выпуска. О.И. Смирнова считает, что только Диваштич был единственным лицом, о котором сохранились сведения, позволяющие определить годы его правления. Имя отца Диваштича Йодхшетака приводится в мугском документе В-4 без титула «царя». Позже Б.Г. Гафуров [5] отвергает её гипотезу о том, что он не происходил из согдийской династии, поскольку не разу как царь не упоминается в источниках.

По монетным материалам О.И. Смирнова решает проблемы этнического происхождения правителей Панча. Она полагает, что некоторые из них происходили из тюркских родов Сыр-Дарьи, поскольку на монетах изображен знак и лицо тюркской внешности Она, впервые, опираясь на знаки рунического письма, высказала гипотезу, о том, что тюркские цари некоторое время правили Пенджикентом. Пенджикентская династия, как устанавливает О.И. Смирнова, просуществовала более столетия, в пределах VII – первой четверти, и возможно VIII вв. Нумизматические данные и исследование других памятников материальной культуры подтвердили этот вывод исследовательницы.

По нумизматическим данным были установлены границы Панчского владения, территория которого распространялась на Магиян, Киштут и верховья Зеравшана. Мелкие владения по Зеравшану были в зависимости от Киштута. Тесные связи оно имело с районами верхнего Зеравшана, Паргара, Уструшана и с Ферганой, а не с Самаркандом.

Наряду с решением основных исторических проблем О.И. Смирнова приводит материал о деградации согдийских монет. Если в середине VII в. из одного килограмма меди изготовлялось 425 единиц, то в середине VIIIв., из такого же веса изготавливали 968 бронзовых монет. Такое явление, по мнению О.И. Смирновой, было закономерным и связано с вздорожанием меди в стране.

Согдийский язык был также в центре внимания О.И. Смирновой. Она пишет, что широкое распространение согдийского языка и согдийской письменности в Средней Азии и за ее пределами оказалось зафиксированным на бронзовых монетах, непосредственных свидетелях разных этапов ее истории. Ирано-тюркоязычные народы в раннем средневековье пользовались в качестве официального языка согдийским, в качестве официальной письменности – согдийским письмом, освоенным этими народами и приспособленным к требованию своих языков. В середине VIII в. арабская письменность становится официальной, а согдийская, закрепившая согдийской литературный язык, выходит из употребления, на ее основе создается уйгурский алфавит. Эту смену зафиксировали монеты.

Изучение монет также позволило ей говорить о согдийском алфавите из 18-19 знаков, где некоторые слова передавались идеограммой. О различных видах согдийской письменности в разных областях Средней Азии. Б.Г. Гафуров по этой поводу пишет, пишет, что согдийское письмо было отлично от бухарского и самаркандского и существовало несколько видов согдийского алфавита.

Большая заслуга О.И.Смирновой в области согдиологии и нумизматики заключается в том, что после детального изучения согдийских монет она смогла решить почти все проблемы истории и культуры согдийцев верховьев Зеравшана. До исследования мугских и пенджикентских монет согдийские монеты выделены не были, вместе с другими неопределенными монетами числились под общим названием «туранские», поскольку согдийские монеты не отличались от туранских монет в отношении спроса на рынке, качества, материала, вида и т п.


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Смирнова О.И. Монеты древнего Пенджикента. // КСИИМК – 55, М., 1955. – С. 50.
2. Смирнова О.И. Сводный каталог согдийских монет. Бронза. – М.: Наука, 1981. – С. 46-47.
3. Якубовский А.Ю. Вопросы изучения Пенджикентской живописи. // Живопись древнего Пенджикента. М.: Изд. АН СССР. – С. 11.
4. Смирнова О.И. Каталог монет с городища Пенджикент. (Материалы 1949-1956гг.). – М., 1963. – С. 12-13; Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – М: Наука, 1972. – С. 249.
5. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – Т.1. Душанбе: Ирфон, 1998. – С. 335.



**ЧЕКАНКА МОНЕТ В СОГДЕ**

В статье речь идет о чеканке монет в Согде в раннем средневековье. Автор говорит о заслуге ученых в деле изучения истории чеканки, материалов, из которых изготовлялись эти монеты. Также в статье приводятся сведения о различных видах согдийской письменности в монетах в разных областях Средней Азии.



**Ключевые слова:** Согд, Панч, согдийцы, монеты, чеканка, афшин, ихшид, идеограмма, золото, серебро, дирхам, мугские монеты, царь, царица, знак.



**CHECHANKA COINS IN SOGDA**

The article deals with the coinage of coins in Sogd in the early Middle Ages. The author speaks of the merit of scientists in the study of the history of coinage, the materials from which these coins were made. Also, the article provides information on various types of Sogdian writing in coins in different regions of Central Asia.



**Key words:** Sogd, Panch, Sogdians, coins, chasing, afshin, ihshid, ideogram, gold, silver, dirham, mug coins, tsar, queen, sign.



**Сведения об авторе:** ***Собиров Н.И.*** - кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры общественных наук Таджикского технического университета им. М.С. Осими. Телефон: **934071702.**


## МАҚОМИ САРЧАШМАҲОИ ХИТОӢ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ СИЁСИВУ МАЗҲАБИИ ТАХОРИСТОН


***С. У.Асоев***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар омӯзиши Тахористони асрҳои миёнаи барвақта аз шумули манобеъ, пеш аз ҳама, сарчашма ва қайдҳои сайёҳони хитоӣ мавқеи муҳим доранд. Новобаста ба теъдоди каму парокандаи онҳо, бе ин маъхазҳо дарки пурраи вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Тахористон ғайриимкон аст. Аз ҷониби дигар, маълум аст, ки хитоиҳо низ аз замонҳои қадим ба тадқиқи ҳамаҷонибаи кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Марказӣ машғул буданд [1]. Ва аз қадимтарин маълумот дар бораи ин сарзамин, ки соли 128 то милод дар бораи кӯҳистони Помир маълумот дода шудааст ба қайдҳои сафири хитоӣ Чжан Сзян рост меояд[2].

Барои омӯзиши Тахористон ва мавқеи дини буддоӣ дар ин вилояти таърихӣ сарчашмаҳое чун «Тан-шу», «Суй-шу», «Бэйши», «Ҷу-шу», «Лян-шу» ва маълумоти сайёҳону сафирон амсоли Сюан Сзан, Йи Чинг, Чжан Сзян, У-кун, Хой Шеен, Сон Юн ва Хой Чао басо муҳим мебошанд. Номи «Тахористон» низ бори аввал дар як асари тарҷумавии хитоии соли 383 зикр шудааст[3].

Дар манобеи хитоии қарнҳои VI-VII истилоҳи «Ту-хо-ло», яъне «Тахористон» истифода гардида, солномаи «Бэйши» (аввали садаи VII) маълумот медиҳад, ки сарзамини Тохаристон барои хоҷагии деҳот мувофиқ буда, ин кишвар чорпоёни хуб дорад[4]. «Лян-шу» (оғози асри VII) хабар медиҳад, ки дар ин кишвар хоҷагии деҳот рушду нумӯъ кардааст. Тибқи маълумоти солномаи хитоии «Тан-шу», кишвари Ту-хо-ло тамоми сарзамини қадимии Да-хя, яъне Бохтари бостонро фаро мегирифт[5]. Дар ин маъхаз ҳамчунин мулки алоҳидаи Ту-хо-ло, ки дар ҷанубии Амударё, байни Балху Бадахшон ҷой дошт, зикр гашта, ки аҳолии ин марзу бум бо мардуми е-да

(ҳайтолиён) зиндагӣ карда, одамони сарватманд, либосҳои абрешимӣ ба бар намудаю либоси аҳолии камбизоат асосан аз чарму пашм мебошад. Кишвар бо Хитой робитаи хуб дошта, ҳатто то 200-номгӯи рустаниҳои шифобахши камназир аз Тахористон ба Хитой содир мешудааст[6].

Сон Юн ном сайёҳи хитоӣ, ки соли 519 ба Бо-хо (Вахон) омада будааст, дар бораи иқлим, муҳити ҷуғрофӣ, сарулибоси мардум ва амсоли инҳо маълумот дода, сипас мушоҳидаҳои худро дар бораи Бадахшон баён кардааст. Ба андешаи ӯ ин ҷо кишвари е-да (ҳайтолиён) буда, тамоми сарзамин аз об таъмин аст. Ҳамчунин аспу уштур дар ин ҷо бисёр буда, байни аҳолӣ сарватмандону камбағалон дида мешавад[7]. Сон Юн махсус таъкид кардааст, ки қисми аъзами ҳайтолиёни Бадахшон дини буддоиро пайравӣ мекунанду қисман ҷонибдорӣ аз ойинҳои пешин доранд[8].

Дар бисёр маврид сарчашмаи муфассали ягонаи боэътимод оид ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тахористони нимаи аввали асри VII ин сафарномаи сайёҳи хитоӣ Сюан Сзан бо номи «Ёддоштҳои олами ғарбӣ» мебошад[9]. Ӯ соли 629 бо нияти сафар ба Ҳиндустон ба роҳ баромада, аввалҳои моҳи марти соли 630-юм ба сарҳадоти Тахористон расида, кишварро убур карда, ҳатто аз 20 март то 20 апрели соли 630 дар Қундузу Балх будааст[10]. Мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, ки аз ҳудуди Тахористон соли 630 дидан карда буд, тамоми кишвар ба 27 мулки хурд тақсим шуда, ба ҳокими ягона - ябғуи турк итоат мекарданд. Тамоми кишварро аз шарқ ба ғарб Амударё убур карда, онро ба ду қисм ҷудо менамуд. Сюан Сзан нисбат ба дигар сайёҳон дар бораи Тахористон маълумоти пурраю васеътар додааст. Сюан Сзан дар рафти сафари худ баъзе мулкҳои Тахористонро дида, дар бораи баъзе мулкҳои дигари ин вилоят маълумот ҷамъ кардааст. Аз ҷумла аз «Та-ми» - Тирмиз боздид ба амал оварда, қайд менамояд, ки ин ҷо 10 маъбади буддоӣ ва қариб ҳазор рӯҳонӣ, инчунин ступаи бузургу муҷассамаҳои Буддо мавҷуд аст. Давродаври пойтахти Та-ми 20 ли (тақрибан 7-10 км) буда, ҳудуди он аз шарқ ба ғарб ва аз шимол ба ҷануб маҳдуд мегашт[11]. Ҷойи зикр аст, ки дар марзи Тирмиз дар асрҳои VI-VII дигар ибодатгоҳе амал накарда[12], дар бисёр маврид аксарияти ибодатгоҳҳои буддоӣ дар замони Кушониён фаъол буданд. Дар айёми сафари Сюан Сзан бошад, онҳо рӯ ба инқироз оварда буданд. Аз ҷумла, дар шимолу ғарбии мазори Ҳаким Тирмизӣ боқимондаи маркази бузурги буддоии Қаротеппа мавҷуд буд, ки асрҳои II-IV фаъолият дошт. Дар ибтидои асрҳои миёна ду вилоят Да-ми (Та-ми) -_Тирмиз ва Чи-о-ян-на (Чағониён) қисман дар ҳудуди имрӯзаи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон мавқеъ доштанд[13].

Тибқи маълумоти «Тан - шу», Дарвозаи оҳанин - гузаргоҳи сарҳадии байни Тахористону Суғд - барои он чунин ном гирифтааст, ки кӯҳҳои атрофи он ҳамранги оҳан буда, дар асри VII минтақаи сарҳадӣ маҳсуб меёфт ва маъбаде наздик ба он ҷой дошт[14]. Ба андешаи Сюан Сзан, дар ин ҷо дарвозаҳои ҷӯбӣ бо ҳалқаҳои оҳанӣ ва зангӯлаҳои бешуморе мавҷуд буданд. Мувофиқи маълумоти академик Э. В. Ртвеладзе, зери мафҳуми Дари оҳанин ё Дарбанд дар асрҳои миёна муҳити табиӣ ва як қатор иншоотҳои муҳим фаҳмида мешуд ва он аз дараи Бузғолахона то деҳаи Дарбандро фаро мегирифт[15].

Мулки дигари Тахористон, ки дар ёддошти Сюан Сзан зикр шудааст ин Сағониён ё Чағониён мебошад. Он аз шарқ ба ғарб ба масофаи 400 ли, аз шимол ба ҷануб ба масофаи 500 ли паҳно дошт. Пойтахт дар ҳудуди 10 ли тӯл кашида буд. Ин ҷо низ 5 маъбади буддоӣ ва теъдоди рӯҳониёнро сайёҳ қайд кардааст. Боқимондаи пойтахти Чағониён шаҳраки Будрач мебошад, ки дар масофаи 6 км дуртари ҷанубу шарқии Деҳнав ҷойгир аст[16]. Масоҳати умумии ин шаҳр дар замони Кушониён беш аз 20 га-ро ташкил медод. Тахмин меравад, ки сайёҳи хитоӣ Сюан Сзан ҳангоми баёни пойтахти Чағониёни асри VII маҳз ҳамин шаҳрро дар назар дошт[17].

Дар асрҳои миёнаи барвақта мулкҳои дигари Тахористон - Шумон ва Аҳорун бисёр вақт ягона буда, ҳокими он дар қасри Шумон мезист ва аз рӯи қудрату нерӯ ҳатто бо ҳокими Чағониён рақобат дошт[18]. Дар манобеи чинӣ Шумон дар шакли Суман зикр шудааст. Сюан Сзан дар қарни VII-ум ҳудуди Шумонро аз ғарб ба шарқ 4-рӯза роҳ ва аз ҷануб ба шимол якрӯза роҳ медонад. Ӯ мавҷудияти ду ибодатгоҳи буддоиро дар пойтахт нишон додааст. Дар «Тан-шу» қайд шудааст, ки шаҳри Суман дар нимаи аввали асри II пойтахти шоҳигарии Хи-су ё Ки-су буда, шоҳ дар ихтиёри худ 50 ҳазор ҷанговар дошт.

Тавре ишора рафт дар ибтидои асрҳои миёна дар ҳамсоягии Шумон шаҳри Ахорун ё Хорун ҷой дошт, ки он ба Шумон тобеъ буд, аз ин рӯ дар бисёр маврид ин ду мулк якҷо қайд шудаанд[19]. Дар қайдҳои Сюан Сзан Ахорун дар шакли Хо-ру-мо

омадааст. Мувофиқи маълумотҳои ӯ мулки Хо-ру-мо дар шимолии Чи-го-йен-на, яъне Чағониён мавҷуд буда, дар қарни VII-ум дар ин ҷо ду маъбади буддоӣ ва чандсад рӯҳониён фаъолият доштанд. Дар «Тан-шу» Ахорун дар шакли Ху-лу-йен ёд шудааст. Дар бораи ҷойи Ахорун ақидаҳо мухталифанд, масалан, академик В. В. Бартолд андеша дошт, ки он дар шарқии Шумон мавҷуд буда[20], М. М. Дяконов ва Г. А. Пугаченкова онро дар ҷойи шаҳраки Шаҳринав мансуб донистаанд[21]. Ғоибов Ғолиб нишон дода буд, ки шаҳраки Шаҳринав дар асрҳои миёна аллакай харобазор гаштаю[22], В. А. Зеймал Ахорунро дар ҷойи шаҳраки Ӯзбеконтеппа, дар соҳили рости Ширкентдарё 4 км дуртари ҷанубу ғарбии Пахтаобод медонист[23].

Мувофиқи баъзе маълумотҳо, Вашгирд пойтахти Хатлон буд[24], аммо шояд ин ҷо нимаи аввали садаи VII дар назар дошта шуда бошад, ки Вашгирд пойтахти яке аз музофотҳои Хатлон маҳсуб мeёфт. «Тан-шу» маълумот медиҳад, ки шаҳри У-ше-ке, яъне Вашгирд, маркази маъмурии Хю-ми - Кумед буд, ки он дар навбати худ ба Хуталон мансуб буд[25].

Сюан Сзан маълумот додааст, ки вилояти кӯҳии Кю-ми-то ё Кю-ми-ҷу дар ғарб бо Кэ–ду–ло - Хуталон, дар ҷануб – бо Ши-ки-ни – Шуғнон, дар ҷанубу ғарб - бо рӯди Фочу – Панҷ ҳаммарз мебошад**.** «Тан-шу» менигорад, ки мулки Кю-ми – Кумед дар наздикии Рӯди сиёҳ ҷой дошт[26]. Ҳамчунин «Тан - шу» хабар медиҳад, ки соли 719 ҳокими Кумед, Налоян, ба императори Хитой мактуб равон карда, дар он оид ба ҳуҷуми арабҳо ва оқибатҳои он маълумот додааст[27]. Дар қарни VII-ум дар Хитой, хосса байни мардум, аҳли мусиқӣ аз Кумед хеле маҳбубият доштанд[28].

Кӯҳсори Помир дар манобеи хитоӣ дар шакли «Бо-ми» ё «Бо-ми-ло» омадааст. «Тан-шу» Бо-мии хурд ва Бо-мии калонро ном бурдааст. Мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, дар маркази водии Бо-ми-ло- Помир, кӯли бузурги «Аждаҳо» - Қаракӯл мавҷуд буда, дар асрҳои миёна чун даврони пешин аз водии Помири Калон роҳи асосии корвонгузар мегузашт. Ин роҳ, ки аз Балх тавассути Помири марказӣ ба Тошқӯрғон мерафт, ҳамчунин Кумедро убур мекард[29]. Дар соли 139 то милод аз ин роҳ сафири императори Хитой У-ди бо исми Чжан Сзян гузашта, ба пойтахти давлати Юеч-ҷӣ омада буд[30]. Мувофиқи маълумоти «Ҷу-шу» (миёнаи асри VII) шаҳри Бодиян-Бадахшон 10 ли давродаври шаҳр буда, шаҳр деворҳои бузург дорад.

Сюан Сзан мулки Ку-ту-ло – Хуталонро дар шарқии У-ша - Вахш, ғарбии Кю-ми-то - Кумед дониста, «Тан-шу» паҳно ва дарозии ҳудуди онро ҳазор ли меҳисобид. Қароргоҳи шоҳро шаҳри Се-чу-кян мешумориданд [31]. Соли 718 шоҳи Ку-ту – Хатлон дар ихтиёри худ 50 ҳазор ҷанговар дошт ва дар соли 720 аз императори Хитой барои муқовимати ҷиддӣ бар зидди арабҳо ифтихорнома гирифта буд. Дар солҳои ояндааш солномаҳои хитоӣ ташрифи сафирони хатлониро бо тухфаҳои қиматбаҳо ба дарбори император қайд кардаанд**.**

Зоири буддоии дигари хитоӣ Хой Чао соли 726 дар замони ҳуҷуми арабҳо дар Хатлону Тахористон буд, аммо марказҳои асосии Хатлонро надида, мисли Сюан Сзан дар бораи кишварҳои Тахористон, аз ҷумла Хатлон, аз мардум маълумот ҷамъ овардааст[32]. Мувофиқи маълумоти зоири буддоӣ Хой Чао дар чоряки аввали садаи VIII шоҳ ва мардуми Хуталон пайрави ҷараёни ҳиноянаи дини буддоӣ маҳсуб мегардиданду дар ин мулк маъбадҳои буддоӣ ва роҳибони зиёде мавҷуд буд. Аҳолӣ ба парвариши пахта, ангур машғул буда, матоъҳои пахтагӣ ва қолинҳои пашмӣ тайёр мекарданд[33]. «Тан – шу» хабар медиҳад, ки пойтахти асримиёнагии барвақтаи Ку-ту-ло - Хатлон шаҳри Се-чу-кян буд[34]. Сюан Сзан дар асри VII-ум ин пойтахтро қариб ба шаҳри Та-ми - Тирмиз баробар меҳисобад. Тавре маълум аст шаҳри Ҳулбук дар ҷойи мавзеи Манзаратеппа, дар масофаи 7 км дуртар аз Хишттеппа, дар соҳили дарёи Сурхоб ҷой дошт. Дар давраи тоисломӣ дар ин ҷо низ маъбади буддоӣ ба қайд гирифта шудааст. Фархорро бо По-ли-хои зикркардаи Сюан Сзан як медонанд[35]. Мувофиқи маълумоти «Тан-шу», дар асри VII дар Хатлон 4 кӯҳи бузурги намак мавҷуд буд, ки аҳолӣ аз намаки онҳо истифода мекарданд.

Дар манбаъҳои хитоӣ вилояти Вахш дар шакли У-ша зикр ёфтааст ва мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, ки нахустмаълумотҳоро дар бораи ин вилоят додааст[36], мулки У-ша дар шарқии дарёи Фо-тсзу, шояд дарёи Вахш дар назар бошад, ҷойгир аст. Он аз шимол ба ҷануб 500 ли (200 км), аз ғарб ба шарқ 300 ли (тақрибан 120 км) масоҳат дорад. Масоҳати пойтахти ин мулк ба 16-17 ли (6-7 км) мерасад[39]. «Тан-шу» хабар медиҳад, ки мулки У-ша дар шарқ бо Ку-ту - Хуталон ва кӯҳи Пиёз - Помир ҳамсарҳад мебошад. Дар қасри Ҳаловарди ибтидои асримиёнагӣ маъбади буддоие мавҷуд будааст, ки шояд ҳокими маҳаллӣ бо аҳли оилааш дар он маросимҳои диниро иҷро мекарданд[40]. Ҳангоми ҳафриёт аз ин ҷо қариб 50 пораҳои

дастхатҳои матнҳои буддоӣ дарёфт гардид[41]. Ин бозёфтҳо маълумотҳои Хой Чаоро дар бораи мавҷудияти пайравони ҷараёни ҳинояна ва маъбадҳои буддоӣ дар Хатлон тасдиқ мекунад[42].

Дар масофаи 40 км. шимолтари шаҳраки Кофирқалъа харобаҳои ибодатгоҳи буддоии Аҷинатеппа мавҷуд буд, ки дар миёнаи асри VII милодӣ сохта шуда, то миёнаи қарни VIII фаъолият дошт. Он аз ду қисм иборат буда, 52-бино дошта, дуошёна буд[43]. Дар маркази бино ступаи асосӣ ҷой дошт, ки диаметри он 24 метрро ташкил мекард. Дар яке аз биноҳо муҷассамаи Буддо дар ҳолати «нирвана» (ваҷд) бо дарозии 12 м. мавҷуд буд. Тибқи маълумотҳои Сюан Сзан, мулки Ке-хо-йен-на – Қубодиён дар ҷанубии вилояти Су-ман - Шуман, ғарбтари У-ша – Вахш ҷой дошт. Масоҳати ин мулк аз шарқ ба ғарб дурӯза роҳ буд. Масоҳати пойтахт бошад, ба пойтахти мулки Чағониён баробар буда, ин ҷо низ теъдоди муайяни роҳибон ва се маъбади буддоӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар шарқии дарёи Кофарниҳон, дар масофаи 18 км. ҷанубтари шаҳраки Теппаи Шоҳ вуҷуд дошт, ки то асрҳои V-VI обод буд[44]. Мувофиқи маълумоти бостоншиносон, қисме аз аҳолӣ дар ин ҷо пайрави буддоӣ ва қисме зардуштия буданд[45].

Дар масофаи 1 км. дар шимолу шарқи Теппаи Шоҳ боқимондаҳои маҷмааи маъбади буддоии Уштур-Мулло пайдо шуд[46], ки дар се теппа осори ступаи бузург, ибодатгоҳ ва муқаддасгоҳ дида мешавад[47]. Ёдгории дигари буддоӣ дар ин минтақа дар шаҳраки Қалъаи Кофарниҳон, воқеъ дар соҳили чапи рӯди Кофарниҳон, наздикии деҳаҳои ҳозираи Эсанбой ва Янгиобад дастрас шуд[48]. Ҳаёт дар ин шаҳр аз давраи Юнону Бохтар то ибтидои асрҳои миёна идома дошт[49]. Ҳамвора бо маъбади буддоӣ дар ин ҷо ибодатгоҳи зардуштиён мавҷуд будааст.

Вилояти кӯҳии Кӯҳон - дар асрҳои миёна дар шарқии Хуталон, дар болооби Панҷ мавҷуд буд. Ин вилоят нахустин бор дар манбаъҳои хитоӣ соли 718 байни мулкҳои Тахористон ва дар тобеи Ше-хан-на – Шуғнон музофоти Кю-лан - Кухон ё Карран зикр шудааст.

Мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, дар шарқии Хатлон, дар қарни VII Кю-ми-то (Кумед) ҷой дошт, ки дар ҷануб бо Ши-ки-ни (Шуғнон), дар ҷанубу ғарб - бо дарёи Фо-чу (Панҷ) ҳамсарҳад буд. Мулки Кю-ми-то дар ҳудуди Рашт, Дарвоз ва Рӯшон, яъне дар марзи байни Хуталон ва Шуғнон, вилояти Каррон - Кӯҳон ҷой дошт[50].

Соли 751 зоири хитоӣ У Кун ҳангоми бозгашт аз Ҳинд ба Хитой тавассути ҳудудҳои Ку-ту-ло (Хуталон) - Кю-ми-то (Кумед) - Ши-ни (Шуғнон) ба Қошғар меояд. Тахмин меравад, ки вилояти Карран дар асри VIII қисми ҷанубии Кумедро ташкил медод ва онро хитоиҳо дар шакли Же-ше-чу мобайни Кумеду Шуғнон тасвир кардаанд[51]. Қисме аз муҳаққиқон онро воқеъ дар ҷойи Рӯшон бо водии дарёҳои Ванҷ, Язғулом ва Бартанг медонанд.

Шуғнон аввалин маротиба дар сарчашмаҳои хитоӣ дар робита бо воқеаҳои асрҳои VI - оғози VII ёдрас шудааст[52]. Мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, мулки Ши-ки-ни (Шуғнон) дар шимоли вилояти Да-мо-си-те-ди (Вахон) ҷойгир буд. Марзи ин мулк тақрибан 200 лиро ташкил медод. Ҳокими Шуғнонро низ соҳиби 50 ҳазор сарбоз медонистанд.

Хой Чао дар бораи «Нӯҳ мулки Ши-ни» (Шуғнон) маълумот медиҳад, ки дар шимолии Хю-ми (Вахон) ҷойгир будаанд. Ҳар як мулк лашкари худро дошта, мустақил маҳсуб мегардидааст. Мулки Шуғнон дар ин байн ба шоҳи Вахон тобеъ будааст[53]. Соли 741 як роҳиби ҳиндӣ, ки аз Хитой ба Ҳинд мерафт, дар мулки Ши-ни (Шуғонон) шаҳри Сзин-лянро дар Фа-ло зикр кардааст. Роҳиби хитоӣ У Кун, ки соли 751 аз ин ҷо гузар карда буд, аз «панҷ мулки Ши-ни» (Шуғнон) ёдовар шудааст, ки байни Хю-ми (Вахон) ва водии Бо-ми (Помир) ҷой доштаанд[54].

Мувофиқи маълумоти «Тан-шу», мулки Ши-ни ё Ши-ки-ни дар масофаи 300 ли дар шимоли назоратгоҳи ҳарбии Тсун-лин ва 500 ли дар ҷанубу шарқии мулки Кю-ми (Кумед) ҷойгир будааст.

Дар асри VII давродаври ҳудуди Шуғнон, тибқи маълумоти «Тан-шу», 2000 ли, мувофиқи қайдҳои Сюан Сзан, 200 лиро ташкил медод. Ин сайёҳ дар бораи аҳолӣ, сарулибос, шуғли мардуми Шуғнон маълумоти муфассал ва Хой Чао бошад, иловатан роҷеъ ба иқлим ва боду ҳавои ин мулк маълумоти саҳеҳу аниқ додааст[55]. Мувофиқи маъ-лумоти Сюан Сзан, дар асри VII аҳолии Ши-ки-ни хати расмии чун Ту-хо-ло (Тахористон)-ро соҳиб буд, аммо онҳо аз нигоҳи забонӣ фарқ доштанд. Хой Чао низ ин нуктаро қайд мекунад. Ва тавре медонем то ҳол шеваи аҳолии Шуғнон, Рӯшон ва Вахон махсусиятҳои забонии худро нигоҳ медоранд.

Ҳанӯз аз давраи қадим ба воситаи Шуғнон тавассути водии дарёи Гунт роҳи бузурги корвонгузар вуҷуд дошт, ки аз Осиёи Миёна ба Хитой мерафт[56]. Мувофиқи маълумоти «Таърихи сулолаи Хан», соли 139 пеш аз милод императори Хитой Уди сафорати худро бо сардории Чжан Сзян ба кишвари Юэҷи, яъне ба Тахористон равон карда буд, ки онҳо аз кӯҳҳои Пиёз (Помир) гузашта буданд[57]. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ А. Н. Зелинский, ин роҳ тавассути Яшилкӯл дар Помир бо василаи Шуғнон ба водии дарёи Гунт сурат гирифтааст. Сипас роҳ аз дарёи Панҷ гузашта, ба ноҳияи ҳозираи Хоруғ тавассути Қаъаи Бари-Панҷ идома ёфта, қад-қади рӯди Вачерв ва кӯли Шива ба Файзободу Балх тӯл мекашид. Ин роҳи муҳими корвонгузар ба ҳисоб мерафт[58].

Маълумоти нахустини саҳеҳро дар бораи Вахон сарчашмаҳои хитоӣ ҷой додаанд. «Тан-шу» менигорад, ки мулки Хю-ми қисме аз Ту-хо-ло (Тахористон) буда, инчунин Да-Мо-си-те-ди ё Хо-кан, дар аҳди салтанати Юан Вэй (солҳои 386-556) Бо-хо номида мешуд. Масоҳаташ аз шарқ ба ғарб то 1000 ли, аз ҷануб ба шимол 4-5 ли буд[59]. Тибқи маълумотҳои Сюан Сзан, мулки Да-мо-си-те-ди (Вахон) дар водии рӯди Панҷ масоҳати тангу дарозе дошт, ки дарозиаш то 1000-1500 ли, паҳнояш 500 лиро дар бар мегирифт ва дар баъзе ҷойҳо то 1 ли рафта мерасид.

Мувофиқи маълумотҳои «Тан-шу», қароргоҳи шоҳи Бо-хо (Вахон) дар асри VI шаҳри Сай-уа-шен ё Сай-га-шен буда, аз шимолии он дарёи У-ху (Аму) мегузашт[60]. Бо он шаҳри Ишкошими ҳозира дар назар аст, ки дар асрҳои миёна пойтахти Вахон буд. Сюан Сзан дар асри VII-ум пойтахти ин мулкро шаҳри Хун-то-до меҳисобад ва менигорад, ки дар маркази ин шаҳр маъбади буддоӣ мавҷуд буда, дар он муҷассамаи сангини Буддо меистод. Хой Чао Вахонро соли 726 дида буд, ӯ маълумот медиҳад, ки ибодатгоҳ ва роҳибони зиёди он пайрави равияи ҳиноянаи буддоӣ мебошанд[61]. Шаҳри Хун-то-доро баъзе муҳаққиқон дар қисмати деҳоти Хандуд (Хандиз)-и Афғонистони муосир медонанд, ки 90 км. дуртар аз Ишкошим қарор дошт. Дуртар аз қалъаи Ямчун дар деҳоти Вранги ноҳияи Ишкошим, дар наздикии дараи Врангдарё, дар соҳили рости Панҷ, маъбади буддоӣ қомат афрохта буд ва дар асрҳои V-VII фаъолият мекард[62]. Дар бари он қалъаи Вранг мавҷуд буд, ки роҳи Шуғнонро таҳти назорат дошт[63].

Маълум аст, ки ҳанӯз аз замони бостон дар Вахон оташу Офтоброро мепарастиданд ва дар асрҳои миёна дар ин ҳудуд буддоия низ пайравони худро пайдо кард, аммо байни мардум зардуштия низ мавқеи худро нигоҳ медошт. Метавон гуфт, ки аҳолӣ қисман буддоия ва қисман зардуштияро мепарастиданду осори эътиқоди пешин низ дида мешуд. Муҳаққиқон дар он андешаанд, ки дар манобеи хитоӣ дар бораи чашмаҳои шифобахши Бадахшон маълумотҳои арзишманд мавҷуданд. Аз ҷумла маҷмааи ибодатгоҳи буддоии Хун-то-до дар Вахон дар наздикии Гармчашма сохта шуда буд. Ин ҳолат ба густариши тиҷорат мусоидат менамуд.

Дар нахустин маълумоти эътимодбахше, ки дар бораи худи Бадахшон дар сарчашмаҳои хитоӣ омадааст, ин мулк дар шакли Ба-ди-йан ё Бо-до-чуан-на зикр шудааст. Мувофиқи маълумоти «Бейши» (чоряки аввали асри VI.), қароргоҳи ҳокими Е-да - ҳайтолиҳо дар шаҳри Ба-ди-йан (Бадахшон) мебошад, ки он 200 ли (тақрибан 80-100 км.) ҷанубтари дарёи У-ху (Аму) мавқеъ дошт. Давродаврии шаҳр қариб 10 ли ( 4-5 км.) ва ба ҳокими он қариб ҳокимони 30 мулки хурд тобеъ буд. Худи ҳокими Бадахшон асосан ҳаёти кӯчӣ бурда, дар ихтиёри хеш қариб 5-6 ҳазор сарбоз дошт. Сюан Сзан масоҳати Бо-до-чуан-на (Бадахшон)-ро тақрибан 2000 ли (800-900 км.) меҳисобад, аммо тамоми сарзамин кӯҳистон буда, ҳамвориҳо камтар ёд шудааст. Пойтахти кишвар дар ҳудуди 6-7 ли доман густурда буд.

Мувофиқи маълумотҳои роҳиби хитоӣ Хой Шеен, ки саёҳаташ ба солҳои 516-523 рост меояд, дар пойтахти Е-да шаҳри Ба-ди-йан маъбади буддоӣ ва ибодатгоҳҳои зиёд вуҷуд доштанд, қисме аз ашёҳои парастишашон тиллокорӣ шуда буданд. Ба гуфти Сюан Сзан, дар нимаи аввали садаи VII дар ин ҷо 3-4 ибодатгоҳи буддоӣ ва теъдоди ками роҳибон вуҷуд дошт. Ҳокими Бадахшон пайрави ашадии буддоия маҳсуб гардида, зиндагии хоксорона дошт. Дар ин ҳудуд тахмин меравад, ки мулки Ин-по-кйен (Юмгон) мавҷуд буда, нимаи аввали асри VII дар ин ҷо буддоиҳо фаъолият дошта, истеҳсоли тилло хуб роҳандозӣ шудааст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ, дар садаи VII мулки Кю-лан, Кю-ло-ну ва Кю-ланг-на (Куран) бо Ту-хо-ло омехта буд. Сюан Сзан менигорад, ки ябғуи Тахористон соли 630 ба шаҳри Ху омада буд, ки он ба минтақаи Қундузи муосир

мувофиқ меояд[64].Мумкин аст, ки дар асри VIII ябғуи Тахористон қароргоҳи худро ба сабаби ҳуҷуми арабҳо ба Қундуз кӯчониданд.

Сюан Сзан мулки Мун-ки-йенро зикр кардааст, ки он дар шарқии Ху (Қундуз) ва дар шимолу ғарбии мулки Ан-та-ло-по ва Кю-си-то, яъне Андароб ва Хуст ҷой дошт. Ва маълум аст, ки музофоти Мун-ки-йен (Мундҷон) номи худро то имрӯз нигоҳ дошта, байни Кишм ва Ҷирм ҷойгир буд. Иқлими ин ҷо хунук буда, аҳолӣ сафедпӯст тасвир ёфта, машғулияти асосии мардум матоъбофӣ маҳсуб мегардид[65].

Дар «Тан-шу» мулки хурди Ту-хо-ло, яъне Тахористон, ки байни Бо-хо-ло (Балх) ва Бо-до-чуан-на (Бадахшон) ҷой дошт, зикр шудааст. Истилоҳи «Тахористон» аз этноними «тухара» реша гирифта, баромади худро аз қабилаи бодиянишинони тахориён (арабиаш тахор, ҳиндӣ тукхара, хитоӣ ту-хо-ло, тибетӣ-тхагар) гирифтааст. Дар сарчашмаҳои чинӣ Тухоло бо тарзҳои гуногуни навишт: T,on-ho-lo, Ton-ho-lo, T,on-hou-lo қайд шудааст. Ҳамчунин чанд шакли транскрипсияи он: Духоло, Дуохоло, Дусюй-хао зикр шудааст[66]. Дар аҳди Гелиокл - миёнаи солҳои 141-128 то милод - давлати муқтадири Юнону Бохтар аз тарафи тахориён якҷоя бо баъзе қабилаҳои эронии шарқӣ хароб карда шуд. Ба андешаи муҳаққиқон, фарқияте байни қабилаи тахориён ва тахористонҳо дида мешавад, агарчи ҳарду шомили қабилаҳои эронии шарқианд. Тахористониҳо номи як халқияти эронинажоди Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар Тахористон мезистанду авлоди бохтариҳо буданд, аммо тахориён халқи кӯчии аз шарқ омада ба ҳисоб мерафтанд ва баробари воридшавӣ ба Тахористон бо аҳолии маҳаллӣ махлут шуданд.

«Тан-шу» маълумот медиҳад, ки аҳолии Ту-хо-ло бо мардуми е-да, яъне ҳайтолиён якҷоя зиндагӣ мекарданд. Онҳо зиндагии муқимӣ бурда, дар ихтиёри худ 100 сарбоз доштаанд. Қисми зиёди мардумро мардҳо ташкил карда, занҳо камтар буданд. Дар шимоли кишвар кӯҳи По-ли қомат афрохта, дар ҷануб, дар шахи кӯҳ як навъ «аспи осмонӣ» мезистааст. Мардум ҳаракат мекарданд, ки аз он насли нав ба даст оранд, аз ин рӯ галаи худро дар наздикии он мечаронидаанд. Муҳаққиқон ин маълумоти «Тан-шу»-ро ба замони ҳукмронии сулолаи Юан-Вэй (386-555 гг. н.э.) мутааллиқ медонанд.

Дар асри VII Сюан Сзан дар Тахористон мулки По-хо-ло, яъне Балхро ном бурда, онро пойтахт ё «шаҳри хурди шоҳӣ» зикр намудааст. Ӯ дар ин ҷо мавҷудияти 100 ибодатгоҳи буддоӣ ва се ҳазор роҳибро қайд кардааст.

Мулки дигаре, ки Сюан Сзан дар бораи он маълумот додааст, ин Толиқон мебошад, ки онро дар шакли Та-ли-кйен зикр кардааст ва он дар шимолу ғарбии мулки Ху-чжи-кйен ҷой дошт. Дар садсолаи VII Сюан Сзан инчунин мулки Мен-кйенро ном бурдааст, ки байни Қундуз ва Кишм, дар ҳудуди Толиқон ҷой дошт. Номи ин мулк ба номи дигари Толиқон – Раминҷон хеле наздикӣ дорад.

Маълум аст, ки дар асрҳои охири ҳазораи якуми то милод буддоия аз Ҳинд ба Осиёи Миёна, Марказӣ ва Шарқӣ паҳн гардида, то ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ рафта расид. Ва аз маълумоти сайёҳон, тоҷирон, ходимони давлатӣ ва қайди сарчашмаҳои хитоӣ бармеояд, ки буддоия дар Тахористон пайравони худро пайдо карда, дар Балху Тирмиз, Хатлону Бадахшон маъбадҳои бузурге бунёд гардиданд.

Бад-ин тариқ маълумоти хитоиҳо дар шинохти авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тахористон муҳим боқӣ монда, онҳо дуруст нишон додаанд, ки маҳз парокандагии сиёсӣ, мустақилияти мулкҳои хурд, муборизаю муноқишаҳои дохилии кишвар, дар маҷмӯъ минтақаро хароб ва назди нерӯи дигари ғасбгар-арабҳо дар бисёр маврид оҷизу нотавон сохта, дар давраи муайяне ишғол ва тобеи Хилофати Араб гашт.

## АДАБИЁТ


1. Ртвеладзе Э. Великий шелковый путь/ Э. Ртвеладзе. -Ташкент, 1999. - С.119.
2. Взгляд с Востока. Как китайцы исследовали территорию Центральной Азии. 10. 05. 2008. [Захираи электронӣ]: ferghana. ru
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна)/ Б.Ғ. Ғафуров - Душанбе, 1983, -С. 298.
4. Литвинский Б.А. Средневековая культура Тохаристана. В свете раскопок в Вахшской долине/ Б.А.Литвинский, В.С. Соловьёв.- М., 1985, – С.119.
5. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. - Л. 1950, Изд.2. -Т.2. -М., - С. 321.
6. Ҳамон ҷо. - С. 320-321.
7. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. (Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна)/ Б.Ғ. Ғафуров Душанбе, 1983. – С. 299.
8. Бабаев А.Д. Древние земледельцы «Крыши мира»/ А.Д. Бабаев.- Худжанд. 2006. - С. 278.

9. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи сиёсӣ)/ Ғ.Ғоибов. - Душанбе, 2006. - С.128.
10. Ҳамон ҷо. – С.130.
11. Julien S. Memoires sur les contrees accidentales. Traduites du Sanskrit en chinois en l'an 068 par Hiouen Thsang. — Paris. 1857-1858, - P. 25.
12. Зеймаль Т. И. Буддийская ступа у Верблюжьей горки. Прошлое Средней Азии/ Т. И. Зеймаль .- Душанбе, 1987. - С. 71.
13. Сурхондарё. Сурхандарья. Surkhandaria. Авторы составители: Э.Ртвеладзе, М. Аминов. ГРЭ. - Ташкент, 1996. - С. 67.
14. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин– Л:, 1950. Изд.2. Т.2. М. - С. 316.
15. Ртвеладзе Э. В. Стена Дарбанда Бактрийского. Общественные науки в Узбекистане/ Э. В. Ртвеладзе.- 1986.-№ 12. – С. 34.
16. Пугаченкова Г. А. К исторической топографии Чаганиана. Научные труды Ташкентского гос. Университета/ Г. А. Пугаченкова. –Ташкент, 1963. вып. 200. – С.59.
17. Аршавская З. А. Средневековые памятники Сурхандарьи/ Аршавская З. А. , Э. В. Ртвеладзе, З. А. Хакимов - Ташкент: Изд-во лит-ры и искусства, 1982, - С. 38-39.
18. Гоибов Г. Ранние походы в Среднюю Азию (644-704 гг.)/ Г. Гоибов. – Душанбе, 1990. – С.25.
19. Ahmad ibn Jahja ibn Jabir al-Baladzori. Ed. M. J. de Goeje. - Lugduni-Batavorum. 1863-1866. - С. 417-419.
20. Бартолд В. В. Сочинения в 9 т. Т.2/ В. В. Бартолд. - М., Наука, 1963 - 1971. – С. 320.
21. Дьяконов М. М. Работы Кафирниганского отряда. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции. / М. М. Дьяконов. - М., 1950. Т. 1. - С.185.
22. Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию (644-704 гг.)/ Г.Гоибов. –Душанбе, 1989. - С. 32
23. Зеймаль Е. В. Археологические разведки в Гиссарской долине. Археологические работы в Таджикистане/ Е. В. Зеймаль. - Сталинабад. 1961. Вып. 6.- С. 135.
24. Махмуд ибн Вали. Море тайн относительно доблестей благородных (География)/ Махмуд ибн Вали. Введение, перевод, примечания, указатели Б. А. Ахмедова. –Ташкент, 1977. – С. 38.
25. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. М., – Л. 1950. Изд.2. Т.2.– С. 324.
26. Ҳамон ҷо. – С. 324.
27. Ҳамонҷ ҷо. – С. 326.
28. Шефер Э. Золотые персики Самарканда. Книга о чужеземных диковинках в империи Тан. Культура народов Востока. Перевод с английского/ Э.Шефер. М.: Наука, 1981. - С. 83.
29. Зелинский А. Н. Древние пути Памира. Страны и народы Востока / А. Н. Зелинский - М. 1964. – С. 108 -109.
30. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. - Л. 1950. Изд.2. Т.2. М.,- С. 58.
31. Ҳамон ҷо. – С. 262.
32. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи сиёсӣ)/ Ғ.Ғоибов.- Душанбе, 2006. – С.134.
33. Литвинский Б. А. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине)/ Б. А. Литвинский, В. С. Соловьев.— М.: Наука, 1985. – С. 120.
34. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин.– Л. -1950. Изд.2. Т.2. М., - С. 326.
35. Беленицкий А. М. Историко-географический очерк Хутталя с древнейших времен до X в. н.э. Труды Согдийско-Таджикской археологической экспедиции/ А. М. Беленицкий.– Л. 1950. - Т. 1. М., – С.110.
36. Литвинский Б. А. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине)/ Б. А.Литвинский, В. С. Соловьев.— М.; Наука, 1985. – С. 119.
37. Ҳамон ҷо. – С.119.
38. Литвинский Б. А. Буддийская часовня на Кафыр-кале. Археологические работы в Таджикистане/ Б. А.Литвинский, Е. П. Денисов. М. -1973. Вып. 10. - С.165-169.
39. Б. А.Литвинский, В. С. Соловьев. Средневековая культура Тохаристана (в свете раскопок в Вахшской долине)/ Б. А.Литвинский, В. С. Соловьев.– М:, Наука, 1985. – С.143.
40. Литвинский Б. А. Аджина-Тепа. Архитектура. Живопись. Скульптура. Памятники древнего искусства/ Б. А. Литвинский, Т. И. Зеймаль – М.1971. – С. 55.
41. Зеймаль Т. П. Раскопки на Аджина-тепе в 1975 г. Археологические работы в Таджикистане/ Т. П. Зеймаль. –Душанбе, 1980. Вып. 15.-С. 147-150.
42. Литвинский Б. А. Тепаи-Шах. Культура и связи кушанской Бактрии/ Б. А. Литвинский, А. В. Седов. - М.: Наука, 1983. – С. 3-7.
43. Ҳамон ҷо. – С.116.
44. Ҳамон ҷо.- С. 75.
45. Зеймаль Т. И. Буддийский комплекс Шутур Мулло. Археологические работы в Таджикистане/ Т. И. Зеймаль.– Душанбе, 1986. Вып. 19. – С. 186-193.
46. Литвинский Б. А. Калаи-Кафирниган. Археологические работы в Таджикистане/ Б. А. Литвинский. –Душанбе, 1979. Вып. 14. – С. 157.
47. Литвинский Б. А. Калаи-Кафирниган. Археологические работы в Таджикистане/ Б. А. Литвинский. –Душанбе, 1982. Вып. 16. – С.134-135.
48. Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей (с древнейших времен до X в. н. э.)/ А. М. Мандельштам.- Сталинабад.: Изд-во АН Тадж. ССР. 1957. – С. 109.
49. Ҳамон ҷо. – С.125.

50. Бартолд В. В. Сочинения / В. В. Бартолд– М.: Наука, 1963. В 9 т. Т.5. – 1971. - С.150.
51. Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей (с древнейших времен до X в. н. э.)/ А. М. Мандельштам.- Сталинабад.: Изд-во АН Тадж. ССР. 1957. – С. 122-123.
52. Ҳамон чо. – С.124.
53. Ҳамон чо. – С.122.
54. Зелинский А. Н. Древние пути Памира. Страны и народы Востока/ А. Н. Зелинский.–М. 1964. Вып. 3. – С.121-122.
55. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. -М.. – Л. 1950. -Т.2. – С. 170.
56. Зелинский А. Н. Древние пути Памира. Страны и народы Востока/ А. Н. Зелинский.–М. 1964. Вып. 3. – С.109.
57. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. -М., – Л. 1950. Изд.2. -Т.2. – С. 324.
58. Бичурин Н. Я. (Иакинф). Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена/ Н. Я. Бичурин. -М., - Л. 1950. Изд.2. -Т.2. – С. 324.
59. Мандельштам А. М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей (с древнейших времен до X в. н. э.)/ А. М. Мандельштам. - Сталинабад.: Изд-во АН Тадж. ССР. 1957. – С. 122.
60. Бубнова М. А. Культовое сооружение в кишлаке Вранг (Западный Памир). Археологические работы в Таджикистане/ М. А. Бубнова. -Душанбе. 1988. Вып. 21. – С. 386-394.
61. Зелинский А. Н. Древние крепости на Памире. Страны и народы Востока/ А. Н. Зелинский. -М. 1964. Вып. 3. – С. 135.
62. Бурхан уд-Дин-хан-и Кушкеки. Каттаган и Бадахшан. Данные по географии страны, естественноисторическим условиям, населению, экономике и путям сообщения с 34 картами/ Бурхан уд-Дин-хан-и Кушкеки; Перевод с персидского В. В. Введенского, Б. И. Долгополова и Е. В. Левкиевского. -Ташкент. 1926. – С. 137.
63. Малявкин. А.Г. Танских хроники о государствах Центральной Азии/ А.Г.Малявкин. - Новосибирск. 1989. – С. 193.
64. Ҷалилов А. Тахористон, ЭСТ/ А.Ҷалилов. –Душанбе, 1987. - С. 275.
65. Генри Юля. Очерк географии и истории верховьев Аму-Дарьи/ Генри Юля. Перевод с английского О. А. Федченко с дополнениями и примечаниями А. П. Федченко Н. В. Ханыкова и Г. Юля. – СПб:, 1873. - С.102.
66. Кочетов А.Н. Буддизм/ А.Н. Кочетов. -М.1983. Изд. 2-е переработанное. – С. 104.

**РОЛЬ КИТАЙСКИХ ИСТОЧНИКОВ В ИЗУЧЕНИИ ПОЛИТИКО-РЕЛИГИОЗНОЙ ИСТОРИИ ТАХАРИСТАНА**

Китайские письменные источники играют большую роль в изучении среднеазиатской древности. Их роль возрастает по мере увеличения пробелов в описании положения исследуемого региона. Данные источники держат в поле зрения всю Среднюю Азию, а также систематические описания её отдельных областей и народов, а также связанных с ними исторических событий. Сообщения этих источников достаточно полны, разнообразны и главное, точны. В статье освещается роль и заслуги китайских источников в изучении политико-религиозной истории Тахаристана.

**Ключевые слова:** китайские источники, политико-религиозная история Тахаристана, средние века, исторические события, «Тан-шу», «Суй-шу», «Бейши», «Лян-шу», буддизм.

**ROLE OF CHINESE SOURCES IN STUDY OF POLITICAL AND RELIGIOUS HISTORY OF TOHARISRAN**

Chinese written sources play an important role in the study of Central Asian antiquity. Their role increases with increasing gaps in the description of the situation of the region under study. These sources keep the whole of Central Asia in view, as well as systematic descriptions of its individual regions and peoples, as well as related historical events. The messages of these sources are quite full, varied and important, accurate. The article highlights the role and merits of Chinese sources in the study of the political and religious history of Takharistan.

**Key words:** Chinese sources, political and religious history of Takharistan, Middle Ages, historical events, Tan Shu, Sui-shu, Beyshi, Liang Shu, Buddhism.».

**Сведения об авторе:** ***Асоев Сабзаали Убайдович*** – асисентет кафедры древней и средневековой истории исторического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **93-800-62-96.**

# ВАЗЪИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР БЕКИГАРИИ ҚУБОДИЁН

***С.Х. Зубаидуллоев***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Ҳунармандӣ дар бекигарии Қубодиён ҳамчун як соҳаи муҳими иқтисоди аз замонҳои қадим то имрӯз ривоҷу равнақ ёфта, яке аз шуғлҳои асосии қадимаи мардум ба ҳисоб меравад. Ҳунармандӣ дар ин бекигарӣ шакли хонаводагӣ ва ойлавиро дошт. Ҳунарманд аз рӯи маҳсулоти ашёи хоми чорво пӯсту пашм ҳаргуна маҳсулот махсусан палос, калапӯш, дастпӯш, ҷуроб, халта, қанор, ресмон, машк ва

ғайра тайёр мекарданд. Асосан ба ҳама корҳо занҳо машғул мешуданд. Ба замми ин занҳо сару либоси пахтагин ба монанди карбос, халат, курта бо истифода аз дастгоҳҳои одии онвақта, ба монанди чарх тайёр мекарданд. Аз маҳсулоти абрешим ҳаргуна сару либоси абрешимин медӯхтанд. Асосан парвариши кирмак дар бекигарии Қубодиён суст тараққӣ карда буд, зеро тухмии он доимо ба касалиҳо гирифтор мешуд. Қариб ҳамаи аъзоёни оила дар хона ба дӯхтани матоъҳои пашмин, пахтагин, коркарди пӯст, мӯзадузӣ ва дигар соҳаҳои ҳунармандӣ машғул буданд. Яке аз машғулиятҳои асосии аҳолии бекигарии Қубодиён дар тирамоҳ ин ҷамъоварии писта буд, зеро писта на танҳо маҳсулоти ғизоӣ, балки барои рангу бор кардани матоъҳо истифода бурда мешуд. Дар баъзе деҳаҳо ҳунармандони кандакор аз чӯб ҳаргуна маҳсулот, ба монади сандуқ, сандалӣ, гаҳвора, табақ, коса, қошуқ,дару тиреза ва ғайраро тайёр мекарданд. Ба ин соҳаи ҳунармандӣ танҳо мардҳо машғул буданд. Маҳсулотҳои тайёркардаи хунармандони бекигарии Қубодиён хело зебо буд ва дар дар бозорҳои Бухорои Шарқӣ харидорони худро дошт. [2,304].

Дар бекигарии Қубодиён ҳунармандони соҳаҳои гуногун ба монанди оҳангарон, музадӯзон, кафшдӯзон, зинсозону наългарон ва дигар намуд ҳунармандони моҳир хеле зиёд буданд, ки маҳсулоти онҳо чи дар дохили бекигарии Қубодиён ва чи берун аз он харидорони худро доштанд.

Кулолгарони моҳир бо нақшу нигорҳои зебо ва ороишҳои дилкаш кӯзаҳоро сохта, ба савдо мебароварданд. Дар наздикии маркази Кубодиён, асосан дар деҳаи Сарой ва маҳалҳои атрофи шаҳр бештар ба кулолгарӣ машғул буданд. Дар қисмати бештари бекигарии Қубодиён, махсусан водии Бешкент санъати кулогарӣ ривоҷу равнақ ёфта буд. Маҳсулоти кулогарони ин минтақа ҳатто дар амлокдории Ҷилликул ва бекигарии Қурғонтеппа харидор дош. Дар тайёр кардани асбобҳои кулолӣ интихоб ва тайёр кардани лой, ба дӯши наврасон буд. Усто бошад аз лойи омода шуда шакли кӯзаро тартиб дода, онро нақшу нигор медод. Дар охири асри X1X кулогарӣ яке аз ҳунарҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо дар техникаи коркард ва санъати кулогарӣ пешравии амиқ мушоҳида нмешуд. [2,303].

Коркарди пӯст, ки дар ҳаёти хоҷагии мардуми бекигарии Қубодиён ҷои муҳимро ишғол мекард, асосан бо ду роҳ пеш мерафт, як қисми ҳунармандон ашёи хоми худро коркард намуда, аз он барои қонеъ гардонидани танҳо талаботи худ маҳсулот тайёр мекарданд. Гурӯҳи дигар маҳсулоти худро ба бозор мебароварданд ва онро ҳунармандон харидори намуда аз он кафш, маҳсӣ, пойафзолҳои мардонаву занона, халта барои обгирӣ, ғилофи корду шамшер ва ғайра таёр мекарданд. Дар бекигарии Қубодиён маҳаллаи чармгарон вуҷуд дошт, ки ин истиқоматкунандагони он ҳама ҳунармандонӣ коркарди пӯст буданд. Дар ин ҷо 30-35 устохонаи чармгарон амал мекарданд. [2,303]. Ҳар як ҳунарманд як ё ду шогирд дошт. Ҳунармандони машҳури коркарди пӯст дар бекигарии Қубодиён Усто Очил ва Усто Раҷаб буданд. Дар ибтидои асри XX ҳунармандонӣ машҳури Кӯшчинор усто Очилдӣ ва Эргашбобо Шарипов маҳсуб меёфтанд, ки мӯзадӯз ҳамчун он беҳтарини он давра шинохта шуда буданд. Ашёи хоми ҳунармандони чармгар аз тарафи қасобон дастрас мешуд ва дар байни онҳо шартномае вуҷуд дошт, ки бояд дар як ҳафта пӯсти 12 чорвои хурд ва 3 чорвои калонро ба чармгарон медоданд. Дар он деҳаҳое, ки ҳунармандони чармгар набуд, аҳолии ин деҳаҳо пӯстҳои чорвои худро ба бозор бароварда ба чармгарон мефурӯхтанд. [5, 83].

Дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX истеҳсоли молҳои соҳаи бофандагӣ рӯ ба пастравӣ ниҳод сабаби асосии пасрави истеҳсолот дар он буд, ки молҳои баландсифати саноати Россия дар бозорҳои минтақа пайдо шуданд, ки молҳои истеъсол мешудаи маҳаллӣ ба ин молҳои саноати рақобат карда наметавонистанд. [1,199–200]. Дар маркази бекигарии Қубодиён дар минтақаи Ябуз асосан растаи устохонаҳои бофандагӣ ороста буданд, ки машғулияти асосии онҳо алочабофӣ буд. Аммо бо сабабҳои паст будани сатҳи техникии дастгоҳҳои бофандагӣ усто аз саҳар то бегоҳ ҳамагӣ 6 метр матоъ истеҳсол мекард. [2,302]. Аз рӯи маълумоти А.П Колпаков дар бекигарии Қубодиён ҳар як оила барои худ карбос, ки матои дурушти пахтагӣ буд, истеҳсол мекард, зеро дар бозор хариду фурӯши ин мол кам ба чашм мерасид. [2,302].

Тибқи гуфтаи Д.М. Логофет маҳсулоти дар бекигарии Қубодиён тайёркардаи ҳунармандон дар бозори дохилӣ талабгор дошт, аммо дар бозорҳои берунӣ харидор пайдо намекард. Аҳолии маҳаллаҳои Бекигарии Қубодиён ба корҳои бофандагӣ танҳо зимистон шурӯъ мекарданд, зеро дар дигар фаслҳо ба дигар шуғлҳо банд буданд. [4,271-272].

Оҳангарӣ низ дар бекигарии Қубодиён хеле васеъ ба роҳ монда шуда буд. Ин ҳунармандон на танҳо ба коркарди оҳан, балки истифодаи дигар намуди металҳо, махсусан мис ва биринҷиро низ ба роҳ монда буданд. Муайян карда шуд, ки дар бекигарии Қубодиён дӯконҳои тунука, заргарӣ ва дигар маҳсулоти фулузӣ мавҷуд буданд. На ҳама вақт оҳангарон дар деҳаи худ кор мекарданд, бештар аз як деҳа ба деҳаи дигар мерафтанд ва вобаста ба талаботи мардум ашёҳо месохтанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат, оҳангарон ба зироаткорӣ ва чорводорӣ низ машғул буданд, зеро бо ин роҳ оилаи худро хӯрондану пӯшондан сабуктар буд. Бо маълумоти А.П Колпаков дар маркази бозори Қубодиён устохонаи калони оҳангарӣ вуҷуд дошт, ки дар баробари сохтани асбобҳои рӯзгор, сохтани наъли асп ва маҳкам кардани онро ба анҷом мерасонд.

Талабот ба оҳангаронӣ дар Қубодиён хеле зиёд буд. Яке аз ҳунармандони машҳури ин минтақа Саиди мисгар буд, ки ӯ ҳатто аз мис мусавварaҳо месохт. [5,85].Тоҷирони маҳаллӣ ба бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна рафту омад ва тиҷорат доштанд. Тоҷирон тахтаҳои мисинро аз дигар минтақаҳо ба Қубодиён оварда ба ҳунармандон мефурӯхтанд. Ҳаққи меҳнати ҳунарманд ба шакли пулӣ ё ба шакли натуралӣ пардохт мешуд. Оҳангарон мисгарон ба якчанд гурӯҳ вобаста ба ҳунарашон ба мисли чойниксоз, дегсоз, лаълисоз, самоварсоз, чилимсоз ҷудо мешуданд. Аз ин бармеояд, ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар байни ҳунармандон ҷой дошта аст. [5, 85].

Кори заргарӣ низ дар бекигарии Қубодиён новобаста аз он, ки соҳаи асосӣ маҳсуб намеёфт дар инҷо буд. Якчанд дӯконҳои заргарӣ амал мекарданд, ки онҳо дар маркази бозори Қубодиён ҷойгир шуда буданд. Ба кори заргарӣ асосан афғонҳо, лӯлиҳо ва ҳиндуҳо машғул буданд. Аз ҷумла А.А Семёнов қайд мекунад, ки бештар ҳиндуён дар бекигарии Қубодиён ба кори заргарӣ машғул буданд. [5,85].

Заргарони маҳаллӣ аз тилло ва нуқра асбобҳои ороишии занона гӯшвор, дастмона, гарданбанд ва дигар ҷавоҳироти ороиширо тайёр мекарданд. Аҳолии маҳаллӣ тангаҳои нуқрагини бухороиро ба назди ҳунармандони заргар оварда, аз онҳо мувофиқи талаби худ ҷавоҳиротҳои ороишӣ тайёр мекарданд. Заргарон аз тилло ва нуқраи, хеле қадимаи, бозёфтшуда ҷавоҳироти ороишии гуногун низ тайёр мекарданд. Бо Маълумоти сайёҳону афсарони рус маҳ ҳамин ҳунармандони Қубодиён осори нодири қадимаи таърихии хазинаи амударёро, ки аҳолии маҳаллӣ бозёфт намуда буданд ва аз онҳо ҳаргуна ҷавоҳироти ороишии занонаву мардона иборат буд харидори намуданд. [5,86].

Машғулияти дигари бошандагони Қубодиён равғанкашӣ маҳсуб меёфт ва ин намуди маҳсулот асосан аз чигит, зағир, кунҷит истеҳсол карда мешуд. Дастгоҳи асосии истеҳсоли равған ҷувоз буд. Калонтарин истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи равған дар минтақа Акрами Пешовар ба ҳисоб мерафт. Ӯ якчанд корхонаи равғанистеҳсолкунӣ дошт. Бо маълумоти А.П Колпаков дар ҳар як маҳаллаи маркази Қубодиён як ё ду осиёби ҷувозкашӣ буд, ки бо ашёи хоми зағир ё кунҷит кор мекарданд. Ҳатто дар қалъаи бек дар назди қаровулхона осиёби равғанкашӣ кор мекард, ки он танҳо дар хизмати оилаи бек буд. [2,304].

Дар деҳаи Қӯшачинор ҳоҷӣ Авғонбой ва Ҳоймбой соҳиби осиёби калони равғанкашӣ буданд, ки барои тамоми деҳа маҳсулот тайёр намуда, аз меҳнати кироя истифода мекарданд. [2, 305].

Бо маълумотҳои Н.Н Покотило соли 1886 дар бекигарии Қубодиён зиёда аз 10 осиёби обӣ кор мекард, ки ҳар яке аз онҳо дар як шабонарӯз 6 батман гандумро орд мекард ва арзиши ҳар батман ба 3 – 4 танга баробар буд. [5, 86 – 87].

Охири асри Х1Х дар бекигарии Қубодиён шумораи осиёбҳои обӣ хеле афзуданд. Соҳиби осиёбҳои обӣ Мулло Исо эмин Оқобошӣ, Муллоқул эшик Оқобошӣ, Мулло Вали Тӯқсабо, Алӣ Ясавул, Эшони Хатиб буданд, ки аз пешаи худ даромади калон ба даст меоварданд. Дар аксарияти деҳаҳо як ду ва дар деҳаҳои калон бошад, то 5-6 осиёб кор мекард. Ин деҳаҳо асосан дар соҳили дарёи Кофарниҳон ва каналҳои калон ҷойгир шуда буданд. Дар водии Бешкент осиёбҳо аз оби Чилучорчашма кор мекарданд. Иқтидори осиёбҳо ба 30 – 40 пуд ғалларо орд кардан мерасид. Ҳақи осиёб ба шакли натуралӣ, яъне ғалла рӯёнида мешуд, яъне аз як пуд якуним килло рӯёнида мешуд. Дар ҳар як деҳа дар қатори осиёбҳо барои тоза кардани шолӣ обҷувоз низ сохта шуда буд. Обҷувоз ҳам ба монанди осиёбҳо, ки бо қувваи об кор мекарданд, дар наздикии ариқҳо, ҷӯйборҳо сохта мешуданд. Кори обҷувозҳо дар тирамоҳ, ки ҳосил рӯёнида мешуд, хеле зиёд буд. Баъзе аз обҷувоз дар

як рӯз то 30 пуд шолиро тоза мекарданд, ки аз он 15 пуд биринҷ гирифта мешуд. Музди корӣ ба таври натуралӣ рӯёнида мешуд. [5, 87].

Кирмакпарварӣ соҳаи дигари муҳими сокинони Қубодиён буд. Н А. Маев навиштааст, ки дар Қубодиён пилларо хеле зиёд ва бо сифати баланд истеҳсол мекунанд. Аз ҳамин сабаб барои хӯроки кирмак боғҳои зиёди тут қомат рост карданд. Махсусан, соҳилҳои дарёи Кофарниҳон саросар тутзор буд. Пилла маҳсулоти хеле пурарзиш буд, зеро 1 пуд пилла арзиши 80 сӯмро дошт. [5, 88].Аз рӯи маълумотҳои додашудаи сайёҳону афсарон ва олимони рус бекигарии Қубодиён мақоми тутпарварӣ ва истеҳсоли пилла мебошад. Аз ин муайян мегардад, ки истеҳсоли пилла яке аз соҳаҳои сердаромадтарини аҳолӣ ба ҳисоб мерафт**.**

Афсари рус А.Н Биков соли 1878 ба бекигарии Қубодиён омада буд. Ӯ қайд мекунад, ки истеҳсоли пилла яке аз машғулиятҳои асосии аҳолӣ буда, маидонҳои тутзор, ки аз ҳад бузург будаанд, хеле зиёд мебошанд. Ӯ дар суҳбат ба аҳолии маҳаллӣ ба хулосае меояд, ки ҳар як оилаи миёнаҳоли бекигари Қубодиён ба ҳисоби миёна 15 – 20 фунт пилла истеҳсол мекардад, ки ин яке аз воситаи рӯзгузаронии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. А.Н Биков дар идомаи маълумоти худ зикр менамояд, ки истеҳсоли пилла дар бекигарии Қубодиён ба дараҷае буд, ки тоҷирон аз Афғонистон ва дигар бекигариҳои Бухоро харидорӣ мекарданд. [5, 88].

Маълумотҳои овардаи Н .А. Маев шаҳодат медианд, ки барои харидории пиллаи Қубодиён аз дигар минтақаҳои Осиёи Наздик ҳам тоҷирон меомаданд. Боғҳои тут дар Қубодиён дар ихтиёри заминдорони калон ва бек буд, барои истифода бурдани ин дарахтони тут ба камбағалон шарт гузашта мешуд, ки дар ҳолати ҷамъоварии пилла ҳосили он ба ду ҳисса тақсим карда мешуд. Як ҳисса барои соҳиби тут, ҳиссаи дигараш барои истеҳсолкунанда. Аз рӯи гуфтаи А.П. Колпаков пиллаи ҷамъовардашударо на дар Қубодиён балки дар Қаратоғ коркард ресидаю бофта мешуд. [5, 88].

Кирмакпарварони Қубодиён тухми кирмакро аввали баҳор аз тоҷирони дайду, ки деҳа ба деҳаи Бекигариҳои Бухорои Шарқӣ мегаштанд, харидорӣ мекарданд. [3, 107]. Соли 1895 И.Бронников қайд мекунад, ки аз сабаби дар ду се соли охир ба касалиҳои гуногун гирифтор шудани кирми пилла истеҳсоли пилла хеле паст рафт, ҳатто баъзеҳо аз истеҳсоли пилла дилхунук гашта дарахтони тутро барои ҳезум мебуриданд, ки боиси хеле кам шудани боғҳои тутзор дар бекигарии Қубодиён гашт. [5, 88]. Дар ибтидои асри XX аз сабаби баланд шудани талабот нисбат ба молҳои абрешимӣ дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ ва шимолии Афғонистон соҳаи кирмакпарварӣ дар Қубодиён аз сари нав авҷ гирифт. Дар водии Бешкент шинонидани дарахти тут ва аз сари нав барқарор кардани боғҳои тут зиёд шуд. Аҳолии маҳаллӣ зинаи якуми коркарди пилларо ба ҷо меоварданд. Тоҷирони Афғонистон маҳсулоти нимтайёрро харидори карда мебурданд Аз як қуттии кирмак то 32 кило пилла истеҳсол карда мешуд. Қушбекии Бухоро Остонақулбек 14 январи соли 1908 дар мактубаш ба Агенти сиёси менависад, ки ҳамаи тоҷироне, ки тухми пилла ва худи пилла савдо мекунанд, барои рӯёндани андоз дар бекигарии Қубодиён ба қайд гирифта мешуданд. Бояд зикр кард,ки гузоштани нарх ва муайян кардани андоз аз тарафи намояндагони аморат муайян карда мешуд. Ҳар вақте ки тоҷирон тухми кирмакро ба Қубодиён меоварданд беки Қубодиён қозӣ ва дигарон пайдо шуда, нархи ҳар як қутиро мегузоштанд. Вазни як қути тухми кирмак аз 6 мисқол иборат буд. Тоҷирон мебоист нархи гузоштаи бекро дар вақти савдо риоя мекарданд. Барои савдо кардан ба дасти ҳар як тиҷор иҷозатномаи махсус дода мешуд. Бек ҳам пас аз ҷамъовари пилла андоз ва ҳаққи худро мерӯёнид, баъзан ҳолатҳое мешуд, ки ду савдогари тухми кирмак дар як вақт пайдо мешуданд, ки байни онҳо рақобати сахт оғоз меёфт.

[5, 88].

Н. А Зарудний, ки соли 1910 ба бекигарии Қубодиён ташриф оварда буд, менависад Қубодиён дар исеҳсоли пилла дар Бухоро яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. [5, 89].

Пилаи бекигарии Қубодиён ҳамчун ашёи хом ба Ҳисор, Душанбе ва Қаратоғ фиристода мешуд. Ҳамин тавр дар охири асри X1X ва аввали асри XX Қубодиён ба яке аз марказҳои асосии истеҳсоли тухми кирмак ва пилла дар Бухорои Шарқӣ табдил ёфта буд. Меҳнати вазнину тоқатнофарсо, шароити бад, истисмори бераҳмонаи харидорону тоҷирони дохилию берунӣ боиси он гардид, ки як қисми аҳолии Қубодиён хонаву дари худро тарк карда ба дигар қисматҳои Бухорои Шарқӣ ва Афғонистон кӯч бастанд.

**АДАБИЁТ**

1. Ғафуров Б. Тоҷикон таърихи охирҳои асрҳои миёна ва давраи нав /Б. Ғафуров. – Душанбе: «Дониш», 1985. – Қ. 2. 820 с.
2. Колпаков А.П. Из недавнего прошлого Кабадиана // Материалы и исследования по археологии СССР/ Колпаков А.П. – М – Л, 1953. №37. С. 303 – 306.
3. Кармышева Б. Х. Сведения об узбекских родах Семиз и Кесамир,— "Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии, посвященный 80-летию со дня рождения А. А. Семенова", ТИИАЭ АН ТаджССР / Кармишева Б.Х. – Сталинабад. 1953. Том 17. – С.99 – 110.
4. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом/ Логофет Д. – СПБ. 1911. Том 1. 340 с.
5. Юсупов Ш. Очерки истории Кабадианского бекства в конце XIX-начале XX веков/ Юсупов Ш. – Душанбе: «Дониш», 1986. 133 с.

**СОСТОЯНИЕ РЕМЕСЛА В КАБАДИАНСКОМ БЕКСТВЕ**

В статье рассматривается состояние ремесла в Кабадианском бекстве. Ремесло в этом регионе является важной отраслью экономики с древнейших времен до наших дней. У кустарей были свои места. проживания. Для изготовления своей продукции они использовали различные материалы, как дерево кожи, золото, серебро, железо, бронзу ит.д. Здесь также занимались разведением тутового шелкопряда. Из-за эксплуатации, плохих условий жизни и тяжелого труда положение населения было очень тяжелым. Это привело к тому, что одна часть населения, оставив свои дома, переехала в Восточную Бухару и Афганистан.

**Ключевые слова:** ремесло, экономика, кустари, дерево, кожа, золото, серебро, медь, бронза, тутовый шелкопряд, эксплуатация.

**THE STATE OF THE HANDICRAFT IN KABARDINSKOM BEKSTVA**

The article examines the state of the handicraft in Kabardinskom bekstva. The handicraft is the main branch of economics in this region from the ancient time till now. The handicraftsmen had their places of living. For making their production they used material, wood gold, silver, iron, copper, bronze and etc. They also engaged in breeding of silkworms. Because of exploitation, bad living conditions and hard work the situation of population was very bad. This led to the fact that one part of population left their houses and moved to the Eastern Bukhara and Afghanistan.

**Keywords:** handicraft, economics, handicraftsmen, wood, leather, gold, silver, copper, bronze, silkworm, exploitation.

**Сведения об авторе:** ***Зубайдуллоев Саиджон*** **-** докторант исторического факультета Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни. Телефон: **988-12-90-78**

## ИСТОРИЯ ТАДЖИКСКОГО ПЛОВА И ЕГО РАЗНОВИДНОСТИ

***Т. Г. Одинаев***
**Технологический университет Таджикистана**

За многовековую историю развития таджикской кулинарии возникли десятки различных рецептов и способов приготовления плова.

В статье приводится технология приготовления несколько вариантов плова, среди них классические, специфические, обыкновенные, особенные разновидности, с заменителем основных продуктов, забытые и восстановленные, плововарами республики.

Питание является одним из главных условий жизни и деятельности человека. И количество (ассортимент), и качество (вкус, полезность) пищи — условия, обеспечивающие сохранение здоровья, поднятие настроения, повышение трудоспособности и развитие быта человека. Питание в системе материальных потребностей служит одним из основных показателей народного благосостояния.

Его улучшение сопровождается расширением ассортимента и повышением вкусовых качеств употребляемых населением блюд, распространением наиболее оригинальных блюд национальных кухонь. К ним относится таджикский плов, широко известный и за рубежом. Это блюдо пользуется большим спросом у всех слоев населения и приезжающих в республику туристов.

Дело в том, что среди сотен и даже тысяч различных блюд и деликатесов любой национальной кулинарии обычно бывают такие, которые наиболее четко подчеркивают характерные свойства отдельно взятой национальной кухни. В русской кухне такими блюдами являются блины, щи, котлеты, в украинской — борщ, вареники, кавказской— шашлыки и т. д. Таков и таджикский плов.

Он был изобретен народом в незапамятные времена и в зависимости от хозяйственных условий в разные исторические периоды его готовили по-особому. Так возникли отдельные своеобразные способы приготовления в Самарканде, Бухаре,

Зеравшанской долине и т. д. Плов готовили в будни и для праздничного стола, на свадьбах и больших угощениях, в честь почетного гостя [1].Плов как блюдо, незаменимым компонентом которого является рис, также известен с незапамятных времен. Хотя и скудные, но сведения об этом блюде встречаются в народных сказаниях, изречениях, в эпосе.

Есть сведения, что в X—XI веках на больших угощениях это блюдо готовили из риса сорта девзира. В XV веке плов считался почетным блюдом, его подавали как на свадьбах и больших праздниках, так и при поминальных обрядах. Уже в XVI веке были описаны рецепты и технология приготовления плова с рубленым мясом, рисом сорта девзира и лущеным горохом.

В народной медицине плов считался целебным и рекомендовался при недомогании, истощении организма, после долговременного голодания, перенесения тяжелой болезни и т. д. Употребляли это блюдо перед и после выполнения тяжелого физического труда, а также в ненастье весной, осенью и зимой.

В этих целях применял плов при лечении больных и Абу Али Ибн Сина (Авиценна). Существует много притчей, легенд по этому поводу. Вот одна из них. Некий принц—сын одного из правителей Бухары — безумно влюбился в красавицу из бедной семьи. По тогдашним правилам быта и в силу классовых различий он не мог жениться на ней. Принц начал увядать, жил в уединении, отказывался от пищи.

Больного привели к Абу Али ибн Сине. Расспросы о причинах болезни не дали никаких результатов: пациент просто не хотел раскрывать свои сердечные переживания. Тогда Ибн Сина решил определить болезнь пульсовой диагностикой. Он был бесподобным мастером определять любую болезнь по пульсу.

Ибн Сина велел привести к нему человека, который бы знал названия всех кварталов города. Когда его привели, Ибн Сина стал наблюдать за пульсом больного, а знаток города стал громко называть наименования кварталов. При произнесении одного из них у принца участился пульс. Затем нашли человека, который знал по имени всех жильцов названного квартала. Его попросили называть имена глав семей, проживавших в том квартале. Ибн Сина продолжал следить за пульсом больного. Когда было произнесено имя одного ремесленника, принц стал испытывать сильное волнение. Этого ремесленника привели, и попросили называть имена своих детей. Когда он произнес имя дочери, ученый заметил сильное сердцебиение у принца.

Выяснив, что принц влюблен в дочь ремесленника, Ибн Сина назначил лечение: давать истощенному жениху один раз в неделю «оши палов» до тех пор, пока не восстановятся силы, а затем сыграть свадьбу.

Название блюда «оши палов» состоит из начальных букв всех продуктов, входящих в его состав: П — пиёз — лук; А—аёз — морковь; Л—лахм — мясо; О—олио — жир; В — вет — соль; О — об—вода и Ш— шоли—рис.

«Любимым и наиболее почетным при угощениях блюдом у таджикского народа считался плов. Существовали десятки способов приготовления плова. В богатых домах плов варился, чуть ли не каждый день, а в средних по зажиточности домах — обычно раз в неделю, вечером в канун пятницы. Для бедных плов был очень редким блюдом».

Вот другое высказывание: «Самым излюбленным кушаньем и традиционным блюдом таджикского народа является плов (палов), приготовляемый из риса в сочетании с мясом, луком и морковью. В него кладут жир, растительный или животный, обычно баранье сало. В зависимости от мяса, способа приготовления и приправы плов имеет десятки оттенков. Особенно выделяется плов самаркандский (паловисофї), бухарский с изюмом (палови мавиздор), плов с голубцами из виноградных листьев (палови токи), плов «Любительский» (палови «Хаваскор»).Своеобразным вкусом обладает плов, который варится на обрядовых пиршествах (палови туёна, или ошитуёна).

В прошлом плов был пищей зажиточных людей. Основное население готовило плов только как праздничное блюдо и для приема гостей, в бедных семьях плов вообще являлся очень редким кушаньем.

В настоящее время в городах и селениях плов стал обыденной пищей.

Плов — одно из достижений народной кулинарии. Хотя в приведенной легенде его приготовление связано с рецептом Ибн Сины, однако изобретение такого очень сложного блюда не может принадлежать одному человеку. Конечно, в его создание многие столетия вносили лепту рисоводы, скотоводы, овощеводы, ремесленники, домашние хозяйки, народные лекари и, безусловно, кулинары.

«Пища в семье всегда приготовлялась женщинами, на общественных же угощениях — большей частью мужчинами. Каждый мужчина считал обязательным для себя уметь приготовить плов, и это искусство служило нередко предметом гордости и соревнования».

Такие соревнования по приготовлению плова ведутся в чайханах и по сей день. Они сопровождают проведение досуга в кругу друзей, сослуживцев и соседей [6].

Таджикские пловы имеют золотисто-коричневый оттенок. Их готовят с морковью оранжевого цвета. Самаркандский и бухарский — имеют белый цвет, их обязательно готовят с морковью желтого цвета, зирбак с рисом перед подачей не перемешивают. Ферганский плов перед подачей тщательно перемешивают в казане (рис с зирбаком). В кавказских и турецких пловах рис подвергают тепловой обработке. Натуральный плов при подаче покрывается разными продуктами, предварительно подвергнутыми какому-нибудь виду тепловой обработки.

Каждый плововар должен знать сорта продуктов- компонентов плова, химический состав, пищевую ценность, иметь представление о целебных и диетических свойствах. Только тогда он станет не просто внимательным к людям, для которых готовит плов, а и борцом за их здоровье [1].

Как мы упоминали, по Ибн Сине, в плов (оши палов) входит семь компонентов.

**П (пиёз) — лук**. Без лука нельзя приготовить тысячи и тысячи блюд, конечно, и плов. При приготовлении плова используются лук репчатый и чеснок.

При приготовлении плова в результате сложных процессов, происходящих в луке при пассировке в раскаленном жире, содержащийся в нем сахар карамелизуется. В дальнейшем, при варке зирбака он придает ему коричневый цвет, благодаря которому плов приобретает особый кремовато-коричневый оттенок.

Кроме того, лук придает плову вкус. При приеме пищи это способствует нормальному выделению желудочного сока, что, в свою очередь, обеспечивает его нормальное усвоение организмом.

**А (аёз) — морковь**. В Индии, арабских странах, на Кавказе плов варят без моркови. Одной из особенностей таджикского плова является как раз то, что его нельзя приготовить без моркови. Однако количество закладываемой моркови зависит от разновидности блюда и составляет в одном случае 50% по отношению к рису, в другом — равное количество, в третьем — вдвое превышает количество риса. Морковь увеличивает объем готового блюда, способствует повышению припека риса, лучшему доведению до готовности мяса и, конечно, обогащению плова витаминами и минеральными веществами.

Для плова лучше использовать морковь, выращиваемую в Таджикистане, желтого и оранжевого сорта.

Химический состав моркови изучен хорошо. В среднем морковь содержит 9% сахара, от 0,8 до 1% клетчатки, 1 —1,5% азотистых веществ, различные минеральные соли. Морковь по праву называют поливитаминным корнеплодом. В ней содержатся все основные витамины: $B_1$:$B_2$, С, РР и каротин—провитамин А. Если красная морковь содержит больше сахара, белков и каротина, то в желтой много минеральных солей, витаминов С и группы В. Каротин хорошо растворяется в жире, однако при долгом пассировании каротин может улетучиваться. Поэтому при приготовлении плова нужна умеренная жарка, она обеспечивает полную сохранность этого полезного вещества. В этом отношении наиболее рациональна технология свадебного, самаркандского, бухарского и зеравшанского пловов.

**Л (лахм) — мясо.** Оно является ценнейшим продуктом питания. Представляет собой мускулатуру разделанных убойных и диких съедобных животных. В его состав входят также соединительная и частично нервная ткани.

Очень хороший плов получается из мяса, в котором жировая ткань как бы вкраплена слоями в мышечную. Это ярко видно на разрезе окорочных и спинных частей туши. Такое мясо имеет привлекательный внешний вид — «мраморность».

Особенно хорошим для плова является курдючное сало.

Многие экстрактивные вещества при варке мяса переходят в бульон или в подливу плова (зирбак). Поэтому тушение мяса после жарки,т.е приготовление зирбака, имеет важное технологическое значение в повышении вкусовых качеств плова. Чем дольше и медленнее тушится мясо в зирбаке, тем вкуснее плов. На плов идут следующие виды мяса.

Баранина. Для плова лучше мясо и курдюк барана. Мясо овцы менее вкусно, особенно кормящей ягнят.-

Самая лучшая баранина получается от курдючных, например гиссарских, баранов

стойлового откорма. Для плова идет и мясо каракульских ягнят, забитых для снятия смушки. Оно считается диетическим, так как очень нежное, со слабо развитой мышечной тканью, бледно-красного цвета без жировых прослоек.

Козлятина. Скозлятиной плов готовят очень редко: когда нет заменителя и специально для больных.

Говядина.Для приготовления плова говядину нарезают на мелкие, с грецкий орех, кусочки вместе с реберными косточками, не отделяя их от мяса, а разрубая на куски примерно со спичечную коробку. Жирная говядина идет и на плов с фаршем (плов с фрикадельками, с голубцами и др.).

Конина. В домашних условиях для приготовления плова конину почти не используют, а на больших угощениях варят довольно часто. Ее надо дольше жарить и тушить в зирбаке. Из свежей конины готовят особую колбасу (казы). Она считается деликатесом и идет на приготовление плова как в домашних условиях, так для свадебных угощений.

Мясо всех приведенных видов различается по упитанности (выше средней, средняя и ниже средней) в зависимости от откормленности животного, времени убоя, породы и др.

В таджикском плове используется также мясо домашних птиц (курицы, и индюшки) и дичи (куропатки, перепелки, фазана и др.). Это мясо варят целыми тушками или порционными кусками, но предварительно маринуют в смеси соли, специй, виноградного уксуса и нашинкованного лука. Это необходимо для удаления специфического запаха.

**О (олио) — жир**. Таджикский плов нельзя приготовить без масла (жира). В нем используются жиры животного (баранье сало и топленое масло), растительного (хлопковое, оливковое, подсолнечное, льняное, кунжутное, миндальное масло и др.) происхождения.Самым хорошим жиром для плова является баранье курдючное сало. С ним готовое блюдо получается отменным, с тонким букетом вкуса и аромата. Это вызывает хороший аппетит, который усиливается в процессе еды и не прекращается даже после ощущения полной сытости.

Кроме того, жиры имеют одно ненужное для кулинарии свойство — нейтрализовать аромат специй и приправ и ряда других продуктов. В плов же для улучшения вкусовых и ароматических качеств кладут тмин (зира), барбарис (зирк), черный перец горошком, красный стручковый перец, виноградный уксус, зеленый лук, чеснок, айву, кишмиш (изюм), а иногда и курагу.

**В (вет) — соль.** На первый взгляд соль может показаться незначительным компонентом плова, но она незаменима. Многие продукты, закладываемые в плов, можно успешно заменить или просто отказаться от них. К примеру, можно не класть перец, барбарис, и без них будет хороший плов. Можно заменить такие основные продукты, как мясо — айвой, чесноком, казы, сало — растительным жиром, морковь — репой, редиской и даже рис — специально приготовленной и мелконарезанной лапшой, яичной вермишелью и т. д. Но без соли нельзя приготовить множество блюд, в том числе и плов. Без соли блюда пресны, безвкусны. Соль — необходимый элемент для человеческого организма.

**О (об) — вода.** Каждому известно, что вода бесцветная жидкость без запаха и вкуса, состоящая из двух атомов водорода и одного атома кислорода. Вода — среда, в которой идут сложные реакции в процессе приготовления пищи, в частности плова. Опыты показывают, что для приготовления высококачественного плова зирбак надо кипятить не менее 45 мин., а когда плов готовится из мяса взрослых животных, конины и казы— час и дольше.

Пить воду после употребления горячего плова -вредно для организма и может привести к возникновению таких заболевании, как гастрит, язва желудка, колит, и образовать закупорки. Дело в том, что жир, если он еще и животного происхождения, при поступлении холодной воды быстро «застывает» в желудке, что нарушает нормальное течение пищеварительных процессов. Прием же горячего чая после плова благоприятствует их нормальному протеканию.

**Ш (шоли) — рис.** Рисовую крупу получают после обрушения шоли. Из круп рис наиболее богат крахмалом (88%); в его составе от 7 до 8% белковых веществ, 0,5% сахара и клетчатки, 0,8% жира и 0,6% воды. Кроме того, в нем содержатся витамины и минеральные вещества.

О рисе Ибн Сина писал: «Рис дает хорошее питание... Если сварить с молоком и миндальным маслом, он становится еще питательнее и лучше и отпадает его сушащее и

закрепляющее свойство, особенно (если) его мочить одну ночь в воде с отрубями. Рис принадлежит к средствам, медленно охлаждающим и очищающим. Сгущенный отвар риса на воде до некоторой степени закрепляет желудок».

Таким образом, для плова лучше использовать такие местные сорта риса, как девзира,окпар,юбилей,кенжа.

Изменения, как в рецепте, так и в способе приготовления приводят к возникновению разных вариантов плова, отличающихся по внешнему виду готового блюда, его вкусу и аромату и даже по диетическим свойствам [6].

Все пловы разделяются на девять групп:

I. Пловы обыкновенные.

II. Пловы с заменителями баранины и говядины.

III. Пловы с мясным фаршем.

IV. Пловы без мяса.

V. Пловы с добавлением бобовых круп.

VI. Пловы с заменителями моркови.

VII. Пловы с заменителями риса.

VIII. Пловы для большого числа людей (свадебные)'.

IX. Пловы особые.

Мы для любителей плова приводим рецепты некоторых видов таджикского плова. Рецепты всех видов даются из расчета на одну порцию. Они предназначаются не для предприятий общественного питания, где учитывают выход готового блюда, а для приготовления в домашних условиях.

Плов по-самаркандски (**палови самарқандӣ**): *200 г* риса, 50 г мяса, 50 *г жира,* 200 *г моркови,* 30 г *лука,* соль *и специи* — по *вкусу.*

Один из классических вариантов, характерный только для Самарканда и Бухары. Готовят во все времена года. Имеет диетические свойства, как и плов из замоченного риса.

Обжарить в раскаленном бараньем жире ломтики мяса до румяной корочки, положить кольца лука, продолжать жарку до образования коричневого цвета. Затем положить морковь, нарезанную соломкой, и сразу залить водой, заправить специями (зира, барбарис, перец), и варить на медленном огне до размягчения моркови. Заправить солью и засыпать промытый рис, залить нужным количеством воды и варить на пламени. После испарения влаги, перелопачивая верхний рисовый слой, накрыть на 10—15 мин. При подаче на стол плов не перемешивать, уложить на блюдо горкой сначала рисовый слой, а сверху положить мясо с морковью. Отдельно подать салат из помидоров, огурцов, или уксус из недозрелого винограда (гураоб).

В этом плове рис белого цвета с желтоватым оттенком [6].

**Плов зеленый (палови сабз).** Мясо, нарезанное мелкими кубиками массой 6—8 г, обжаривают с нашинкованным луком, добавляют рубленую зелень (кинзу) и жарят — 2—3 минуты. Обжаренные продукты заливают водой, заправляют солью, специями, доводят до кипения, засыпают предварительно замоченный в подсоленной воде рис и варят до загустения на медленном огне, часто перемешивая. Рис должен быть погружен в воде не выше 0,5—0,6 см. Когда вся жидкость будет поглощена, рис собирают горкой, плотно закрывают крышкой и доводят на медленном огне до готовности. При отпуске плов перемешивают, укладывают горкой и подают к столу. Отдельно можно подать салат из помидоров.

Рецепт: баранина — 108 г, или говядина — 110 г, рис — 110 г, зелень (кинза) — 72 г, лук репчатый — 56 г, масло растительное — 40 г, зира — 1 г

**Плов с фруктами (палов бо меваҳо ):** В сильно разогретом жире обжаривают кости (после снятия мякоти) до коричневого цвета, затем кладут мясо 25— 30 г, репчатый лук и варят вместе — 8—12 минут. К обжаренному мясу добавляют морковь, нарезанную мелкими кубиками и продолжают обжарку еще — 5—10 минут. После чего добавляют свежие яблоки, айву с удаленной сердцевиной, нарезанную кубиками, изюм, алычу, заправляют плов солью, перцем, заливают водой и тушат — 5—6 минут, затем засыпают предварительно перебранный и промытый рис, добавляют оставшуюся часть воды и варят. Когда жидкость будет поглощена рисом, плотно закрывают крышку котла и доводят до готовности на медленном огне в течение 25—30 минут. При подаче плов укладывают горкой, сверху кладут фрукты и кусочки мяса, посыпают рубленой зеленью.

Рецепт: баранина — 110 г, сало топленое — 40 г, рис — 100 г, айва — 33 г, яблоки свежие — 36 г, изюм и алыча — 25 г, морковь — 100 г, лук репчатый — 50 г, зира и барбарис — 5 г, зелень — 10г.

*Плов с голубцами из виноградных листьев (палови токӣ): 200 г риса, 100 г мяса (50 г на фарш), 75 г лука (25 г на фарш), 100 г моркови, 50 г жира, соль и специи — по вкусу. Виноградные листья берутся из расчета 12—15 шт. на порцию.*

Один из классических вариантов плова, возник среди крестьян, затем стали готовить все. Технологически более сложен. Готовят только весной (в мае). Из консервированных листьев можно приготовить и зимой.

В народной медицине рекомендуется людям, страдающим сосудистой дистонией, гипертонией, склерозом и заболеваниями органов пищеварения. Фарш легко усваивается, а нежная клетчатка виноградного листа улучшает перистальтику кишечника. Очень полезен при недостатке в организме витаминов, особенно С.

Баранину, предназначенную для плова, разделить на две части, из одной сделать фарш, другую с **костьми** обжарить в раскаленном жире вместе с луком и морковью, залить водой, положить соль и специи и дать закипеть на медленном огне.

Фарш, добавив лук, нашинкованный очень тонкими кольцами, соль, зиру и черный молотый перец, хорошо перемешать.

Собрать виноградные листья средней величины и нежности (третий-четвертый от верхушки каждой лозы), удалить черешки, промыть в холодной воде. Положив на каждый листик примерно по одной чайной ложке фарша, оформить круглые голубцы, разложить их на доску вниз швом и слегка придавить ладонью. После окончания формовки каждую пару голубцов сложить вместе швом друг к другу и нанизать на суровую нитку по несколько штук.

Нанизанные голубцы сварить в зирбаке или отдельно. По готовности засыпать подготовленный рис и варить плов, как обычно. Накрыть на 30 мин.

Перед подачей на стол осторожно вынуть голубцы, плов уложить горкой на блюдо, сверху положить голубцы, сняв их с нитки. Отдельно подать салат из редиски.

Рис, уложенный в блюдо горкой, зеленоватого цвета, сверху темно-зеленые голубцы величиной с грецкий орех [8].

**Плов любительский (палови «як биринч - як гушт).** *200 г риса, 200 г мяса, 50 г масла, 100 г моркови, 50 г лука, соль и специи — по вкусу.*

Нежирную баранину или молодую говядину отделит от костей. Мякоть нарезать с «воробьиные язычки» - на очень мелкие одинаковые кусочки. Перетопить жир и обжарить в нем мясо, вынуть при помощи дуршлага и отставить. Затем обжарить в масле кольца лука до коричневого цвета, положить кости и жарить вместе с морковью, нарезанной мелкими кубиками. После этого залить водой, дать закипеть и варить на медленном огне 1 ч, заправив солю и специями.

По готовности зирбака, засыпать промытый рис, залить необходимую воду и варить до полного набухания риса и испарения влаги. Перед накрытием положить обжаренное мясо, смешать все содержимое котла, собрать к середине горкой и накрыть на 20—25 мин.

При подаче на стол уложить плов на блюдо горкой, сверху положить кости. Отдельно подать один из салатов.

Получается горка риса коричневатого оттенка и мелких кусочков жареного мяса с морковью. «Як биринҷ - як гушт» переводится « к каждой рисинке — кусочек мяса» [6].

Плов с тыквой (палов бо каду): *200 г риса, 50 г мяса, 50 г тыквы, 50 г жира, 50 г моркови, 50г лука, соль и специи — по вкусу.*

Один из древних вариантов, забыт. Готовят осенью, зимой и весной. Имеет диетические свойства благодаря тыкве. Она полезна больным гастритом и язвой желудка улучшает *перистальтику* кишечника. В народной медицине вареную и охлажденную тыкву рекомендуют больным с повышенным давлением крови и как средство, улучшающее состав крови, послабляющее.

Тыкву очистить от семян и кожуры, нарезать кубиками (5Х5Х5 см) или наподобие спичечной коробки, промыть, отставить.

Перекалить жир, обжарить поочередно мясо, лук, положить морковь, залить водой. Когда зирбак закипит, заправить солью и специями. В него положить тыкву и варить до полуготовности. Положить промытый рис, разровнять, залить водой и варить до полной готовности.Накрыть на 25—30 мин.

Перед подачей на стол вынуть тыкву, плов перемешать, переложить на блюдо

горкой, тыкву подать отдельно, можно и в охлажденном виде.

Мягко сваренный рис желтоватого цвета, с коричневыми кусочками мяса и с желтыми облепленными рисом кусками тыквы очень аппетитны.

Вкус: риса, мяса в сочетании с тыквой. Аромат тыквы **и** специй [8].

**Плов «королевский» (палови «шохона»)**: Плов «Шохона» готовится на оливковом и миндальном масле.

В чугунном котле нагревают оливковое и миндальное масло, затем кладут кусочки корейки молодой баранины и обработанные туши перепелок и обжаривают до образования румяной корочки, потом закладывают лук репчатый нарезанный полукольцами перемешивают и продолжают обжаривать до образования золотисто-коричневого цвета лука, после чего закладывают в котел нашинкованную соломкой морковь, перемешивают и продолжают обжаривание до размягчения моркови, затем наливают воду, доводят до кипения, закладывают барбарис и варят на медленном огне 30-35 минут, затем кладут предварительно замоченный и промытый рис сорта «девзира» разравнивают его кафгиром по всей поверхности котла, доливают горячей воды, так, чтобы она покрыла рис на не более 1,5 см, и на сильном огне доводят до кипения.

После того, как рис впитает в себя всю воду, убавляют огонь, и на поверхность риса укладывают сваренные вкрутую, очищенные от скорлупы перепелиные яйца, затем котел плотно закрывают крышкой и оставляют на медленном огне на 25-30 минут для упревания.

Готовый плов подают на круглых больших блюдах, перепелок сверху, а вокруг плова укладывают перепелинные яйца и по бокам кладут баранью корейку. Отдельно подают салат Шакароб.

*Продукты:* на 6 персон: перепелки - 6 шт, корейка баранины - 1,2 кг, перепелиные яйца – 28- 30 шт., масло оливковое - 0,2 кг, масло миндальное - 0,2 кг, рис «Девзира» - 1.0 кг, морковь - 1,0 кг, лук репчатый *-0,3* кг, барбарис - 0.01 кг, зира, соль по вкусу.

**Плов «наврузи» (палови «наврузї»).** В чугунном котле нагревают льняное масло до температуры дымообразования и исчезновения пены, после чего добавляют оливковое масло и эту смесь нагревают до температуры 160°-180°С, затем закладывают тушки обработанных перепелок и обжаривают до образования румяной корочки.

После чего в котел закладывают лук репчатый, нарезанный полукольцами и мясо баранины или телятины, нарезанное кусками массой 50-55 граммов и продолжают обжаривание вместе с репчатым луком и перепелками, периодически перемешивая кафгиром (шумовкой) до образования румяной корочки мяса и золотистого цвета лука, затем добавляют морковь, нарезанную соломкой и все вместе обжаривают.

Продолжают обжаривание, периодически перемешивая продукты до полуготовности моркови, заливают холодной водой в объеме, чтобы вода покрывала продукты, усиливают нагрев и доводят до кипения.

*Продукты: на 1 кг риса,мякоть баранины или телятины -0,8 кг, перепёлки -3-4 шт., масло зигирное - 0,2 кг, масло оливковое - 0,15 кг, морковь -1,0 кг, лук репчатый - 0,3 кг, чеснок -5-6 головок, барбарис - 0,05 кг, зира, соль по вкусу [5]*

*Плов с сомом (мохипалов):* 200 г риса, 100 г рыбы (сом), 50 г масла, 100 г моркови, 50 г лука, 10 г чеснока, соль и специи — по вкусу.

Очистить сома, промыть в теплой воде, осушить салфеткой и нарезать ломтиками, как на шашлык. Чтобы нейтрализовать рыбный запах, посыпать солью, черным молотым перцем, смешанным с толченым чесноком.

Перекалить растительное масло, обжарить в нем рыбу до румяной корочки, снять и отставить.

В другом котле раскалить жир, обжарить лук, положить морковь, нарезанную соломкой, сразу залить водой и варить до полуготовности моркови. Затем засыпать промытый рис, долить необходимую воду и варить плов, как обычно.

Перед накрытием по середине плова сделать лунку, положить туда подготовленную рыбу, собрать рис горкой к середине котла и закрыть миской на 20—25 мин.

Перед подачей на стол смешать содержимое котла переложить горкой на блюдо и подать вместе с салатом из овощей.

Получается рассыпчатый плов белого цвета с кусочками жареной рыбы, с хорошо заметными желтыми полосами моркови. Вкус: специфический, сочетание риса, жареной рыбы и моркови с ароматом чеснока и специй [4].

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Аминова С. А. Таджикские национальные блюда / С. А. Аминова. – Таджикиздат, 1959. –С. 188.
2. Аминов С. Таджикская кулинария / С. Аминов, А. Ванукиевич. – Душанбе: Ирфон, 1966. -С. 167.
3. Бахтыгариев Р.М. Сборник рецептур таджикских национальных блюд и кулинарных изделий для предприятий общественного питания / Р.М. Бахтыгариев, М.И. Сафиев. – Душанбе: Ирфон, 1986. -С. 221.
4. Ванукиевич С.А. Сборник рецептур таджикских национальных блюд / С.А. Ванукиевич, Д. А. Илаева, Т. Худойшукурова и др. –Душанбе: Ирфон, 1967. -С. 167.
5. Каримов Ф.М. Национальная кухня и щедрые дары природы Таджикистана / Ф.М. Каримов. –Душанбе: Эр – Граф, 2011. –Ч.1. -С. 258.
6. Махмудов К. Узбекские блюда / К. Махмудов. –Ташкент: Узбекистан, 1976. -С. 294.
7. Ходжиев В. Фирменные блюда и напитки Таджикистана / В. Ходжиев. – Душанбе: Ирфон, 1988. -С. 144.
8. Ходжиев Вахоб. Пловы, таджикская кухня / Ходжиев Вахоб. – Душанбе: Ирфон, 1989. –С. 32.

**ИСТОРИЯ ТАДЖИКСКОГО ПЛОВА И ЕГО РАЗНОВИДНОСТИ**

В статье рассмотрена история возникновения таджикского плова и технология приготовления нескольких вариантов плова, среди них классические, специфические, обыкновенные, особенные разновидности, с заменителем основных продуктов, забытые и восстановленные плововарами республики. Рецепты всех видов даются из расчета на одну порцию. Они предназначаются не для предприятий общественного питания, где учитывают выход готового блюда, а для приготовления в домашних условиях.

**Ключевые слова:** софи, зирбак, плов, девзира, кенджа, аёз, олио, веет, плововар, льяное масло, сало, казы, барбарис.

**THE HISTORY OF THE TAJIK PLOW ANDITS VARIANTS**

In the article the history of the emergence of Tajik pilaf and technology of cooking plow several options, including classic, specific, common, special species, with the main substitute product, the forgotten and recovered, for republic plow cookers. All types of recipes are based on one portion. They are not intended for businesses catering, which takes into account the output of the finished dishes and for cooking at home.

**Key words:** sofi, zirbak, plow,devzira,ayoz, olio, veet, plow cooker, flax oil, fat of tail, kazy, barberry.

**Сведения об авторе:** ***Т.Г. Одинаев*** - старший преподаватель кафедры технологии производства продуктов питания и стандартизации Технологического университета Таджикистана. Телефон: **907-33-53-42**.
E-mail: **Odinaev.473@mail.ru**

# <u>ИЛМҲОИ ФАЛСАФА – ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ</u>

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ НЕРУҲОИ МОҲИЯТИИ ИНСОН ДАР ЭҶОДИЁТИ АРАСТУ ВА АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТАҲҚИҚОТҲОИ ПРОФЕССОР САИД НУРИДДИНИ САИД

***А. М. Миралиев, Ф. А. Аминов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар адабиёти фалсафию педагогӣ проблемаи ташаккули инсон чун раванди барқароршавии неруҳои моҳиятии инсон ҳамчун муҳимтарин самти тарбия ва таълим баҳогузорӣ мешавад. Ташаккули инсон раванди беист ва муттасили такомули қобилияти ақлию зеҳнӣ, инкишофи талаботу вусъатёбии қобилиятҳои истеҳсолию истеъмолии ӯ ба шумор меравад. Дар таҳқиқотҳои фалсафии доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуридини Саид мавзӯи ташаккули инсон чун мавзӯи меҳварии инсоншиносӣ ба маърази таҳқиқот гузошта шуда, муҳаққиқ проблемаи зикршударо дар ҷараёни муқоисаи фалсафаи Арасту ва Ибни Сино арзёбӣ мекунад.

Дар таҳқиқоти [1] Нуриддини Саид таҳлили муқоисавии проблемаи инсон, моҳият ва неруҳои моҳиятии инсон дар фалсафаи Арасту ва Ибни Сино анҷом дода шуда, заминаҳои иҷтимоию таърихӣ, сарчашмаҳои идеявию таърихии ташаккули андешаҳои ин ду мутафаккири бузург таҳлил шудаанд. Муаллиф тавонистааст хусусиятҳои хос, тобишҳои назарраси эҷодиёти ин ду файласуфро ифшо сохта, саҳми воқеии ин ду абармарди фарҳанги ҷаҳониро дар ташаккули инсоншиносии фалсафӣ муайян созад. Дар ҷараёни таҳлили муқоисавӣ муҳаққиқ бо ҳунари волои таҳқиқгарой умумият ва фарқияти назари ин мутафаккиронро доир ба проблемаи инсон нишон дода, нуктаҳои мушоияту алоқаманд ва хусусиятҳои фарқсозандаи назари онҳоро хосатан зикр мекунад.

Дар рафти таҳқиқ роҳҳои мухталифи ташаккули назарҳо, гуногунмавқеъ будани арзёбии проблемаи инсон дар осори Арасту ва Ибни Сино бо далелу бурҳони раднопазир арзёбӣ гашта, муҳаққиқ хусусияти марҳилаҳои таърихӣ, ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, муҳити фарҳангӣ ва фарқиятҳои таърихии муқарраротҳои арзишию ахлоқӣ, динию этникии давраҳои мушаххаси таърихиро бо таҳлили муқоисавӣ ба низоми андешарониҳои моҳиятшиносона ворид мекунад.

Дар заминаи мавод ва маълумотҳои сареҳу мушаххас лаҳзаҳои бархӯрди мавқеи назариявии ин ду мутафаккири бузургро нозук ва бо зарофати хос баён намуда, Нуриддини Саид ҳузури тавзеҳоти идеалистию материалистӣ ва дуалистиро дар фазои муҳокимарониҳои фалсафии онҳо ифшо сохтааст. Чун унвони мавзӯъ таҳлили муқоисавии моҳияти инсон ва неруҳои моҳиятии он дар осори Арасту ва Ибни Сино аст, муҳаққиқ кӯшидааст майлонҳои асосии ҷойгузории баробарию нобаробарии неруҳои моҳиятии инсонро дар раванди фалсафагароии онҳо ба силсилаи ҳукми таҳлилу таҳқиқ фаро гирад. Яке аз самтҳои таҳқиқоти Нуриддини Саид муқаррар сохтани нақши тарбияю таълим ва машқу тамрин дар ташаккули неруҳои моҳиятии инсон аст. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки таълим ва тарбияи ба ақл бунёдёфта мавзӯи меҳварии таълимоти ин ду мутафаккир аст. Хусусан Абӯалӣ ибни Сино мувофиқати панди муаллим ва рафтори ӯро шарти аввали таълиму тарбия дониста, проблемаи омода сохтани муаллиме, ки худ бояд тарбиядида ва таълимгирифта бошад, дар ҷойи аввал мегузорад. Саид Нуриддини Саид бо назокати хос ва баёни амиқулмоҳият консепсияи педагогии Ибни Синоро таҳлил намуда, ҷанбаҳои ҳанӯз таҳкиқнаёфтаи осори ин мутафаккирро муқаррар менамояд. Ҳадафи таҳқиқот таҳлили муқоисавии неруҳои моҳиятии инсон дар фалсафаи Арасту ва Ибни Сино буда, муҳаққиқ низоми комили усулҳои таҳқиқотиро ба роҳбарӣ гирифта, роҳҳои ташаккул ва инкишофи назарияҳои инсоншиносии ин файласуфони бузургро ба фазои таҳлили муқоисавӣ ворид месозад. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки дар мулоҳизаҳои Арасту ҳар рӯйдоду ҳодисаи дар олами воқеӣ зуҳуркунанда ва амалу рафтори мавҷудоти ҳаракаткунанда сабаби хосси худро дошта, иллатҳои содир шудани ҳаводисро мебояд аз умқи ташаккули олами ҳастӣ ҷуст. Моҳият ва аҳамияти ҳама мавҷудот, ашёву чизҳо фарогири сабабе ҳастанд, ки дар таълимоти Арасту ба ҳузури сурати (шакли) он алоқаманд мегардад. Дар ин ҳузурияту ҳастии мавҷудот Арасту қатъиян ҷамъ омадани таркиботи унсурҳои асосӣ- хок, об, ҳаво ва оташро таъкид мекунад. Ё дар

ҳолати дигар Арасту ҳамин унсурҳоро ба таъбири дигаре чун гармӣ, сардӣ, хушкӣ ва намӣ тасвир месозад. Муҳаққиқ Нуриддини Саид дар назарияи инсоншиносии Арасту мавҷуд будани принсипи детерминизм ва ҳам ҳузур доштани идеяи тасодуфро мушоҳида намуда, раванди таҳия шудани ҳамин назарияи Арастуро, бо далелҳои муътамад исбот мекунад. Инсон низ ба сабабе фаъолият ва ҳаракат мекунад, ки такондиҳандаи ин фаъолияту ҳаракат берун аз худи инсон ва новобаста аз ӯст. Дар «Метафизика» консепсияи қобилияти инсонро дар пайравӣ ба назарияи идеализми объективии Афлотун баён намуда, оғози амалу қобилияти инсонро ба сабаби берунии он, ба сабаби сабабҳо ва сурати аввал, яъне ба Худованд алоқаманд менамояд [2]. Ин ҷо Нуриддини Саид воқеъбинона ва объективона таълимоти инсоншиносии Арастуро чун зуҳури имкониятҳои замонӣ ва баёни талаботҳои ҷамъиятии қарни IV то мелод тавсиф мекунад. Қобилият, арз мекунад Нуриддини Саид, ин неруи моҳиятии инсон, маҷмӯи хосияту сифатҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавии инсон аст, ки дар тӯли фаъолияти таърихии ӯ ташаккул ёфта, дар ҳаёти воқеӣ ва фаъолияти предметию амалии ӯ сифатҳои такомулёфтаеро соҳиб шуда, дар фазои талаботу заруриятҳои ҷамъиятию таърихӣ зуҳур мекунанд. Қобилиятро набояд ба малакаю кордонӣ айният донист ва ҳамзамон набояд зид гузошт. Қобилият дар маҷрои тезутунди фаъолият, дар ҷараёни татбиқ шудани кори эҷодӣ, дар раванди маърифату муроқибаи ҳодисоту зуҳуротҳо шакл гирифтаю зуҳур карда, қатъиян ба тарзи фаъолияти ҳаётии одамон алоқаманд аст.

Бо истифода аз методи таҳқиқотии муқоиса Нуриддини Саид тавонистааст на танҳо назари Арастую Ибни Сино, балки Арастую Афлотунро низ ба низоми таҳлили қиёс баркашида, умумияту фарқиятҳои таълимоти онҳоро равшантар баён созад. Таълимоти инсоншиносӣ ва педагогии Афлотун ва Арасту дар замони муайяни таърихӣ ташаккул ёфта, нақши ҷомеаи юнонии дунёи атиқа он ҷо равшан зоҳир мегардад.

Қобили зикр аст, ки шаҳр-полисҳои юнонӣ дар фазои муносибатҳои моддию идеологии замони антиқа хусусияти хосси пешбурди фаъолиятҳои сиёсӣ, иқтисодию хоҷагидорӣ ва фарҳангиро дошт. Дар шаҳр-полисҳои инкишофёфтае, ки он ҷо тиҷорату савдо, сохтмон ва истифодаи муфиди меҳнати ғуломону ғайришаҳрвандон самаранок ба роҳ монда шуда буд, шаҳрванди юнонӣ, бахусус афинагӣ худро ҷузъе аз ҷомеаи кулли полис эҳсос мекард ва аз дастовардҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангию арзишии Афина чун шаҳрванди озод истифода менамуд. Барои инсони озоди афинагии қарни IV пеш аз мелод «дар доираи полис на танҳо метавон мавҷуди ҷисмонии хешро, балки ҳаёти осудаю ором, адолатхоҳона ва ахлоқнигоронаеро пеш бурд, ки хоси инсони шарофатманд аст» [3]. Мебоист таъкид намуд: занҳо ва муҳоҷирин, ҳатто ғуломи озодшуда ҳам дар шаҳр-полисҳо ҳуқуқи дар маҷлисҳои халқӣ иштирок намудан ва овоз доданро надоштанд, дар сурате ки афинагии озод метавонист ҳар эътирозу пешниҳоди худро дар Маҷлиси халқӣ ба овоз монад, дар ҳолати муфлисӣ аз шаҳр кумак бигирад ва ғайра.

Шаҳрванди миёнаҳоле, ки масъулиятҳои худро дар пеши шаҳр – давлат иҷро карда, вазифаи аввалини худро дар ҳимоя намудани манфиатҳои шаҳр-полис меҷӯяд, шаҳрванди намунавӣ ва қобили тақлиду пайравӣ буд. Дар фаҳмишу хаёл ва тасаввуроти афинагии қарни IV пеш аз мелод тасаввуроти кайҳонмарказии Ҳомер мақбул ва қобили пазируфтан буд. Мутобиқи ин фаҳмиш инсон дар маҷрои мавҷудияти абадии табиату кайҳон муваққатан ҳузур дорад ва табиат «машқгоҳи озмоишӣ» [1] барои инсон аст, ки он ҷо инсон худро дар оинаи табиат мушоҳида карда, худро маърифат карда, олами ботин ва амали зоҳири хешро меофарад.

Ба ҳамин монанд муҳити ҳаёти маънавӣ, шароитҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятии дунёи антиқа ва даҳҳо омилҳои танҳо ба Юнони антиқа хос афкори мутафаккиреро чун Арасту таҳия сохта буданд ва ӯ бешак чун фарзанди намунавии ҷаҳони антиқа ҳамин марҳилаи таърихӣ ва ҳамон муносибатҳои ҷамъиятии Афинаро, ки он ҷо муқимӣ буд, тараннум мекард.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, тарзи муносибатҳои истеҳсолии ҷомеаи атиқа, ки Арасту фарзанди ҳамон замон аст, ҳаргиз имкон намедиҳанд, ки ба моҳияти таърихию фаъолиятии қобилиятҳо сарфаҳм равад. Мебоист ёдовар шуд, ки Нуриддини Саид ҳанӯз дар китоби «Проблемаи қобилият дар таърихи фалсафа»[4] таҳлили бунёдии мафҳуми «қобилият» ва «ғайриқобилият»-ро дар осори Арасту анҷом медиҳад. Ӯ зикр мекунад, ки Арасту дар «Метафизика» таҳти мафҳуми «қобилият» хосияти сифатии

инсон, неруҳои ботинӣ ва зоҳирии ӯ, ҳолатеро дар назар дорад, ки дар зери фишори объекти дигар ҳам қобил ба устуворӣ ва ҳам қобил ба тағйирёбӣ хоҳад буд. «Ғайриқобилият» низ ҳолатест, ки мутазоди қобилият буда, сифати ғайриимкони иҷро намудани ҳаракат ё дигаргунсозии сифатиест. Дар мулоҳизаронихои Арасту зимни таҳлили мафҳуми «қобилият» ва «ғайриқобилият» Нуриддини Саид андешаҳои мутазодро мушоҳида карда, ба таъйиноти таълимоти инсоншиносии Арасту баҳои объективӣ медиҳад.

Дар таҳқиқоти Нуриддини Саид ҳамин ҷиҳатҳои фарқкунандаи афкори фалсафии Арасту дар алоқамандии эҷодиёти ӯ ба моҳияти инсон таҳлил гашта, афкори иҷтимоию фарҳангӣ ва таърихии назари Арасту дар алоқамандӣ ба умумияти ҳаёти полис ва таъйиноти инсони замони атиқа ба маърази тасвир гузошта мешавад. Муҳаққиқ дар муқоиса ба дигар арастушиносон раванди тағйир ё эволютсияи назари Арастуро мушоҳида намуда, аз мавқеи идеализми объективӣ ба фаҳмиши таърихию фарҳангӣ боло шудани таълимоти Арастуро мушоҳида мекунад, ки ин воқеан ҳам муваффақияти хосси таҳқиқгарист. Ӯ хосатан зикр мекунад, ки агар Ҳомер инсонро берун аз ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ тасвир сохта, ташаккули шахсияти инсонро чун мавҷуди ҷамъиятӣ ба эътибор нагирад, Арасту ин маҳдудияти Ҳомерро бартараф намуда, гуфтан мумкин аст дар фалсафаи антиқа яке аз аввалинҳо шуда (ҳатто дар муқоиса ба Афлотун низ) инсонро аз мавқеи моҳияти иҷтимоию фарҳангӣ меомӯзад. Дар таҳқиқоти Нуриддини Саид далеле қайд мегардад, ки Арасту дар таҳияи назари фалсафиаш ба моҳияти инсон анъанаи Гесиодро, ки он ҷо инсон чун мавҷуди сиёсию давлатӣ тасвир мегардад, на танҳо пайравӣ мекунад, балки ҳамин матлаб, яъне андешаи ҷамъиятӣ будани инсонро инкишоф медиҳад. Ба тасдиқи ҳукми Нуриддини Саид ҳаминро илова карданием, ки воқеан ҳам диллемаи назари теологию биологӣ ва фаъолиятию ҷамъиятии моҳияти инсон аз бартараф намудани маҳдудияти Афлотун аз ҷониби Арасту оғоз мегардад. Нуриддини Саид дар қатори манбаъҳои назариявии афкори инсоншиносии Арасту таълимоти намояндагони мактаби Милет, фалсафаи Ксенофан ва таълимоти антропологии Пифагорро ном мебарад. Воқеан дар ташаккули афкори инсоншиносии Арасту пайравӣ аз фаҳмиши фаъолиятшиносии Ксенофан, ки ташаккули инсонро дар маҷрои тарбияву таълим таъкид мекунад, мавқеи сазовор дорад. Вақте муҳаққиқ ҳамин далелро махсус қайд мекунад, таҳлили воқеӣ ва бунёдии таҳқиқоти проблемаи инсон дар фалсафаи Арасту аз ҷониби ӯ равшантар аён мегардад. Таҳлили фундаменталии ташаккули афкори антропологии Арасту аз ҷониби Нуриддини Саид бешак қобили баҳогузорию қадршиносии хос аст. Дар рисолаи таҳқиқотӣ муҳаққиқ дар фазои интиқоди Афлотун аз ҷониби Арасту манзараи ташаккули афкори инсоншиносии Арастуро таҳлил намуда, рафъи чаҳор маҳдудияти назари Афлотунро дар робита ба «олами эйдосҳо» аз ҷониби Арасту лаҳзаи оғози фарқияти методологӣ ва назариявии таълимоти Арасту медонад. Дар заминаи таҳлили бунёдӣ ва гуногунҷанба Нуриддини Саид ташаккули инсоншиносии Арастуро ба қалам дода, дар фазои таҳлили таърихию фарҳангӣ ва идеявӣ ба тавзеҳу баҳогузории фалсафаи антропологии Ибни Сино мепардозад. Ӯ зикр мекунад, ки Ибни Сино ҳам чун Арасту қобилиятҳои фитрӣ (ирсӣ) ва қобилиятҳои ҳусулиро (дар фаъолияти зиндагӣ бадастовардашуда) аз ҳам ҷудо мекунад. Ибни Сино ҳам мисли Арасту моҳият ва аҳамияти хислати накуи нафсро ҳолати миёнаи (васати) барзиёдӣ ва норасоӣ баҳогузорӣ намуда, қобилиятҳо дар шакли имконулвуҷуд ҳузур доранд. Муҳаққиқ боадолатона зикр мекунад, ки Арасту мутаассифона аз доираи муҳити замони худ берун набаромада, «афзалияти табиии элиниҳоро» васф карда, қобилиятҳоро ба мақоми таърихию фарҳангии ҳар халқ чун сифати абадии онҳо, ҳамчун нишонаи қудсии онҳо баҳогузорӣ мекунад. Дар сурате ки Ибни Сино, агар қобилиятҳои ҷисмонию табииро фитрӣ ҳисобад, қобилиятҳои рӯҳонию маънавии инсонро чун натиҷаи фаъолияти ҳаётии инсон медонад. Муҳаққиқ ибораи машҳури Демокрит «Инсон аз ҳамаи инсоният афшонда шудааст» [5] - ро иқтибос оварда, нақши таълиму тарбия ва сифатҳои муаллими тарбияро дар осори Ибни Сино ҷӯё мешавад. Ва ба хулосаи қатъӣ меояд, ки Ибни Сино қобилиятҳои ақлӣ, ахлоқӣ, инкишофи маҳорату малакаи техникӣ ва фаъолияти касбиро сирф аз тарбия ва таълим медонад [6]. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки агар Арасту дар таносуби рӯҳ ва ҷисм нақши муайянкунандаи ҷисмро афзал ҳисобад, Ибни Сино бошад, бартарияти рӯҳро таъкид мекунад. Ибни Сино дар тавзеҳи проблемаи ирсият ва ҳусулияти неруҳои моҳиятии инсон (дар ҷодаи пайравӣ ба консепсияи исломии инсон) комилан ба назарияи

Афлотун такя намуда, сабаби асосии илҳому ваҷд, нубуғияту қобилиятро дар ҳолати фавқулодаи рӯҳ, ки аз Худованд оғоз мегирад, тасвир менамояд. Дар охир зикр менамоем, ки дар тамоми таҳқиқотҳои доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддини Саид як матлаб таъкид мегардад: неруҳои моҳиятии инсон аз доираи тобеияти биологӣ ба сатҳи комилан нави сифатӣ – ба сатҳи ҷамъиятии он боло шуда, мазмуну мундариҷа, сифату хосиятҳои худро маҳз аз раванди инкишофи ҷамъият соҳиб мешавад. Фаъолият, талаботу эҳтиёҷ ва қобилият дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ сурат гирифта, бо ҳазорон риштаи алоқаю муносибат бо ҳам пайванданд. Инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда шарти вусъат ва паҳноияти талаботҳо хидмат намуда, ҳамзамон раванди воқеии эҷоду инкишофи қувваҳои дигари моҳиятии инсон, аз ҷумлаи қобилиятҳои ӯст.

## АДАБИЁТ


1. Нуриддин Саидов. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины / Нуриддин Саидов. –Душанбе: Ирфон, 2008.-С.12-13.
2. Аристотель. Метафизика / Аристотель. -Сочинение. В 4-х т. -М.,1978. -Т. 2. -С. 687.
3. Куманецкий К. История культуры древней Греции и Рима / К. Куманецкий. - М.: Высшая школа, 1990. - С. 142.
4. Саидов Н. Д. Проблема способностей в истории философии (на материалах западноевропейской философии) / Н. Д. Саидов. - Душанбе, 1996. -С.18.
5. Лурье С. Я. История античной общественной мысли / С. Я. Лурье. – Баку, 1929. -С. 343.


## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СУЩНОСТНЫХ СИЛ ЧЕЛОВЕКА В ТВОРЧЕСТВЕ АРИСТОТЕЛЯ И АБУ АЛИ ИБН СИНЫ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ПРОФЕССОРА САИДА НУРИДДИНА САИДА


В статье рассматриваются основные направления философских исследований доктора философских наук, профессора Саида Нуриддина Саида, касающиеся проблем сущностных сил человека и их сравнительный анализ в творчестве Аристотеля и Абу Али Ибн Сины. Подчеркивается, что методом сравнительного анализа профессор Саид Нуриддин Саид осуществляет объективный анализ разнонаправленности аристотелевской теории о человеке и многогранности антропологической теории Абуали Ибн Сино, определяя своеобразие, корреляционную связь, общность и различие основных идей Аристотеля и Абу Али Ибн Сины, прослеживает пути становления и развития их взглядов. Обоснована мысль о том, что концептуальные наблюдения профессора Саида Нуриддина Саида способствовали глубокому анализу отдельных направлений антропологической философии Аристотеля и Абу Али Ибн Сины. Его исследование является эталоном сравнительного и методологического анализа взаимосвязанных систем человеческих сущностных сил в творчестве этих двух великих мыслителей.



**Ключевые слова**: человек, способность, сущностные силы человека, сравнительный анализ, ценность, талант, умение, обучение, воспитание.


## COMPARATIVE ANALYSIS OF ESSENTIAL POWERS OF HUMAN BEING OF ARISTOTLE AND ABU ALI SINA (AVICENA) WORKS IN RESEARCHS OF PROFESSOR SAID NURIDDIN SAID


In this article authors consider the main directions of philosophical researches of Said Nuriddin Said, doctor of philosophy sciences, professor concerning problems of essential powers of human being in works of Aristotle and Abu Ali Sina (Avicena). Its hold be noticed that using the method of comparative analysis professor Said Nuriddin Said putsintopractice the objective analysis of different aspects of Aristotelian theory about human being and multi-sided anthropological theory of Abu Ali Sina (Avicena), identifying peculiarity, correlative connection, commonality and differences of main idea of Aristotle and Abu Ali Sina (Avicena), observing the way of its formation and development of their ideas.

It is well founded that conceptual observation of professor Said Nuriddin Said facilitated for the deep analysis of separate directions of anthropological philosophy of Aristotle and Abu Ali Sina (Avicena). His researches are model of comparative ant methodological analysis of interrelated systems of essential powers of human being in studies of these two great thinkers.



**Key words:** human, capability, essential power of human being, comparative analysis, values, talent, skills, education, upbringing.



**Сведения об авторах:** ***Миралиев А. М.*** – доктор педагогических наук, профессор, проректор Таджикского национального университета. Телефон: **+99237 221-62-25** (раб.),

***Аминов Ф. А.*** – кандидат философских наук, доцент, Таджикский национальный университет.

# ИБНИ АРАБӢ ВА ҶОМӢ

*Идибек Зиёев*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Ибни Арабӣ** (560 ҳ. Мурсия- 638, Димишқ) асосгузори «ваҳдати вуҷуд» дар тасаввуф аст. Маълумоти муқаддамотиро дар бораи назария ва амалияи тасаввуф аз хешовандонаш гирифта, баъдан сафарҳои дуру дарозаш ба ӯ имкон фароҳам оварданд, ки бо аксари таълимоти назариявии мавҷудаи сӯфиёна дар олами ислом шиносоӣ пайдо намуда, онҳоро аз нигоҳи фалсафӣ шарҳу баён намояд. Минбаъд ин амали ӯ ҷавҳари таълимоташ мегардад. Дар тафовут аз дигар мутафаккирони олами исломӣ ӯ асарҳои махсусе дар бораи илмҳои мантиқ, риёзиёт ва ё илми тиб нанавишта, дар осори ӯ 150 китоб – танқиди дигар мактабҳои фалсафӣ ба назар намерасанд. Ибни Арабӣ таваҷҷуҳашро ба шарҳи фалсафии масоили тасаввуфӣ равона карда, низоми гуногунсоҳа ва хеле ҳам мураккаби таълимоти фалсафии тасаввуфро пешниҳод кардааст. Осори ӯ на танҳо ба наслҳои баъдинаи мутафаккирони исломӣ таъсири амиқ гузошт, балки муҳаққиқон таъсири ақоиди ӯро дар эҷодиёти мутафаккирони ғарбие аз қабили Д.Скотт, Р. Декарт, Р. Лулий қайд намудаанд.

Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ дар Шарқ он андоза бузург аст, ки ӯро қисмати зиёди мутафаккирони сӯфимазҳаб (Ҷиллӣ, Ҷомӣ, Ғолиб, Шабистарӣ ва ҳатто Румиро) пайравон ва ё шореҳони ӯ ҳисобидаанд. «Маснавиии маънавӣ»-ро низ бо номи «Футуҳот»-и назми форсӣ эътироф намудаанд.

Осори ӯ: «Футуҳот-ул-маккия фи асрор-ил-моликия ва-л-мулкия» (иборат аз 6 фасл ва ба 560 боб тақсим шудааст), «Фусус-ул-ҳикам» (27 фасс, боб, «Фасси аввал, ҳикмат-ул-илоҳия фи калимат-ил-одамия» ва «Фасси 27-ум –«Фассу ҳикмат-ил-фардия фи калимати Муҳаммадияти»). Шарҳҳои «Фусус-ул-ҳикам» ниҳоят зиёданд (шарқшинос Брокелман шумораи онҳоро то 35 шарҳ навиштааст), вале машҳуртаринашон инҳоянд: «Мифтоҳ-ул-фусус»-и худи Ибни Арабӣ, «ал-Фукук»-и Садриддини Қунавӣ, «Шарҳи Талмисонӣ», «Шарҳи Довуди Қайсарӣ», «Шарҳи Абдурраззоқи Кошонӣ», «Шарҳи Бобо Рукниддини Шерозӣ» ва ғ.

«Фусус-ул-ҳикам»-ро муҳаққиқон доиратулмаорифи исломии илмҳои ботинӣ эътироф кардаанд. Ба андешаи Ибни Арабӣ, ваҳдати вуҷуд дар се сатҳ зоҳир мегардад: Ҳақ (Аллоҳ, Мутлақ), асмоъ ва сифот ва олами шаҳодат, ин чунин маъно дорад, ки се сатҳи ҳастӣ вуҷуд дорад. Баъзе муҳаққиқон панҷ сатҳи зуҳурот ва ё таҷаллиро низ пайгирӣ мекунанд

Аммо «Футуҳот-ул-маккия» оид ба ахлоқ, маърифат, ишқ ва ғ. мебошад, ки дар «Доиратулмаорифи форсӣ» (ҷ.2, саҳ.1844) онро садо ва инъикоси «Эҳё-ул-улум…»-и Ғазолӣ донистаанд.

Асарҳои дигаре низ дорад, ки ӯро сермаҳсултарин мутафаккири Шарқ донистаанд. Дар тасаввуф Ибни Арабиро бунёдгузори ирфони илмӣ ва таҳаввулдиҳандаи ирфон эътироф кардаанд, зеро ирфони завқӣ ва ишроқиро истидлолӣ ва илмӣ гардонидааст. Ибни Арабӣ чи дар давраи зиндагӣ ва чи баъди вафот мухолифони зиёде дошта, суханони ӯро рад карда ва ҳатто куфромез донистаанд.

Ҷомӣ дар тариқи сайр ва сулук, ирфон пайрави тариқати нақшбандия буд, ки аз силсилаи хоҷагон буда, дар қарни 9 нуфузи фаровон доштанд. Ҷомӣ ба дидори Хоҷа Муҳаммади Порсо, ки ҷонишини Баҳоваддини Нақшбанд буд, дар 5-солагӣ расидааст ва бо пайравони нақшбандия Фахриддини Луристонӣ, Абӯнасри Порсо, Шамсуддин Муҳаммад Кусӯӣ ва дигарон суҳбату мулоқот доштааст.

Ҷомӣ ба афкори Ибни Арабӣ муътақид буд, зеро китобҳои ӯ «Нақди фусус дар шарҳи Фусус» ва «Ашиъату ламаъот» далели ин даъвост. Аммо пиру муршиди аслии ӯ, ки дар тамоми умр ҳалқаи иродаташро дар гӯш дошт Хоҷаносируддин Абдуллоҳи Аҳрор буда, чаҳор бор бо ӯ мулоқот карда, мукотиба доштааст.

Аз Ҷомӣ осори зиёди манзуму мансур дошта, баъзе тазкиранависон осори ӯро 45 муҷаллад (Сом Мирзои Сафавӣ дар «Туҳфат-ус-сомӣ»), 47 ҷилд (Абдулғафури Лурӣ шогирдаш) ва баъзеҳо 54 ҷилд зикр кардаанд.

Осораш: «Девон» (бо номи сабъа масонӣ низ машҳур аст, вале он ба се қисм «Фотиҳат-уш-шубоб», «Воситат-ул-иқд» ва «Хотимат-ул-ҳаёт» тақсим шудааст).

«Ҳафт авранг» аз маснавиҳои «Силсилат-уз-заҳаб», «Саломон ва Абсол», «Туҳфат-ул-аҳрор», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хираднomaи Искандарӣ» иборат мебошад.

«Шавоҳид-ун-нубувва», «Ашиат-ул-ламаъот» (дар шарҳи «Ламаъот»-и Фахриддини Ироқӣ), «Шарҳи Фусӯс-ул-ҳикам», «Лавоеҳ», «Рисолату фи-л-вуҷуд», «Нақд-ул-фусус», «Рисола дар тариқи сӯфиён» ва ғ.

«Нафаҳот-ул-унс» дар бораи 582 сӯфӣ ва 32 нафар занони орифа навишта, дар муқаддимаи он Ҷомӣ маълумоти муфассале дар бораи тасаввуф, шарҳи истилоҳоти сӯфия, каромот, хориқулодот ва ғ. зикр шудааст. Шогирдаш Абдуғафури Лорӣ онро такмил намуда, маълумоти хеле ҷолибе дар бораи Ҷомӣ ворид намудааст.

«Лавомеъ»-и Ҷомӣ дар шарҳи қасидаи хамрияи Ибни Фориз (мимия) таълиф шудааст.

*Рӯзе, ки мадори чарху афлок набуд,*
*Омезиши обу оташу хок набуд.*
*Бар ёди Ту маст будаму бодапараст,*
Ҳарчанд нишони бодаву ток набуд (Лавомеъ, интишороти Меҳр, 1341, с.27).

Ба Ҷомӣ лақаби «Хотам-уш-шуаро» додаанд.

Масъалае, ки дар ин мақола мавриди назар қарор мегирад танҳо мавзӯи шарҳу баёни «ваҳдати вуҷуд» аз назари Ибни Арабӣ ва Ҷомӣ мебошад.

Осори ирфонии Ҷомӣ иборатанд аз «Нақд-ун-нусус фи шарҳи Нақш-ил-фусус» (ин китобро худи Ибни Арабӣ аз «Фусӯс-ул-ҳикам» бо ҳамин ном ба таври ихтисор интихоб намудааст). Ин асар насри омехтаи форсӣ-арабӣ буда, дар он нуктаҳои асосии таълимоти Ибни Арабӣ шарҳу баён ёфтаанд, вале масъалаи асосии он масъалаи ваҳдати вуҷуд мебошад. Ҷомӣ дар пайравӣ аз Ибни Арабӣ андешаеро ҷонибдорӣ мекунад, ки тибқи он ҳастии Худо худ аз худ пайдо буда, тамоми ҳастиҳои дигар (мавҷудоти дигар – И.З.) аз Ӯянд, яъне ҳастии онҳо аз худашон вобаста намебошад. Одам дар дарки Ӯ оҷиз аст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ дар ин китоб он аст, ки Ҷомӣ инсонро беҳтарин, мукаррамтарин, шарифтарин махлуқи Офаридгор ҳисобида, Худованд дар ӯ «аз ҳар сифати бепоёни худ кам-кам дар ӯ ниҳодааст, то бо ин андак он бисёр ва бениҳоятро тавонад фаҳм кардан».

«Лавоеҳ» (ё номи дигараш «Рисола дар баёни маориф ва маонӣ» буда) дар он аксари истилоҳоти ирфонӣ шарҳу баён ёфтаанд.

*Эй бародар ту ҳамин андешаӣ,*
*Мо бақӣ ту устухону решаӣ.*
*Гар гул аст андешаи ту, гулшанӣ,*
*В-ар бувад хоре, ту ҳама гулханӣ (Мавлоно).*

Ҷомӣ гуфтааст:

*Гар дар дили ту гул гузарад, гул бошӣ,*
*В-ар булбули беқарор, булбул бошӣ.*
*Ту ҷузвию ҳақ кул аст, агар рӯзе чанд,*
*Андешаи кул пеша кунӣ, кул бошӣ.*

«Шарҳи рубоиёт» Ҷомӣ 46 рубоии ирфониро ба исботи ваҳдати вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби шуҳуд бахшидааст. Ба андешаи ӯ, вуҷуди ҳақиқӣ яке беш нест ва ин айни вуҷуди ҳақ ва ҳастии мутлақ буда, олами мавҷуд ҳама партави ҷамоли Ӯ, ҳама аз Ӯ ва ҳама бад-Ӯст. Ин ҳастии мутлақ зоти мутлақи ягона бошад ҳам, дорои **сифатҳои гуногун** мебошад ва маҳз ҳамин **сифатҳо** боиси он мегарданд, ки ҳақиқати ягонаи мутлақ **дар шаклҳои гуногун зуҳур карда, дорои номҳои гуногун мешавад.** Пайравони ваҳдати вуҷуд зери мафҳуми «зот» мафҳуми «аҳадият» (ваҳдат, ягонагӣ) ва бо мафҳуми «сифот» мафҳуми «касрат» (бисёрӣ)-ро дар назар доранд.

**1.Ваҳдати вуҷуд.** Ҳастӣ ягона аст. Ва ин ҳастӣ - мавҷудият ё вуҷуди Худованд аст, ғайри Ӯ чизе вуҷуд надорад, ки дорои **ҳастии ҳақиқӣ** бошад, ки қобилияти бе Ӯ вуҷуд доштан дошта бошад. Мавҷудияти дигар мавҷудот дар нисбати мавҷудияти Ӯ адам (набудан, нобудӣ) аст, зеро мавҷудияти онҳо бо мавҷудияти Ӯ алоқаманд ва вобаста мебошад.

Тамоми мавҷудоти ин олам - мавҷудоте мебошанд, ки Ӯ онҳоро ба он мушарраф гардонидааст. Барои ҳамин моҳияти ашё ба моҳияти соя шабоҳат дорад. Ҳамон тавре, ки бе вуҷуд доштани предмет сояи он вуҷуд надорад, зеро бе вуҷуди Ӯ вуҷуд доштани ягон предметро тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро мавҷудияти ин олам ва ашёи он бе мавҷудияти Ӯ вуҷуд надорад.

Танҳо Ӯ вуҷуд дошт. Танҳо Ӯ онҳоро ба мавҷудият мушарраф гардонид. Ва ин ашё дорои **зоти мустақил** набуда, балки **амвоҷи укёнуси зоти Таоло мебошанд**. Дар айни замон Зоти Ҳақ - танҳо Ӯ мебошад. Вақте дар ҳузури Боязиди Бистомӣ гуфтанд, ки: **«Танҳо Аллоҳ вуҷуд дошт. Ба ғайри Ӯ ҳеҷ зоте вуҷуд надошт»**, ӯ чунин посух гуфта буд: **«Ҳоло ҳам ғайр аз Ӯ зоте вуҷуд надорад».** Дар фаҳмиши «ваҳдати вуҷуд» - «ваҳдат» (ягонагӣ) - ин дониш ва ғоя мебошад. Солик зимни сайри камолот дарк мекунад, ки танҳо як Вуҷуд дорои **вуҷуди ҳақиқӣ** мебошад ва он **Аллоҳ таоло ва нишонаҳои Ӯ мебошад**. Ӯ итминон дорад, ки ягон вуҷуд, ба ғайр аз Аллоҳ дорои вуҷуди мустақили ҳақиқӣ намебошад. Аммо **ин маърифат ва ин имон на маҳсули хулосабарориҳои мантиқӣ**, балки аз роҳи **таҷрибаи рӯҳонӣ** дар рафти риёзат ва инкишофи рӯҳонӣ ба даст меояд. **Ин маърифат бе таҷрибаи рӯҳонӣ арзише надорад**.

Дарки ҳақиқати ваҳдати вуҷуд дар рафти дониши рӯҳонии роҳ тавассути **қалб** ба даст меояд. Маншаи ин дониш теъдоди ибодатҳои зиёд мебошад. Мубориза алайҳи нафс, раҳоӣ ёфтан аз алоқамандӣ ба олам аст, пайваста дар зикри Аллоҳ будан - ба фазли ин ва ё чизи ба он монанд дар қалб **ишқи Худо** тавлид меёбад. Ҳамон вақт қалб аз ашёи даргузар раҳоӣ ёфта, ба **оинае** табдил меёбад, ки дар он **нури асмоъ ва сифатҳои Таоло** зоҳир мешаванд. Дар лаҳзаи ишқи шадиде, ки қалбро саршор менамояд, солик **инъикос ва сояи Аллоҳ таолоро ба ҷойи Зоти Ӯ** қабул намуда, ба забон меорад: «Ана-л-Ҳақ» (ман Худоям). Чи тавре ки дар ҳадис омадааст: ***«Бандаи ман ба Ман бо воситаи корҳои савоб ва Хайр то дараҷае наздик мешавад, ки Ман ба чашмони ӯ, ки бо онҳо мебинад, табдил меёбам, дасте мешавам, ки бо он мегирад, гӯшҳое мешавам, ки бо онҳо мешунавад, пое мешавам, ки бо онҳо роҳ меравад»***, банда амалҳои худро амалҳои Худо эҳсос мекунад. Харчанд ки афъоли ҳар банда афъоли Худо мебошанд, инсон аз он ҷоҳил мебошад. Ҳолати фано (худофаромӯшӣ), ҷамъ (якшудан бо Худо) ва ваҳдат ба он меоваранд, ки ҳиҷоб дармеафтад ва банда ба эҳсос кардани ин ҳақиқат оғоз мекунад.

Аз сабаби он ки ғояи ваҳдат, ки дар натиҷаи таҷрибаи рӯҳонӣ ва камолоти рӯҳонӣ одатан дар ҳолати сукр ва ваҷди рӯҳонӣ ба даст меояд, баъзан онро метавон дар шакле баён намуд, ки барои фаҳмиш мушкил аст ва дар назари аввал мухолифи шариат мебошад. Масалан, дар ҳолати эҳсоси ваҳдат Боязид гуфта буд: ***«Субҳонӣ мо аъзама шаънӣ» (ман аз нуқсон пок ҳастам, шарафи ман бузург аст», «Дар ҷуббаи ман чизе гайри Худо нест».*** Мансури Ҳаллоҷ **вуҷуди худро ба фазли вуҷуди Аллоҳ дида**, ва дар вуҷуди худ ҳеҷ каси дигарро ба ҷуз Аллоҳ таоло надида, гуфта буд: **«Ано-л-ҳақ» (Ман Ҳақам).** Аммо дар ин ҷо ҳудуди нозуке вуҷуд дорад. **Номи «Аллоҳ» ба Зоти Ҳақ ва Ҳақ ба Зухуроти Ӯ** мансуб дониста мешавад. Барои ҳамин дар байни «Ано-л-ҳақ» ва «Ано-Аллоҳ» (Ман-Аллоҳ) фарқ вуҷуд дорад.

Барои ба забон овардани «Ано-л-ҳақ» Ҳаллоҷро ба қатл расониданд, аммо суханони қабл аз ба қатл расониданаш нишон медиҳанд, ки ин **маҳсулу натиҷаи рафъат ва ваҷди рӯҳонӣ-маънавӣ** мебошад. «Бандаҳои Ту барои наздик буданашон бо Ту ва итоат аз дин қасд доранд маро бикӯшанд. Онҳоро бубахш!. Барои он ки Ту агар он асроре, ки ба **ман ифшо кардӣ ба онҳо мегуфтӣ, онҳо дар бораи ман чунин фикр намекарданд.** Ва агар Ту он чиро аз онҳо пинҳон кардӣ, аз ман низ пинҳон мекардӣ, ман чунин намегуфтам». «Худоё, дар ҳама ҷо танҳо Ту зоҳир мешавӣ. Зоҳир шудани Ту ман аст. Имкони вуҷуд доштани ман хилофи мавҷудияти Туст ба фазли ман аст … Вуҷуди инсонии ман бидуни иттиҳод (васл) бо ҳукмронии Ту ғайриимкон аст. Ҳукмронии Ту зоти инсонии маро бидуни ламс кардан иҳота намудааст. Далели он ки Ту ал-Қадим ҳастӣ, ҳастии ман ба сифати ҳодисаи баъдӣ мебошад. Далели вуҷуд доштани ман ба сифати ҳодисаи дар зери пардаи қадимияти Ту бар ҳама чиз қарор дорад» [1].

Мо мебинем, ки Имом Ғазолӣ, ки тасаввуфи аҳли суннатро ба низом даровардааст (муназзам намудааст), дар масъалаи ваҳдати вуҷуд ба ғояҳои сӯфиёни аввалин пайравӣ намуда, як қатор андешаҳои худро, ки аз назари муайян барои дигар мутафаккирони сӯфӣ, ки «ваҳдати вуҷуд»-ро тавсеа додаанд, инкишоф додааст. Дар **«Эҳё улум-уд-дин»**-и худ дар бораи маърифати Худо навиштааст: «Дар олами вуҷуд чизе ғайри Аллоҳ ва афъоли Ӯ вуҷуд надорад. Тамоми олам - афъоли Ӯ мебошанд». Дар китоби **«Мишкот-ул-анвор»** низ ба ин савол баргашта андешаҳояшро чунин баён кардааст: «Орифоне, ки шинохти рӯҳонии худро ба охир расонидаанд, дар ин олам танҳо вуҷуд доштани Аллоҳро қоил шуда, мавҷудияти ҳама чизи ғайри Аллоҳро инкор кардаанд». Зеро амр шудааст ки: **«Ҳар чиз ҳалокшаванда аст, магар рӯйи Ӯ»** [1]. Ибораи «ҳалокшаванда аст» (ҳолик) дар оят ба

сифати доимият, на вақти бо кадом як лаҳзаи вақт маҳдудшуда, далолат мекунад. Дар асоси ин ҳолат метавон гуфт, ки аз маънии ин оят вуҷуди абадии Аллоҳ ва адами вуҷуди ҳама мавҷудоти дигар бармеояд. Дигар хел шуданаш имкон надорад. Барои орифон интизор шудани ба охиррасии дунё зарурате вуҷуд надорад, то ки хитоби Қуръон: **«Имрӯз подшоҳӣ аз они кист?. Аз они Худои ягонаи Ғолиб аст»[1]** -ро бишнаванд. Баръакс, ин хитобро ӯ ҳар лаҳза мешунавад. Ҳама орифон дар он ҳамақидаанд, ки баъди шинохти ҳақиқат онҳо касро ба ғайр аз Аллоҳ надидаанд. Орифон аз касрат дур шуда, ба сӯйи Ваҳдати мутлақ сайр намуда, дар ҳолати сукри рӯҳонӣ мегуфтанд, ки **«Ман вуҷуди ҳақиқӣ»** мебошам ва ё «ман аз нуқсонҳо покам, шаъни ман бузург аст» ва ё «зери ҷуббаи ман ғайри Аллоҳ касе нест». Суханони ошиқонро, ки дар ҳоли сукри рӯҳонӣ ба забон омадаанд, набояд фош кард ва ба касе нақл кард. Онҳоро бояд махфӣ нигоҳ дошт. Баъди аз сукри рӯҳонӣ раҳо шудан, яъне ҳушёр шудан, ориф муътақид шуда, собит менамояд, ки ваҳдат дар маънои ҳақиқиаш ваҳдат набуда, ин танҳо ҳолате буд, ки ба ваҳдат шабоҳат дошт. Ҳарчанд ки номи ин ҳолати сукри рӯҳонӣ дар маънои маҷозиаш ҳамчун «ваҳдат» садо диҳад ҳам, номи ҳақиқии ин зуҳурот – «тавҳид» (якахудоӣ) мебошад.

Ғояе, ки дар суханҳои Ғазолӣ омадааст: **«Ба ғайр аз Ӯ вуҷуде нест»**-ин ваҳдати вуҷуд аст, ҳарчанд ки ӯ инчунин наменамояд. Дар худи ҳамон замон, худи Ибни Арабӣ низ, ки муассиси ваҳдати вуҷуд ба ҳисоб меравад, ин истилоҳро истифода набурдааст. Ин мафҳум баъди Ибни Арабӣ тавлид ёфтааст.

Дар фаҳмиши Ибни Арабӣ, **тамоми мавҷудот аз як ҳақиқат иборат мебошанд. Ҳама он касрат ва гуногуншаклие, ки мо дар ҳастӣ мебинем-ин эҳсосотест, ки аъзоҳои ҳиссии мо онро тавлид намудаанд**. Аллоҳ вуҷуди мутлақ аст. Барои вуҷуди Худ Ӯ ба ҳеҷ як сабабе ниёз надорад. Фаҳмидан ва **дарк кардани моҳияти Ӯ ва ҳақиқати моҳияти Ӯ ғайриимкон аст.**

Ибни Арабӣ ба вуҷуд омадан ва пайдошавии ҳама мавҷудотро чунин шарҳ додааст: «Аллоҳ буд ва чизе ғайри Ӯ вуҷуд надошт (набуд). **Аллоҳ таоло ин оламро барои он офарид, ки дар он асмо ва сифоти худро зоҳир намояд.** Аллоҳ қаблан медонист, ки дар кадом шакл ва чӣ гуна мо ва боқимонда ашёро халқ хоҳад кард. Агар намедонист - халқ намекард, зеро ба ғайр аз Ӯ ҳеҷ чизе набуд, он низ ғайриимкон аст, ки Ӯ образи ин оламро аз кадом як сарчашмаи дигар гирифта бошад. Зеро Ӯ батафсил медонист, ки дар кадом шакл мо ва ин оламро хоҳад офарид, ин олам ва дониш дар бораи он дар шакли эҳтимол вуҷуд дошт. Ӯ ҳама инро қаблан медонист, зеро дониш (илм) ин сифати Ӯ мебошад. Сухан гуфтан дар бораи он ки Аллоҳ баъдан онро донист, ки моро хоҳад офарид, маънояш ин аст, ки нуқсони илми Ӯро қайд намоем». Ин илми Аллоҳ дар бораи олам ва ашёро Ибни Арабӣ **«аъёни собита»** меномад.

Ҷомӣ фармуда:

*Дар кавну макон нест аён ҷуз як нур,*
*Зоҳир шуда он нур ба анвои зуҳур.*
*Ҳақ нуру танаввуи зуҳураш олам,*
*Тавҳид ҳамин асту дигар ваҳму гурур.*

*Ду ҷаҳон соя асту нур Туӣ,*
*Сояро мояи зуҳур Туӣ.*
*Ину он сурат асту маънӣ Ту,*
*Нест мавҷуд сурате бе Ту.*

*Аввал Ӯ буду коинот набуд,*
*Ёфт з-Ӯ ҷумла коинот вуҷуд.*
*Охир Ӯ монаду намонад кас,*
*Куҳна Ӯро ҷуз Ӯ надонад кас.*

*Аъён ҳама шишаҳои гуногун буд,*
*К-афтод бар он партави хуршеди вуҷуд.*
*Ҳар шиша, ки буд сурх ё зарду кабуд,*
*Хуршед дар он ҳам ба ҳамон ранг намуд.*

*Чун баҳр нафас занад, чӣ хонанд? – Бухор.*
*Чун шуд мутароким он нафас, абр шумор.*

*Борон шавад абр чун қатра нисор,*
*В-он борон селу сел – баҳр охири кор.*

Аммо Ҷомӣ бо ин ҳам (эътироф кардани ваҳдати Худо) қаноатманд нашуда, ягонагии Худоро ҳамчун ягонагии кавну маконро пешниҳод мекунад. Барои ин бошад, дар қалби инсон бояд танҳо ваҳдат (на касрат) ҷо дошта бошад ва ин чунин маъно дорад, ки инсон набояд дар бораи **«мо сиво Аллоҳ»** ба андеша равад. Аз ин рӯ, ӯ чаҳор навъи тавҳид: **маънавӣ, илмӣ, ҳолӣ ва илоҳиро** пешниҳод мекунад. Тавҳиди маънавӣ ба имони ботинии инсон ва фармудаҳои Қуръон, пайғамбар ва дигар авлиё асос меёбад.

Тавҳиди илмӣ – инсон роҳи тасаввуфро ихтиёр намуда, қаблан дарк кардааст, ки танҳо Худои ягона вуҷуд дорад ва танҳо Худо дорои ҳастии ҳақиқӣ ва воқеӣ мебошад.

Тавҳиди ҳолӣ – эътироф кардани ягонагии Худо тавассути ҳулул шудан дар Ӯст. Монанди он ки нурафкании офтоб нурафкании ахтаронро низ дар бар мегирад. Инсон, ба андешаи Ҷомӣ, он қадар дар дар Худо маҳлул шуда як мешавад, ки ӯ дигар чизеро мо сивои Худои ягона мушоҳида кардан наметавонад. Ин ба қатарае шабоҳат дорад, ки ба баҳр афтидааст.

Тавҳиди илоҳӣ – эътироф намудани ягонагии Худо аз рӯйи **талқин** мебошад ва ин чунин маъно дорад, ки инсон новобаста аз шавқу рағбатҳои худ ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳо ба ҳамду санои Ӯ машғул аст, зеро инро Худованд ба ӯ талқин кардааст (Ниг. Нафаҳот-ул-унс, с.15).

Дар «Ҳафт авранг» бошад, ӯ **Худоро иборат на аз ҷисму андом, на аз модда, беҳудуду беинтиҳо, беҷиҳат медонад, зеро Ӯ бемислу монанд буда, Ӯро наметавон ба чизе муқоиса намуд. Дар олам ҳама чиз бо чизе иваз карда мешавад, танҳо Худост, ки бебадалу беиваз боқӣ монда, аз ҳама сифатҳои дунявӣ берун аст** («Ҳафт авранг», с.27).

Худо, дар назари Ҷомӣ, холиқу офаридгори тамоми ашё, хайроту неъматҳои заминӣ, ҳамарофарогиранда, комил ва беайбу нуқсон аст. Инсон Худоро на ба воситаи чашм ва на ба воситаи гӯш шинохтан наметавонад ва ғ.(«Ҳафт авранг», с.82).

Масъалаи «ваҳдати вуҷуд», ки бевосита ба масъалаи ҳастии Худо алоқаманд мебошад, далели умумият доштани андешаҳои дар байни донишмандони шарқӣ интишорёфтаи фалсафаи юнонӣ ва махсусан пайравони навафлотуния тавассути осори Киндӣ, Форобӣ, Сино ва дигарон мебошад.

Ҷомӣ дар «Шарҳи рубоиёт» овардааст:

*Воҷиб чу кунад таназзул аз ҳазрати Зот,*
возвращается к началу. Что касается определений, то все они имеют свое завершение» [1, с.382-383]. Из этой цитаты можно сделать вывод, что практическая мысль и теоретическая мысль всегда наталкиваются, соответственно, на предмет и определения, причем, круговым вращением, т.е. с помощью ума. Исходя из этого, Аристотель утверждает, что «… мышление скорее похоже на покой и остановку. И точно так же умозаключение» [1, 383], что является неверным, противоестественным утверждением и требует дополнительного освещения. Из приведенных отрывков можно отметить следующие моменты: 1) началами для практической мысли и теоретической мысли являются, в том числе и искусственные тела, поскольку в своей теории Аристотель нечетко разделяет искусственное и естественное; 2) поскольку виды деятельности души производятся частями души, следует, что управление телом производится тесной связью души и тела, как у Платона и Демокрита [1, 381]; 3) следовательно, утверждение Аристотеля «Вообще душа, надо полагать, движет живое существо не так, а некоторым решением и мыслью» [1, 38] тоже сводится к тесной связи между душой и телом; 4) выходит, что душа есть только у живых существ, и управление телами живых существ производится именно так, как описывает Аристотель, но никак по-другому. Но как происходит управление телами неживых существ? Есть ли у них душа и как управляется тело неживых существ и чем? 5) следовательно, Аристотель утверждает, что душа управляет телом посредством частей тела, мышлением и умом, однако нет механизма, который дал бы возможность объяснить взаимодействия между ними. Таким образом, получается, что нет научного обоснования и объяснения управления телом душой с точки зрения современного естествознания.

Рассматривая дошедшие до его времени мнения о душе, Аристотель сначала дает определение «сущности», «материи», «жизни», затем с ними связывает душу. «Итак, под сущностью мы разумеем один из родов сущего; к сущности относится, во-первых, материя, которая сама по себе не есть определенное нечто; во-вторых, форма или образ, благодаря которым она уже называется определенным нечто, и, в-третьих, то, что состоит из материи и формы. Материя есть возможность, форма же – энтелехия, и именно в двояком смысле – в таком, как знание, и в таком, как деятельность созерцания» [1, 394].

Из этого отрывка отметим следующие важные моменты, понимание которых дает возможность осмыслить сказанное Аристотелем: 1) если сущность есть один из родов сущего, то следует, что сущее есть вид. Возникает вопрос: каким образом вид превращается в род; в данном случае, как сущее превращается в сущность? Только после выяснения ответа на данный вопрос появляется возможность утверждать, что сущность есть материя. Следует отметить, что у Аристотеля нет ответа на поставленный вопрос. 2) так как в своей теории Аристотель не делает отличия между «материей» и «массой», то под утверждением «материя, которая сама по себе не есть определенное нечто» подразумевается, видимо, какая-то вещь, не имеющая форму или образ. Между словами «форма» и «образ» Аристотель ставил союз «или», который указывает, что слова «форма» и «образ» являются тождественными или идентичными по смыслу и образованию, поскольку «форма» образуется по формуле «то, ради чего» и имеет многонаправленность по реализации, а «образ» означает свободное или волевое описание внешнего очертания вещи. Следовательно, по смыслу «материя» и «форма» совпадают. Получается, что под словом «материя» Аристотель имеет в виду вещь (определенное нечто). Таким образом, поскольку в своей теории Аристотель не делает отличия между «материей» и «формой», и их считает сущностями, дальнейшее изложение материала со стороны Аристотеля пойдет по неверному пути. 3) «сущность состоит из материи и формы», утверждает Аристотель. Поскольку Аристотель считает вещи сущностью, то получается, что вещи состоят из материи и формы, но только что было утверждено Аристотелем, что благодаря форме или образу сущность называется своим именем, что создает противоречие в его теории. Устранение такого противоречия есть не простая задача, а требует коренного изменения самой философии. 4) далее утверждается, что «Материя есть возможность, форма же – энтелехия, и именно в двояком смысле – в таком, как знание, и в таком, как деятельность созерцания». Только что мы отметили, что Аристотель уподоблял «материю» и «форму», а теперь без каких-либо доказательств приписывает им отличия. Более подробно рассмотрим эти отличия, чтобы убедиться в правильности или неправильности высказываний Аристотеля. «Материя есть возможность» означает, что материя может быть или может не быть, может существовать или может не существовать. Другими словами, материя либо есть, либо нет. Если «форма» указывает на существование вещи, а «форма» не может быть без материи, то получается, что вещь может существовать в двух

видах: с материей и в отсутствии материи, что указывает на противоречивость в утверждении «Материя есть возможность» и «сущность состоит из материи и формы». Аристотель считает «форму» энтелехией. В примечаниях к главе 3 девятой книги «Метафизика» [1, 478] утверждается, что энтелехия «обозначает фактическую данность или осуществленность». Поскольку «осуществленностью» или «фактической данностью» обладают все вещи без исключения (поскольку отсутствуют естественные критерии уточнения этих понятий), то выходит, что любое очертание или образ можно считать «формой», что сведет к нулю значение энтелехии. Пытаясь выйти из этого положения, Аристотель присваивает энтелехии смысл в виде «знания» и «деятельности созерцания». Однако, поскольку в теории не уточняется и не дается определение Аристотелем что такое «знание» и «деятельность созерцания», поэтому непонятным остается смысл энтелехии и формы. В примечаниях к главе 1 второй книги «О душе» уточняется, что знание есть простое обладание [1, 501], однако нет уточнения о том, как же происходит процесс «обладания», почему «обладание» бывает «простым обладанием» и «обладанием, обнаруживающим себя в действии», чем они отличаются, что еще больше затрудняет осмысление его теории; 5) далее утверждается, что форма есть энтелехия, и именно в двояком смысле – в таком, как знание, и в таком, как деятельность созерцания, но предпочитает считать энтелехию скорее «знание» [1, 394]. Но, поскольку Аристотель не дает определение «знанию» и «деятельности созерцании», а смысл энтелехии связывается с ними, то по этой причине остается неясным и смысл энтелехии, а также его привилегированное отношение к «знанию», чем к «деятельности созерцания».

Для того, чтобы в дальнейшем объяснить способности души и её виды деятельности, Аристотель вводит понятие «жизнь»: «Из естественных тел одни наделены жизнью, другие – нет. Жизнью мы называем всякое питание, рост и упадок тела, имеющие основание в нем самом» [1, 394], и дальше дополняет это определение следующим образом: «… и мы утверждаем, что нечто живет и тогда, когда у него наличествует хотя бы один из следующих признаков: ум, ощущение, движение и покой в пространстве, а также движение в смысле питания, упадка и роста» [1, 396]. Исходя из этого определения, Аристотель дает определение душе: «… душа есть первая энтелехия естественного тела, обладающего в возможности жизнью. А таким телом может быть лишь тело, обладающее органами» [1, 395], причем, он отмечает, что части растений также суть органы, например, лист есть покров для скорлупы, а скорлупа – покров для плода, корни же сходны с ртом: ведь и то и другое вбирает пищу [1, 395]. Поэтому Аристотель уточняет определение души: «Итак, если нужно обозначить то, что обще всякой душе, то это следующее: душа есть первая энтелехия естественного тела, обладающего органами» [1, 395]. Таким образом, он утверждает, что душа «есть сущность как форма (logos), а это – суть бытия такого-то тела» и применяет это положение в отношении частей тела и приводит такой пример: зрение есть сущность (энтелехия) глаза, т.е. душа глаза, раскалывание есть сущность топора, т.е. душа топора. При этом он отмечает, что душа и тело составляют живое существо, а душа неотделима от тела, но ничто не мешает, чтобы некоторые части души были отделены от тела, если они не энтелехия для тела. В этих высказываниях Аристотеля существует много противоречий. На такие противоречия показывают так же и различные определения души, которые как раз предназначены для устранения этих противоречий. С целью подтверждения этой мысли приведем еще несколько примеров определения Аристотелем души: «… душа есть некоторая энтелехия и смысл того, что обладает возможностью быть таким [одушевленным существом]» [1, 399]; «… душа есть причина и начало живого тела» [1, 402]; «… душа есть причина в смысле сущности» [1, 402]; «… душа есть причина и в значении цели» [1, 402]; «… то, что питает,– это первая душа» [1, 402]. Исходя из этих противоречивых определений, Аристотель описывает осязание, ощущение и другие чувства животного тела, считая, что каждый орган имеет свою душу, и их действия могут быть раздельными. Например, он утверждает: «Способность к питанию возможна отдельно от осязания» [1, 397], «Между тем у растений растительная способность существует отдельно от способности ощущения» [1, 400]. Подобные утверждения указывают на разрыв логики в теории Аристотеля: ведь понятно, что процесс питания не происходил бы без осязания. Из описания взаимодействия души и тела он приходит к выводу, что ум « есть, …, более божественное и ничему не подверженное» [1, 386], чем душа, что есть повторение Платона. Кроме того, он считает, что ум входит в душу в виде сущности, поскольку ослабление вызывается главным образом, по старости. Таким образом, в теории Аристотеля душа и тело

взаимодействуют посредством ума и других органов чувств, причем, они являются не свойствами тела, а свойствами души. Отметим, что взаимодействия между телом и душой, предложенные Аристотелем, нельзя объяснить существующими в настоящее время понятиями современного естествознания.

Другой философ, который попытался объяснить мир на основе взаимодействий духа и тела, был немецкий средневековый мыслитель Гегель. Он, прежде чем говорить о духе и душе, применяет понятие «познавания, рассматриваемого как орудие, с помощью которого овладевают абсолютным, или как средство, при помощи которого его видят насквозь» [2, 41]. Такое определение «познавания» сходно с «причастием» Аристотеля, которое требует своего «познающего» в виде органов чувств, и так бесконечно. Кроме того, как происходит процесс познавания, тем более, абсолютного,– не описывается Гегелем. Гегель допускает, что для проверки требуется сравнение с критерием, причем на опыте [2, 56], и триединую связку представляет в виде «проверямый-критерий-проверяющий», что исходит из предположения Аристотеля о триединстве «начало-середина-конец». Общим для теории Гегеля и Аристотеля является то, что эти триединые представления нельзя объяснить с точки зрения современного естествознания, кроме как назвать середину «промежуточным состоянием», а само «познавание» не связано с процессами Мироздания, не имеет однозначного направления в смысле того, что приведет ли оно к увеличению блага или наоборот. Другими словами, Гегель опирается на многонаправленность природы, которую определил Аристотель. Это приведет к тому, что дух будет иметь не одно, а много определений, как у Аристотеля, и каждая часть тела будет иметь свой дух или душу. Для подтверждения этих слов приведем несколько определений духа, сформулированные Гегелем: «Для нас дух имеет своей предпосылкой природу, он является её истиной, и тем самым абсолютно первым в отношении её» [3, 15]; «… он (дух–З.С.) есть сама себя знающая действительная идея» [3, 15]; «Дух определил себя как истину души и сознания» [3, 251]; «Свободный дух, или дух как таковой, есть разум, как он разделяется, с одной стороны, на чистую, бесконечную форму, на беспредельное знание, а с другой стороны–на тождественный с этим знанием объект» [3, 252]; «Дух конечен, поскольку … он субъективен, или есть понятие» [3, 253]; «Сущность духа есть … свобода» [3, 25]; «Субстанция духа есть свобода» [3, 25]. Смысл этих определений остается тайным для читателя, поскольку многие слова и словосочетания сами по себе не имеют определения, поэтому позволяют произвольное толкование. К примеру, если понять «природу» как окружающий мир, то определение духа будет не научным определением; если не понять смысл слова «знать» и смысл фразы «сама себя знающая действительная идея», нельзя понять определение «дух есть сама себя знающая действительная идея» и т.д.. Как было показано, между телом и душой Аристотель ставил составляющие части души, такие как осязание, ум, ощущение и т.д. и утверждал, что душа с их помощью управляет телом. Анализ показывает, что Гегель поступает таким же образом, разделяя дух на формы: «Три главные формы субъективного духа суть: 1) душа, 2) сознание и 3) дух как таковой» [3, 40], «душа и сознание» [3, 251], а также на составляющие части, в том числе на рассудок, умозаключение, сознание, и затем утверждал, что с их помощью дух управляет телом.

Современная философия придерживается тех же принципов, которые были предложены Аристотелем, Гегелем и другими философами, как древности, так и европейского средневековья, только с некоторыми дополнениями на основе достижений современного естествознания, особенно биологии и химии. Современная философия признает, что душа управляет телом посредством разума через мозг. В мозге происходят химические реакции, которые вырабатывают сигналы для управления частями тела, посредством нейронов эти сигналы передаются органам тела и они приводятся в движении.

Таким образом, если подвести итог, то можно отметить общее в вышеназванных философиях: 1) ни в одной из названных философий – древней, средневековой и современной – не учитывается соотношение «общее – частное», т.е. не учитывается, что, как душа (дух), так и тело, образовались из сущего. Это позволило бы понять, что все процессы проходят в них одинаково; 2) ни в одной из названных философий не учитывается тот факт, что душа (дух) относится к неуничтожаемому миру, а тело – к уничтожаемому миру. Это дало бы возможность предположить, что между ними должен быть некий канал, который связал бы их. С некоторыми допущениями аналогом может быть такой пример: чтобы разделить большую бушующую реку на отдельные каналы,

лотки, трубопроводы, необходимо демпфирующее устройство в виде, например, шлюза; 3) ни в одной из названных философий не объясняется, каким образом возникает неуничтожаемый мир и уничтожаемый мир. Это дало бы возможность поискать основы этих миров.

Среди всех философов мира своим особым положением по объяснению Мироздания отличается великий таджикский Средневековый мыслитель Абу Али Ибн Сина (Авиценна). На основе сущего, выброшенного силой из Необходимо сущего, он объяснил возникновение Света, а затем, на его основе и Мироздание, при этом присвоил новый смысл и использовал такие понятия, как «сила», «движение», «кайфият», «материя», «масса», «первичные элементы», «форма», «мизодж», «эътидол». В своих работах [4, 5, 6, 7, 8, 9] мы указали на смысл этих понятий с точки зрения современного естествознания, в том числе, современной квантовой физики.

Вкратце рассмотрим точку зрения Авиценны по поводу управления душой (духом) телом.

Прежде всего, он, исходя из взаимодействия между телами, выделяет силы между ними и их называет «духами» [10, 46]. Ибн Сина (Авиценна) дает следующее окончательное (или правильное, как он сам утверждает) определение духу: «дух» есть первое совершенство высшего природного тела, т.е. это природное тело будет его орудием в совершении духом действия, которое возникает от него» [10, 46-47]. Из определения духа становится понятным, что для Ибн Сины (Авиценны) понятие «дух» не является каким-то мистическим понятием, а есть сила, которая обусловлена либо внутренними свойствами тела, либо внешними телами. Кроме того, следует обратить внимание на то, как определяются виды духов. Поведение (движение) сил в вещах бывает двух видов: по эътидол (касд) и по воле; не по эътидол (касд) и не по воле. В средние века слово «касд» имело значение «оханг; эътидол ва хар чизи муътадилро к**асд** гуянд; ва ба маънии рохи рост рафтан ва ростии рох” [11, 136], что переводится в виде “мелодичный, эътидол и любая нормальная вещь, идти прямо и прямота пути”. Смысл слова “касд” заключается в том, что движение происходит посредством последовательных переходов, и вещь приобретает свое совершенство, т.е. будет существовать в определенной зоне. Эта зона может приближаться к абсолютному совершенству либо прямым образом, либо не прямым образом. Прямым образом эта зона может приближаться к абсолютному совершенству только для сущего, т.е. для небесных сфер, и поэтому это приближение происходит как бы по взаимному согласию и воли абсолютного совершенства или Необходимо сущего и этих сфер, т.е. существует только одностороннее движение, причем, это движение происходит по силе. Поэтому такая сила называется “небесный дух”. Следует отметить, что в данном случае речь идет о тонком сущем, т.е. о сущем, где есть первоматерия, но нет материи (хаюло) и массы. Все последующие определения духов связаны с возникновением материи. Если у силы есть много вариантов приближения к абсолютному совершенству, и она не может выходить за рамки данных вариантов (т.е. происходит по воле, где «воля» определяется материей или связями), то такая сила называется “животный дух”, причем, каждый вариант имеет свой эътидол, т.е. зоны существования, к чему и направлено поведение (движение) этой силы. Многовариантность направления движения (поведения) силы обусловлена возникшей материей или истеъдодом (творчеством) материи. Особо следует отметить, что все варианты и истеъдод (творчество) направлены в сторону достижения совершенства вида, рода и индивида. Сила, поведение (движение) которой не направлено непосредственно на достижение совершенства ни вида, ни рода, ни индивида, ни части индивида, но имеет один вариант движения, называется Ибн Синой (Авиценной) «природа». Поскольку поведение (движение) данной силы не направлено непосредственно к достижению совершенства вида, рода, индивида и части индивида, и имеет один вариант движения, то движение её происходит не по воле. Сила, поведение (движение) которой не направлено непосредственно на достижение ни вида, ни рода, ни индивида, ни части индивида, но имеет много вариантов движения, такая сила называется Ибн Синой (Авиценной) “растительный дух”. Отметим особенность подхода Ибн Сино к такому разделению: данное разделение основано на единичном акте поведения (движения) силы, потому что после многочисленных актов возникнет совершенство, которое есть подобие (мисол) абсолютного совершенства. Кроме того, из такого разделения выходит, что небесный дух, природа и растительный дух основаны скорее на движении по силе, чем по движению (материи), и только животный дух, по определению, имеет в своем составе и силы и

материю (массы). Следует отметить, что, поскольку дух есть «первое совершенство», т.е. в своем составе имеет излучения, ограниченные расстоянием между верхней частью и нижней частью перехода, постольку и каждый дух имеет в своем составе другие силы духа. Например, растительный дух имеет следующие силы: рождающая сила, сила роста, сила пищи; животный дух имеет двигательную силу и познавательную силу; разговорный или речевой дух (человеческий дух) имеет две силы: сила ответственная и сила учёная. Кроме того, каждая из этих сил посредством своих внутренних сил выполняют определенные функции: **а) силы растительного духа** имеют функции: 1) рождения подобия; 2) роста тела; 3) функции влияния на пищу в виде выделения пищи из общей массы пищи; 4) функции расщепления пищи; 5) функции усвоения пищи; 6) функции удаления пищи посредством силы, т.е. излучением и поглощением; **б) силы животного духа** имеют функции: 1) определения частного; 2) функции приведения в движение своего тела; **в) силы человеческого духа** имеют функции: 1) выполнения движения с помощью разума; 2) функции познавания общего разума; 3) функции придумывания орудий производства; 4) функции обнаружения общих тварей без массы (материи) (маъкулоти кулли) [10, 48-49]..

Авиценна доказывает, что «… в познавании разница между управляющими чувственностью и управляющими воображением и управляющими разумом проявляется в степени отделения массы (материи), …» [10, 49]. По Ибн Сине (Авиценне), уничтожаемый мир, к которому относится и животный мир, в том числе и человек, возникает вследствие взаимодействия четырех первичных элементов, которые приведут к образованию мизодж и эътидол [12, 38; 5, с. 339-349], потому что первичные элементы проявляют себя, в том числе и как энергетические уровни [4, 110 - 118] наподобие атома [5]. Было показано, что с точки зрения современного естествознания, понятия «Первоматерия», «дух (душа)», «материя» и «масса» в мировоззрении Ибн Сины (Авиценны) отличаются друг от друга длинами волн [5]. Процесс «управления» с точки зрения квантовой физики, означает совпадение длин волн объектов при их взаимодействии. Поскольку длины волн души и тела отличаются, поэтому Ибн Сина (Авиценна) доказательно показывает, что между ними есть промежуточное средство с названием «мизодж», который имеет верхнюю и нижнюю границу существования, приобретает такие же свойства, как и четыре первичных элемента, и поэтому будет способным смешиваться с духом (душой). Только после этого душа может управлять телом, которое обладает таким мизоджем [13, 212].

Таким образом, решение проблемы «посредника» между духом и телом привела к необходимости возникновения новой философии, которая разработана великим философом Ибн Сина (Авиценна).

Отметим, что подобное объяснение управления душой (духом) телом посредством мизадж полностью соответствует понятиям современной квантовой физики.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аристотель. Сочинения в четырех томах / Аристотель. -М.: Мысль, 1976, -Том 1. - 550 с.
2. Г.В.Ф. Гегель. Система наук. Часть первая. Феноменология духа / Г.В.Ф. Гегель. - Санкт-Петербург, 2006. 444 с. Шифр РГБЛ: ЦПФ3 ЮЗ (4Г)\Г27.
3. Г.В.Ф. Гегель. Философия духа. Энциклопедия философских наук / Г.В.Ф. Гегель. -М.: Мысль, Издательство социально-экономичсекой литературы 1977. - Том 3. -472 с.
4. Зайнудинов С. Стихии в Средневековье и современные понятия естествознания / С. Зайнудинов //Журнал «Ценности и смыслы». -М., 2011. -№1(10). –С. 108-119.
5. Зайнудинов С. Мировоззрение Ибн Сино (Авиценны) с точки зрения современного естествознания / С. Зайнудинов. М.: Спутник+, 2012. -386 с.
6. Зайнудинов С. Современна ли современная философия (или критический взгляд на современную философию) / С. Зайнудинов. -М.: Спутник+, 2015. -157 с.
7. Зайнудинов С. Проблемы взаимодействия в учениях таджикских ученых Средневековья / С. Зайнудинов, Н.С. Салимов. -Ч.2. Взаимодействие в сложной вещи: определение основных понятий //Кишоварз (Земледелец). –Душанбе, 2013. - №2(58). –С. 76-79.
1. Зайнудинов С. Частицы, волны и энергия в учениях таджикских мыслителей средневековья / С. Зайнудинов, Д. Хуморов //Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. - №3(52). -С.42-47.
8. Салимов Н.С. Проблемы взаимодействия в учениях таджикских ученых Средневековья / Н.С. Салимов, С. Зайнудинов. - Ч.3. Взаимодействие в сложной вещи: связь основных понятий Средневековья и современного естествознания //Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. -№3(52). -С.97-104.
9. Абу Али Ибни Сино. Осори мунтахаб / Абу Али Ибни Сино. –Душанбе: Ирфон, 1983. -Ч.2. - 560 с. (Абу Али ибн Сино. Избранные произведения на тадж. языке. т.2).
10. Мухаммад Гиёсуддин. Гиёс-ул-лугот (Гияс-ул-лугот на тадж. языке) / Мухаммад Гиёсуддин. –Душанбе: Адиб, 1988. -Ч.2. -416 с.

11. Абуали Ибни Сино. Конуни тиб (Законы медицины. Сочинения в 5 книгах на таджикском языке) / Абуали Ибни Сино. –Душанбе: Таджикская советская энциклопедия, 1989. -384 с. ISBN 5-89870-004-8.
12. Абуали Ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз дах чилд) (Избранные произведения в 10 томах на таджикском языке) / Абуали Ибни Сино. –Душанбе: Ирфон, 1985. -Т.3. -448.
13. Зайнудинов С. Коротко о мироздании в философии / С. Зайнудинов, Н. С. Салимов // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). –Душанбе, 2015. -С. 89.

**МИЗОДЖ КАК ПОСРЕДНИК В УПРАВЛЕНИИ ТЕЛОМ И ДУШОЙ**

В статье рассмотрена проблема взаимодействия между телом и душой в древней, европейской средневековой, таджикской средневековой и современной философии с точки зрения современного естествознания. Утверждается, что решение данной проблемы требует коренного изменения современной философии, и она была решена в философии Ибн Сины (Авиценны).

**Ключевые слова:** Мироздание, дух, душа, тело, посредник, сущность, материя, форма, сила, движение, мизодж.

**MIZOJ AS AN INTERMEDIARY IN THE MANAGEMENT OF BODY BY PSYCHE**

The article considers the problem of interaction between body and soul in ancient, Medieval European, Tajik Medieval and modern philosophy from the point of the view of modern science. It is argued that the solution to this problem requires a fundamental change of modern philosophy, and it was solved in the philosophy of Ibn Sina (Avicenna).

**Key words:** Universe, spirit, soul, body, mediator, essence, matter, form, force, motion, mizaj.

**Сведения об авторах:** ***Зайнудинов Сафар*** – кандидат технических наук, доцент кафедры прикладной информатики РГАУ-МСХА им. К.А. Тимирязева, Москва, РФ. Телефон: **+7-926-435-64-09**
E-mail: **ddkts@bk.ru**
***Салимов Н.С.*** - кандидат физико-математических наук, доцент, декан факультета коммерции и таможни Таджикского государственного университета коммерции

# ДИДГОҲИ ФАЛСАФӢ-ИҶТИМОИИ ФОРОБӢ ДАР «МАДИНАИ ФОЗИЛА»

***Ғуломҳасан Паноҳӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархон ибни Узлуқ маъруф ба Форобӣ дар соли 259 ҳ. (837 м.) дар Васиҷ деҳкадаи кӯчаки аз Шаҳристони Фороб дар Туркистони Мовароуннаҳр таваллуд шудааст. Дар моҳи раҷаби соли 339 ҳ. январи соли 951 м. дар Димишқ вафот кардааст. Дар бораи насаби Форобӣ ва низ эронӣ ё турк будани ӯ иттилооти дақиқе дар даст нест. Мусаллам ин аст, ки ҳеҷ гуна нишонае, ки тасдиқи турknажодии ӯ бошад, дар осори Форобӣ дида намешавад [1].

Форобӣ барои касби илм ва маориф дар даврони ҷавонӣ дар замони хилофати Аббосиён ба Бағдод рафт ва ба таҳсили донишҳои мухталиф пардохт. Сипас ба Ҳаррон рафта, дар ҳалқаи дарси Юҳанои Ибни Ҳилон ҳозир шуд, вале иқомати ӯ дар Ҳаррон чандон тӯл накашид ва дар маҳзари Абумашъар Мато ибни Юнис ба таҳсил пардохт.

Форобӣ дар охири умр барои такмили мутолиоти худ ба дарбори Сайфуддавлаи Ҳамдонӣ-ҳокими шаҳри Ҳалал рафт. Вай тамоми умри худро дар роҳи таҳқиқ ва таълифи улуми юнонӣ ва исломӣ сипарӣ карда, дар ин замина ба мақомоти волое расидааст. Бо таъсиси фалсафаи исломӣ, дар осори хеш «Мадинаи фозила» то расидан ба мақоми «Муаллими сонӣ», баъд аз Арасту, аз маъруфтарин фаъолиятҳои амалӣ ва илмии ӯ ҳисоб мешавад. Дар ин мақола ба баррасии қисматҳое аз «Мадинаи фозила»-и Форобӣ мепардозем.

**Мафҳуми Ормоншаҳр ва таърихи он.** Андеша дар бораи ҷое, ки ҳама чизаш нек бошад, хидмати зиёде дорад, ки ба унвони намуна дар ҳамосаи шумерӣ, ки марбут ба ҳазораи дувуми қабл аз милод аст, ба тавсифи навъи биҳишти заминӣ бармехӯрад. Ормоншаҳр гоҳ ба сурати достонҳои асотирӣ ва асри заррин ва бозгӯйи ҳамосаҳои бузурги башарӣ ҷилвагар шуда, гоҳ ба сурати интиқоли мутафаккирон аз ормонҳои низомҳои ҳоким меояд.

Афлотун (347 қабл аз милод) дар китоби «Ҷумҳур», Форобӣ дар «Мадинаи фозила», Томас Мор файласуфи қарни XV ва XVI-и Англия дар «Утопия»-и хеш ва Франсис Бейкон (1626 мелодӣ) дар «Атлантикаи ҷадид» ва ғайра, ҳама кӯшидаанд ба тавсифи шаҳри ормонӣ бипардозанд [2].

Таҳаққуқи адолати иҷтимоӣ ва инсоф, дастёбӣ ба ҳақиқат, равобити иҷтимоии солим, ғалабаи хайр бар шарр, бародарӣ ва баробарӣ, растагории одамиён, мунтахаб

ва маҳбуб будани ҳокимон, таҳаққуқи биҳишти ин ҷаҳон ва ғ. дар андешаҳои ормонварзонаи андешамандони Ормоншаҳр омадааст. Тасвире, ки аз Ормоншаҳр дар симои тавсифии мутафаккирони номбурда ироа шудааст, бархоста аз авзоъ ва аҳволи сиёсӣ ва мазҳабӣ ва фарҳангии асри худашон будааст. Гоҳ дар асотири гузашта ҷустуҷӯ ва бо забони адабиёт ва таърих матраҳ шуда (Асри Заррин) ва гоҳ ба сурати пешгӯйи ва пешбинӣ аз оянда даромадааст (Атлантикаи ҷадид) [3].

Таъсиси шаҳри илоҳӣ ё «Мадинаи фозила» нахустин бор тавассути файласуфи бузург Абӯнасри Форобӣ унвон гардид. Аввалин раис (роҳбар) онро возеъ – ал – навомис (қонунгузор) номгузорӣ кард, ки ба назарияи шии «имомат» ё ҳамон пешвоии инсонҳои маъсуми мунтахаби Худованд бисёр наздик аст ва ё ба иборате метавонад баргардони фалсафии он назария бошад [4].

Форобӣ дар китоби маъруфаш «Мадинаи фозила» андешаи ин шаҳри ормониро дар қолиби мафоҳими дини ислом поярезӣ кард. Истилоҳоти фалсафии он баргирифта аз «Қуръон» аст, сифати фозилаи мубайяни ғояти вай дар пайи камоли матлуб барои ҷомеа аст. Ин тафаккур илова бар ин ки аз мафҳуми исломии «Дор-ул-ислом» гирифта мешавад аз маҳдудаи ҷуғрофиёии миллатҳо бисёр бештар аст. Дарёфти Форобӣ аз ва комил, ҷомеаи бузург аст, ки миллатҳои мутааддидеро шомил шуда, дар сурате ки роҳбари Ормонӣ зимоми умумро ба даст бигирад, «Мадинаи фозила» дар маҳдудаи он муҳақақ мешавад.

Ин шаҳр дар андешаи Форобӣ комилан рӯҳонист, ки тасаввури ҷузъиёти он бисёр мушкил аст. Бо ин ки баҳси вай бисёр густарда аст, аммо ҳама ҷо бо куллигӯйӣ иктифо намуда, ба равобити малмуси сиёсӣ ва иҷтимоӣ таваҷҷуҳе намекунад. Сохтори шаҳри ормонии вай бардошти ақлонии ӯ аз низоми коинот аст. Дар андешаи вай тамоми офаридаҳо аз файзи зоти Парвардигор ба вуҷуд омадаанд ва мавҷудоти олам дар низоми мутанозил қарор доранд. Ба ин тартиб, ки пас аз мавҷуди нахуст ё зоти Парвардигор, ки «мабдаъ-ул-мабодис», силсиламаротиби мавҷудоти олам аз камол ба нуқсон сер мекунад, ки поинтарини он нестии маҳз аст. Ва инсонҳо ба ҳукми сиришт барои расидан ба камол, ниёзманди ҳамкорӣ ва ташкили ҷомеаанд, чаро ки дар шаҳри ормонии Форобӣ, хайри афзал (саодати одамӣ) танҳо дар иҷтимои маданӣ ба даст меояд. Ниёзҳои одамӣ чунон мутанаввеъ ва фаровонанд, ки рафъи ҳамаи онҳо барои инсонҳо ғайримумкин аст [5]. Ин иҷтимоъ ва тақсими кори он аст, ки дастёбӣ ба ононро имконпазир мекунад.

**Ҷомеаи матлуб ва мабонии он аз дидгоҳи Форобӣ.** Агар Афлотун бунёдгузори фалсафаи сиёсӣ дар ҷаҳон аст, Форобӣ бунёдгузори он дар ҷаҳони ислом мебошад ва аввалин фардест, ки дар боби моҳияти сиёсат ва маданият, инсони маданӣ ва моҳияти Мадина, файласуфона сухан гуфтааст, ки ин фалсафа дар китобҳои вай назири «Орои аҳл-ул Мадинат-ул фозила» ва «Таҳсилу саода ва сиёсат-ул мадина» омадааст, ки дар навъи худ муҳимтарин назариёт дар ҷаҳони ислом мебошад [6].

Бо таваҷҷуҳ ба манобеи фикрии Форобӣ, яъне омӯзаҳои диннӣ ва эътиқодӣ ва мероси фалсафии Юнони бостон, бавижа назариёти Афлотун, Арасту ва андешаҳои навафлотунӣ, усул ва мабонии ҷомеаи мавриди назари вай ба шарҳи зер унвон мешавад:

1. Мабонии ҷомеашиносӣ. Ҷаҳоншиносии Форобӣ бештар таҳти таъсири фалсафаи навафлотунӣ аст. Бахши муҳим дар тарроҳии «Мадинаи фозила», назарияи файз аст, ки асли он аз Афлотун мебошад [7].

Дар ин назария, аввалин мартабаи ҳастӣ мутааллиқ ба «воҷиб-ул вуҷуд» аст, ки дар раъси ҳастӣ қарор дорад. Файзи вуҷуд аз мабдаи нахустин ба тартиб ба уқул, нуфус, сувар ва модда расидааст.

2. Мабонии инсоншиносӣ. Инсоншиносии Форобӣ, таркибест аз омӯзаҳои фалсафии Юнони бостон ва таолими исломӣ, ки дар он ҳам бар дубӯъдӣ будани инсон (рӯҳ ва бадан) таъкид шудааст,

3. Мабонии илоҳиётии Форобӣ, дар тарсими ҷомеаи матлуб умдатан аз назарияи имомат ва мафоҳими хайр ва камол, саодат ва фазилат ба даст омадааст. Вай дар тафсифи роҳбари Мадинаи фозила ва раиси аввали ҷомеаи_матлуб ва баршумурдани хусусиёти он аз омӯзаҳои имомат таъсир пазируфтааст. Ӯ ҳамчунин дар баёни ҳуввият ва ғояти мадинаи фозила, аз мафҳуми хайр, камол, фазила ва саодат баҳра гирифтааст. Ба ин тартиб ҷомеаи матлуб аз назари Форобӣ ҷомеае аст, ки аввалан мақсуди ғояи он саодати ҳақиқӣ бошад, сониян ҳамаи афродаш якдигарро барои вусул ба ин ғоя кӯмак кунанд. Ва солисан, тамоми афрод мувофиқи хости раис, яъне роҳбари ҷомеа рафтор кунад.

**Роҳбарӣ ва анвои он дар сиёсати фозила.** Фороби дар бораи роҳбарӣ ва сиёсати фозила мегӯяд: «Дар ин мадина раҳбаре ҳукумат мекунад, ки афзали инсонҳост ва сиёсати ӯ низ сиёсати фозила аст. Ва танҳо дар фазои ҳамин мадина таҳқиқ меёбад» [8].

Фалсафаи вуҷудии мадинаи фозила, расонидани инсонҳо ба саодат аст ва ҳадафи раёсат дар мадина тасҳили роҳҳои таҳсили саодати аҳли он аст, бинобар ин, идроки ҷомеа аз фалсафаи мадании Фороби манут ба шинохти саодат дар низоми фикрии ӯст. Бар асоси ин таъриф Фороби саодатро навъи таҳаррук ва сууд аз мартабаи эҳтиёҷ ба модда ва мартабаи ҷудои аз модда ва расидан ба камоли вуҷудии инсон ва бақо дар он аст.

Ба назари Фороби саодат айни хайр, ғоят ва аъзами ашёе аст, ки як инсон метавонад ба он бирасад. Роҳи таҳсили саодат низ аз назари Фороби анҷоми аъмоли нек ва тағайюр ба афъоли фазилатманд ва худдорӣ аз шар, разилат ва шақоват аст. Саодат дар воқеъ натиҷаи кори нек ва худдорӣ аз ҳавои нафс аст[9].

Асли асоси мавриди назар дар ҳар мадинае саодат аст. Аммо аз назари Фороби саодати ҳақиқӣ, ки метавонад боиси рушд, тавсеаи сиёсӣ, ривоҷи одот, сунан, фарҳанг ва созмонии фозила дар кишварҳо ва миллатҳо шавад, танҳо дар низоми сиёсии Фороби қобили дастрасӣ аст. Бинобар ин, Фороби нахустин асл аз усули мабонии фалсафаи сиёсии худро саодат, шинохти саодат ва шиносондани он ва тамиз байни саодати ҳақиқӣ ва саодати пиндорӣ қарор медиҳад. Вай муътақид аст, ки раъйи ҷамъӣ ва қасди ҳамагонии шаҳрвандон шарти расидан ба саодат аст. Муслеҳ, ки раиси мадинаи фозила ҳам ҳаст, инсони комилест, ки ҳам ақл аст ва ҳаммаъқул. Ин фард касеаст, ки рӯҳи ӯ ба ақли фаъол муттаасил аст. Вай маърифатро аз тариқи ваиҳ аз ақли фаъол мегирад. Раиси мадина ё пайғамбар хоҳад буд ё имом [10]. Вай бо шумурдани хасоили раис бақои Мадинаро вобаста ба бақои раис медонад [11].

Раҳбарӣ дар Мадинаи фозила ба чор сурат мутасаввир аст:

I. Роҳбарии воҳид.
II. Роҳбарии шӯроӣ.
III. Роҳбарии суннатӣ.
IV. Роҳбарии шӯроии сунатӣ.

Роҳбарии воҳид он аст, ки як роҳбари қудратманд аз миёни онҳо бармехезад, ки дорои вижагиҳои чаҳоргонаи зер аст:

- Ҳикмат, ки ҳадафи ҳамаи ҳадафҳост;
- Тааққули том, ки боиси расидан ба ҳадаф аст;
- Қудрат бар иғноъ ва тахайюл, ки аз шароити расондани дигарон ба камол аст;
- Нерӯи ҷиҳод, ки аз шароити дафъи душман ва дифоъ аз ҳарими кишвар аст. Раёсати ӯро райёсати ҳикмат гӯянд.

Роҳбарии шӯроӣ он аст, ки роҳбар воҳид нест ва чаҳор вижагии фуқ дар як шахс ҷамъ нашудааст, балки дар чанд нафар ҷамъ шудааст, ки онон ба мушорикат ва машварати ҳамдигар, ҳам монанди як рӯҳ ба тадбири ҷомеа қиём мекунанд ва он роҳбарии донишмандон аст.

Роҳбарии суннатӣ он аст, ки дар ҳеҷ кадом аз ду роҳбарии собиқ мавҷуд нест, балки шахсе вуҷуд дорад, ки ба равиши пешиниён, ки ҳаким ё фозил будаанд, ошноӣ дорад ва метавонад ба некӯи ҳар равишеро шиносоӣ ва ба ҷойи худ ба кор гирад ва барҳе аз равишҳоро низ, ки дар сунани гузаштагон набудааст, метавонад истинбот кунад. Ва дорои зебоии хитобӣ ва иғноъ ба қудрати ҷиҳод аст, ки раёсати ӯро раёсати суннат мегӯянд.

Роҳбарии шӯроии суннатӣ вақти сифоти мазкур дар роҳбарии суннатӣ дар як нафар ҷамъ нест, вале дар ашхоси мутафариқа мавҷуд аст ва онҳо бо ҳамкорӣ ба тадбири ҷомеа қиём мекунанд, раёсат онҳоро раёсати асҳоби суннат мегӯянд.

Аммо риёсатҳои дигар, ки дар тахти назари роҳбарии кул ҳастанд, дар ниҳоят ба ҳамон роҳбарӣ хатм мешавад, ки ин риёсатҳо низ шароите дорад.

Аркони Мадинаи фозила иборатанд аз:

1. Гурӯҳе, ки аҳли фазл ва ҳикмат ва мудирони умури ҷомеа ва ба воситаи нерӯи тааққул ва раъйи соиб дар корҳои муҳим аз ҳам навъони худ мумтоз мебошанд. Шинохти ҳақоиқи мавҷудот бар уҳдаи онон аст, ки онҳоро фозил мегӯянд.

2.Гурӯҳе, ки авом ва афроди сатҳи поёнро ба маротиби камоли нисбии худ мерасонад. Ва умуми мардумро ба ақоиди дастаи аввал (афозил) даъват мекунанд, то ҳар кас, ки мустаид бошад, ба воситаи насоеҳ ва мавоизи онҳо битавонад ба марҳалаи болотар қадам бигзорад. Инҳо ба илми калом ва фиқҳ, хитобӣ ва балоғат

ва шеъру нависандагӣ мепардозанд, ки инҳоро соҳибони сухан мегӯянд (завиюл-алсанеҳ).

3. Гурӯҳе, ки адолатро дар миёни мардум барпо дошта, дар муомилот қавонини доду ситадро риоят менамоянд ва мардумро ба тасовӣ ва баробарӣ ташвиқ мекунанд ва ба улуми ҳисобу ҳандаса ва улуми марбут ба мукотиботи идорӣ ва девонӣ ва пизишкӣ ва нуҷум машғуланд, ки ба муқаддирон маъруфанд.

4. Гурӯҳе, ки ба ҳифзи марзҳо ва марокизи ҳассоси мамлакат машғуланд ва бегонагонро дур намуда, дар муқобили онҳо ва муҳофизати мамлакат бо шуҷоату мардонагӣ анҷоми вазифа мекунанд, онҳоро муҷоҳидон номанд.

5. Гурӯҳе, ки ниёзҳои гурӯҳҳои фавқро хоҳ аз роҳи бозаргонӣ ва тиҷорат ва хоҳ санъату пешабарӣ ва хоҳ ҷамъоварии молиёт ва ғайра таъмин мекунанд, онҳоро молиён мехонанд [12].

## АДАБИЁТ


1. Нозирзодаи Кирмонӣ Фарноз. Фалсафаи сиёсии Форобӣ / Нозирзодаи Кирмонӣ Фарноз. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Ал Захро, 1377.
2. Мисбоҳи Яздӣ Муҳаммадтақӣ. Ҷомеа ва таърих / Мисбоҳи Яздӣ Муҳаммадтақӣ. Интишороти Созмони таблиғоти исломӣ, 1372.
3. Саттории Сорбонғулӣ Ҳусейн. Сифат ва вижагиҳои Ормоншаҳр дар андешаи исломӣ / Сатторӣи Сорбонғулӣ Ҳусейн. //Мавъуд. - № 41. - 1386.
4. Наҷафи Мӯсо. Тасарруфи фақеҳони шиа дар ҷавҳари фалсафаи сиёсии Ғарб / Наҷафи Мӯсо. –Теҳрон: Илми ва фарҳангӣ, 1383.
5. Кӯҳсори Ҳусейн. Таърихи фалсафаи исломӣ / Кӯҳсори Ҳусейн. –Теҳрон: Дафтари нашр, 1374.
6. Наср Сайид Ҳусайн. Се ҳакими мусалмон / Наср Сайид Ҳусайн; Тарҷумаи Аҳмади Ором. –Теҳрон: Интишороти Ширкати саҳомии китобҳои ҷеби, 1371. Чопи 5.
7. Пурҷаводи Насруллоҳ. Даромад бар фалсафаи Афлотун / Пурҷаводи Насруллоҳ. –Теҳрон: Анҷумани фалсафаи Ирон, 1358
8. Фороби Абӯнаср. Орои аҳли мадинаи фозила / Фороби Абӯнаср. -Бейрут: Дорулмашриқ, 1991.- С.86.
9. Ҳамон ҷо. –С. 85.
10. Ҳамон ҷо.-С. 86.
11. Ҳанно – ал Фохурӣ ва Халилул Ҷур. Форобӣ / Ҳанно – ал Фохурӣ. Халилул Ҷур. –Бейрут: Дорулмашриқ, 1991.-С. 441.
12. Котузиён Носир. Ҳуқуқ ва адолат / Котузиён Носир. // Фаслномаи Нақд ва назар, Қум, 1376.-С. 68.


## СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ФАРАБИ В «ТРАКТАТЕ О НРАВАХ ЖИТЕЛЕЙ ДОБРОДЕТЕЛЬНОГО ГОРОДА»


«Трактат о нравах жителей добродетельного города» Фараби с древних пор считается предметом жарких дискуссии среди мыслителей Востока и Запада и до сих пор служит примером и источником вдохновения ученых для создания более идеального, разумного, справедливого и свободного общества. По мнению автора статьи, рациональная система управления общества » Фараби взята из упорядоченного системой вселенной, сверху вниз. Основой добродетельного города » Фараби считается распределение работы среди членов всего общества, в соответствие с их рациональными и физическими способностями. Принципы благородного общества Фараби представлены в трех разделах: космологии, антропологии и теологии. Основой его философии является счастье всего народа, под руководством разумного и справедливого руководителя.



**Ключевые слова:** Абунаср Фараби, Жители добродетельного города, руководитель, идеальный город, счастье, миропонимание, человековедение, богословие.


## THE TREATISE ABOUT CUSTOMS OF INHABITANTS OF A KINDNESS CITY» OF FARABI


***Gholam Hasan Panahi***



«The treatise about customs of inhabitants of a kindness city» Farabi since an ancient time is considered a subject hot discussions among thinkers of the East and the West and till now is an example also a source of inspiration of scientists for creation of more ideal, reasonable, fair and free society. According to the author of article, the rational control system of a society of Forobi is taken from ordered by Universe system, from top to down. The basis of the virtuous city of Forobi considers distribution of work among members of all society, in conformity with their rational and physical abilities. Principles of a noble society of Forobi are presented in three sections: cosmology, anthropology and theology. A basis of its philosophy is the happiness of all people, under the direction of the reasonable and fair head.



**Key words:**_Abunasr Farabi, The People of dream city, chief, ideal city, happiness, the world conscious, anthropology, theology.



**Сведения об авторе:** ***Гуломхасан Панохи*** **–** аспирант Института философии, политологии и права АН РТ

# МАФҲУМИ «АДОЛАТ» ДАР ЭҶОДИЁТИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

***Б.Ғиёсов***

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб**

Инсоният аз замонҳои хеле қадим барои дарёфти адолат хатару мушкилотҳои зиёдеро паси сар кардааст. Мутафаккири бузург, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин ҷода як қатор ғоя ва афкори муҳимму заруриро пешниҳод намудааст, ки бахше аз онҳо то ба дараҷаи коркардҳои консептуалӣ расидаанд. Мавлоно Ҷомӣ дар шароити давлатдории асримиёнагӣ имконпазир будани шакли идоракунии давлатро дар асоси адлу дод ва баробарӣ пешниҳод намудааст.

Дар эҷодиёти Ҷомӣ нуктаҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳ, ба монанди усулҳои давлатдорӣ ва ҳифзи табақаҳои нодор, адлу додро пеша кардан, беҳтар намудани ҳаёти мардум, консепсияи давлат ва ҷомеаи адолатпарвар, волоияти қонун ва риояи адолат таҷассум ёфтаанд.

Консепсияи иҷтимоии тасаввуф ин ақидаи орифона, бо ифодаи ғояҳои инсондӯстӣ ва зидди зулму истибдод дар самти тасаввуф равшанфикрии худро баён намудааст. Барои он тасаввуф воситаи мубориза ба муқобили ноадолатӣ ва зулми иҷтимоӣ, танқиди сахт аз тартиботи мавҷудаи ҳукуматдорӣ, ошкор кардани камбудиҳои ҷомеа муҳимтарин эҷодиёти мутаффакир ба шумор мерафт.

Дар тасаввуф, ки Мавлоно Ҷомӣ яке аз пайравони ин равия буд, ақидаҳои инсонгароӣ дорои ҷанбаи диниву ирфонӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Дар ин пайвандбахшӣ лоиҳаҳои имконпазири давлати ормонӣ, адолатпарвар ва шоҳи одил аз назари фикрӣ ва ақлонӣ ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи аҳли тасаввуф «Инсон Худои пинҳон аст, аммо ҳақиқати мутлақ намебошад, балки ҷузъе аз ин ҳақиқат аст. Дар инсон қисмати худшиносии мутлақ, яъне Худованд мавҷуд аст. Вай бо Худованд пайванд меёбад, амсоли ин қатра ба баҳр мерасад» [1.57].

Ҷомӣ кӯшидааст, ки барои баррасӣ намудан ин муаммоҳо – таъминоти иҷтимоии давлат ва фазилатҳои шоҳи одил, аз тариқи афкори сӯфиёнаи худшиносӣ заминаҳои муҳимеро ба вуҷуд оварад.

Дар осори Ҷомӣ назарияҳои зиёдеро оид ба ҷомеаи адолатхоҳ вомехӯрем, ки ба ҷаҳоншиносии ирфонӣ мусоидат мекунад.

Чунин равиши маърифат аз ҷониби Ҷомӣ роҷеъ ба муаммоҳои давлати ҳуқуқӣ бештар ба мушоҳида мерасад. А.Ҷомӣ дар категорияи адолат даъват ба амал меорад, ки подшоҳ ё шахсони наздики ӯ бояд барои пешрафти ҷомеа ва давлат хизмат кунанд. Вай ҳокимонро ба он даъват мекунад, ки тобеи қонун бошанд, хизматҳои хайрхоҳона ба номи инсон, тантанаи ҳуқуқҳои ӯ, адолат ва қонуният анҷом диҳанд.

Дар асл, идеяи шоҳи одил аз эҷодиёти даҳанакии халқ маншаъ гирифтааст. Зеро дар ҷамъияти ғуломдорию феодалӣ мардум аз шоҳону ҳокимони вақт ҳамеша зулму тааддӣ медиданд. Бинобар ин идеяи шоҳи одил орзуи ҳамешагии онҳо буд. Ғояи шоҳи одил аз эҷодиёти даҳанакии халқ ба осори бою пурғановати шоирону нависандагони калссики мо дохил гардааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ин ғояро дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» дар симои Искандари Мақдунӣ тасвир намудааст. Аз сужети достон бармеояд, ки Искандар аз рӯзе, ки ба сари тахт нишаст, дар кишвар адлу адолатро барқарор намуд. Сониян, ба ҳар мамлакате, ки мерафт, барои ободию осудагии мардуми он саъю кӯшиш мекард, шаҳрҳои нав месохт.

Аз ин ҷиҳат достоин Ҷомӣ ба маснавиҳои шоирони гузашта то андозае монанд аст. Ба ақидаи Ҷомӣ танҳо шоҳи донишманд одилу адолатпарвар ва халқпарвар мешавад. дар достони Ҷомӣ Искандар ҳам марди фозил ва хирадманд тасвир ёфтааст. Ӯ мамлакатро аз рӯйи хирадномаҳо, ки онҳоро файласуфон навишта

буданд, идора мекард, ба ин васила Мавлоно нақши хирадро дар идоракунии давлат таъкид намудааст.

Мутафаккир бо пешниҳоди назарияи «шоҳи одил» муқобили давлат мебароял ва бадбахтии мардумро аз роҳбар медонад. Аз ин ҷост, ки дар достони «Хираднномаи Искандарӣ» ҷомеаи ормониро пешниҳод мекунад, ки халқ худ мустақилона онро идора мекунад ва ба таъбири Ҷомӣ Сикандар ба шаҳре мерасад, ки на шоҳ дораду на гадо. Мутафаккири бузург андешаи хешро нисбати давлатдорӣ халқҳои мухталиф бахшида ба шеваи давлатдории асри худ пешниҳод менамояд [2.47].

Мафҳумҳои хирад ва қонунро Мавлоно Ҷомӣ бо мафҳуми шараф пайванд бахшида, алоқамандии қонун ва ҳукуматдории хирадмандонаро бо талаботҳои одобу ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқӣ таъкид менамояд.

Мафҳуми қонуни адолатро Ҷомӣ дар андешаҳои ахлоқӣ мебинад, ки донистани онро ба унвони сифати аслии шоҳи одил ва давлатдории одилона зарур мешуморад.

Дар ин ҷо Ҷомӣ шахсияти давлатмардро дар назар дорад ва ба рафтори неку хайрхоҳона ишора мекунад. Дар тасаввуроти мутафаккир рафтори шоҳ бо он асоснок мешавад, ки ба анҷоми амалҳои нек ва қабули қонунҳои мувофиқ равона шуда бошад. Дар ин маврид Мавлоно Ҷомӣ мафҳуми қонунҳои шариатро низ тавзеҳ додааст, ки шариат бо роҳи ҳақ рафтанро тақозо мекунад ва аҳкоми шариат ба шоҳ роҳи боэътимодро нишон медиҳад. Ҷомӣ таъкид менамояд, ки дар ин боғи шариат гулҳо мерӯянд, даромадан ба он танҳо тавассути ибодат ва иҷрои амалҳои нек имконпазир мебошад ва инсон бояд тавассути мақсадҳои неку наҷиб зиндагонӣ ва фаъолият кунад.

Яке аз дигар сифатҳое, ки Ҷомӣ аз он ном мебарад, хайрхоҳӣ мебошад. Ӯ аҳли мансабро ба он даъват мекунад, ки хайрхоҳ ва мутеъ бошанд ва хайрхоҳӣ хидмати содиқона ба ҳокимияти адлпарварро ифода мекунад, на зулмпарварро.

Дигар аз ақидаҳои судманди Ҷомӣ адолати шоҳ ва тобеияти мансаб мебошад. Ӯ маслиҳат медиҳад, ки ҳама дар мақоми адолат бошанд, зеро дар ҳамин ҳолат осоиштагии давлат таъмин карда мешавад. Ба андешаи Ҷомӣ набояд ба ҳеҷ кас зулмро раво дид, зеро шуълаи ҳақиқат ҳамеша фурӯзон аст [5.15]. Ин мафҳумро ӯ тавассути он шарҳ медиҳад, ки одамон гуногун мешаванд ва инро далели тартиботи ахлоқӣ ва динӣ мешуморад. Дар достони «Саломон ва Абсол» таъкид шудааст, ки дар баробари меъёрҳои ҷанбаи илоҳӣ доштани ҳукумат, ки онро дар мисоли ҳазрати Одам (а) то ба дигар паёмбарон онро мушоҳида намудем, бо ин мақсад вай мекӯшад, ки воқеияти ҳукумати ҷанбаи шоҳӣ доштаро ба субут расонад, ҳокимият ва адолат ё ба ибораи дигар, ҳукумати одилонаро исбот намуда, дар ҳолати акс, яъне агар ҳукумат аз Худованд вобаста набошад, пас адолат имконпазир намегардад. Дар як вақт таъмини адолат яке аз аввалин вазифаҳои давлат ба шумор меравад. Иҷрои маҷмӯи ин амалҳои муваффақонаро дар ҳукуматдорӣ Мавлоно боз ҳам ба иродаи илоҳӣ пайванд медиҳад. Адолатро мутафаккир ҳамчун пояи аслии давлат ном мебарад. Эҷодиёти мутафаккир саршори афкори таблиғкунандаи адолат аст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар эҷодиёти худ шоҳонро даъват ба амал меоварад, ки пеш аз ҳама, ба ҳаёти мардуми одӣ аҳамияти бештар диҳанд. Ҷомӣ кӯшиш мекунад, ки доираи ваколатҳои шоҳро муқаррар намояд, барои ҳифзи аҳолии камбизоат аз шоҳон даъват ба амал меоварад, ки ҳаргиз заифонро маёзоранд.

Намунаи чунин шоҳ ба ақидаи Ҷомӣ Нӯшервони Одил аст, ки ҳарчанд аз дини ислом бегона буд, аммо бо адлу дод машҳур гардид. Ҳатто шоир бар он ишорат мекунад, ки Паёмбари Акрам (с) бо ифтихор изҳор медошт, ки дар замони шоҳи одил таваллуд шудааст.

Нӯшервон бо он ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона. Лоҷарам, сарвари коинот, алайҳи афзал-ус-салавот, тафохуркунон мегуфт: «Вулидту фӣ замани-с-султони-л-одил» [3.122].

Маснавӣ:

*Паямбар, ки дар аҳди Нӯшервон*
*Ба рух гашт чашму чароғи ҷаҳон,*
*Ҳамегуфт: «Аз зулм аз он содаам,*
*Ки дар аҳди Нӯшервон зодаам».*
*Чӣ хуш гуфт он носеҳи некхоҳ*
*Ба гӯши дили он ситамкора шоҳ,*
*Ки аз зулмати зулм андеша кун,*
*Пайи озмун адлро пеша кун!*
*Агар адлат аз зулм н-ояд фареҳ,*
*Дигарбора по дар раҳи зулм неҳ! [3.123]*

Ҷомӣ шоҳонро барои соҳиб шудан ба сифатҳои олии инсонӣ даъват мекунад. Аз ҷумла, ӯ шоҳонро вазифадор мекунад, ки барои расидан ба мақсад иродаи қавӣ дошта бошанд ва бештар бар пояи хирад ва ақл такя кунанд, битавонанд мардумро дар атрофи худ ҷамъ оваранд ва бо раият наздиктар шаванд. Мавлоно муваффақияти ҳаётро дар хушбахтии инсон мебинад ва дастовардҳои ӯро ҳамчун инсон, аз рӯйи сифатҳои мусбӣ ва тавассути шароитҳои мувофиқ муқаррар менамояд.

Ситамгар аз рӯйи андешаи Мавлоно Ҷомӣ шоҳи зулмгароест, ки ӯро мардум хуш надоранд. Аз ин рӯ, Ҷомӣ золимонро даъват мекунад, ки дар мартабае одил будани худро дар назди раият нишон диҳанд, агар амали хуб ба даст наояд, агар аз таҷрибаашон натиҷае ҳосил нашавад, бигзор дубора ба зулми хештан баргарданд.

*Адлу инсоф дон, на куфру на дин,*
*Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст [3.95].*

Ҷомӣ ба давлат ҷанбаи дунёвӣ мебахшад, яъне кӯшиш мекунад, ки давлати одилонаро мавриди омӯзиш қарор диҳад:

*Адли бедин низоми оламро,*
*Беҳтар аз зулми шоҳи диндор аст [3.96].*

Ҷомӣ адолат ва виҷдонро сутуни асосии ҳокимият мешуморад. Ҷомӣ шохро ба он даъват менамояд, ки фаъолияти худро ба манфиати ҷомеа равона намояд, зеро ҳар амале, ки аз инсон зоҳир мешавад, хоҳ хайр бошад ва ё хоҳ шар, ба худи инсон марбут аст. Ҷомӣ мақоми инсонро боло бардошта, ба имконияту иқтидор, маҳоратҳову истеъдодҳо, ҳуқуқу озодиҳо, арзишҳои инсонӣ ва ҳифзи он ишора намудааст.

Мавлоно Ҷомӣ барои пешрафти давлат нишонаҳо ва намунаҳои давлати адолатпарваронаро нишон медиҳад, ки шохаҳои сохтори давлати одилона бо риояи талаботи афзалияти иҷтимоӣ, таъмини манфиатҳои давлат алоқаманд мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо мутафаккир дар назди худ ду мақсад гузоштааст: аввал, коркарди симои шоҳи одил ва муайян намудани нишонаҳои давлати адолатхоҳ; дувум, муайян намудани қоидаҳои санъати идоракунӣ ва фаъолияти давлати адолатпарварона. Ҳамин тавр, ба ақидаи Мавлоно, шоҳи хирадманд метавонад одил бошад. Шоҳе, ки аз адолат дур аст, ба андешаи мутафаккир метавонад ба мардум бадбахтӣ оварад. Мутафаккир дар робита ба ин мавзӯъ дар «Баҳористон» ҳикояте овардааст:

«Подшоҳе аз ҳакиме талаби насиҳат кард. Ҳаким гуфт: «Аз ту масъалае бипурсам, зарро дӯсттар медорӣ ё хасмро?» Гуфт: «Зарро» «Чун аст, ки онро дӯсттар медорӣ, яъне зарро ин ҷо мегузорӣ ва он чи дӯст намедорӣ, яъне хасмро ба худ мебарӣ».

Подшоҳ бигиристу гуфт: «Неку панде додӣ, ки ҳама пандҳо дар ин дарҷ аст» [3.89].

Ҳангоми дар мансаб қарор доштан, инсон бояд ба саховат, рафтори неку ва хуб кӯшиш кунад, шоҳон бояд бо рафтори хайрхоҳонаи хеш дар асри худ номашонро

В учебной деятельности и в формировании профессионального образования и воспитания рассматриваются взаимоотношения: «ученик-учитель», «ученик-ученик», «ученик-информация» [6, 184].

*Успешное выстраивание взаимоотношений в процессе профессионального обучения и воспитания во многом обусловлено:*

♦ личностью учителя;

♦ его педагогическим инструментарием;

♦ способностью осуществлять постоянную рефлексию и корректировку процесса обучения и воспитания согласно современным требованиям.

Представление о роли педагога в учебно-воспитательном процессе формируется в зависимости от государственной политики в целом и, конечно же, ***сегодня нужны,*** прежде всего, не исполнители, а люди творческие, способные принимать решение и аргументировать их, ответственные за собственные действия, за собственное обучение.

**Переориентация роли учителя должна быть направлена на успех обучаемого в будущем, в постоянно меняющемся мире.** Целостное видение проблемы становления и саморазвития профессионала-учителя способствует определению сущности процесса профессионально-творческого саморазвития, выявлению и систематизации соответствующих особенностей и условий их разрешения в образовательном процессе школы, характеристике общих и специфических закономерностей и принципов их реализации. ***Мы обратимся к акмеологии,*** которая сегодня развивается преимущественно как наука о профессионализме, концентрируя в себе различные точки зрения на это понятие, и вырабатывая собственное комплексное понимание данной категории.

В данной трактовке очевидна ***акмеологическая*** составляющая, где сделан явный крен в сторону деятельностного аспекта проблемы, по сути, отождествляется профессионализм с профессиональным мастерством. Некоторые авторы «расширяют» определение, отмечая, что в профессионализме помимо специальных знаний, умений и навыков должны оптимально сочетаться все качества: специально-деловые, личностные и нравственные (патриотические) [2, 22].

***Полилатеральный подход*** позволяет выделить в определении сущности профессионализма две взаимосвязанные подсистемы:

■ ***профессионализм деятельности***;

■ ***профессионализм личности.***

► ***Профессионализм деятельности*** – более традиционная характеристика – акцентирует внимание на высокой профессиональной квалификации и компетентности специалиста, разнообразии эффективных профессиональных навыков и умений, способов решения профессиональных задач (в том числе и творческих), что в совокупности позволяет осуществлять деятельность с высокой и стабильной продуктивностью.

► ***Профессионализм личности*** отражает высокий уровень профессионально важных и личностно-деловых качеств, ***креативности,*** характеризует мотивационную сферу и ценностные ориентации субъекта труда, направленность на прогрессивное развитии саморазвитие.

Обе подсистемы являются качественными характеристиками субъекта труда и находятся в диалектическом единстве: опережающее развитие одной из подсистем профессионализма будет обязательно стимулировать развитие другой. Это взаимодействие очень важно при решении практических задач.

Например, интенсивное развитие профессиональных навыков и умений будет тормозиться, если от его уровня будут отставать соответствующие психологические качества личности, и обратно:

- развитие профессионально важных личностных качеств позволит освоить новые умения и повысить эффективность уже имеющихся;

- система ценностных отношений, задающая иерархическую структуру доминирующих мотивов личности, побуждает личность к утверждению в профессиональной деятельности, и наоборот;

- уровень профессиональной компетентности отражается на самооценке личности, особенностях общения, навыках социального поведения и т.п.

В этом ключе Л.М.Митина фиксирует отличие профессионала от специалиста: ***профессионал*** **-** является субъектом профессиональной деятельности, а не просто носителем совокупности знаний и умений, на современном этапе развития общества, специалиста уже становится недостаточно. «Он владеет профессиональной деятельностью

в целом, удерживает её предметность в многообразных меняющихся ситуациях, способен к построению своей деятельности, её изменению и развитию. Если выразиться иными словами, он способен к саморазвитию» [9, 186].

Для нас здесь важен акцент на субъективную активность профессионала, так и связь с процессом саморазвития. «Саморазвитие лежит в основе профессионального развития, как динамического и непрерывного процесса самопроектирования личности» [9,184].

***В акмеологическом понимании профессионализм*** – это такое свойство развивающейся личности, в котором интегрированы личностные и деятельностные стороны явления. По результатам исследований лаборатории психологии профессионального развития под руководством Л.М.Митиной фундаментальным условием развития интегральных характеристик личности профессионала является осознание им необходимости изменения, преобразования своего внутреннего мира и поиск новых возможностей самоосуществления в профессиональном труде. Хочется только добавить, что подобного профессионального самосознания недостаточно, необходим дальнейший запуск механизмов саморегуляции, самообразования или приобретения соответствующих навыков, если данные механизмы ещё не сформированы [9, 184].

Ещё одной базисной акмеологической категорией, дающей возможность глубже исследовать выбранную проблему, является «личностно-профессиональное развитие».

***Данное понятие изучалось в психологии труда и профессиологии, как правило, с двух позиций:***

***1)*** как профессионально-квалифицированное развитие, в основном связанное с обучением и самообразованием;

***2)*** как профессионально-должностное развитие, проявляющееся в кадровом движении, профессиональной карьере.

***Акмеологическое*** его понимание объединяет обе обозначенные позиции и акцентирует внимание на достижение высших стандартов в профессиональном развитии: «Личностно-профессиональное развитие – это процесс развития личности (в широком понимании), ориентированный на высокий уровень профессионализма и профессиональных достижений, осуществляемый с помощью обучения и саморазвития в процессе профессиональной деятельности профессиональных взаимодействий» [1, 256].

***На наш взгляд, акмеологический подход*** актуален в нашем исследовании для процесса профессионально-творческого саморазвития учителя средней школы, как зрелой личности. В акмеологии «вершина зрелости – ***«АКМЕ»*** - рассматривается как многомерная характеристика состояния взрослого человека, охватывающая определённый период его прогрессивного развития, связанного с большими профессиональными, личностными и социальными достижениями».

«В более узком понимании предметом акмеологии является поиск закономерностей саморазвития и самосовершенствования зрелой личности, самореализации в разных сферах, самообразования, самокоррекции и самоорганизации» [1, 256].

К сожалению, большинство работ характеризуется исследованием лишь отдельных сторон профессионального обучения без учёта их взаимодействия и взаимовлияния. Для наших целей в соответствии с идеей ***полилатерального подхода*** больший интерес представляют обобщающие концепции, в которых делаются попытки исследовать психолого-педагогические механизмы профессионального (учителем) обучения в целом и, что важно, в тесной связи с другими этапами профессиональной личности (В.А.Бодров, В.В.Чебышева, В.Д.Шадриков и др.).

Н.Ф.Вишнякова на основе взаимозависимости акмеологии, психологии творчества и педагогической психологии предлагает новое направление, которое условно обозначает как ***креативная акмеология***. Предметом научного познания будут являться особенности и тенденции процесса и результата творческой зрелости личности, объективные и субъективные факторы достижения творческих вершин и профессионального мастерства в процессе её саморазвития [1, 184].

***Креативная акмеология,*** таким образом, позволяет на основе профессионально-творческой направленности создавать такие учебные дисциплины, как психология творческого обучения взрослых и детей, психология творческого саморазвития, основы психолого-педагогического творчества, а также разрабатывать акмеологические технологии, способствующие развитию творческой индивидуальности учащихся и учителей и их профессиональному росту.

***В различных профессиональных группах (по типологии Е.А.Климова) независимо от вида профессиональной деятельности были выявлены общие акмеологические инварианты [5, 166]:***

♦ особенности психологической саморегуляции (в частности, высокая работоспособность, стрессоустойчивость, способность к мобилизации своих ресурсов и т.д.);

♦ стимулирование творческой активности (креативность проявляется не только в высоком творческом потенциале, но и в специальных умениях нестандартно, но эффективно решать профессиональные задачи);

♦ определённый уровень развитости базисных психологических умений личностно-профессиональных качеств (развитая антиципация, проявляющаяся в умении точно прогнозировать ситуации, возникающие в профессиональной деятельности, умение принимать решение, высокая и адекватная мотивация достижений и др.).

***Следовательно***, сам процесс профессионально-творческого саморазвития до уровня профессионализма должен осуществляться комплексно и многоаспектно. Как показывает ряд проведённых исследований многих педагогов и психологов, большое влияние на формирование педагогических умений и мастерства оказывает профессиональная направленность. В нашем, и во многих других исследованиях она определилась по степени удовлетворённости учителей педагогической работой. «Чем больше привлекательных сторон современный педагог видит в своей профессии, тем большую значимость он придаёт этим привлекательным сторонам».

В связи с успешностью педагогической деятельности обращают на себя внимание большой ряд личностных характеристик, одни из которых могут быть отнесены к темпераменту, другие – к характеру. Назовём те качества личности, которые являются общими для учителя с различным уровнем профессионально-педагогического образования и мастерства.

***Выделяются следующие общие черты, характеризующие учителя:***

■ повышенная общительность и эмоциональность;

■ высокий самоконтроль и чувство долга;

■ повышенная требовательность к окружающим и тактичное обращение с ними;

■ стремление к доминированию среди своих коллег;

■ повышенная потребность в социальной поддержке, ориентация на групповые и социальные нормы, а также другие.

***Высокие достижения в профессионально-педагогической деятельности более вероятны у учителей:***

♦ обладающих высоким уровнем развития интеллекта;

♦ большей общительностью и эмоциональностью;

♦ развитыми нравственно-патриотическими ценностями;

♦ высокой требовательностью к себе и к другим;

♦ адекватным восприятием себя и других;

♦ более высоким уровнем самоконтроля и самоорганизации;

♦ повышенной социальной и профессиональной активностью;

♦ стремление к новаторству и творчеству.

Набор перечисленных личностных качеств находит своё проявление в типе социального, коммуникативного поведения учителей. Из этого следует, что можно говорить о многофакторной структуре психологических предпосылок успешности учителя в профессиональной педагогической деятельности.

***Из психологических свойств учителя как индивида личности и субъекта деятельности наиболее профессионально значимыми оказались:***

♦ общая и профессиональная эрудиция;

♦ интеллект и специальные способности;

♦ профессиональная направленность и адекватная самооценка;

♦ некоторые нейродинамические свойства и свойства темперамента;

♦ характерологические качества и тип социального поведения.

По своему содержанию, очевидно, что положение, подчёркивающее исключительную роль «личности» учителя, может сильно повлиять на подготовку и достижение вершины личностного развития школьника.

К педагогической деятельности не в меньшей степени, чем к научной, подходит афоризм: «Нельзя творчески трудиться, не умея творчески мыслить» (М.Н.Кашапов) [10, 159].

От современного учителя требуется растить творца собственной судьбы, и не на бумаге, не в проектах, а на деле. Если так, то приоритеты современного учителя совсем иные, чем учителя с традиционным подходом к учебно-воспитательному и профессионально-ориентационному процессам.

У подавляющей части учителей аналитический этап процесса решения проблемы заметно уступает исполнительной стадии. Это значит, что решение принимаются педагогами без предварительного глубокого и обстоятельного анализа ситуации, а в связи с этим не в состоянии определить педагогические цели и задачи, связанные с тем, что и когда надо делать для разрешения проблемно-педагогической ситуации. Типичной для учителей оказалась стереотипность мышления, которая проявляется в том, что они не видят перемен от одной ситуации к другой.

Успешность принятия педагогических решений зависит также от особенностей субъективного определения учителями проблемно-педагогической ситуации, т.е. от тех уже психологических критериев, в терминах которых ими описывается данная ситуация. Оказывается, что одна и та же проблемно-педагогическая ситуация может оцениваться разными учителями как: профессиональная, педагогическая, дидактическая, социально-психологическая, мотивационная, этическая, нравственно-патриотическая и обобщённая. Педагогический критерий в определении проблемной ситуации заключается в том, что в ней оценивается не столько поведение и действия учащихся, сколько деятельность учителя, его педагогическое мастерство, творчество, ошибки и успехи, отношение к учащимся.

***Профессиональные знания и умения составляют, по сути, содержание профессиональной подготовки учителя.***

***Профессиональные знания многообразны, это:***

■ хорошее знание всех предметов обучения;

■ знания в областях педагогики, психологии, методики, в коммуникативной сфере;

■ владение инновационными методами обучения и воспитания.

«Владение знаниями составляет тот багаж профессионала, который во многом определяет уровень компетентности, без них все разговоры о совершенствовании деятельности и саморазвитии лишаются смысла».

То же можно сказать и о специальных умениях: умения не только составляют важнейшее условие выбора действий и достижения целей, но и являются обобщенной, уникальной характеристикой деятельности и степени её освоения личностью. Наконец, знание своих способностей, их самоовладение профессиональной техникой являются основой для успешного выбора и определения пути дальнейшего профессионально-творческого саморазвития.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Вишнякова Н.Ф. Психологические основы развития креативности в профессиональной акмеологии: дисс. … д-ра психол. наук / Н.Ф. Вишнякова. – М., 1996. – 390 с.
2. Деркач А.А. Акмеология /А.А.Деркач, В.Г.Зазыкин. – Спб., 2003.–256с.
3. Доманов А.Д. Индивидуально-психологические различия в процессе обучения А.Д. Доманов, А.М. Зимичев, В.А. Якунин // Психолого-педагогическое обеспечение учебного процесса в высшей школе в условиях её перестройки. -М.,- Л., 1988.
4. Елканов С.Б. Основы профессионального самовоспитания будущего учителя / С.Б. Елканов. – М., 1989. – с.185-189
5. Климова Т.Е. Подготовка будущего учителя к профессионально-творческой самообразовательной деятельности: автореф. дис….канд. пед.наук / Т.Е. Климова. – Челябинск, 1995. – 22 с.
6. Коменский Я.А. Педагогическое наследие / Я.А. Коменский, Д. Локк, Ж.Ж. Руссо, И.Г. Песталоцци. - М.: Педагогика, 1989. - С. 56-57.
7. Краевский В.В. Методология педагогического исследования / В.В. Краевский. - Самара, 1994. – С 165 - 302.
8. Маралов В.Г. Основы самопознания и саморазвития / В.Г. Маралов. – М., 2002. – С. 79, 154-156, 256-258.
9. Махкамов Д. Инновация, демократизация и кредитная система обучения / Д. Махкамов. – Душанбе: Сифат, 2016. - 230 с.
10. Махкамов Д. Демократизация воспитание и обучение, как педагогическое явление / Д. Махкамов, Н. Хазраткулова //Масъалањои маориф. -2015. - № 3. -С.52-56.
11. Махкамов Д. Демократизация: преград и задачи / Д. Махкамов, А. Абдуллоев //Маърифати омўзгор. – 2012. - №2-3. -С.43.
12. Психологическое сопровождение выбора профессии / под ред. Л.М.Митиной. – М., 1998. – С. 184 -186

13. Шадриков В.Д. Проблемы системогенеза в профессиональной деятельности / В.Д. Шадриков. - М., 1982. – 33 с.
14. Курбонов М.Х. Модулы перехода от административной системы управлением образовании к демократическим / М.Х. Курбонов //Маорифи Тољикистон. -2014. -№ 3. -С.61-65.

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Современное образование должно дать будущим специалистам высокий профессионализм, духовность и нравственность, обеспечить общую образованность, профессиональную мобильность. Пересмотр нацеленности образования обусловил изменение подходов к формированию профессиональных умений. Что же понимается под профессиональными умениями? Профессиональные умения вбирают в себя особенности предстоящей профессиональной деятельности и предполагают способность оптимально и эффективно осуществлять её. Это довольно общее понимание профессиональных умений, и оно конкретизуется через особенности той или иной профессии и необходимые способности, позволяющие сделать успешную карьеру.

**Ключевые слова:** демократизация, профессиональное образование, профессиональные умения, профессиональная деятельность, специалист, необходимые способности, нацеленность образования.

**PSYCHOLOGY-PEDAGOGICAL APPROACHES OF THE REALIZATION TO DEMOCRATIZATIONS OF THE VOCATIONAL TRAINING IN REPUBLICS TADZHIKISTAN**

Modern formation must give the future specialist high professionalism, духовность and morality, provide general образованность, professional transportability. The Revising нацеленности formation has conditioned change an approach to shaping the professional skills. That is understood under professional skills? The Professional skills вбирают in itself particularities liing ahead professional activity and expect the ability optimum and effectively realize her (it). This rather general understanding the professional skills.

**Key words**: Democratization, vocational education, professional skills, professional activity, specialist, necessary abilities, the focus of education.

**Сведения об авторе:** ***З.Нуриддинова*** - соискатель НИИ развития образования им.А.Джами АОТ.
Телефон: **907-59-51-88**

## НАҚШИ МУДИРИЯТИ КАЙФИЯТИ ФАРОГИР БАР НИЗОМИ ОМӮЗИШӢ

***Саида Тоҳира Ҳусайнӣ Суракӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо эҳтимом ба ин ки мудирияти кайфияти фарогир TQM равише барои идораи як созмон аст, ки асоси он бар кайфият ва мушорикати ҳама аъзои созмон устувор аст ва ҳадафи он низ ба муваффақияти дарозмуддат аз тариқи ҷалби ризоияти муштарӣ ва таъмини манфиати ҳамаи афроди зӣнафъ аст. Низомҳои омӯзишӣ ба унвони боризтарин намуди сармоягузории неруи инсонӣ дар заминаи шукуфоӣ дар ҷомеа нақши аслиро бар уҳда доранд. Омӯзиш дар як сохтори бонизом метавонад бар асоси ниёзи миллӣ ва дар ҷиҳати густариши фарҳанг ва дониши мудирияти навин устувор бошад, ки низоми мудириятӣ бо рӯйкарди муштаримеҳвар ва кайфиятгаро эҷод шуда бошад. Сохтор ва низоми мудирияти омӯзишӣ аз ин хотир мавриди таваҷҷуҳи низоми мудирият воқеъ мегардад. TQM равишест, ки метавонад ин таҳаввулро дар омӯзиш эҷод кунад. Агар бипазирем, ки яке аз фаъолиятҳои умдаи мудирони аршад барномарезӣ ва назарот барои иҷрои кайфии кор аст, он гоҳ мутаваҷҷеҳи ин истиқрори TQM мешавем, ки ҷойи он дар низоми омӯзишии кишвар бисёр холист. Яке аз муҳимтарин вижагиҳои низомии идории асарбахш дастёбӣ ба тавсеа аст. Тавсеаро метавон таҳаввул ва тағйир дар авзоъ ва пешрафту шукуфоии созмонҳо таъриф кард, аммо мафҳуми густурдатари он ғанобахш ва беҳбуди кайфии зиндагии инсонҳост. Дарвоқеъ барои беҳбуди кайфияти зиндагии инсонҳо пешниҳод мегардад нуқоти қудрат, нуқоти заиф, муайян гарданд ва ба таҳдидот ва фурсатҳои бунёдии зайл посух диҳем:

Вазъияти низоми омӯзишии мо дар чӣ сатҳе қарор дорад? Муштариёни омӯзиши мо чӣ касоне ҳастанд ва интизороти онҳо чист? Масир ва хатимашиҳои дастрасӣ ба муваффақиятҳо кадом аст? Чӣ гуна метавон кайфиятро ба даст овард ва иртиқоъ чӣ қадар аст? Обзори дастёбӣ ба беҳбуди мустамар бо таваҷҷуҳ ба шароити феълӣ ва оянда чист? Баррасии нақши мудирияти кайфият дар амалкарди созмонҳо аз аҳдофи муҳимми ин мақола мебошад.

Муассисоти омӯзишӣ ба унвони пуле миёни тавлидкунандагони дониш ва донишпажӯҳон ҷиҳати посухгӯйӣ ба тағйироти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва

фарҳангӣ равишест, ки метавонад ин таҳаввулро дар омӯзиши олӣ эҷод кунад. Аз он ҷо ки яке аз фаъолиятҳои умдаи мудирони аршад барномарезӣ ва назорат бар иҷрои кайфияти кор аст, он гоҳ мутаваҷҷеҳ хоҳем шуд, ки истиқрори TQM дар низоми омӯзишии кишвар бисёр холӣ аст. Мавзӯъҳои омӯзишӣ, равишҳои тадрис, иртибототи иҷтимоӣ бояд чунон созмондеҳӣ шаванд, ки дар он нуқоти қудрат ва заиф, таҳдидот, фурсатҳои фароравии низоми омӯзишӣ мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиш қарор гирад. Расидан ба ин сақфи баланди андешаи тамаддуни инсонӣ ниёзманди тағйири шакли низоми омӯзишӣ аст ва ин амр бо истиқрори TQM дар низоми омӯзиши олӣ, хосса Паёми Нур, дастёфтанӣ аст.

Мудирияти кайфияти фарогир як фарҳанги мудириятӣ аст, ки пас аз ниҳодӣ шудани он дар созмони омӯзишӣ ба абзоре барои баҳрагирӣ ва баҳрабардорӣ аз кулли манбаъҳои инсонӣ, молӣ ва фановарӣ табдил мегардад. Ҳадафи асосии низоми мудирияти кайфияти фарогир, даргир кардани кулли коргузорони омӯзишӣ аз олӣ то поитарин сатҳҳои фаъолиятҳои омӯзишӣ, аҳдоф ва маъмурияти созмони омӯзишӣ аст.

Дар ҳақиқат ва бакоргирии TQM яке аз самарот ва дастовардҳои ношӣ аз густариш ва байналмилалисозии мудирияти кайфият дар солҳои гузашта ба ҳисоб меояд, ба тавре ки бовари зарурати бакоргирии он ҷиҳати ҳифз ва бақои созмонҳо дар дунёи пуррақобати имрӯз ба иҷбор барои бақо табдил шудааст. Қабл аз он ки TQM ҷойгоҳи комили донишгоҳӣ ва илмии худро ёфта бошад, ҳаргиз наметавонад ба таври комил ба унвони як мафҳуми қудратманди мудирият тавсеа ёфта ва мавриди истифода қарор гирад. Ба иборати дигар, пайванд ва талфиқи масоили корбурдӣ ва назарии TQM мусталзами бакоргирии равишҳои навинест, ки иртиботи технологӣ бо фановарии иттилоот ба унвони як абзори пурқудрати роҳбарӣ ва таъйинкунанда дар асри ҷаҳонӣ шудан дорад. Бо нигоҳе ба пешрафтҳои ҳосил аз улум ва фановарӣ ба назар мерасад, ки ҳар тағйир ва таҳаввулеву пешрафт, ҳосили зербинои тавсеаи фановарӣ аст. Дар низоми омӯзиши олии мубтанӣ бар TQM яке аз абзорҳои бисёр қавӣ, ки метавонад густариши камӣ ва кайфии тавсеаи омӯзиширо ба ҳамроҳ дошта бошад, истифода аз омӯзиши электронӣ аст, ки фароянди беҳбудро дар дохили системаи мудирияти кайфияти фарогир ба суръат тақвият кунад ва аз сӯйи дигар, густариши кайфияти омӯзиш ба марзҳои фаротар аз созмон низ бирасад.

Маъмулан мудирони созмонҳои фоқиди мудирияти кайфияти фарогир наздик ба 30% вақти худро ба муқобила бо шикасти воҳидҳо, шикоят ва мушкилкушоӣ ихтисос медиҳанд. Аз он ҷо ки мудирияти кайфияти фарогир ин вақтро сарфаҷӯйӣ мекунад, мудирон вақти бештаре дар ихтиёр доранд, то ба раҳбарӣ, барномарезӣ ва пардозиши андешаҳои нав бипардозанд.

Бидуни шак дар ҳаракат ба самти ҷаҳонишудан, кайфият як омили таъсиргузор буда, дар раванди тавсеаи санъат ва иқтисоди ҷаҳонӣ ва рушду ишбои бозор кайфият нақши аслиро ифо карда ва яке аз муҳимтарин омилҳои рақобати созмон ва муваффақият дар бозорҳои миллии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба шумор меояд. Фароянди ҷаҳонишудани бозорҳо ва лузуми доштани тавони рақобат боиси эҷоди улгуҳои ҷадиди мудирияти кайфият шудааст. Мудирияти кайфияти фарогир як фалсафаи назария ва равишшиносии нав дар мудирияти кайфият ва низомҳои нишот гирифта аз он аст. Дар ҳақиқат таҳаққуқ ва бакоргирии TQM яке аз самароту дастовардҳои ношӣ аз густариш ва байналмилалисозии мудирияти кайфият тайи солҳои гузашта ба ҳисоб меояд.

Мақулаи TQM ба рағми умумияти дониш дар кулли заминаҳо то кунун фақат дар корхонаҳо ва бархе аз масоили хадаматӣ ривоҷ дорад. Ҳарчанд иттилооти зиёде дар мавриди иҷрои TQM дар баъзе аз заминаҳо аз қабили омӯзиши таҳқиқот ва мушовара ва ғ. дар дастрас нест, лекин бо таваҷҷуҳ ба ҷомеоти мафоҳим ва аҳдофи ниҳоӣ нақши TQM дар лузуми дастёбӣ ба кайфият бартар мегардад.

**Дастовардҳои TQM дар низоми омӯзиши Паёми Нур**

1. Мушорикати кулли неруҳои инсонии низоми омӯзишӣ.
2. Беҳбуди мустамар дар фароyндҳои омӯзишӣ.
3. Дастёбӣ ба тавони рақобатии дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳиттаи омӯзишӣ ва фановарӣ.
4. Тавонмандсозии неруҳои инсонӣ дар кулли сутӯҳ.
5. Мушорикат дар авоиди ҳосил аз иҷрои TQM.
6. Афзоиши халлоқият ва навоварӣ аз тариқи арзишёбии мустамар.
7. Бартарии фурсати дастрас ба омӯзиши олӣ.
8. Фурсатёбӣ барои тавсеаи омӯзиши олӣ.

**Мавонеи истиқрори TQM дар низоми омӯзишии Паёми Нур**

1. Адами пазириши тағйир дар низоми омӯзишии суннатӣ аз сӯйи мудирон ва коркунон.
2. Нигаронӣ аз мавқеияти шуғлӣ.
3. Адами пуштибонии баландмуддат аз TQM.
4. Надоштани қудрати ибтикор ва навоварӣ.
5. Адами пазириши равишҳо ва рӯйкардҳои ҷадид.
6. Шаффоф набудани барномаҳои роҳбарӣ.
7. Адами итминон аз ҳусули натиҷаи муассир.
8. Адами ошноӣ аз чигунагии наҳваи интибоқи илзомоти TQM бо низоми омӯзишӣ.
9. Адами огоҳӣ аз натоиҷи мавриди интизор.

Ироаи роҳкориҳо ва пешниҳодот

1. Ироаи TQM ба унвони як воҳиди дарсӣ дар донишгоҳҳо ва марказҳои омӯзиши олӣ барои тадрис ва таҳқиқи муассир ҷиҳати шукуфоии истеъдодҳои донишҷӯён барои заминасозии муносиб дар ҷиҳати рушди кайфии донишгоҳ.
2. Тавсеаи тафаккури омӯзишӣ ба унвони роҳи афзоиши кайфият дар зиндагӣ бо ёдгирии мудовими вобастаи омӯзишгоҳҳо ба унвони марказе барои густариши созмонҳои донишофарин.
3. Омӯзиш зимни хидмат дар сутӯҳи мухталиф барои мудирон, коркунон, муаллимон, фарогирон ва донишҷӯён ба манзури тарҷеҳоти асосӣ ва зербинои ахлоқӣ-фалсафӣ дар қолаби мудирияти кайфияти фарогир.
4. Истифода аз пажӯҳиш ва иттилооти бунёдӣ барои таъйини хатти маши дақиқи амалиёт дар кулли низомҳои омӯзишӣ.
5. Инъитофпазирӣ дар сохтори созмонӣ ва эҷоди муҳити рушду халлоқияти фардӣ ва гурӯҳӣ барои табдили ёдгирӣ ба як фаъолияти лаззатбахш ба ҷойи инфиол ва пазирандагии иттилоот.
6. Эҷоди эътимоди мутақобил миёни афрод ва гурӯҳҳои мухталиф дастандаркорони TQM ба манзури расидан ба ҳадафҳои айнӣ ва дақиқи омӯзишӣ.
7. Таваҷҷуҳ ба шеваҳои барқарории иртиботи саҳеҳ дар сутӯҳи мухталиф ва баҳрагирӣ аз охирин фановариҳои иттилоотии IcT ба манзури ислоҳи мудовими фарояндҳо.
8. Фаъолсозии гурӯҳҳои кор дар сутӯҳи мухталифи созмон ба манзури фароҳамсозии мушорикат барои кайфияти болотар.
9. Эҷоди ёдгирии созмонӣ аз тариқи фароянди мустамари баҳососӣ ва интибоқи созмон аз тариқи рушди дониш, биниш ва коркунон ба манзури афзоиши коромадии созмон.

10-Иртиботи умумӣ ва уфуқии шаффоф ва ҳадафи силсиламаротиб дар ҷиҳати ташкили сохтори академикӣ ва расмӣ ва бар мабнои усули TQM.

**АДАБИЁТ**


1. Эронзода Сулаймон. Мудирияти кайфияти фарогир ва муҳандисии муҷаддад / Эронзода Сулаймон //Моҳномаи илмӣ - омӯзишии «Тадбир». - 1378.
2. Таслимӣ Сирус. Ошнои бо мафоҳими TQM / Таслимӣ Сирус. -1371. -№ 2.
3. Таваккули Ғуломризо. Мудирияти кайфият, якум гом ба тавсеаи иқтисодӣ / Таваккули Ғуломризо //Маҷаллаи «Тадбир». -1381. -№ 130.
4. Ҳоҷи Шарифи Муҳаммад. Тарроҳии системаи мудирияти кайфияти фарогир / Ҳоҷи Шарифи Муҳаммад //Интишороти Маркази омӯзиши муҷтамаи санъатии Симон Обик, 1374.
5. Додрас Кайвон. Робитаи роҳбурди созмон бо мудирияти кайфияти ҷомеъ / Додрас Кайвон // Пойгоҳи мақолоти мудирият, 1382.
6. Раҷаббегӣ Муҷтабӣ. Мудирияти кайфияти фарогир TQM / Раҷаббегӣ Муҷтабӣ, Салимӣ Муҳаммадҳусайн //Маркази иттилоърасонии Вазорати ҷиҳоди созандагӣ, маркази нашри донишгоҳи санъати Амири Кабир. - 1374.
7. Фараҷӣ Ҳамидризо. Хуруҷ аз буҳрон / Фараҷӣ Ҳамидризо; тарҷумаи Наврӯз Дарворӣ //Муассисаи хадамоти фарҳангӣ Интишороти кайфият ва мудирият. - 1381.
8. Ноил Муҳаммадкарим. Контроли кайфияти оморӣ / Ноил Муҳаммадкарим //Моҳномаи «Тадбир». - 1383. -№ 141.
9. Яздонпаноҳ Машҳуд. Барномарезӣ ва мудирияти буҳрон / Яздонпаноҳ Машҳуд //Маҷаллаи «Тадбир». -1381. -№ 127.


**РОЛЬ ВСЕОБЩЕГО УПРАВЛЕНИЯ КАЧЕСТВОМ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ**

Развитие системы образования в современный период предполагает формирование адекватных им систем обеспечения качественных образовательных услуг и конкурентоспособных знаний. Важность роли образования в развитии человеческого общества, проблемы его качества, а также решение этих проблем требуют глубокого анализа состояния и механизмов регулирования образования. Данная статья

рассматривает проблемы организации системы обеспечения качества образования и разработки рекомендаций по совершенствованию оценки и механизма управления качеством образования.

**Ключевые слова:** всеобщее управление качеством, система образования, система обеспечения качества образования, образовательные услуги, конкурентоспособные знания.

**THE ROLE OF UNIVERSAL QUALITY MANAGEMENT IN THE SYSTEM OF EDUCATION**

The development of the system of education in the modern period implies the formation of adequate systems for ensuring quality educational services and competitive knowledge. The importance of the role of education in the development of human society, the problems of its quality, and the solution of these problems require a profound analysis of the state and mechanisms of education regulation. This article examines the problems of the organization of the quality assurance system of education and the development of recommendations for improving the assessment and the mechanism for managing the quality of education.

**Key words:** universal quality management, education system, quality assurance system of education, educational services, competitive knowledge.

**Сведения об авторе:** ***Саида Тохира Хусайни Сураки*** – аспирантка Таджикского национального университета

## ШЕВАҲОИ НАВИНИ ТАДРИС ВА ОМӮЗИШИ КОРОФАРИНӢ

***Муҳаммад Меҳдӣ Мардоншоҳӣ***
**Донишгоҳи кишоварзии шаҳри Сорӣ, Эрон**

Ба далели робитаи танготанги корофаринӣ бо тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, бисёре аз давлатҳо ва кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа талош мекунанд, то бо ҳадди аксари имконот ва баҳрабардорӣ аз таҳқиқот, вижагиҳои корофариниро дар ҷомеа эҷод намуда, ба омӯзиши корофаринӣ ва фаъолиятҳои корофаринона бипардозанд. Дарвоқеъ омӯзиши корофаринӣ дар системаи омӯзиши аксар кишварҳо ҷойгоҳи вижае пайдо кардааст ва барномаҳои мутанаввеи омӯзишӣ барои корофаринон тадорук дида шудааст.

Хушбахтона, дар солҳои охир дар кишвари мо низ корофаринӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, вале ҳанӯз ин мафҳум барои бисёре аз афроди ҷомеа ва дастандаркорон ношинохта мебошад. Дар шароити кунунӣ, ки иқтисоди кишвар бо масоили муҳиме ҳамчун хуруҷи донишмандон аз кишвар, бекорӣ, камбуди неруи инсонии мутахассис ва коҳиши таҳарруки иқтисодӣ мувоҷеҳ ҳастем, ҳузур ва вуҷуди корофаринон аз аҳамияти музоафе бархурдор аст.

**Омӯзиши корофаринӣ**. Бархе аз соҳибназарон эътиқод доранд, ки улуми корофаринӣ мубтанӣ бар як фаъолият ва тафаккури ҷадид ба сурати вероста мебошад ва қобилияти ёдгирӣ ва ёддиҳиро надорад. Дар ин дидгоҳ омӯзиши маҳоратҳои корофариниро ғайримумкин медонистанд. Вале пас аз гузашти замон ва анҷоми таҳқиқоти мутааддид ва ҳаводисе, аз ҷумла тағйироти фазои иқтисодии ҷаҳон, рушди камӣ ва бурузи корофаринони навандеш, ки бо бархурдорӣ аз улуми ҷадид, рушди иқтисодиро мунҷар шуданд, дидгоҳи таворисӣ будани корофаринӣ ҷойи худро ба омӯзишпазир будани корофаринӣ дод.

**Аҳдофи давраҳои омӯзиши корофаринӣ**. Ба таври куллӣ аҳдофи гуногун барои давраҳои омӯзиши корофаринӣ ташреъ ва таъйин гардидааст ва муҳаққиқон назарот ва дастовардҳои худро, ки ағлаб мукаммили якдигар мебошад ва ҳосил ва дастоварди таҳқиқоти худ бо таваҷҷуҳ ба шароити хосси ҳоким бар он ҷомеа таҳқиқоте мебошад, ба шаклҳои мутанаввеъ матраҳ кардаанд, ки дар зер ба бархе аз ин натоиҷ ва аҳдоф, ки ҷомеияти бештаре доранд ва бо мақола ва пажӯҳиши ҳозир мутаносиб мебошанд, гирдоварӣ ва тарҳ мегардад.

Рейнолд ва дигарон (2001) ба хусусиёт ва вижагиҳои муҳимми корофаринӣ дар се ҳавза – дониш, биниш ва маҳоратҳои онҳо ишора кардаанд ва матраҳ месозанд, ки дар низоми омӯзиши расмӣ ағлаб бо дониши афрод сару кор дорем ва ба сурати ҷомеъ ба он мепардозем, аммо ба маҳоратҳои афрод камтар таваҷҷуҳ мегардад.

Биниши афрод низ ба унвони як неруи равоншинохтӣ-иҷтимоӣ, ки дорои заминаи фарҳангӣ мебошад, аз аҳамияти хосе дар таъсиргузорӣ бар рафторҳои корофаринона бархурдор аст. Бинобар ин, барои таъсиргузории омӯзиши корофаринӣ бояд ба ҳар се ҷанба таваҷҷуҳ дошт.

Курилски ва Гит (2004) ҳадафҳои омӯзишро ба ду гурӯҳ – омӯзиши вижагиҳои корофаринона шомили шоистагиҳо ва тавонмандиҳои лозим барои ёдгирии фаъолиятҳои корофаринона (на касбу кори сирф) дар тӯли зиндагӣ ва омӯзиши

корофаринӣ ба маънои фарогирии тавонмандиҳо, вижагиҳо ва маҳоратҳои лозим барои роҳандозии рушд ва мудирияти касбу кор баён менамояд.

Миллз (1988) дар баррасии худ дар 15 мадрасаи корофаринӣ дар ИМА ду ҳадафи муҳимро барои барномаҳои омӯзишии корофаринӣ баён менамояд:

1. Афзоиши огоҳӣ ва дарки фароянди шурӯъ ва мудирияти як касбу кори ҷадид.
2. Афзоиши огоҳии донишҷӯён дар мавриди моликияти касбу корҳои кӯчак.

Бархе дигар аз муҳаққиқон низ ба сурати хулоса аҳдофи омӯзиширо дар ҷиҳати дастёбӣ ба дастовардҳои зер баён медоранд:

1. **Таҳаррикангезаҳо**. Манзури таҳаррукангезаҳо ҳаммонади тамоил ба касби сарват, ҳисси тавфиқталабӣ, истиқлолталабӣ, майл ба халқи чизи нав, тамоил ба тағйир дар шароити мавҷуд ва ғайра аст, ки фардро дар шинохти тавоноиҳои худ ва огоҳӣ пайдо кардан аз ангезаҳо ва таҳарруки онҳо ва дар ниҳоят, расидан ба корофаринӣ кумак менамояд.
2. **Парвариши вижагиҳо.** Ҳамон тавре ки ишора шуд, ағлаб вижагиҳои корофаринон қобили иктисоб аст, бинобар ин, парвариши вижагиҳое ҳамчун омӯзиши тафаккури халлоқ, афзоиши қудрати таҳаммули ибҳом, беҳбуди ҳисси эътимод ба нафс, шиносоии фурсатҳо, таҳаммули рискпазирӣ ва ғайра метавонад боиси беҳбуди ин вижагиҳо ва дар ниҳоят таҳаррикангезандаҳо гардад, ки худ мавқеият дар касбу корҳоро ба дунбол дорад.
3. **Омӯзиши маҳоратҳо**. Бо таваҷҷуҳ ба сайри шаклгирӣ ва таъсиси касбу кор ин омӯзишҳо ба се даста тақсим мегарданд: 1) қабл аз таъсиси ширкат; 2) замони таъсиси ширкат; 3) баъд аз таъсиси ширкат.

Қабл аз оғози фаъолияти корофаринӣ бояд чигунагии роҳандозӣ ва барномарезӣ барои як касбу кор, маҳоратҳои гурӯҳӣ ва маҳоратҳои иртиботиро бишносад. Дар ҳангоми таъсис бояд огоҳиҳои лозимро дар заминаҳои шинохти бозор ва бозорёбӣ, мудириятҳои молӣ, бима, қавонини кор ва дигар иттилооти кор, ҳуқуқи лозимро касб намояд ва дар ниҳоят, баъд аз таъсиси ширкат бояд аз барномаҳои тавсеаи ширкат, рақобат ва ҳифзи бозор, тавони шиносоӣ, ёфтани бозорҳои ҷадид, навоварӣ ва ҳаллоқият дар маҳсул огоҳӣ дошта бошад. Ҳадафи ин барномаҳо огоҳӣ додан ва сутуни корофаринӣ ба сӯйи касби маҳоратҳои лозим ҷиҳати бакорбандӣ дар касбу кор ва коҳиши риски фаъолиятҳои онҳо мебошад.

**Муҳтавии давраи омӯзишӣ**. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамият ва ҷойгоҳи корофаринӣ дар рушду тавсеаи иқтисодӣ, дар тайи даҳаи 1980 донишгоҳҳо бар ҳасби вижагиҳои таҳти ом ва ниёзҳои минтақавӣ, маҳаллӣ ва миллӣ, барномаҳои хос ва мутааддиди ом ва пажӯҳиширо таррохӣ ва иҷро карданд ва ҳимоятҳои хосеро аз фаъолиятҳои хосе, ки мунҷар ба равнақи корофаринӣ дар миёни ҷавонон мегардид, ба амалӣ гардонид. Аммо дар мавриди муҳтавии давраӣ бояд дар назар дошт, ки мутобиқ бо аҳдофи давраҳои омӯзиши корофаринӣ мебоист барои ҳар гурӯҳ аз мухотабони давраҳо, барномаҳои мутаносиб ва барои сутӯҳи мухталиф, давраҳои умумӣ ва тахассусии мутаносиб барномарезӣ ва пиёда намуд:

- Барои донишомӯзон ва донишҷӯён бо таҳия ва тадвини дуруси иҷборӣ ва ихтиёрӣ, шинохти фурсатҳо, халлоқият ва дарки сареи мавқеият дар синини навҷавонӣ, тавоноӣ ва маҳоратҳои лозим дар ҷиҳати беҳбуди эътимод ба нафс, тавони рискпазирӣ ва истиқлолталабӣ ва ғайраро омӯзиш дод.
- Ба мударрисон ва дастандаркорони корофаринӣ бо омӯзишҳои хосси равишҳо, аҳдоф, фунун ва маҳоратҳои навин тадриси корофаринонаро омӯхт ва имкони густариши фарҳанги корофаринонаро аз тариқи тадрис фароҳам сохт.
- Мудирони корофарин ва ё соҳибони идеяҳои бартарро бо дастовардҳои илмӣ, фаннӣ ва фарҳангӣ ба манзури роҳандозии як касбу кори ҷадид ва ё истимрор, давом ва тавсеи як касбу кор дар ҳоли фаъолият ошно сохт ва тавоноии ҳифз ва эҷоди муҳити мутаносиб барои шиносоӣ, парвариш ва таҳқиқи фурсатҳо ва идеяҳои навинро дар онҳо ниҳодина намуд. Давраҳои омӯзишии мутаносиб бо сутӯҳи мухталиф ба сурати давраҳои умумӣ ба шарҳи зер мебошад:

- ироаи мақолот, суханрониҳо ва матолиби мутанаввеъ тавассути асотид, санъатгарон ва корофаринони муваффақ;
- ироаи дониш ва маҳоратҳои лозим ҷиҳати таъсиси ширкат (шомили ҷанбаҳои қонунӣ, молиётӣ, сармоягузорӣ, интихоби сиёсатҳо ва ғайра);
- ироаи омӯзишҳои амалӣ барои ироаи тарҳҳои мухотираомез ва тавсеа ва такмили он бар асоси иттилооти касбшуда дар давраи қабл;

- ироаи омӯзишҳои мудириятӣ ва мушоварaӣ барои ширкатҳои навпо ва рӯ ба рушд дар заминаҳои мухталифи тахассусӣ ва ё ҳасби навъи кор;

- талфиқи мафҳуми мудирият ва фаъолиятҳои корофаринона бо якдигар;

Давраҳои тахассусиро метавон ба шарҳи зер пиёда сохт:

- ироаи омӯзиш дар заминаи идеясозӣ, навоварӣ, халлоқият ва таҳлили имконсанҷӣ ба манзури тавсеаи мафҳуми корофаринӣ ҷиҳати тавлиди маҳсул ва хадамоти ҷадид;

- омӯзиши тахассусӣ ҷиҳати ошноӣ бо шеваҳои мудирияти саҳеҳи корофаринӣ, аам аз мустақил ва созмонӣ;

- таъкид бар омӯзишҳои тахассусии корбурдӣ ҳамроҳ бо дидгоҳҳои корофаринӣ назири чигунагии таъмини манобеи молӣ, стратегияҳои бозорёбӣ, ҳисобдорӣ ва молиётбандӣ ва ғайра.

Дар заминаи стратегияи донишгоҳҳо ба манзури омӯзиш ҷиҳати корофринӣ доктор Аҳмадпур Дорёнӣ моделеро ироа намудааст, ки дар модели мазкур, донишгоҳҳо зимни ироаи дониш ва иттилооти тахассусӣ ба донишҷӯён, вазифадоранд барои тарбияти фориғуттаҳсилини корофаринӣ маҳоратҳои касбу кор (шомили тасаллут ба забони англисӣ, интернет, маҳорати мудирият, бозорёбӣ, умури молӣ, хариду фурӯш ва ғайра)-ро ба ҳамроҳи маҳоратҳо ва тавоноиҳои корофаринона (шомили халлоқият, навоварӣ ва фурсатёбӣ ва ғайра) эҷод намоянд.

Барои таъйини муҳтавии омӯзишии мавриди назар барои тадрис дар марокизи омӯзиши олӣ, бояд зимни мутолиаи муҳити перомун (авомили муҳитӣ) ва баррасии касбу кори қобили роҳандозӣ дар заминаи мавриди назар (имконсанҷӣ), аҳдофи омӯзишии муртабит бо онро тадвин ва барномаи ҷомеъ ва корбурдӣ тарроҳӣ намуд, ки омӯзиши маҳоратҳои корофаринонаро дар ҳар як аз риштаҳои донишгоҳӣ мумкин созад ва мунҷар ба ниҳодина шудани хусусиёти корофаринона дар фарогирон гардад.

Аммо нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки нақши марокизи омӯзиши олӣ дар тавсеаи корофаринӣ маҳдуд ба баргузории давраҳои хос ва омӯзиши корофаринӣ аз тариқи беҳбуди дониши корофаринии фард барои касби маҳоратҳои мавриди ниёз барои касбу кор ва ё тавониҳои корофаринона намебошад, балки интизор меравад ин марокиз дар ростои вазоифи зотии худ, бо ҳимоят аз фаъолиятҳои пажӯҳишии дигарон дар заминаи корофаринӣ, худ низ дар ҷиҳати тавсеаи корофаринӣ иқдомоти таҳқиқотии лозимро анҷом диҳад ва натоиҷи онро ба мухотабон ироа намоянд.

Донишгоҳҳо ба унвони пойгоҳи тавлиди улум бояд дониши корофариниро бо таваҷҷуҳ ба масоили минтақа дар кишвар ошкор намоянд ва бо барномарезӣ ва сиёсатгузории дақиқ аз корофаринон, ҳимоятҳои пажӯҳишӣ ба амал оваранд ва ниҳоятан ин, ки корофаринон битавонанд аз натоиҷи таҳқиқоти донишгоҳ дар касбу кори худ истифода намоянд.

Соҳибназарон дар тарроҳии як давраи омӯзиш ба сурати маъмул ба аносири ҳадаф, муҳтавои равиши тадрис ва равиши арзишёбӣ таъкид мекунанд. Манзур аз ҳадаф ҳамон мақосид ё мавқеияти мавриди интизори пас аз поёни давраи омӯзишӣ аст. Дарвоқеъ далели аслии шаклгирии як давраи омӯзиш расидан ба аҳдофи аз пеш таъйиншуда мебошад. Бар асоси аҳдофи мавриди назар барномарезии лозим дар ҳавзаи барномарезии дарсӣ ва омӯзишӣ шакл мегирад. Аммо ҳадафи давраҳои омӯзиши корофаринӣ чист? Ҳадаф дар ҳақиқат тарбият намудани афрод бо вижагиҳо ва нигариши корофаринона мебошад, ки шомили иртиқои иттако ба нафс, огоҳӣ ва шинохти зарфиятҳо, рискпазирӣ, халлоқият ва дар ниҳоят, тамоил ба роҳандозии як касбу кори мустақил мебошад. Аммо муҳтавои давра шомили мафоҳиме ва мавориде аст, ки ба фарогир ироа мегардад, то имкони расидани фарогирро ба ҳадафҳои таъйиншуда фароҳам созад.

Дар мавриди равишҳои тадриси корофаринӣ, равиши хос ва дақиқе пешниҳод нашудааст, вале таҳқиқот нишон додааст, ки омӯзиши корофаринӣ замоне, ки аз равишҳои суннатӣ дур шуда, ба самти равишҳои навин, ки асоси он ёдгирӣ бар асоси фаъолияти донишҷӯён ва касби таҷрибаи амалӣ дар ҳангоми омӯзиш мебошад, муассир аст.

Гиб ва Коттон (1998) низ дар ин маврид муътақид ҳастанд, ки афрод бояд мафоҳими корофариниро ибтидо эҳсос ва сипас комилан таҷриба намоянд, на ин ки фақат онро бо равишҳои мутаориф бипазиранд. Ҳамчунин, Гиб ба техникаҳои ҷадиди тадриси корофаринӣ таъкид мекунад, ки мусталзами ёдгирии муштарак байни мураббӣ ва фарогирон аст. Дар ин техникаҳо фарогир нақши худашро дар

ёдгирӣ ифо мекунад ва мураббӣ ҳам ба унвони як ҳимояткунанда ва тасҳили бахши фароянд ва ба унвони як катализатор амал мекунад.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, барои тарбияти корофарин на фақат ба дониш ниёз аст, балки ба роҳҳои ҷадиди фикр кардан, анвои ҷадиди маҳоратҳо ва моделҳои ҷадид (ҳунар) низ ниёз аст. Бархе аз равишҳои омӯзишӣ, ки мунҷар ба ёдгирии фаъол мегардад, шомили омӯзишҳои дидорӣ, ёдгирӣ, мушорикатӣ, ифои нақш, намоишнома ва мутолиаи мавридӣ, шабеҳсозӣ ва ғайра мебошад.

Дар мутолиаи мавридӣ як давра аз мавқеиятҳои воқеӣ, ки корофаринон ва афроди муртабит бо он мувоҷеҳ ҳастанд, ба баррасӣ ва нақд кашида мешавад.

Нуктаи қуввати мубоҳисаи гурӯҳӣ бурузи ақоид ва нуктаи назарот аст, ки ҳама фарогирон дар заминаи омӯзиш буда, худ мунҷар ба бурузи халлоқият ва тафаккури халлоқ мегардад ва ба далели мушорикати афрод эҳсоси матлубе аз ин равиш дар донишҷӯён эҷод мегардад.

Ифои нақш ба далели мушоҳидаи нақшҳои воқеӣ дар зиндагӣ, тавассути мураббӣ ва бо ҳамкории фарогирон сурат мегирад ва ширкати фаъоли донишҷӯёнро ба ҳамроҳ дорад.

Дар шабеҳсозӣ рӯйдодҳо ва буҳронҳои эҳтимолӣ, ки дар як касбу кор пеш меоянд, ба маърази нақд ва баррасӣ гузошта мешаванд, ки худ омили дарки беҳтари мавқеиятҳо, гузар аз буҳрон ва мудирияти буҳрон ва дар ниҳоят пешбинии оянда ва идораи муносиби касбу кор мегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси матраҳшуда пешниҳод мегардад, ки мурработёни корофаринӣ дар давраҳои омӯзишӣ, худ аз маҷмӯае аз равишҳо ва ба шакли муносиб ва дар ростои аҳдофи мавриди назар баҳра гиранд ва бо истифода аз як равиш ба сурати танҳо муҷиби беракобатии фарогирон ва ё бо истифода аз ҳама равишҳо бидуни таваҷҷуҳ ба таносуб ва ҳадафу муҳтаво заминаи хастагии фарогиронро фароҳам насозанд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд. Корофаринӣ / Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд. – Теҳрон: Пардис, 1379. – С.57.
2. Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд. Мабнои корофаринӣ / Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд, Муқимӣ Саид Муҳаммад. – Теҳрон: Фароандеш, 1387.
3. Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд. Оё корофаринӣ роҳбурди донишгоҳҳоро тағйир медиҳад? / Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд // Маҷаллаи «Роҳёфт». -1382. - № 29.
4. Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд. Оё корофаринӣ шуғли ҷадиде аст? / Аҳмадпур Дорёнӣ Маҳмуд // Моҳномаи «Тадбир». -1380. -№120.
5. Муқимӣ Саид Муҳаммад. Корофаринӣ дар ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ: пажӯҳише дар созмонҳои ғайридавлатии (NGOS) Эрон / Муқимӣ Саид Муҳаммад. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1383.
6. Солеҳӣ Муҳаммад. Муқаддимае бар корофаринӣ / Солеҳӣ Муҳаммад. – Қоимшаҳр: Интишороти Меҳралнабӣ, 1385.
7. Пуроташӣ Меҳтоб. Ниҳодина кардани омӯзиши корофаринӣ дар низоми омӯзиши олӣ / Пуроташӣ Меҳтоб // Фаслномаи «Омӯзиши олӣ». -1387. -№1.
8. Муқимӣ Саид Муҳаммад. Корофаринӣ дар созмонҳои давлатӣ / Муқимӣ Саид Муҳаммад. – Теҳрон: Маркази корофаринии Донишгоҳи Теҳрон, 1384.
9. Шоҳҳусейнӣ Алӣ. Корофаринӣ / Шоҳҳусейнӣ Алӣ. –Теҳрон: Ойиж, 1386.
10. Ғуломӣ Куруш. Омӯзиши корофаринӣ дар мадорис / Ғуломӣ Куруш // Гоҳномаи маркази мутолиот, таҳқиқот ва арзишёбии омӯзишии Созмони санҷиш ва омӯзиши кишвар, 1382. -№7.
11. Худодод Ҳусейнӣ. Корофаринӣ ва донишгоҳ / Худодод Ҳусейнӣ, Саид Ҳамид // Гоҳномаи тахассусии корофаринон. -1383. -№ 2.
12. Муқимӣ Фазлуллоҳ. Корофаринӣ / Муқимӣ Фазлуллоҳ // Гоҳномаи маркази мутолиот, таҳқиқот ва арзишёбии омӯзишии Созмони санҷиш ва омӯзиши кишвар, 1381. -№ 3.
13. Саид Киё Меҳдӣ. Ошноӣ бо корофаринӣ / Саид Киё Меҳдӣ. Интишороти Сипос, 1382.
14. Киё Муҳаммад Нассоҷ Саида. Нигоҳе ба омӯзишҳои корофаринӣ / Киё Муҳаммад Нассоҷ Саида // Фаслномаи тахассусии иштиғол ва корофаринии равиш. -1385. -№15.
15. [Захираи электроникӣ] www. Aftab.ir Корофаринӣ ва иштиғол дар низоми омӯзиши олӣ.
16. Broom H. & Longenecker J. Small business management cincinnati; Southwestern publishing co. -1994.
17. Vesper K. Research on Education For Entrepreneurship, in D.sexton, C. Kent, vesper (eds), "Encyclopedia of Entrepreneurship", N.J: prentice-HaII. INC. -1982.


## СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВУ


Выбор подходящих методов обучения является одним из важных требований курса обучения. Для успешного овладения навыками нужно изучить все цели и содержание курса в соответствии с потребностями сообщества. И наконец, при обучении следует выбирать методы реализации соответствующих методик обучения. Нужно изучать наиболее важные составляющие методик обучения и воспитания, которые соответствуют требованиям изучаемого предмета. Настоящая статья нацелена на исследование современных методов обучения предпринимательству.

**Ключевые слова:** обучение предпринимательству, цели обучения предпринимательству, содержание обучения, методика обучения, новые подходы к обучению, выбор методов обучения..

**MODERN METHODS OF TEACHING ENTREPRENEURSHIP**

*Mohammad Mehdi Mardanshahi*
**Ph.D of Education, University of Sari**

Select appropriate methods of teaching is one of the important design courses. In order for a course to run successfully, you must include all of the objectives and content of the course fit together and fit the needs of the community. Finally, the implementation of appropriate procedures and not just a project should be selected. Among the most important part of the learning and teaching methods to fit the nature of the subject is taught. This paper aims to investigate and entrepreneurial approaches to teaching and learning that takes place in the center, is.

**Keywords**: entrepreneurship education, entrepreneurship training objectives, training content.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Мехди Мардоншохи*** - кандидат педагогических наук, директор Центра предпринимательства Аграрного университета города Сори, Иран

# ИЛОҲИЁТШИНОСИИ ФАРОҒАТ: ЯК БАРРАСИИ МАВРИДӢ

***Сафар Сулаймонӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**Фароғат ва шодиофаринӣ дар ислом.** Шодию нишот дар Қуръони карим аксаран бо алфозе ҳамчун фараҳ, тафреҳ, яфраҳ, фарҳун ва фарҳин омадааст.

Ислом дини комиле аст, ки ба тамоми ниёзҳои фитрии инсон таваҷҷуҳ дошта, барои тамоми ниёзҳои ҷисмию рӯҳии башар барнома ва роҳе нишон додааст.

Шодию нишот ва фароғат аз ҷумлаи ниёзҳои рӯҳии инсон аст, ки дар бисёре аз ҷанбаҳои ҳаёти вай нақши муассире ифо мекунад. Дини мубини ислом, ки ба тамоми ниёзҳои рӯҳӣ ва ҷисмии инсон таваҷҷуҳ дорад, ин мавзӯъро низ мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Вуҷуди оятҳои гуногун дар Қуръони карим, суханони Паёмбар (с) ва ривоёти нақлшуда, ба таври куллӣ нишондиҳандаи аҳамияти ин мавзӯъ дар ислом аст. Дар бораи аҳамияти нишоту сурур ва ҷойгоҳи он дар таълимоти динӣ ҳамин бас аст, ки шодӣ 25 бор бо алфози мухталиф дар Қуръони карим омадааст ва яке аз усули китобҳои равонӣ ба боби сурур ихтисос дода шуда, касоне, ки сабаби дилхушӣ ва шодкомии бандагонро фароҳам меоваранд, ситоиш шудааст. Ин мақола бар он аст, то бо истифода аз оятҳои Қуръони карим ва бо баррасии ҳадисҳо, ривоятҳо ва нақлҳои пешвоёни динӣ ба баррасии ин матлаб кӯмак намуда ва ҳамчунин шодию нишотро дар матнҳои исломӣ аз манзари бузургони дин баррасӣ кунад.

**Пешинаи пажӯҳиш.** Қарнҳои гуногун ба истиноди бархе аз ривоёти сӯфиёна, ки наметавонад ҳеҷ иртиботи асиле бо Қуръони карим ва пешвоёни ислом дошта бошад, тафреҳ кардан, нишот дар зиндагӣ доштан ва амсоли онро барои як мусулмон нуқтаи заъф муаррифӣ мекарданд. Баъзеҳо, бо сабаби ноогоҳӣ нақши унсурҳои шодию тафреҳро дар зиндагӣ камранг ҷилва медоданд. Рафта-рафта бо хулосабарориҳои ноҷо аз бархе оятҳо ва ривоятҳо ва талқини он ба муслимин динеро, ки ҳамаи дастуроти шодиофаринро дар худ дорад, ба унвони дини ғаму мотам муаррифӣ намуда ва сабаб шуданд, то таваҷҷуҳи ҷомеаи исломӣ ба масъалаи шодию тафреҳ (истироҳат) кам шавад. Аммо аз он ҷо ки вазифаи мутафаккирон ва андешамандони динӣ аз он иборат аст, ки аз дохили оятҳои Қуръон бо таҳлили сира ва суннати пешвоёни динӣ ва бо баррасии назариёти донишмандони мазҳабӣ назари исломро дар мавриди тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсон ва масоили мубтало ба ҷомеа ва мардум баррасӣ кунанд, дар солҳои охир пажӯҳишҳое дар ин замина сурат гирифтааст. Таълифоти камтаре ба чашм мехӯрад, ки мустақиман ба баррасии шодию нишот дар матнҳои исломӣ пардохта бошанд ва бештар мушоҳида мегардад, ки дар китобҳои ахлоқӣ ба шакли мухтасар ба ин мавзӯъ ишора шудааст.

**Маънои луғавии шодӣ ва тафреҳ.** Шодӣ ҳолати мусбате аст, ки дар инсон ба вуҷуд меояд ва дар муқобили ғаму андӯҳ қарор дорад. Шодӣ ҳолате аст, ки дар муқобили сӯг қарор дорад ва маъмулан боиси рафторе мешавад, ки бар он ҳолати шодӣ кардан мегӯянд. Тафреҳ ба маънои шодӣ кардан, фараҳу хушнудӣ, тамошо, гашту гузор ва саргарм шудан ба шодмонӣ аст [10, с.45].

***Таърифи назарии шодкомӣ***: дараҷа ё мизоне аз шодист, ки шахс дар бораи матлубияти кайфияти кулли зиндагии худ қазоват мекунад. Ба ибораи дигар, шодкомӣ ба ин маъност, ки фард ба чӣ мизон зиндагии худро дӯст дорад.

**Алфози шодӣ дар Қуръони карим.** Шодию нишот дар Қуръони карим бештар бо алфозе ҳамчун фараҳ, тафреҳ, тафреҳун, яфраҳ, фарҳун ва фарҳин омадааст.

**Маънои луғавии фараҳ.** Фараҳ мухолифи ҳузну андӯҳ аст ва иборат аст аз лаззати қалбу рӯҳ аз расидан ба ончӣ майл дорад (7, с.67). Фараҳ шарҳи садр аст ба сабаби лаззати зудгузар, ки аксаран дар бораи лазатҳои ҳиссӣ ва дунявӣ суҳбат мешавад. Навъҳои фараҳ дар Қуръон дар чанд маъно ба кор рафтааст:

1.Саркашию бадмастӣ, ки дар бораи он Худованд мефармояд: «инналлоҳа ла юҳибулфарҳин» (Қасас, 76).

2.Хушнудӣ ва ризо, ки Худованд мефармояд: «Кулли ҳазби бима ладайҳим фарҳун» (Рум, 32).

3.Шодмонию хушҳолӣ, ки дар ин бора Худованд мефармояд: «Фарҳин бима итаҳам мин фазла». (Оли Имрон, 17)

Дар ҳамаи мавридҳо «фарҳин» ба маънои онон, ки шоду масруранд омада, аммо дар ҷое аз Қуръон меҳру муҳаббати илоҳӣ нисбат ба тафреҳ шудааст ва ишора шуда, ки «фарҳин» аз муҳаббати Худованд дур шудаанд. Ин сура дар бораи Қорун аст. Вай аз тарафи Фиръавн бар бани Исроил ҳукумат мекард ва ҳангоме ки бани Исроил дар Миср буданд, бар онҳо ситам мекард. Худованд ба ӯ ганҷҳо дода буд, калидҳояшро гурӯҳе аз мардони нерӯманд ба душворӣ ҳамл мекарданд. Бани Исроил ба Қорун гуфтанд: «Ба сабаби ганҷҳо сабуксарӣ ва шодӣ макун, ки Худо мардумеро, ки чунин бошанд, дӯст намедорад» (3, с.56). Дар ин ҷо калимаи «фараҳ» ба маънои «батр» тафсир шуда, лекин «юатр» лозимаи фараҳу хушҳолӣ аз сарвати дунё аст. Албатта, манзури фараҳ ва хушҳолии беш аз ҳад, ки охиратро аз ёд мебарад (2, с.38). Чунин фараҳ чун монеъ аз муҳаббати Худованд аст, наҳӣ шуда, дар ин ҷо «фарҳин» ба маънои «ашрин» ва «батрин» аст. Баъзе касоне, ки шукри Худовандро ба хотири ончӣ бар он ҳо ато фармуда, ба ҷой намеоваранд. Ба хотири вобастагӣ ба айши дунёӣ ва лаззати нафсонӣ он қадар дар расидан ба ин лаззат ғӯтавар шуда, ки аз таваҷҷуҳ ва аъмоли солеҳ ва талош барои анҷоми он бозмондааст.

Навъи дигаре аз шодмонӣ, ки дар Қуръон ба унвони фазилаи ахлоқӣ аз он ёд шуда, шодмонӣ ба хотири фазлу бахшиши илоҳӣ аст. Ин навъ шодӣ аз беҳтарин навъи шодиҳо маҳсуб мешавад. Худованд мефармояд: «Қул бифазлиллаҳ ва бираҳмата фабизалика фаляфраҳва ҳува хойрун мима яҷмаун».

Дар ин оя Худованди олам хитоб ба бандааш на танҳо шодӣ ба воситаи фазлу раҳматашро амр фармуда, балки ба вай таъкид фармуда, ки: шод бош. Бархе гуфтаанд манзур аз фазли Худо дини ислом аст, ки шомили ҳамаи пайравонаш мегардад. Бинобар ин, як фазли ом аст ва раҳмати Худованд ҳамон Қуръон ва таълими осмонӣ аст, ки ин фазли хос аст ва шомили ҳоли бархе мусулмонон мешавад (9, с.231).

***Тафреҳу шодӣ ва зарурати он аз дидгоҳи равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ.*** Равоншиносон дар муқобили омилҳои берунӣ ва дарунӣ вокунишҳои мухталифе аз қабили шодию хушҳолӣ, хашм, нафрат, тарс ва андӯҳ аз худ нишон медиҳанд, ки онҳоро ҳаяҷон меноманд. Ин ҳаяҷонҳо вобаста ба омилҳои падидоваранда ва низ дидгоҳи мо ва андешаҳои инсонҳо, гоҳ мусбатанд ва гоҳ манфӣ. Яке аз ин ҷанбаҳои ҳаяҷон «шодӣ» аст, ки бо вожаҳое чун сурур, нишот, ваҷд, сархушӣ ва хушҳолӣ ҳаммаъност. Шодӣ эҳсоси мусбате аст, ки зиндагиро ширин мекунад. Ширин будани шодӣ таҷрибаҳои иҷтинобнопазири зиндагӣ мисли нокомӣ, ноумедӣ ва отифаи манфиро хунсо мекунад ва ба мо кӯмак менамояд, то саломатии равонии худро ҳифз кунем. Метавон гуфт, яке аз фоидаҳои шодӣ оромбахш будани он аст. Шодӣ иштиёқи моро ба анҷоми фаъолиятҳои иҷтимоӣ афзуда, лабхандҳои шодӣ таомули иҷтимоиро фаровон мекунад. Бинобар ин, яке дигар аз фоидаҳои ибрози шодӣ ҷазби иҷтимоӣ будани он аст, ки равобитро ба ҳам мечаспонад. Шодӣ барои инсон як зарурат аст, ки бо он зиндагӣ маъно меёбад ва отифаҳои манфӣ, мисли нокомию ноумедӣ, тарсу нигаронӣ мебасар мешавад. Дар партави шодӣ аст, ки инсон метавонад хешро бисозад ва ғамро чолокона паси сар намояд ва дар иҷтимоъ нақши созандаи худро гузорад. Шодмонӣ аз ҷумлаи мавзӯоте аст, ки аз дер боз андешамандоне монанди Арасту, Зенон ва Эпикур ба он пардохтаанд. Арасту дастикам ба се навъ шодмонӣ муътақид аст. Дар поёнтарин сатҳ ақидаи мардуми одӣ аст, ки шодмониро ҳамрадифи муваффақияту комёбӣ медонанд ва дар сатҳи болотар аз он шодмонӣ мавриди назари Арасту ё шодмонии ношӣ аз маънавият қарор мегирад. Арасту гуфтааст: «Шодӣ беҳтарини чизҳост ва он қадар аҳамият дорад, ки дигар чизҳо барои касби он ҳастанд» (5, с.111).

Дар охирҳои қарни XIX мавзӯи шодкомӣ ва нишоти башар ба унвони яке аз мавзӯоти мавриди баррасии ҷомеашиносон, равоншиносон ва иқтисоддонон матраҳ гардид. Ин мавзӯъ ба тозагӣ вориди ҳавзаи улуми пизишкӣ шудааст. Бисёре аз таҳқиқоте, ки то кунун дар заминаи шодкомӣ анҷом шудааст, ба кайфияти зиндагии башар марбут мешавад. Инсон аз дер боз ба дунболи ин буд, ки чӣ гуна беҳтар зиндагӣ кунад ва чӣ чиз бештар сабабҳои ризояташро фароҳам месозад ва бо чӣ роҳҳое метавонад аз зиндагӣ дар ин дунё лаззат барад. Ҳамаи инҳо ба навъе ба мафҳуми шодкомӣ ва нишот марбутанд.

Бо матраҳ шудани рӯзафзунии аҳамияти шодӣ дар саломатии рӯҳӣ ва дастёбӣ ба муваффақият ва зиндагии беҳтар ва ҳамчунин таъсири он дар тақвияти нерӯи равонии инсон барои муқобила бо печидагиҳо ва мушкилоти дунёи имрӯз таваҷҷуҳ ва назари пажӯҳишгарон, андешамандон нисбат ба он тағйир ёфтааст. Таҳқиқот нишон додааст, ки шодӣ сарфи назар аз чигунагии ба даст овардани он, метавонад саломатии ҷисмониро низ беҳбуд бахшад.

Аҳамияти шодӣ то ҳадде аст, ки метавонад бемориҳоро дармон кунад. Як ҷарроҳи маъруф дар мақолае навиштааст: «Шодӣ на танҳо пеши роҳи бисёре аз бемориҳоро мегирад, балки, ҳатто, қодир аст пеши рушду нумӯи бемории саратонро, ки дар камин аст, низ бигирад». Яке аз муҳаққиқон дар бораи таъсири шодӣ дар зиндагӣ менависад: «Касе, ки дорои қалби тарабнок аст, ҳамаи аносири ҷаҳон ва падидаҳои онро дар ҳаёти пуршӯр бо нишот ҳис мекунад ва ҳисси зиндаангориро дар худ парвариш медиҳад ва ҳамаи ҳастиро шӯру тараб ба назора менишинад ва аз ин манзар умеду шавқ ва пешрафтро дар худ боз меёбад. Инсони тарабнок ҳамаи аносири ҳастиро дар ҳимояти пуршӯр ҳис мекунад ва дар ҳамаи чиз ранги Худо ва маънои рабубиятро ҷустуҷӯ мекунад. Қалби тарабнок ҳамаи ҳастиро дар шӯру талаб мебинад ва бо дидани ҳар намуде аз намудҳои ҳастӣ ба инбисоти рӯҳӣ даст меёбад. Қалбе, ки пойгоҳи арши илоҳӣ ва ҷойгоҳи нузули раҳмат ва муҳаббати Худост, ин қалб ботароват ва бонишот аст». Зарурати шодӣ дар барномарезиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо низ худро нишон медиҳад. Агар давлатҳо ба боло бурдани сатҳи шодӣ дар ҷомеа таваҷҷуҳ кунанд, дар иҷрои барномаҳои худ муваффақтаранд. Бартараф кардани ғаму андӯҳ ва ба вуҷуд омадани рӯҳияи шодӣ барои хонавода ва ҷомеа аз ҷанбаи дигаре ҳам зарурат меёбад ва он ин, ки ғаму шодии инсон фақат марбут ба худаш нест, балки бо шод ё ғамгин шудани як нафар, тамоми ҷомеа таъсир мепазирад. Яъне ғам ё шодӣ фардӣ нест ва дар як ҷо боқӣ намемонад ва ба ҳамаи афрод сироят мекунад.

Роберт Шелдрик – зистшиноси машҳур дар китоби «Илми ҷадиди ҳаёт» фалсафаи ҷадидеро матраҳ кард, ки собит мекунад, тарзи тафаккури мо на танҳо бар авзоъ ва аҳволи худи мо, балки, бар ҳамаи зеҳни инсонҳо дар саросари ҷаҳон таъсир мегузорад. Вай, ки барои исботи назарияаш аз далелҳои илмӣ ва таҷрибаҳои бисёре кӯмак гирифтааст, муътақид аст: ҳофиза ва шуури инсонҳо танҳо дар мағзи сараш захира намешавад, балки чизе ба номи «шуури ҷамъӣ» низ вуҷуд дорад, ки инсонҳо ба василаи нерӯи хос бо ҳам дар иртиботанд. Бинобар ин, ба роҳатӣ метавон ба аҳамият ва зарурати шодӣ дар саломати фардӣ ва иҷтимоии инсонҳо пай бурд (2, с.234).

***Аҳамияти шодию тафреҳ дар омӯзаҳои динӣ.*** Дини ислом, ки ба ҳамаи шууни ҳаётии инсон дақиқ нигариста ва мутаносиб бо ниёзҳои воқеии ӯ ва барои даст ёфтани ҳарчи бештари ӯ барномаҳое пешбинӣ кардааст, шодию нишот ва омилҳои нишотангезро, ки лозимаи як зиндагии муваффақ аст, ба инсон муаррифӣ ва тавсия мекунад. Дар дастурҳои осмонии ислом нуктаҳои арзишманде дар хусуси эҷоди шодӣ ва нишот омадааст. Ин шодиҳо гоҳе барои худи одамӣ аст ва замоне барои дигарон. Он ҳама савоб, ки барои табассум ба рӯйи дигарон зикр шуда ва супоришҳое, ки барои пӯшидани либосҳои шоду равшан, бӯйи хуш назофату покизагӣ, мусофират ва тафреҳ, ҳузур дар табиат ва нигаристан ба сабзаю об, меҳрубонию муҳаббат, зиудудани кина ва ҳасуд, шӯхию мазох ва хулоса дохилшавии сурур дар қалби мардум шудааст. Ҳама барои эҷоди фазои шодӣ ва рондани ғаму андӯҳ ва дар натиҷаи таҷдид барои идомаи ҳаракати такомулӣ аст. Имом Алӣ (а) мефармояд: «Шодӣ боиси инбисоти рӯҳ ва эҷоди ваҷду нишот мешавад».

Ба таври куллӣ, дар бораи аҳамияти шӯру нишот ва сурур ва ҷойгоҳи он дар таълимоти динӣ ҳамин бас, ки яке аз фаслҳои китобҳои равоӣ ба боби «адхоли сурур» ихтисос дода шудааст ва аз касоне, ки боиси дилхушӣ ва шодкомии бандагони Худоро фароҳам меоранд, ситоиш шудааст. Аз ҷумла, ҳадиси зебое, ки аз Расули акрам (с) нақл аст, ки фармуда: «Дар биҳишт ҷое аст, ки ба он хонаи шодӣ гуфта

мешавад. Ҳеҷ кас ба он хона ворид намешавад, магар он ки боиси шодии кӯдакон шуда бошад». Дар ҷойи дигар, боз аз Расули акрам (с) нақл шудааст ва он чи аз он ҳадис бардошт мешавад, ин аст ки байни шод кардани муъмин ва подоши биҳишт робитаи маънодоре вуҷуд дорад ва Худованд барои касоне, ки боиси фараҳу шодии бандагонашро фароҳам меоваранд, имтиёзи вижае медиҳад.

Қуръони карим ба карат шодиро ба таври мусбат мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст ва муъминонро ба хушҳолию шодмонӣ даъват мекунад: «Эй паёмбар, ба мардум бигӯ, бояд ба фазлу раҳмати Худо хушҳол бошанд, ин беҳтар аст аз шодию хушҳолӣ барои амволе, ки ҷамъ кардаанд». Дар Қуръони карим муъминонро, ки ба хотири бархурдорӣ аз неъматҳои илоҳӣ ва лутфу раҳмати Худованд ва ба даст овардани пирӯзӣ, шодмонӣ мекунанд, мавриди таъйид қарор додааст ва мефармояд: «…Ва он рӯз муъминон шод мешаванд ва ёрии Худо, ки касеро бихоҳад нусрату пирӯзӣ мебахшад ва ӯст, ки бар ҳар кори олам муқтадир ва бар кори халқ омил ва огоҳ аст».

Нисбат додани шодӣ ба муъминон дар ояи фавқ далел бар таъйид ба шодӣ дар Қуръони карим аст. Худованди мутаол шуҳадоро шоду бонишот ва фазли илоҳӣ медонад, ки дар ҳоли бархурдорӣ аз он чи ки Худо ба онҳо марҳамат намуда, шодмон мебошанд. Аммо дар айни ҳол Қуръони карим хитоб ба золиме мағрур ва саркаш, ки шодмонӣ ва хушҳолии ӯ аз рӯйи аҷабу хушнудӣ аст, мефармояд: «Чунин шодӣ макун, ки Худованд касоне (ки аз рӯйи ғафлату ғурур ва афкори ботил) шодӣ мекунанд, дӯст надорад». Бинобар ин, мебинем, ки аз дидгоҳи Қуръон мусбат ва манфӣ будани шодӣ во бастагӣ ба иллат ва ангезаи шод кардан ва наҳваи он дорад. Аммо Худованд тафреҳу шодиро финафса таъйид фармуда ва асосан хилқати ҳастии инсонро ба гунае қарор дода, ки худ ба худ шодиҳоеро барои одамӣ фароҳам меорад.

***Шодӣ дар Қуръон.*** Мафҳуми шодӣ маҷмӯан ҳудуди 25 бор бо алфози мухталиф дар Қуръон омадааст. Дар баъзе аз ин оятҳо муъминон ба шодию хушҳолӣ даъват шудаанд. Дар баъзеи дигар аз оятҳо касоне ба лиҳози шароити рӯҳии худ ва ангезаи хос дар он шодмонӣ мавриди мазаммат қарор гирифтаанд ва ё манъ шудаанд. Дар ин хусус, ишора мешавад: «Агар туро рухдоде хуш фаро расад, сахт бар онҳо ногувор ояд ва агар туро (аз ҷиҳод) заҳмате ва ранҷе пеш ояд (хушҳол шуда) ва гӯянд, мо дар кори худ нек пешбинӣ кардаем (ки ба ҷанг нарафтем) ва онҳо – шодизада аз ин рӯй мегардонанд» (Тавба, 50).

«Онҳое, ки аз (ҳукми ҷиҳод дар рикоб) Расули Худо (с) тахаллуф варзиданд, хушҳол шуданд» (Тавба, 81).

«Эй расул, ту ин оётро ба халқ бирасон, агар боз эътироз кунанд, дигар туро нигаҳбони онҳо нафиристодаем; бар ту ҷуз иблоғи рисолат таклифе нест ва мо чун бо инсони (бесабр, камзарфият) аз раҳмати худ баҳрае бахшем, шод шавад ва агар ба кайфари кирдори худ ранҷу азобе бар ӯ расад, сахт роҳи куфрон пӯяд (ва ба ҷойи тавба ба куллӣ Худоро аз ёд бибарад)».

«Агар шумо муслиминро хушҳолӣ пеш ояд, аз он бадҳолу ғамгин шаванд ва агар ба шумо ҳодисаи ногуворе расад, ба он ҳушҳол гарданд» (Оли Имрон, 120).

«Онон (шаҳидон) ба фазлу раҳмате, ки аз Худованд насибашон шуда, шодмонанд ва ба он муъминон, ки ҳанӯз ба онҳо напайвастаанд (ва баъдан бар пайи онҳо ба роҳи охират хоҳанд шитофт) мужда диҳанд, ки (аз мардон) натарсанд (ва аз фавти матои дунё ҳеҷ ғам нахӯранд)» (Тавба, 180).

«Эй паёмбар, мапиндор онҳое, ки ба кирдори зишти худ шодмонанд ва дӯст доранд, ки аз мардум ба авсофи писандидае, ки ҳеҷ дар онҳо вуҷуд надорад, онҳоро ситоиш кунанд… » (Тавба, 188).

«Пас чунончи ба онҳо тазаккур дода шуд, ҳамаро фаромӯш намуданд, мо ҳам дарҳои ҳар неъматро бар рӯйи онҳо кушодем, то ба неъмате, ки ба онҳо дода шуд, шодмону мағрур шуданд, пас ногоҳ онҳоро ба кайфари аъмолашон гирифтор кардем, ки он ҳангом хору ноумед шуданд» (Тавба, 188).

«Ва баъзе аз он мардум дар тақсими садоқат бар ту эътироз ва хурдагирӣ кунад; агар ба онҳо моли бисёр ато кунӣ, аз ту ризоят дошта ва илло сахт хашмгин шаванд» (Тавба, 58).

«Худо ҳар киро хоҳад фарохрӯзӣ ва ҳар киро хоҳад тангрӯзӣ мегардонад ва гурӯҳе ба зиндагии дунё шодмон шуданд» (Раъд, 26).

(Ин ғалабаи румиён) дар андсолӣ анҷом хоҳад шуд (ва бидонед, ки ҳодиса) ва куллияи умури олам қабл аз он ва баъд аз ин ҳама ба амри Худост ва он рӯз муъминон шод мешаванд» (Рум, 4).

«Аз он фирқа ҳавопарасти нодон набошед, касоне, ки дини худро пароканда сохтанд ва аз ҳавои нафс ва худпарастӣ фирқа-фирқа шуданд ва гурӯҳе ба авҳоми ботил дилшоданд» (Рум, 32).

«Ва мардум (бар ин одатанд, ки) ҳар гоҳ мо ба лутфи худ раҳмате ба онҳо чашонем шод шуда ва агар …» (Рум, 36).

«Пас он гоҳ, ки расулони мо бо муъҷизот ва адлае равшан ба сӯйи онҳо омаданд, он мардум ба дониши худ шоду хурсанд шуданд ва…» (Ғофир, 83).

«Он гоҳ мардум амри дини худро пора-пора карда ва дар ойин фирқа-фирқа шуда ва ҳар гурӯҳе ба он чи назди худ писандиданд дилхуш гаштанд» (Мӯъминун, 83).

«Ҳангоме ки қавмаш ба ӯ (Қорун) гуфтанд он қадар сармаст мабош, ки Худо ҳаргиз мардуми ғуруру сармастро дӯст намедорад». (Қасас, 84).

«(Инро бидонед) то ҳаргиз бар он чӣ дасти шумо равад, дилтанг нашавед ва ба он чӣ ки ба шумо расад, мағрур ва дилшод нагардед ва Худо дӯстдори ҳеҷ мутакаббири худситое нест…» (Ҳадид, 23).

Ҳамчунин дар сураи «Бақара» дар бораи модагове, ки қарор аст ба амри Худо қурбонӣ шавад, мефармояд: «Рангаш зарду равшан аст ва бинандагонашро шод мекунад» (Бақара, 69).

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти мавридҳои боло метавон дарёфт, ки шодкомӣ ва саломатии рӯҳӣ аз омилҳои таъсиргузор дар низомҳои омӯзишӣ аст ва ҳадафи ин пажӯҳиш ин аст, ки бо тавсияи нишонаҳои шодкомӣ ва таъйини мизони иртиботи онҳо бо саломатии рӯҳӣ ва пешрафти таҳсилӣ дар донишомӯзони давраи дабиристони шаҳри Теҳрон дар таҳқиқи ин рисолати бузург, ки ҳамон парвариши инсонҳои солим ва фарҳехта аст, қадами мусбат гузошта шавад.

Донишомӯзоне, ки шодкомии бештар доранд, ба роҳатӣ метавонанд аз муаллимони худ дархост кунанд ва дар бархӯрд бо мушкилоти дарсҳо аз онон кӯмак бихоҳанд. Бештар мутолиоти равоншиносони қарни XIX бар ноҷӯриҳое мисли афсурдагӣ, изтироб ва ноҷӯриҳои равонии дигар мутамарказ шудааст, то бар ҳаяҷоноти мусбате мисли шодию беҳзистӣ афзуда шавад. Бештар чунин будааст, ки бемориҳои равониро мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор диҳанд ва пажӯҳишҳои камтареро низ дар ин росто анҷом додаанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ.-Душанбе:Ирфон, 2007.-616 с.
2. Абулфазли Тариқадор. Шаръ ва шодӣ / Тариқадор Абулфазли -Теҳрон: Ҳузур, 1383.
3. Абдулъазим Каримӣ. Тарбияти тарабнок / Каримӣ Абдулъазим -Теҳрон: Муассисаи фарҳангии мунодии тарбият, 1380.
4. Алиакбар Деҳхудо. Луғатномаи Деҳхудо, 1383.
5. Додор Аҳмад Ризо. Шароити педагогии пешрафти таҳсилӣ дар муҳити шодкомӣ / Зери назари профессор Сулаймонӣ С.; Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ; Бунёди ироншиносии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2011.- 158 с.
6. Дадар Ахмед Реза. Психолого- педагогические условия формирования позитивного отношения учащихся к учебной деятельности: (на материалах школ Исламской Республики Иран): дис. канд.пед.наук / Дадар Ахмед Реза –Душанбе.-2013.- 149 с.
7. Маршал Рю. Ангезиш ва ҳаяҷон /тарҷ. Яҳё Сайид Муҳаммадӣ / Рю Маршал -Теҳрон: Вироиш, 1381.
8. Муҳаммадбоқир Маҷлисӣ. Баҳор-ул-ланвор / Маҷлисӣ Муҳаммадбоқир -Бейрут: Муассисаи Алвифои Бейрут, 1303.
9. Муҳаммадҳусайн Таботабоӣ. Алмизон / Таботабоӣ Муҳаммадҳусайн -Теҳрон: Нашри бунёди илмӣ ва фикрии Аллома Таботабоӣ, 1364.
10. Муҳаммад Яъқуби Кулайнӣ. Усули Кофӣ/тарҷ. Ҷавод Мустафо.-Теҳрон: Валиаср, 1375.
11. Ружникова, И.Г. Преодоление концертной тревожности у учащихся детских музыкальных школ в стрессовых ситуациях / И.Г.Ружникова, Л.А.Чудасова // Учебный, воспитательный и научный процессы в вузе: сборник статей. – ЧастьI / научн. ред. В.А.Зимин, Р.Б.Туйкин. – Самара : Новая техника, 2006.
12. Сулаймонӣ С. Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия / С.Сулаймонӣ -Душанбе:Ирфон, 2012.-492 с.
13. Суховеева Н.Д. Педагогические аспекты преодоления негативных последствий учебных факторов риска, отражающихся на здоровье учащихся колледжа: дис. канд. пед.наук / Н.Д Суховеева. - Ставрополь, 2003.-168с.
14. Тӯраев М. Навъи гуногуни ханда: як баррасии мавридӣ/ М Тӯраев // Маънавиёт ва мушкилии омӯзишу парвариш.-Душанбе: Ирфон.-2008.-С.328-335.
15. Шукруллоҳ Дониш. Шодию нишот дар мутуни исломӣ / Дониш Шукруллоҳ -Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1384.
16. Фельдштейн Д.И. Психология развития человека как личности в 2-х тт / Д.И Фельдштейн. - М., 2005.
17. Adler, M. G., & Fagley, N. S. (2005). Appreciation: Individual differences in finding value and meaning as a uniquepredictor of subjective well-being. Journal of Personality, 73, 79–114.

18. Berk, L. E. (2006). *Child development* (7th ed.). Boston: Pearson Education.
19. Biddle, S., & Mutrie, N. (2001). *Psychology of physical activity:Determinants, well-being, and interventions*. New York: Routledge.
20. Biswas-Diener, R., Vitterso, J., & Diener, E. (2005). Most people are pretty happy, butthere is cultural variation: The Inughuit, the Amish, and the Massai. *Journal of Happiness Studies, 6*, 205-226.
21. Cole, D. A., Martin, J. M., Powers, B., & Truglio, R. (1996). Modeling causal relations between academic and social competence and depression: A multitrait–multimethod longitudinal study of children. *Journal of Abnormal Psychology,105,* 258-270.

**К ВОПРОСУ О ТЕОЛОГИИ ДОСУГА**

Развлечение, радость и досуг являются духовным досугом общества и играют немаловажную роль в человеческой жизни. Ислам обращает должное внимание духовным потребностям человека, и данная тема является важным и актуальным. В каранических оятах и других хадисах обращается особое внимание данному вопросу.

**Ключевые слова:** радость, ислам, досуг, отдых, духовные потребности, смех, нравственность, развлечение, рекреакция

**THE THEOLOGY OF LEISURE**

Entertainment, pleasure and leisure are the spiritual society and plays an important role in human life. Islam, which drew attention to the spiritual needs of man and the topic is important and relevant. In oyatah and other Hadith Quranic pays particular attention to this issue.

**Keywords**: joy, Islam, leisure, relax, spiritual need, laughter, morals, amusement, recreation

**Сведения об авторе:** ***Сафар Сулаймони*** – доктор педагогических наук, профессор Института развития образования, им.Абдуррахмана Джами Академии об разования Таджикистана

# ТАЪСИРИ ОМӮЗИШ БО РӮЙКАРДИ ТАРБИЯТИ ҲУНАРӢ БА ФАЪОЛИЯТҲОИ ҲУНАРӢ ВА МАҲОРАТҲОИ ФАРОЯНДИИ ДОНИШОМӮЗОНИ ПОЯИ ЧАҲОРУМИ ИБТИДОӢ

***Лайло Мушаррафиёни Деҳкурдӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳунар баҳсест печида ва дар айни ҳол қобили ламс ва шинохташуда, ки аз дер боз, яъне аз ҳангоме ки инсон худ ва муҳиташро шинохт, ба унвони як асл аз усули зиндагӣ матраҳ будааст. Ҳунар ҳамвора ба ёрии инсон шитофтааст, чи он замон ки инсони аввалия бар девори ғорҳо барои худ роҳе пайдо кард, то аз тариқи он ба муқобила ба заъфҳо ва ноогоҳиҳои хеш бипардозад ва ё бар тарс аз фано ва нестӣ ғалаба кунад ва чи акнун, ки инсон дар дунёи аз изтироб ва нигарониҳо дасту по мезанад [1].

Кант ҳунарро лозимаи озодӣ медонад ва муътақид аст, ки унвони ҳунарро бояд ба чизҳое эъто кард, ки дар озодӣ ба вуҷуд омадаанд. Яъне, аз иродае ба вуҷуд омадаанд, ки бурҳон ва мантиқ ҳидояткунандаи он аст. Ба ақидаи Ҷон Ланкастер [5], «Ҳунар қисмате аст, неруи халлоқияти инсон аст, ки вай аз тариқи он бо дигарон иртибот барқарор месозад» [2].

Ҳунар дарбаргирандаи он бахш аз навоварӣ ва халлоқияти инсон аст, ки тайи он фард бо истифода аз мавод ва васоили ҳунарӣ ва дастӣ ҳаяҷон, афкор ва эҳсосоти худро, ки нашъатгирифта аз тафсири биноии таҷрибаҳои муҳитӣ аст, ба дигарон мунтақил мекунад. Албатта, муваффақият дар ин кор ба мизони маҳоратҳо ва ҳунармандии фард барои барқарории ин интиқол ва иртибот вобастагӣ дорад [1].

Ҳунар бо ҳамаи густардагӣ ва дар тамоми ҷилваҳояш баёнгари вуҷуди қобилият ва заминае дар инсон аст, ки рушд ва бурузи он лозимаи фаъолияти муназзам ва ҳадафманд, ё ба ибораи дигар, ҷараёне аст, ки онро тарбияти ҳунарӣ медонем.

Ҳовсман [6] тарбияти ҳунариро нозир ба омӯзиши ҳисси мухталиф, рушди таҷрибаҳои ҳиссӣ ва ламсӣ, ҳассосият ва бархӯрди амиқ бо ҷилваҳои асари ҳунарӣ ва наққодии ҳунармандона медонад. Дарвоқеъ, аз назари вай «тарбияти ҳунарӣ шомили омӯзиши асосии ҳавос ва рушди огоҳии мутаолӣ аз таҷрибаҳои басарӣ, афзоиш ва фаҳми шаклҳои намодини биноӣ ва низ рӯйкарди огоҳона нисбат ба тасаввуроти басарӣ дар наққошӣ, муҷассамасозӣ, ҳунарҳои тазъинӣ (корҳои дастӣ) ва омӯзиш дар заминаи корбурд ва эъмоли қазовати наққодонаи таҷрибаҳои басарӣ мебошад». Аммо ба назари Берудӣ [7] ҳунарҳо дастёбии инсонро ба дониш, басират, арзишҳо ва маонӣ барои мисол дарунбинӣ таолии рӯҳӣ ва эҳсоси завқӣ, ки дар ҳеҷ яке аз

ҳавзаҳои муҳтавоии дигари барномаи дарсӣ вуҷуд надорад, фароҳам меоваранд. Ба ҳамин далел аст, ки ҳадаф аз омӯзиши ҳунар, хусусан дар мадорис, ҳунарманд шудани донишомӯзон нест, балки танҳо ба манзури тақвияти шинохти донишомӯз аз пиромуни хеш аст [2]. Ҳамон тавр ки мулоҳиза мешавад, ин танаввӯи таориф нишондиҳандаи навъи нигоҳ ва рӯйкардҳои мухталиф ба омӯзиши ҳунар мебошад, ки аз омӯзиши ҳунар барои ҳунар то истифодаи абзорӣ дар парвариши маҳоратҳо ва ниҳоятан, дидгоҳи тавлидӣ дар навасон ҳастанд.

Эйзнез [8] низ дар китобҳо ва мақолоти худ ба таври муфассал ба баррасии нақш ва ҷойгоҳи тарбияти ҳунарӣ низоми омӯзишӣ пардохтааст. Ӯ, ки имрӯза ҳарфи аввалро дар барномаҳои дарсии мадорис роҷеъ ба расмият шинохтани ҷойгоҳ мегӯяд, зимни интиқод аз вазъияти мавҷуд тасреҳ мекунад, ки омӯзиши он дар мадорис ҷиддӣ гирифта намешавад ва дар ҳошия аст. Тавре ки камтарин ва бадтарин замони мумкин дар барномаи ҳафтагӣ ба ин дарс ихтисос дода мешавад. Ӯ мегӯяд, ки муҳимтарин ҳадафҳо ва коркардҳои тарбияти ҳунарӣ дар чаҳор мавзӯи тавлиди ҳунарӣ, наққодии ҳунарӣ, таърихи зебоишиносӣ хулоса шудааст. Инчунин, ёдоварӣ мекунад, ки «тадриси низомёфта ба мутаволии ин чаҳор мақула, ки инсонҳо дар заминаи ҳунар бо он сару кор доранд, дорои аҳамият ва арзиш аст. Онҳо осори ҳунариро тавлид мекунанд. Ҳунарро мавриди қадршиносӣ ва арзишгузорӣ қарор медиҳад. Иртиботи онро бо фарҳанг ва таърих дарк мекунад ва ниҳоятан он, ки қазоватҳоеро дар мавриди ҳунар ироа медиҳанд [2].

Ба нақл аз Рейн Ҳорст ва Бич [3] ба ҳамин далел рӯйкарди барномаи дарсии ҳунар [9] дар давраи ибтидоӣ бояд «Рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ» [10] бошад. Яъне, анҷом додани фаъолиятҳои ҳунарӣ дар фазое, ки кӯдакон озодона тахайюл ва андеша кунанд. Ҳавасашон тақвият шавад, зарфиятҳои нуҳуфтаи ҳуш ва тафаккурашон тарбият ёбад, ҳаяҷон ва эҳсосоташон рушд ёбад ва истеъдод ва халлоқиятҳояшон шукуфо гардад ва ин тартиб ба тарбияти ҳунарии онон биянҷомад. Ба ҷуръат метавон гуфт, ки ҳамаи кӯдакон фаъолиятҳои ҳунариро дӯст медоранд. Онҳо дар ин гуна фаъолиятҳо ва ҳангоми анҷом додани корҳои амалӣ тарроҳӣ ва сохтан шикаст ва пирӯзиро таҷриба мекунанд. Ба ин тартиб заминае барои бурузи халлоқият ва эҳсосоти онҳо фароҳам мешавад [2].

Аз он ҷо ки имрӯза дар мадорис ва марказҳои омӯзишии Эрон тарбияти ҳунарӣ ҷиддӣ гирифта намешавад ва дар барномаҳои дарсӣ ҳунар аз ҷойгоҳи муносиб ва шоистае бархурдор нест. Ба ибораи дигар, бо таваҷҷуҳ ба ғафлат ва зарфиятҳои қобили таваҷҷуҳи тарбияти ҳунарӣ, дар шароити кунунӣ, дар ин пажӯҳиш саъй шудааст, ки бо мутолиаи зарфияте, ки аз омӯзиш бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ҳосил мешавад ба баррасии амалкарди донишомӯзон дар фаъолиятҳои ҳунарӣ шомили наққошӣ, кордастӣ, қисса ва тарбияти шунавоӣ бипардозем ва ҳамчунин баррасии маҳоратҳои ҳунармандии эшонро, ки шомили кулли маҳоратҳоест, ки онон дар фароянди ёдгирии фаъол касб мекунанд. Аз ҷумла иборат аст аз маҳоратҳои тафаккур, мушорикат, тахйаюл ва халлоқиятро мадди назар қарор диҳем ва амалкарди ононро дар муқоиса бо равишҳои суннатӣ ва маъмул дар мадорис, ки бештар бар мабнои улгубардорӣ ва танқид аст, баррасӣ кунем.

**Мавзӯоти асосӣ дар рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ.** Тарбияти ҳунариро ба панҷ мавзӯи куллӣ метавон ҷудо кард, ки иборат аст аз зебоишиносӣ, иртибот бо табиат, ошноӣ бо таърихи ҳунар, тавлиди маҳсули ҳунарӣ ва нақдӣ. Ин баҳсҳо муҳимтарин унсурҳои омӯзиши ҳунар аз давраи ибтидоӣ то донишгоҳ ҳастанд ва бинобар сатҳи омӯзиш ва мутаносиб бо синҳои омӯзишӣ бояд матраҳ шаванд [3].

Ба назар мерасад, ки баррасии дақиқ ва мӯшикофонаи ин панҷ ҳавзаи тарбияти ҳунарӣ метавонад заминаи фикрӣ ва амалии маҳкаме барои барномарезон фароҳам оварад, то муҳтаворо дар масире ҳидоят кунанд, ки бо меҳварияти ин мавзӯот ҳадафҳои ниҳоии тарбияти ҳунариро эҷод кунад.

**Барномаи дарсии ҷадиди ҳунар дар давраи ибтидоӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба ночиз будани саҳми барномаи дарсии ҳунар ҳам аз лиҳози замони дарназаргирифташуда ба он ва ҳам аз лиҳози кайфияти ироаи ин дарс соҳаи пешдафтари барномарезӣ дар таърифи китоби дарсӣ дар Эрон тасмим гирифт, то бо тарроҳии барномаи дарсии ҷадиде барои дарси ҳунар ба вазъияти нобасомони омӯзиши ҳунар дар давраи ибтидоӣ поён диҳад. Дар ин сол мутолиоти ниёзсанҷӣ анҷом гирифт ва дар соли 1379 пешнависи нахусти барнома бо унвони барномаи муваққат таҳия ва ба дабистонҳои саросари кишвар барои иҷрои довталабона ирсол шуд.

Пурсишномаҳое низ ҳамроҳи барномаи муваққат барои мадорис ирсол гардид, то бо истифода аз онҳо ба изҳори назар дар бораи барномаи тозатанзимшуда

бипардозад. Ҳосили ин фаъолият ба баррасиҳои илмӣ ва коршиносии дигаре, ки дар гурӯҳи барномарезии мазкур анҷом шуд, мунҷар ба тарроҳии «Роҳнамои барномаи дарсии ҳунари давраи ибтидоӣ» шуд [2].

Дар «Аҳдофи фарҳангии ҳунарӣ»-и давраи ибтидоӣ, ки дар таърихи 1379 дар 647-умин ҷаласаи Шӯрои олии омӯзиш ва парвариш ба тасвиб расидааст, ин ҳадафҳо аз 8 даста иборат аст, ки дар канори аҳдофи эътиқодӣ, ахлоқӣ, илмӣ, омӯзишӣ, иҷтимоӣ, зистӣ ва иқтисодӣ маҷмӯаи аҳдофи ин давраи таҳсилиро ташкил медиҳад. Барномарезони дарсӣ ҳатман бояд, ки дар ҷараёни сохт ва пешбурди барномаҳо, яъне муҳимтарин василаи таҳаққуқи аҳдофи таълиму тарбият аҳдофи мусаввабро мадди назар қарор диҳанд.

Ҷараёни сохт ва пешбурди роҳнамои барномаи дарсии ҳунар дар давраи ибтидоӣ низ аз шумули ин қоидаи куллӣ ҷудо нест ва бояд бо таваҷҷуҳ ба аҳдофи давраи ибтидоӣ дар ҳавзаҳо ё ҳиттаҳои ҳаштгона ва бавижа аҳдофи фарҳангӣ ва ҳунарӣ анҷом гирифта бошад. Аҳдофи мавриди назар, ки тағйир дар барномаи дарсии ҳунар низ дар ростои таҳаққуқи аҳдофи мазкур анҷом гирифтан аст, ба шарҳи зер ҳастанд [2]:

Донишомӯз:

1. Ба зебоии табиат таваҷҷуҳ мекунад ва ҳамоҳангии онро дӯст дорад.
2. Дар заминаҳои зебоӣ дар падидаҳои табиӣ улгу мегирад.
3. Аз мушоҳидаи осори ҳунарӣ лаззат мебарад.
4. Завқу халлоқияти ҳунарии худро дар анҷом додани фаъолиятҳо нишон медиҳад.
5. Суннатҳо, падидаҳо ва осори мавзунро дӯст медорад.
6. Бо бархе аз осори маъруфи ҳунарӣ ошно аст.
7. Ба хондани ашъор ва қиссаҳои муносиб алоқаманд аст.
8. Бархе аз одоби фарҳангӣ ва иҷтимоии эрониро медонад ва барои онҳо арзиш қоил аст.

Бо таваҷҷуҳ бо тағйироти анҷомгирифта дар дарси ҳунари давраи ибтидоӣ, ки дар соли таҳсили 1387 ба таври озмоишӣ дар баъзе аз остонҳо иҷро шудааст, остони Форс низ яке аз ин остонҳо буда, лизо аз лиҳози мадориси остон мадорисе интихоб шуда ва бо кумаки пажӯҳишгарон дар амри тадриси саҳеҳтар бо тарбияти ҳунарӣ таъсири он бар донишомӯзон мавриди баррасӣ қарор гирифта ва бо мадорисе, ки ин дар онҳо иҷро нашуда буд, мавриди муқоиса қарор гирифт.

**Равиши пажӯҳиш.** Пажӯҳиши ҳозир ба сурати тақрибан озмоишӣ ё ниматаҷриба анҷом гирифтааст. Кампел ва Стенли ба озмоишҳое, ки фоқиди тахсиси тасодуфианд ё ҳастанд, озмоишҳои тақрибан озмоишӣ мегӯянд: «Аз он ҷо, ки гурӯҳи озмоиш ва гурӯҳи назоратӣ ба сурати тасодуфии хушаӣ интихоб шуда ва на тасодуфии фард ба фард, лизо аз гурӯҳҳои дастнахӯрда дар ин пажӯҳиш истифода шудааст».

Барои намунагирӣ ҷиҳати таъйини гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ аз миёни мадориси ибтидоии духтарона ва писарона ду мадраса ба сурати тасодуфӣ интихоб ва аз ҳар мадраса ду синфи духтарона ва ду синфи писарона ба сурати тасодуфӣ ҷиҳати иҷрои пажӯҳиш интихоб шуданд, ки ҷамъан 59 духтар ва 60 писарро шомил мешуданд (аз ин ҷаъм 61 нафар дар гурӯҳи озмоишӣ). Аз ин ҷо 31 нафар дар синфи духтарона ва 30 нафар дар синфи писарона (ва 58 нафар дар гурӯҳи назоратӣ). 28 нафар дар синфи духтарона ва 30 нафар дар синфи писарона буданд. Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш кулли донишомӯзони писар ва духтари пояи чаҳоруми ибтидоии шаҳри Марвдашт дар соли таҳсили 1387-1388 шомили 3286 нафар мебошад.

Наҳваи иҷро ба ин сурат буд, ки дар панҷ ҷаласаи ибтидоӣ шурӯи синфҳо дар 5 ҳитта: наққошӣ, кордастӣ, тарбияти шунавоӣ, қисса ва намоиш ду соат ҷиҳати иҷрои пешозмун дар назар гирифта шуд. Ҷамъан ба муддати 10 соат ва арзёбии фаъолиятҳои ҳунарӣ ва маҳоратҳои фарояндӣ дар бораи кулли донишомӯзон дар ин клосҳо анҷом шуд ва миёнгинҳои нумароти эшон дар хеш муҳосиба ва ба унвони нумраи пешозмун сабт шуд. Ҷамъан 25 соат ҷиҳати ҳар синф барномаи омӯзишӣ иҷро гардид, ки 5 ҷаласаи он марбут ба пешозмун дар 5 ҳиттаи фаъолияти ҳунарӣ буд. Сипас дар ҳар гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ ба тафкики ҷинсият барои ҳар як аз ин ҳитта се ҷаласа ҷиҳати омӯзиши мутафовит ва сипас иҷрои пасозмун барномарезӣ ва иҷро гардид. Ҷамъан ба муддати 15 соат. Ба ин сурат, ки ба муддати 5 ҷаласа гурӯҳи озмоишии духтар ва писар таҳти омӯзиш бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ва 5 ҷаласа гурӯҳи назоратӣ ба шеваҳои гузашта омӯзиш диданд ва дар ин ҷаласаҳо ба

василаи доварон мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд, ки нумароти он ба унвони пасозмун манзур гардид.

**Абзори ҷамъоварии додаҳо.** Абзори ҷамъоварии додаҳо дар ин тадрис пурсишномаест, ки ба сурати мавориде аз фаъолияти ҳунарӣ ва маҳоратҳои фароядӣ аз тарафи дафтари барномарезӣ ва таълифи китоби дарсии Созмони пажӯҳиш ва барномарезии омӯзиш ҷиҳати санҷиши амалкарди донишомӯзон дар дарси ҳунар дар китоби равиши тадриси ҳунар ироа шудааст. Пурсишнома амалкарди донишомӯзонро шомили 20 мавриди фаъолияти ҳунарӣ, дар 5 замина шомили наққошӣ, кордастӣ, тарбияти шунавоӣ, қисса ва намоиш мебошад. 10 мавриди низ дар мавриди маҳоратҳои фароядӣ шомили тафаккур, таомул, мушорикати масъулона, ҳамкорӣ, назм, диққат, халлоқият, пешгомӣ дар фаъолиятҳо ва аҳамият ба зебоии кор буд. Нумрагузорӣ ба сурати тейфбандӣ аз 1 то 4 ва арзишгузорӣ тавассути муаллими ҳунар болотарин ва поёнтарин нумра тавассути ҳар донишомӯз байни 30 то 120 қобили муҳосиба аст. Барои санҷиши поёии пурсишнома аз алфои Кронбах истифода шуд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки мавридҳои санҷиши фаъолиятҳои ҳунарии донишомӯзон ва маҳоратҳои фароядии эшон тавассути пажӯҳишгар тарроҳӣ шуда, барои барномаи дарсӣ ва бар асоси ҳадафҳои барномаи тарбияти ҳунарӣ танзим ва пешниҳод гардид, аз равонии сурӣ бархурдор мебошад. Илова бар ин, ҳамбастагии суолоти марбут ба ҳар бахш муҳосиба ва мушоҳида шуд, ки дар бахшҳои мухталифи абзори пажӯҳиш муаллифаҳои марбут дорои ҳамбастагии маънодоре дар сатҳи хатои 0,05 ҳастанд.

Натиҷаҳои ҳосил аз ҳамбастагии ифтироғӣ нишон медиҳад, ки тамоми зарибҳои ҳамбастагӣ миқдорашон аз 0, 2 бештар аст ва дар сатҳи 001,0 маънодор шудаанд, бинобар ин, равоии ифтирогии суолот таъйид гардид.

**Равиши таҷзия ва таҳлили додаҳо.** Дар ин пажӯҳиш аз озмуни t барои тафовут байни гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бар озмуни таҳлили вориёнси дуроҳа ҷиҳати таъсироти таҳомулии мутағайирҳо истифода шудааст.

**Суолоти пажӯҳиш:**

- оё омӯзиш бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ нисбат ба равиши суннатӣ таъсири бештаре бар фаъолиятҳои ҳунарии донишомӯзон дорад?

-оё омӯзиш бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ нисбат ба равиши суннатӣ таъсири бештаре бар маҳоратҳои фароядии донишомӯзон дорад?

-таъсири мутақобили рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ба равиши суннатӣ бо ҷинсияти донишомӯзон дар амалкарди таҳсилии дарси ҳунар чӣ гуна будааст?

**Баррасии натиҷаҳои пажӯҳиш.** Баррасӣ ва таҳлили суоли авали пажӯҳиш: оё равиши тарбияти ҳунарӣ нисбат ба равиши суннатӣ таъсири бештаре бар фаъолиятҳои ҳунарии донишомӯзон доштааст? Ҷиҳати баррасии суоли аввал аз озмуни t гурӯҳҳои мустақил истифода шуд.

**Ҷадвали 1. Натиҷаҳои ҳосил аз озмуни t дар гурӯҳҳои озмоишӣ бо тарбияти ҳунарӣ ва суннатӣ дар фаъолиятҳои ҳунарӣ**

| Озмунҳо | Гурӯҳҳо | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | t | df | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пешозмун | Озмоиш-духтар писар | 2,18 | 0,59 | 0,987 | 117 | 0,33 |
| | Назорат-духтар писар | 2,30 | 0,72 | | | |
| Пасозмун | Озмоиш – духтар писар | 3,16 | 0,48 | 5,88 | 117 | 0,001 |
| | Назорат-духтар писар | 2,55 | 0,64 | | | |

Ҳамон тавр ки дар ҷадвали шумориаи 1 мушоҳида мешавад, дар ҳолати пешозмун гурӯҳи озмоиш дорои миёнгини нумраи фаъолияти ҳунарии 2,18 бо инҳирофи меъёри 0,59 ва гурӯҳи назоратдори миёнгини нумраи фаъолияти ҳунарии 2,30 бо инҳирофи меъёри 0, 72 дар фаъолиятҳои наққошӣ, кордастӣ, тарбияти шунавоӣ, қисса ва намоиш аст. Миқдори t-и бадастомада дар пешозмун 0,97 бо дараҷаи озодии 117 мебошад, ки дар сатҳи t=1,56 (0,50) маънодор набудааст. Бинобар ин, байни ду гурӯҳ - озмоиш ва назорат аз лиҳози нумароти фаъолиятҳои ҳунарӣ дар ҳолати пешозмун тафовути маънодоре вуҷуд надорад. Дар ҳолати пасозмун гурӯҳи озмоиш дорои миёнгини нумраи фаъолияти ҳунарӣ 3,16 бо

инҳирофи меъёри 0,48 ва гурӯҳи назорат дорои миёнгини нумраи фаъолияти ҳунарии 2,55 бо инҳирофи меъёри 0,64 мебошад. Миқдори t-и муҳосибашуда барои фаъолияти ҳунарӣ t = 5,88 (0,100) маънодор будааст. Лизо натиҷа мегирем, ки байни 2 гурӯҳи озмоиш ва назорат дар пасозмун тафовути маънодоре вуҷуд дорад ва ин тафовут дар ҷиҳате аст, ки миёнгини нумароти фаъолияти ҳунарии гурӯҳи озмоиш духтар ва писар аз сатҳи болотаре нисбат ба гурӯҳи назорат бархурдор аст.

**Таҳлили суоли 2 пажӯҳиш:** оё омӯзиш бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ нисбат ба равиши суннатӣ таъсири бештаре бар маҳоратҳои фароядии донишомӯзон доштааст?

Ҷиҳати баррасӣ ва таҳлили фарзияи дувуми пажӯҳиш аз озмуни t гурӯҳҳои мустақил истифода шуд, ба ин сурат t, ки ибтидо нумароти маҳоратҳои фароядии донишомӯзони гурӯҳи озмоиш ва гурӯҳи назоратро дар ҳолати пешозмун муқоиса намудем ва сипас ин муқоисаро дар ҳолати пасозмун низ анҷом додем. Натиҷаи ҳосил аз озмун дар ҷадвали шумораи 2 омадааст.

**Ҷадвали 2. Натиҷаи ҳосил аз озмуни t дар гурӯҳҳои озмоишӣ бо рӯйкарди ҳунарӣ ва суннатӣ дар маҳоратҳои фароядӣ**

| Озмунҳо | Манобеи тағйир | Миёнгин | Инҳирофи меъёр | t | df | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Пешозмун | Озмоиш-духтар писар | 2,2 | 0,91 | 0,254 | 117 | 0,8 |
| | Назорат-духтар писар | 2,16 | 0,78 | | | |
| Пасозмун | Озмоиш – духтар писар | 3,06 | 0,50 | 5,94 | 117 | 0,001 |
| | Назорат-духтар писар | 2,37 | 0,75 | | | |

Ҳамон тавр, ки дар ҷадвали шумораи 2 мушоҳида мешавад, дар ҳолати пешозмун гурӯҳи озмоиш дорои миёнгини нумраи маҳоратҳои фароядӣ 2,2 ва гурӯҳи назорат дорои миёнгини нумраи 2,16 мебошад. Миқдори t-и мусоҳибашуда барои маҳоратҳои фароядӣ дар пешозмун 0,254 мебошад, ки бо дараҷаи озодӣ 117 дар сатҳи 0,001 маънодор намебошад. Ҳамчунин, дар ҳолати миқдори t-и мусоҳибашуда барои маҳорати фароядӣ дар пасозмун 5,94 мебошад, ки бо дараҷаи озодии 117 дар сатҳи маънодории 0,001 манъодор мебошад. Бинобар ин, метавон натиҷа гирифт, ки байни гурӯҳи озмоиш ва назорат аз лиҳози нумароти маҳоратҳои фароядӣ дар ҳолати пешозмун тафовути маънодоре вуҷуд надорад, аммо дар ҳолати пасозмун байни гурӯҳи озмоиш ва назорат тафовути маънодор ҳаст ва ин тафовут дар ҷиҳатест, ки гурӯҳи озмоиш аз миёнгини нумраи маҳорати фароядии болотаре нисбат ба гурӯҳи назорат бархурдор аст.

**Таҳлил ва баррасии суоли 3-юми пажӯҳиш:** таъсири таомулии рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ба равиши суннатӣ бо ҷинсияти донишомӯзон дар амалкарди таҳсилии дарси ҳунар чӣ гуна будааст?

Ҷиҳати баррасӣ ва таҳлили фарзияи 3 аз таҳлили вориёнси омилӣ истифода шуд, то баррасӣ шавад, ки оё илова бар мутағайири равиши тарбияти ҳунарӣ омили ҷинсият низ бар амалкарди таҳсилии ду гурӯҳ таъсир доштааст ё на?

**Ҷадвали 3. Миёнгини нумароти пешозмун ва пасозмуни амалкарди ҳунарӣ ба тафкики ҷинсият**

| Гурӯҳҳо | | Миёнгини духтарон | Миёнгини писарон |
|---|---|---|---|
| Назорат | Пешозмун<br>пасозмун | 2,18<br>2,51 | 2,32<br>2,48 |
| Озмоиш | Пешозмун<br>пасозмун | 2,27<br>3,09 | 2,10<br>3.16 |

Ҷадвали шумораи 3 миёнгини нумароти 2 гурӯҳи назорат ва озмоиш ба тафкики ҷинсият мушоҳида мешавад ва ҳамон тавре ки дар ҷадвали шумораи 4 мушоҳида шуд, миқдори f-и мусоҳибашуда барои мутағайири ҷинсият баробар аст бо 0,31, ки бо дараҷаи озодии 1 дар сатҳи 0,001 маънодор нест. Ба иборае, дар марҳилаи пасозмун миёни 2 ҷинс тавофути маънидоре мушоҳида намешавад. Сипас барои мутағайири гурӯҳ, ки шомили гурӯҳи озмоиш ва гурӯҳи назорат мебошад, миқдори f-

и мусоҳибашуда баробар аст бо 14, 13 ки бо дараҷаи озодии 1 дар сатҳи 0, 001 маънодор аст.

Ба ибораи дигар, дар марҳилаи пасозмун миёни гурӯҳҳои назорат ва озмоиш тафовути маънодоре мушоҳида шудааст. Сипас микдори f-и мусоҳибашуда барои таъсири таомулии ҷинсият ва гурӯҳ 0,21 муҳосиба гардидааст, ки бо дараҷаи озодии 1 дар сатҳи 0,001 маънодор намебошад. Бинобар ин, дар пасозмун таомули онҳо дар нумарот маънодор набудааст.

**Ҷадвали 4. Таҳлили вориёнси омилӣ дар пасозмун**

| Манобеи тағйир | Маҷмуи маҷзурот | df | F | Сатҳи маънодорӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ҷинсият | 0,009 | 1 | 0,31 | 0,86 |
| Гурӯҳ | 11,993 | 1 | 41,31 | 0,001 |
| Ҷинсият гурӯҳ | 0,062 | 1 | 0,21 | 0,64 |

**Пешниҳодот:**

1. Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ин пажӯҳиш рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ, ҷиҳати парвариши маҳоратҳои чандгона ва ҳиттаҳои мухталифи ҳунарӣ дар мақтаи ибтидоӣ муносибтар аз рӯйкарди суннатӣ ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, чун иҷрои муваффақиятомези ин равиш дар дараҷаи аввал ниёз ба ислоҳи афкор ва нигаришҳои омӯзгорони дарси ҳунар нисбат ба мавзӯъ ва ҳадафи аслии ин дарс аст, бинобар ин, дар ин росто баргузории ҳамоишҳои мутаносиб бо қаламрави ҳунар, чи ба сурати назарӣ ва чи ба сурати тадоруки коргоҳҳои бозомузӣ, зарурӣ ба назар мерасад.

2. Бар асоси таҷрибаҳое, ки муаллимони муҷрии ин тарҳ доштаанд, эҷоди шароити пурангеза дар синф махсусан дар бахши ҳунар ниёз ба доштани рӯҳияи шод ва пурнишот дорад. Бинобар ин, аз он ҷо, ки омӯзгорон бояд ин имконро барои донишомӯзонашон фароҳам кунанд, лозим аст барномарезон ва сиёсатгузорони омӯзишӣ дар сатҳи созмони омӯзиш ва парвариш ва ҳатто мудирон талошеро барои эҷоди ин фурсат барои омӯзгорон тадорук бубинанд.

3. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки имконоти мавриди ниёз барои иҷрои фаъолиятҳо дар мадорис мухталиф, мутафовит ва ағлаб маҳдуд аст, дар ин пажӯҳиш ниёзманди он будем, ки шароити ҷойгузин кардани имконот ва истифода аз абзорҳои сода ва дастсозро таҷриба кунем. Чунки метавон ба сурати халлоқона бо истифода аз равишҳои тоза бидуни сарфи ҳазина обзорҳои ҷойгузин ва худсохтаро таҷриба кунем ва ба кор бигирем. Пас, бояд ин дидгоҳро дар омӯзгорон тақвият кунем, ки абзор агарчи имкони тавфиқро ҳимоят мекунад, аммо ҳатман далели муваффақият дар расидан ба ҳадафҳо нахоҳад буд.

4. Дар баҳсҳои тарбиятӣ далелҳои бисёр ҳам волидайн ва тавҷеҳи онҳо дар мавриди чироӣ, чистӣ ва чигунагии тарбияти ҳунарӣ ва нақши он дар афзоиши тавонмандиҳо зарурӣ аст. Лизо ба унвони аввалин қадам ба омӯзгорон тавсия мешавад, ки оғози соли таҳсил тайи як ҷаласа падар ва модарҳоро тавҷеҳ кунанд, то битавонанд аз ҳимоят ва нақши онҳо дар тарбияти ҳунарӣ суд бибаранд.

Дар ин пажӯҳиш саъй шуд зимни баррасии рӯйкардҳои мухталиф дар тарбияти мутолиаи рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ва таъсири он бар амалкарди донишомӯзон дар ин дарс пардохта шавад. Натиҷаи ин пажӯҳиш натиҷаи он аст, ки нумароти фаъолияти ҳунарии донишомӯзоне, ки бо тарбияти хунарӣ омӯзиш дидаанд, бо нумраи фаъолияти ҳунарии донишомӯзоне, ки бо равишҳои гузашта омӯзиш дидаанд, тафовути маънодоре дорад.

Ҳамчунин маълум шуд, ки нумраи куллии маҳоратҳои фароянդии донишомӯзоне, ки бо рӯйкарди тарбияти хунарӣ омӯзиш дидаанд, бо донишомӯзоне, ки бо равиши гузашта омӯзиш дидаанд, тавофути маънодоре дорад. Аз он ҷо, ки маҳоратҳои фароянդӣ шомили маҳоратҳое чун тафаккур, таомул, мушорикат, ҳамкорӣ, назм, диққат ва халлоқият мебошад, мушоҳида шуд, ки зимни фаъолияти ҳунарӣ бо рӯйкарди тарбияти ҳунарӣ ин маҳоратҳо бештар тақвият мешаванд. Чароки тарроҳии фазо ва имконот ва эҷоди фурсатҳо дар ин рӯйкард имконоти бештареро барои тақвияти онҳо фароҳам менамояд. Лизо таъсири тарбияти ҳунарӣ бар тақвияти ин маҳоратҳо ва халқи осори ҳунарӣ тақрибан мусбат арзёбӣ мешавад. Ин натиҷа бо гузориши пажӯҳиши Навоби Сафавӣ, ки баён мекунад, ки иҷрои ин риштаҳо дар канори ҳам ё ба таври дарҳамтанида талфиқи фароянде аз эҳсос, идрок, тафаккур ва тавлиди асари ҳунариро барои донишомӯзон фароҳам меоварад, ки ба рушди ҳамаҷониба ва мутаодили онҳо меанҷомад ва дар тавсеаи ҳавоси донишомӯзон таъсири зиёде дорад, ҳамоҳангӣ дорад.

Ҳамчунин, бархе аз пажӯҳишгарон дар мавриди таъсири эҳтимолии ҷинсият бар амалкардҳо ба баррсии таомулии ҷинсият бо амалкарди гурӯҳҳо пардохтанд, ки натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишондиҳандаи он аст, ки мутағайири ҷинсият дар амалкарди ҳунарии донишомӯзон таъсире надоштааст ва бештари ин тафовутҳо ношӣ аз мутағайири равиши тадрис будааст.

**АДАБИЁТ**


1. Аминӣ Муҳаммадамин. Тарбияти ҳунарӣ дар қаламрави омӯзиш ва парвариш / Аминӣ Муҳаммадамин. –Теҳрон: Обиж, 1384. -100; Ғаффорӣ Афсона. Омӯзиши ҳунар ва нақши он дар рушди халлоқияти донишомӯзон: поённомаи коршиносии аршад / Ғаффорӣ Афсона. –Шероз: Интишороти Донишкадаи улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ, 1364. –С. 33.
2. Қутбӣ Муҳаммадюсуф. Пажӯҳиш дар таърихи ҳунар / Қутбӣ Муҳаммадюсуф. –Теҳрон: Заввор, 1352. –С. 80; Кишоварз Муҳаммадалӣ. Омӯзиши наққошӣ ва кордастӣ / Кишоварз Муҳаммадалӣ, Султоникиё Ҳасан. –Теҳрон: Ширкати чоп ва нашри китобҳои дарсии Эрон, 1384. –С. 91; Гол Бург. Равишҳои таҳқиқи камӣ ва кайфӣ дар улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ / Гол Бург. Ҷуйс, Голд Мередит Домин; тарҷумаи Муҳаммадҷаъфари Поксиришт, Алиризо Киёманиш ва диг. –Теҳрон: Самт, 1385. –С. 54; Меҳрмуҳаммади Маҳмуд. Чистӣ, чароӣ, чигунагии омӯзиши умумии ҳунар / Меҳрмуҳаммади Маҳмуд. –Теҳрон: Мадраса, 1383. –С. 15; Навоби Сафави Мино. Гузориши эътиборбахшии роҳнамои барномаи ҳунари давраи ибтидоӣ / Навоби Сафавӣ Мино. –Теҳрон: Дафтари таълифи китоби дарсии ҳунар, 1381. –С.83; Навоби Сафавӣ Мино. Роҳнамои дарси ҳунар / Навоби Сафавӣ Мино. –Теҳрон: Идораи кулли чоп ва тавзеҳи китоби дарсӣ, 1387. –С. 43.
3. Broudy H. How Basic is Aesthetic Education?*Educational Leadership,* (2), 134-141 Eisner, Elliot, w. (1986). The *Role of Discipline Based Art Education in Americans school* / H.Broudy. - Los Angeles: Getty Publications. -1977.
4. Eisner E. *Educational Imagination* / E. Eisner. -New York: Macmillan College Publishing Company. Getty Institute for Education in Art .(2000). a *Guide to Discipline Based Art Education.* Retrieved from Http://Getty.Edu/art sednet. -1994.
5. Perkins D.N. *The Eye: Learning to think by looking at art* / D.N. Perkins. - Los Angeles: Getty Center for Education the Arts. -1994.
6. Reinhartz.R. *Teaching and Learning in Elementary School.* Princeton, NC: Merrill. -1997.


**ОСОБЕННОСТИ ВЛИЯНИЯ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ НА УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫЙ ПРОЦЕСС НА УРОКАХ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ТРУДА И ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ**


Данная статья посвящена изучению и рассмотрению влияния дидактических принципов и методов обучения на учебно-воспитательный процесс на уроках художественного труда и изобразительного искусства .Также рассмотрены особенности реализации основных методов и принципов, используемых на этих уроках и их влияние на активность школьников и эффективность учебно-воспитательного процесса.



**Ключевые слова:** повышение активности, развитие любви к изобразительному искусству и художественному труду, внимание, воображение, мышление, речь, усвоение знаний, формирование умений и навыков.·


**PECULIARITIES OF THE INFLUENCE OF TRAINING METHODS ON EDUCATIONAL-EDUCATIONAL PROCESS ON LESSONS OF ART WORK AND FINE ARTS IN ELEMENTARY CLASSES**


This article is devoted to the study and consideration of the influence of didactic principles and teaching methods on the teaching and upbringing process in the lessons of art and fine arts. Also, the features of implementing the basic methods and principles used in these lessons and their impact on schoolchildren's activity and the effectiveness of the teaching and upbringing process .



**Key words:** increase of activity, development of love for fine arts and art work, attention, imagination, thinking, speech, mastering of knowledge, formation of skills.



**Сведения об авторе:** ***Лайло Мушаррафиёни Дехкурди*** – аспирантка общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета. Телефон**: 00989125547929; 933-33-05-54.**
E-mail: **l.mosharafian@gmail.com**


## АВҚОТИ ФАРОҒАТ ФУРСАТИ АРЗИШМАНД


***Жило Азизӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**


Авқоти фароғат барои ҳамаи инсонҳо яксурат аст. Авқоти фароғат барои ин нест, ки истироҳат кунем, балки барои лаззат бурдан аст ва қарор аст аз ин лаззат бурдан ба натиҷа бирасем, яъне ҳамроҳ бо ҳадаф аст. Қабл аз ҳар чиз, дарки воқеӣ аз мафҳуми фароғат иборат аст аз: Дар фарҳанг маънии фароғат осоиш ва истироҳат, осудагӣ ва оромиш ва фароғат доштан ба маънии осуда будан ва оромиш доштан аст.

• Дар фарҳанги Деххудо фароғат ба маънои осоиш ва истироҳат, зидди гирифторӣ аз аз кор ва машғулият, фароғат доштан ва фаромӯш кардан аст.

• Авқоти фароғат дар фарҳанги Лорисчунин маънидод шудааст: саргармиҳо, тафреҳот ва фаъолиятҳое, ки афрод ба ҳангоми осудагӣ аз кори одӣ бо шавқу рағбат ба онҳо мепардозанд.

• Дар фарҳанги ҷомеи англисӣ-форсии Ҳейм вожагони ***leisure, rest free, time*** дар тарҷума ба маънои вақти озод аз кор ё вазоифи дигар, вақти изофӣ ва як риштаи фаъолиятҳои изофӣ оварда шудааст.

Эдгинтон (1995), Годби (1999), Серил ва Броли (2000) фароғатро ба маънои фаъолиятҳое, ки фард дар замони озоди худ анҷом медиҳад, маънидод мекунанд. Аз ин манзар фароғат ба унвони фаъолиятҳое таъриф мешавад, ки лаззатбахш, ҳадафманд ва довталабона ҳастанд.

Бархе аз соҳибназарон низ муътақиданд, ки фароғат як мавқеияти зеҳнӣ аст, ки дар бахши ҳушёри зеҳни фард қарор дорад. Дар ин таъриф фароғат амри шахсӣ ва дарунӣ аст. Фароғати ҳар шахсе метавонад бо фароғати афрод мутафовит бошад. Дар ин таъриф наҳваи нигаришҳое, ки фароғати афродро шакл медиҳанд, мавриди таъкид аст.

Ҷомеашиносони Русия дар таҳқиқоти худ аз ду навъи замон суҳбат мекунанд: замони кор ва замони хориҷ аз кор.

Замони хориҷ аз кор, аз назари онҳо, ба чаҳор даста тақсим мешавад:

1. Замоне ки иртибот бо кори рӯзона дорад, мисли авқоте, ки сарфи рафтуомад ба муҳити кор мешавад.
2. Замоне ки ба умури хона ва хонавода ихтисос дорад. Монанди соате, ки ба корҳои марбут ба хонадорӣ, парастории кӯдакон, харид ва монанди он пардохта мешавад.
3. Замоне ки сарфи ниёзҳои табиии бадан мешавад, ҳамчун тағзия, хобу назофат ва монанди онҳо.
4. Ончиро ки бояд фароғат номид, ба умуре монанди мутолиа, фаъолиятҳои иҷтимоӣ, истироҳат, варзиш, дидани филм ва ғайра ихтисос дорад.

Исловсон муътақид аст, ки инсон дар авқоти фароғати худ ба фаъолиятҳое мепардозад, ки ба таври маъмул ихтиёрӣ ва довталабона ҳастанд ва ба далели хушнудӣ ва лаззате, ки ба дунбол доранд, ё ба манзури бархе аз арзишҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки аз онҳо истинбот мешавад, интихоб мегардад.

Ҷорҷ Батлер, ки беш аз ним қарн дар бахши тафреҳоти солими Амрико фаъолият намуда ва таҷоруби зиёде дар заминаи наҳваи гузаронидани авқоти фароғати мардуми Амрико дорад, гуфтааст: тафреҳоти солиме, ки афрод дар авқоти фароғати худ анҷом медиҳанд, муҷиби инбисоти равонӣ, рушду тавесаи шахсият, мамоният аз ҷиноят, мушорикати иҷтимоӣ ва эҳсоси масъулият мегардад ва саломати ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии шахсро фароҳам месозад. Дар асари ин гуна гузарони авқоти фароғат манофеи фардӣ, гурӯҳӣ ва иҷтимоӣ таъмин мешавад. Ин мазоё шомили ҳоли кӯдакон, бузургсолон, писарон ва духтарон, мардон ва занон мешавад.

Ҷон Нилингар дар соли 1967 таҳқиқе дар бораи ин ки «авқоти фароғат чист?» анҷом дод ва посуххои зерро аз афроди мухталиф дарёфт намуд:

1. Авқоти фароғат вақтест, ки дар ихтиёри инсон қарор дорад.
2. Авқоти фароғат фаъолиятҳои ихтиёрии инсон аст.
3. Авқоти фароғат мавқеияти иродии инсон аст.

Бинобар ин, мушоҳида мсешавад, ки бардоштҳои мутафовите аз авқоти фароғат вуҷуд дорад, ки гоҳе ба онҳо таваҷҷуҳ намешавад. Арасту авқоти фароғатро ҷиддитарин машғулаи инсонӣ медонад, чаро ки ин авқот ҳам метавонад дар ҷиҳати рушду боландагии инсон бошад ва ҳам метавонад дар ҷиҳати зоил шудан ва фасоди вай қарор гирад.

Аз назари идеологӣ ҷомеаи авқоти фароғат дар муқобили ҷомеаи корӣ қарор гирифтааст ва зиндагии беҳтар ё бадтарро тавсиф мекунад. Бинобар ин, дар баёни илмӣ ва таърифи авқоти фароғат, ҳамвора бояд ҷавонби мухталифи онро тавчеҳ намуд.

Макс Каплан ҷомеашиноси амрикоӣ дар китоби «Фароғат дар Амрико» фароғатро дар муқобили кор дар назар гирифтааст. Ба назари вай фароғат, хотире дилпазир аст. Навъе роҳе аз вазоифи иҷтимоӣ, навъе идроки равонӣ, озодӣ ва навъе фаъолияти фарҳангӣ аст ва сириште аз навъи бозӣ дорад. Каплан фароғатро аз

назари мухтаво, яъне навъи фаъолият таҳлил накарда, аз назари робитае, ки инсон бо ин фаъолият барқарор мекунад, баррасӣ мекунад.

Август Кант ҷомеашиноси фаронсавӣ муътақид аст, ки лаҳазоти авқоти фароғат имкони тавсеа ва пешрафтро барои инсон фароҳам мекунад.

Нуктаи муҳим ин аст, ки то чӣ мизон ба муаллифаҳои ҳадафманд будан, лаззатбахш будан ва озодӣ дар интихоби афрод дар хусуси анҷоми фаъолиятҳои фароғатӣ таъкид мешавад?!

Як ҷомеаи муваффақ бояд аз муаллифаи вақти озоди шаҳрвандонаш ба унвони абзоре барои боландагии миллӣ баҳра гирад ва онро фурсати арзишманде барои пешрафти ҳамаҷонибаи ҷомеа ва афродаш бидонад.


**АДАБИЁТ**

1. Кушкир Соро. Мудирияти авқоти фароғат ва варзишҳои тафреҳӣ / Кушкир Соро, Эҳсонӣ Муҳаммад. Нашри Донишгоҳи мудирияти мударрис, 1392. – С. 128.
2. Намозизода. Тарбияти бадании умумӣ / Намозизода ва Салҳшӯр. –Теҳрон: Самт, 1367.
3. Edginton, C.R., Jordan, J.J., De Graaf, D.G. & Etdginton, S.R.(1995).-
4. Gadbey (1999). Leisure in your life (5th end).State College, PA: Venture**.**
5. Saerle, M.S. & Rayley, R.E. (2000). Leisure services in Canada (2th end).
6. Kelley, J.R. (1982). Leisure. Englewood Cliffs, NJ: Prentice Hall.
7. Plummer Ryan, (2009). Outdoor Recreation, An Introduction, Routledge.
8. Neulinger, John, The psychology of Leisure , Springfield,(1981).
9. Carlsone: reynald Recreation and Leisure, The changing seince, waorth publishing company, inc Bemont ,California , Third Ed ,1979.



**ДОСУГ И СВОБОДНОЕ ВРЕМЯПРОВОЖДЕНИЕ**

Пространству свободного времени и досуга уже в древности уделяли значительное внимание. Свободная деятельность рассматривалась как высшее проявление человеческого духа, а досуг - как высшее благо. Досуг - неотъемлемая составная часть жизни человека. Количество и качество досуга зависит от форм государственного устройства общества. В данной статье автор рассматривая значение досуга в жизни человека, приводит высказывания некоторых ученых о нем..



**Ключевые слова:** досуг, отсутствие досуга, проблема досуга, представление о досуге, высшее благо свобода и досуг, саморазвитие личности, создание культурных ценностей, свободное время.



**LEISURE AND FREE TIME**

The space of free time and leisure was already given considerable attention in antiquity. Free activity was seen as the highest manifestation of the human spirit, and leisure as the highest good. Leisure is an integral part of a person's life. The quantity and quality of leisure depends on the forms of the state structure of society. In this article, the author examining the value of leisure in a person's life, quotes some scientists about him ..



**Key words:** leisure, lack of leisure, leisure problem, idea of leisure, the highest good of freedom and leisure, self-development of the person, creation of cultural values, free time.



**Сведения об авторе:** *Жило Азизи* – кандидат педагогических наук, докторант НИИ развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана


# БАРРАСИИ МИЗОНИ РИЗОИЯТМАНДИИ ЗАНОШӮӢ ДАР ЗАНОНИ ШОҒИЛ ВА ҒАЙРИШОҒИЛ ДАР ШАҲРИ ҚУМ


***Аҳмади Хокӣ, Аббос Шаъбонӣ, Каюмарси Фараҳбахш,***
***Иброҳим Халилӣ, Муҳаммад Ҳасанӣ***
**Донишгоҳи Аллома Таботабоии Теҳрон, Эрон,**
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ,**
**Донишгоҳи Фарҳангистон, Эрон**


Хонавода яке аз рукнҳои аслии ҷомеа ба шумор меравад. Дастёбӣ ба ҷомеаи солим ошкоро дар гарави саломати хонавода аст ва таҳқиқи хонаводаи солим машрут ба бархурдории афроди он аз доштани робитаҳои матлуб бо якдигар аст. Дар чунин низоме афрод бо алоиқ ва дилбастагиҳои отифии неруманд дерпо ва мутақобил ба якдигар пайвастаанд. Ин дилбастагиҳо агарчи шиддати ваҳдаташон дар тайи замон коста шавад, аммо саросари зиндагии хонаводагӣ поянда хоҳанд буд.

Издивоҷ ба унвони муҳимтарин ва олитарин расми иҷтимоӣ барои дастёбӣ ба ниёзҳои отифӣ-амниятии афроди бузургсол ҳамвора мавриди тайид будааст. Издивоҷ робитаи инсонии печида, зариф ва пӯё мебошад, ки аз вижагиҳои хосе бархурдор аст. Ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба конуни хонавода бо муҳити солим ва созанда робитаи гарму таомилоти миёнифардӣ ва самимие, ки метавонад муҷиби рушду пешрафти афрод гардад, аз ҷумлаи аҳдоф ва ниёзҳои издивоҷ маҳсуб мешавад.

Дар солҳои гузашта дидгоҳи занон ва мардон дар бораи зиндагии хонаводагӣ тағйир кардааст. Имрӯз дидгоҳи занон ва мардон дар бораи мафҳуми худ низ тағйир кардааст. Ҳамчунин, иддаоҳои онҳо дар бораи нақшҳои суннатии занон ва мардон тағйир пайдо кардааст. Дар даҳаҳои гузашта мушкилоти иқтисодӣ ва тағйир дар интизороти хонаводаҳо аз зиндагӣ, даромади бештареро барои бақои хонаводаҳо зарурӣ сохтааст. Байни даҳаҳои 70 то 80 теъдоди занони шоғил аз 18/2 млн ба 25/8 млн нафар дар Амрико афзоиш пайдо кард. Имрӯз дар ағлаб кишварҳо сабки зиндагӣ аз хонаводае бо як ноновар, ба самти хонаводае бо ду нафар шоғил тағйир карда, ба гунае ки завҷҳои ҳарду шоғил теъдоди зиёде аз завҷҳоро ташкил медиҳад. Имрӯз занон ба манзури ба зуҳур расонидани тавонмандиҳои худ ва афзоиши иззати нафс ва худшукуфоӣ ба иштиғол алоқаманд шудаанд. Тасвири хонаводаи суннатӣ, ки дар он як мард дар хориҷ аз хона кор мекунад ва фарзандон ва ҳамсар ҳама аз даромади ӯ гузарони зиндагӣ мекунанд, дар ҳоли маҳв шудан аст. Тасвири хонаводаи имрӯзи зан ва марде бо машғулаи зиёд ё зан ва марди шоғил дар берун аз хонаро нишон медиҳад, ки таорузҳои шадидеро байни нақшҳои хонаводагӣ ва корӣ таҷриба мекунанд. Дармонгарон дар сурате метавонанд ба таври муассире ба завҷҳои имрӯзӣ кумак кунанд, ки масоили хосси фарорӯйи завҷҳо ва хонаводаҳоро бо таваҷҷуҳ ба занон дарк кунанд.

Дар ҷомеаи имрӯз ба далоили мутааддиде чун гузар аз суннат ба модернита, тағйири низоми хонаводаҳо ва фишорҳои шуғлӣ ва иҷтимоӣ ва ҳамчунин пайдо шудани нақшҳои ҷадид, мисли нақши иштиғол ва изофа шудани он ба нақшҳои суннатии занон ва бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти вижа ва ҷойгоҳи волое, ки нақшҳои суннатӣ ҳамчун ҳамсарӣ ва модарии занон дар назари ҳамсарашон дар фарҳанги эронӣ дорост. Мушкилот ва таорузҳои хонаводагӣ ва заношӯйӣ афзоиши чашмгире ёфтаанд ва шавоҳиди фаровоне гӯёи он ҳастанд, ки завҷҳо дар ҷомеаи имрӯзӣ барои барқарорӣ ва ҳифзи равобити самимӣ ва дӯстона ба мушкилоти шадид ва фарогире дучоранд.

Аз он ҷое ки хонавода асос ва пояи зиндагии иҷтимоӣ ва дарвоқеъ кӯчактарин ниҳоди иҷтимоӣ аст, пас баррасии авомиле, ки ба истеҳкоми он кумак мекунад ва ҳамчунин масоиле, ки боиси завол ва азҳампошидагии он мешавад, муҳим ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, баррасии вазъияти иштиғоли занон ва ё хонадор будани онҳо ба унвони шояд омиле, ки битавонад мушкилоте дар зиндагии заношӯӣ ба вуҷуд биоварад, ё баръакс, боиси рушди хонавода шавад. Беш аз ҳар чиз бояд барои саломати хонавода талош кард, зеро агар хонавода солим бошад, афроди солим вориди иҷтимоъ мешавад ва агар баръакс, носолим бошад, афзоиши ҷиноят, бемориҳои равонӣ, алкоголизм ва эътиёдро ба дунбол хоҳад дошт.

Вақоеи бисёре дар дохил ё хориҷ аз робитаи заношӯӣ ё хонавода улгуи ризоият аз зиндагии заношӯии зан ва мардро таҳтушшуо қарор медиҳанд. Боло будани омори талоқ дар солҳои охир далели мубҳаме бар адами ризоияти заношӯӣ аст. Афзоиши рӯзафзуни талоқ дар дунёи кунунӣ ҳарчанд дар миқёси бисёр камтар, мутаассифона, ҷомеаи феълии моро низ дар бар гирифтааст ва норизоиятии зан ва шавҳар аз якдигар ва низ азҳамгусехтагии конунҳои гарми бисёре аз хонаводаҳо ва таъсироти ин ҷудоӣ бар афроди хонавода ниёз ба расидагӣ ва рафъи ин мушкилро матраҳ сохтааст.

**Равиши таҳқиқ**. Дар ин пажӯҳиш равиши паймоишӣ ҷиҳати гирдоварии иттилоот истифода шудааст, бинобар ин, онро метавон дар заминаи пажӯҳишҳои майдонӣ қарор дод. Ҷомеаи омории ин пажӯҳишро кулли занони мутааҳҳили шоғили шаҳри Дилиҷон, ки дар доманаи синнии 20 то 40 сол қарор доштанд, ташкил додаанд. Аз байни ин афрод теъдоди 30 нафар зан (яъне хонавор ва нимашоғил) ва 30 марди мутааҳҳил (ниме дорои занони шоғил ва ними дигар дорои занони хонавор), бар асоси равиши тасодуфии сода интихоб шуда ва ба гӯяҳои пурсишномаи пажӯҳиш посух гуфтанд. Пурсишномаи ризоияти заношӯии Энрич абзори андозагирии ин таҳқиқ мебошанд. Ин пурсишнома ба унвони як абзори таҳқиқи муътабар дар таҳқиқоти мутааддиде барои ризоияти заношӯӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Поёии пурсишнома бо равиши зариби алфаи Кронбах 0/95 гузориш гардид. Салимониён (1376) ва Ибодатпур (1379) поёии пурсишномаро дар форми кӯтоҳ аз тариқи муҳосибаи зариби алфа 0/95 гузориш кардаанд. Таҷзия ва таҳлили омории камии додаҳо ба василаи омори истинботӣ анҷом гирифт ва аз тариқи муқоисаи миёнгини нумароти озмуданиҳо ба василаи озмуни t барои гурӯҳҳои мустақил, анҷом шуд. Ҳамчунин, тамоми таҳлили иттилоот ба василаи нармафзори **spss** сурат гирифт.

**Ёфтаҳои пажӯҳиш**. Ба манзури баррасии фарзия ва саволҳои пажӯҳиш озмуни Т-и мустақил барои таъйини тафовути гурӯҳҳо истифода шудааст, ки натоиҷи он дар идома меояд.

**Ҷадвали 1. Омори гурӯҳ**

| Ҷинсият | | Теъдод | Миёнгин | Инҳирофи стандарт | Инҳирофи стандарти миёнгин |
|---|---|---|---|---|---|
| Зан<br>Мард | Ҷинсиятӣ | 30<br>30 | 13.1667<br>10.7333 | 3.68673<br>1.83704 | 0.67310<br>0.33540 |
| Зан<br>Мард | Иртиботӣ | 30<br>30 | 10.7333<br>9.4000 | 3.73181<br>2.23761 | 0.68133<br>0.40853 |
| Зан<br>Мард | Таоруз | 30<br>30 | 13.2000<br>12.3667 | 2.53799<br>1.77110 | 0.46337<br>0.32336 |
| Зан<br>Мард | Молӣ | 30<br>30 | 13.0000<br>12.900 | 2.30442<br>1.32222 | 0.42073<br>0.24140 |
| Зан<br>Мард | Фароғат | 30<br>30 | 15.9667<br>15.9000 | 1.71169<br>1.09387 | 0.31251<br>0.19971 |
| Зан<br>Мард | Ҷинсӣ | 30<br>30 | 21.5667<br>22 | 2.26949<br>1.80962 | 0.41435<br>0.33039 |
| Зан<br>Мард | Бача | 30<br>30 | 12.3667<br>11.6000 | 2.67148<br>1.88643 | 0.48774<br>0.34441 |
| Зан<br>Мард | Дӯстон | 30<br>30 | 12.7667<br>12.5000 | 2.62197<br>1.61352 | 0.47870<br>0.29459 |
| Зан<br>Мард | Баробарӣ | 30<br>30 | 11.2000<br>9.9000 | 2.69610<br>1.53914 | 0.49224<br>0.28101 |
| Зан<br>Мард | Ақидатӣ | 30<br>30 | 11.2000<br>9.9000 | 2.69610<br>1.53914 | 0.49224<br>0.28101 |
| Зан<br>мард | VAR00001 | 0a<br>0a | .<br>. | .<br>. | .<br>. |

Т наметавонад муҳосиба шавад, зеро ҳадди ақал яке аз гурӯҳҳо холӣ аст.

**Ҷадвали 2. Озмуни Т**

| | Озмуни Луис барои баробарии вориёнс | | Озмуни Т барои баробарии васоил | |
|---|---|---|---|---|
| | Омори F | Сатҳи маънодорӣ | Омори Т | Дараҷаи озодӣ |
| Варианти баробари фарз<br>Шахсиятӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 12,63<br>9 | 0,001 | 3,236<br>3,236 | 58<br>42,564 |
| Варианти баробари фарз<br>Иртиботӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 9,816 | 0,003 | 1,678<br>1,678 | 58<br>47,466 |
| Варианти баробари фарз<br>Таоруз<br>Варианти ғайри баробари фарз | 2,554 | 0,115 | 1,475<br>1,475 | 58<br>51,830 |
| Варианти баробари фарз<br>Молӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 1,806 | 0,184 | 0,206<br>0,206 | 58<br>46,228 |
| Варианти баробари фарз<br>Фароғат<br>Варианти ғайри баробари фарз | 3,701 | 0,059 | 0,180<br>0,180 | 58<br>49,301 |
| Варианти баробари фарз<br>Ҷинсиятӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 2,543 | 0,116 | -2,013<br>-2,013 | 58<br>55,261 |
| Варианти баробари фарз<br>Бача<br>Варианти ғайри баробари фарз | 5,730 | 0,020 | 1,284<br>1,284 | 58<br>52,162 |
| Варианти баробари фарз<br>Дӯстон<br>Варианти ғайри баробари фарз | 5,611 | 0,021 | 0,474<br>0,474 | 58<br>48,210 |
| Варианти баробари фарз<br>Баробарӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 10,21<br>8 | 0,002 | 2,294<br>2,294 | 58<br>46,087 |
| Варианти баробари фарз<br>Ақидатӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 10,21<br>8 | 0,002 | 2,294<br>2,294 | 58<br>46,087 |

**Ҷадвали 3. Озмуни Т-и мустақил**

| | Озмуни Т барои баробарии васоил | | |
|---|---|---|---|
| | Сатҳи маънодорӣ | Тафовути миёнгин | Тафовути инҳирофи стандарт |
| Варианти баробари фарз<br>Шахсиятӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.002<br>0.002 | 2.43333<br>2.43333 | 0.75203<br>0.75203 |
| Варианти баробари фарз<br>Иртиботӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.099<br>0.100 | 1.33333<br>1.33333 | 0.79443<br>0.79443 |
| Варианти баробари фарз<br>Таоруз<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.146<br>0.146 | 0.83333<br>0.83333 | 0.56504<br>0.56504 |
| Варианти баробари фарз<br>Молӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.837<br>0.838 | 0.10000<br>0.10000 | 0.48506<br>0.48506 |
| Ворианти баробари фарз<br>Фароғат<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.858<br>0.858 | 0.06667<br>0.06667 | 0.37087<br>0.37087 |
| Варианти баробари фарз<br>Ҷинсиятӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.049<br>0.049 | -1.06667<br>-1.06667 | 0.52995<br>0.52995 |
| Варианти баробари фарз<br>Бача<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.204<br>0.205 | 0.76667<br>0.76667 | 0.59709<br>0.59709 |
| Варианти баробари фарз<br>Дӯстон<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.637<br>0.637 | 0.26667<br>0.26667 | 0.56208<br>0.56208 |
| Варианти баробари фарз<br>Баробарӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.025<br>0.026 | 1.30000<br>1.30000 | 0.56680<br>0.56680 |
| Варианти баробари фарз<br>Ақидатӣ<br>Варианти ғайри баробари фарз | 0.025<br>0.026 | 1.30000<br>1.30000 | 0.56680<br>0.56680 |

Ҳадаф аз ин пажӯҳиш муқоисаи ризоияти заношӯии занони шоғил ва хонадор ҷиҳати беҳбуди зиндагии заношӯӣ ва ироаи роҳкориҳои муносиб ба завҷайн мебошад. Муқоисаи нумароти миёнгини бадастомада байни нумароти занони шоғил ва хонадор бо мизони ризоияти заношӯияшон нишон дод, ки байни ризоияти заношӯии занони шоғил ва ризояти занони хонадор тафовуте вуҷуд надорад, ки ин натиҷа бо натиҷаи бадастомада аз пажӯҳишҳои дигар ноҳамхон аст, ки шояд ин тафовут ба далели тафовути намунаҳо, маҳалли намунагирӣ, теъдоди намунаҳо, замони намунагирӣ ва монанди ин бошад.

Муқоисаи нумароти миёнгини бадастомада байни мардоне, ки ҳамсари шоғил ва ё хонадор доштанд, бо мизони ризоияти заношӯии онҳо нишон дод, ки ризоияти заношӯии мардоне, ки занони хонадор доранд, бештар аз мардонест, ки занони шоғил доранд.

Мутолиоти дигар нишон доданд, ки дар равобити завҷҳои ҳарду шоғил мушкилоти завҷии муҳиме (байнифардӣ ва дарунифардӣ) вуҷуд дорад, ки ба тақсими кор ва мизони муроқибат аз фарзанд марбут аст. Дар муқоиса бо миёнгини талоқ дар занони шоғил ва заноне, ки ҳуқуқи болотаре дарёфт мекунанд, зиёдтар аст. Моҳияти мудаввоми таоруз дар завҷаҳои ҳарду шоғил, ки дар асари вуҷуди тақозоҳои мутааддид масъулиятҳои чандгона, аҳдофи мутааддид ва ниёзи шадид ба пешрафт (ангезиши пешрафти боло) ба вуҷуд меояд, кайфияти таомилоти зиндагии рӯзмарра дар ин навъ издивоҷро бо чолиши ҷадид мувоҷеҳ мекунад. Ризоияти таҷрибашуда тавассути зану мард дар абъоди мухталиф бо ҳам ҳамбастагӣ дорад. Ризоияти шуғлӣ бо ризоияти заношӯӣ, ризоияти шахсиятӣ, ризоияти хонаводагӣ ва саломати равонӣ робита дорад. Ҳамчунин, кайфияти зиндагии ин завҷҳо ба далели вазъияти молии нисбатан хуби ношӣ аз ду даромад, барои зану шавҳар матлуб аст. Барои зан иштиғоли таъминкунандаи бисёре аз ниёзҳояш аз ҷумлаи машғулаи корӣ, танаввӯъ ва чолишангезӣ ва қудрат аст, ки мумкин аст нақши хонадорӣ бо ҳамаи аҳамияташ

бароварда накунанд. Дар дидгоҳи мардон иштғоли зан ба маънои ифои нақшҳо ва тааҳҳудоти ғайрисуннатӣ аст. Дар ин издивоҷҳо мард ба далели ин ки ба танҳоӣ масъулияти таъмини моли хонаводаро уҳдадор нест, камтар эҳсоси фишори равонӣ дорад. Ин шеваи зиндагӣ бар кайфияти равобити заношӯӣ низ, асари мусбат дорад, зеро дар ин издивоҷҳо таомули бештаре байни зан ва мард дар қудрат ва тасмимгирӣ вуҷуд дорад. тасмимгириҳои муштарак боиси эҳтироми бештари зану шавҳар нисбат ба якдигар шуда ва он дуро бо ҳам наздик мекунад. Ҳардуи онҳо ба далели ин ки робитаи мунсифонаро таҷриба мекунанд, эҳсоси арзишмандӣ ва шоистагӣ доранд. Ҳуҷастамеҳр ва ҳамкорон тайи пажӯҳиши худ баён медоранд, ки иштиғоли занон боиси коҳиши ризоияти заношӯӣ ва афзоиши равони ранҷури ҳамсарашон мешавад. Бобулӣ, Провинз ва Лептун (1967) тайи пажӯҳиши худ баён медорад, ки дурии кӯдак аз падар ва бахусус модар, барои муддати мадид ва супурдан ба ширхоргоҳ тақрибан ҳамеша бо ихтилоли рафторӣ дар кӯдак ва навҷавонӣ ҳамроҳ аст, ки ин натиҷа низ ба наҳваи худ аҳамияти хузури зан дар хонаро нишон медиҳад.

Фарзияҳои ин таҳқиқ ҳамсӯ бо натоиҷи пажӯхиши Шеърбоф (1379) мебошад, ки тайи он ба ин натиҷа даст ёфт, ки байни ризоиятмандии занони шоғил ва хонадор тафовуте вуҷуд надорад.

### АДАБИЁТ


1. Стрит Оди. Мушовара ва хонавода (назар ва амал дар нигариши системавӣ) / Стрит Оди; мутарҷим Мустафо Табрезӣ ва Алӣ Улуиниё. – Теҳрон: Фаровон, 1379.
2. Азизӣ Ш. Ҷомеашиносии хонавода / Ш. Азизӣ. – Теҳрон: Равшангарон ва мутолиоти замон, 1376. – С. 101.
3. Боркер Филипп. Хонаводадармонии поя / Боркер Филипп; мутарҷимон Муҳсин Деҳқонӣ ва Зуҳра Деҳқонӣ. – Теҳрон: Рушд, 1375.
4. Шарқӣ Муҳаммадризо. Хонаводаи муътадил (анатомияи хонавода) / Шарқӣ Муҳаммадризо. – Теҳрон: Интишороти анҷумани авлиё ва мураббиён, 1374.
5. Шоиринажод Алӣ. Равоншиносии рушди бузургсолон дар фарохнои зиндагӣ / Шоиринажод Алӣ. – Теҳрон: Паёми озодӣ, 1373.
6. Аскарифар Ҳусейн. Нақши беҳдошти равон дар зиндагии заношӯӣ, издивоҷ, талоқ / Аскарифар Ҳусейн. – Теҳрон: Гуфтугӯ, 1380.
7. Ғуломризо С.А. Тавсеаи иқтисодӣ ва иштиғоли занон / С.А. Ғуломризо // Маҷаллаи «Паёми зан». – 1380. - №49. – С. 17.
8. Готман Ҷ.М. Ҳафт усул барои зиндагии заношӯии коромад / Ҷ.М. Готман; мутарҷимон Насрин Мисбоҳ, Сапеда Муътамадӣ, Ваҳид Пирӯзӣ. – Теҳрон, 1384.
9. Гулденберг У. Хонаводадармонӣ / У. Гулденберг; тарҷумаи Ҳамид Ризо Ҳусейншоҳӣ. – Теҳрон: Равон, 1382.
10. Ганҷӣ Ҳамза. Равоншиносии тафовутҳои фардӣ / Ганҷӣ Ҳамза. –Теҳрон: Баъсат, 1375.
11. Гуд Ненси. Зиндагӣ бо ҳамсари каҷмадор: роҳнамои созгории заношӯӣ барои занон / Гуд Ненси; мутарҷим Фурӯзанда Доварпаноҳ. –Теҳрон: Ҷавонаи рушд, 1384.
12. Sternberg RJ.A triangular theory of love / Sternberg R.J. Psychological review 1986; 93: 119-135.


### ИССЛЕДОВАНИЕ СТЕПЕНИ УДОВЛЕТВОРЕННОСТИ БРАКОМ РАБОТАЮЩИХ ЖЕНЩИН И У ДОМОХОЗЯЙЕК В ГОРОДЕ КУМ ИРИ


Вопрос об укреплении брака и улучшении брачной структуры населения приобретает важнейшее государственное значение. Семья - это малая социальная группа общества, основанная на супружеском союзе и родственных связях, живущими вместе и ведущими общее хозяйство. Семья является важнейшей социальной средой формирования личности. Поэтому общество заинтересовано в благополучной семье, Удовлетворенность браком связана и с распределением ролей между супругами В данной статье авторами рассмартивается данный вопрос в рамках исследования степени удовлетворенности браком работающих женщин и женщин ведущих домашнее хозяйство.



**Ключевые слова:** устойчивость отношений, мировоззрение, удовлетворенность браком, социологический опрос, распределение ролей, удовлетворенность отношениями у женщин, семьи с традиционными отношениями. равноправная форма обязанности супругов одинаковая нагрузка, выполнение домашних обязанностей, механизмы внутрисемейных отношений.


### STUDY OF THE DEGREE OF SATISFACTION BY THE WORRIES OF WORKING WOMEN AND THE HOUSEHOLDERS IN THE CITY OF KUM IRA


The issue of strengthening the marriage and improving the marital structure of the population acquires the most important state significance. A family is a small social group of a society based on a conjugal union and kinship, living together and leading a common household. The family is the most important social environment for the formation of the personality. Therefore, the society is interested in a prosperous family. Marriage satisfaction is also related to the distribution of roles between spouses. In this article, the authors consider this issue in the framework of a study of the degree of satisfaction with the marriage of working women and women of the leading household.



**Key words:** stability of relations, world view, satisfaction with marriage, sociological survey, distribution of roles, satisfaction with relations among women, families with traditional relations. An equal form of the duty of the spouses, the same burden, the fulfillment of household duties, the mechanisms of intra-family relations.

**Сведения об авторах:** ***Ахмади Хоки*** – кандидат педагогических наук, докторант Университета Аллома Таботабои, Иран
***Аббос Шаъбони*** – доктор педагогических наук, Университет Аллома Таботабои, Иран
***Каюмарси Фараҳбахш*** - член Ученого совета Университета Аллома Таботабои, Иран
***Иброхим Халили*** – докторант НИИ развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана
***Мухаммад Хасани*** - член Ученого совета Университета Фархангистон, Иран

# АВОМИЛИ ХОНАВОДАГИИ МУАССИР БАР ФИРОРИ ДУХТАРОН АЗ ХОНА

***Неъматулло Ворисзода Паҳномаҳалла***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фирори духтарон аз хона, агарчи дар нигоҳи аввал падидаи фардӣ ба назар мерасад, аммо пайомадҳои он, ки дар назми ҷомеа ихтилол ва ошуфтагӣ эҷод мекунад ва маншаи бисёре аз рафторҳои зиддиичтимоӣ ва базаҳкорона, монанди худфурӯшӣ, эътиёд ба маводи мухаддир ва машруботи алкоголӣ, тавзеи маводи мухаддир, сирқат, ҷайббурӣ, ташкили хонаҳои фасод ва фиреби соир занон ва духтарон мегардад, иқтизо мекунад то ин муъзалро ҷузъи осебҳои бисёр ҷиддӣ ба шумор оварем. Духтарони фирорӣ ба хотири шароити хосси худ мавриди анвои сӯиистифода ва озор қарор мегиранд ва дар натиҷа замина барои пайдоиш ва афзоиш гурӯҳҳои ҷинояткор, ки ин духтаронро мавриди истифода ва баҳракашӣ қарор медиҳанд, фароҳам мегардад. Ин падида сабаб мешавад, ки сатҳи ҷурм ва ҷиноят дар ҷомеа афзоиш ёбад ва амният ва саломати иҷтимоӣ ба мухотира афтад. Аз тарафе, навҷавонон сармояҳои миллии ҳар ҷомеа ҳастанд, ки дар сурати бар ҳадар рафтани ин сармояи азим, хисороти ҷубронnoпазир бар пайкари ҷомеа ворид мешавад. Таҳқиқоти зиёде нишон медиҳад, ки фирори духтарон аз хона натиҷаи равобити носолим ва ё бисёр хашин дар хона ва хонавода буда, боздеҳи он низ, домангири хонаводаҳо мешавад ва ҷомеаи бузургтарро низ дучори осеб ва ихтилол месозад.

Тайи солиёни ахир, барои пешгирии аввалия ва сонавия аз ин осеб ва осебҳои иҷтимоии мушобеҳ, марокизи мудохила дар бухронҳои иҷтимоӣ дар шаҳрҳои бузурги Эрон роҳандозӣ шудааст. Яке аз аҳдофи аслии таъсиси мудохила дар бухронҳои иҷтимоӣ, беҳзистӣ, сомондиҳии духтарони фирорӣ қаламдод шудааст, ба тавре ки то соли 1386 теъдоди 5864 духтари хонагурез дар ин марказ мавриди пазириш қарор гирифтаанд. Оморҳои ироашуда аз сӯйи масъулин нишон медиҳанд, ки теъдоди духтарони фирорӣ дар соли 1378 нисбат ба соли 1356 бист баробар афзоиш доштааст.

Ахбори такондиҳандае низ, ки аз вазъияти ин духтарон ва саргузашти дардноки онҳо дар ҷароиди кишвар дарҷ мешавад, мубайяни ин ин воқеияти талх аст, ки ин осеби иҷтимоӣ ба таври нигаронкунандае рӯ ба фузунӣ аст.

Ба эътиқоди аксар равоншиносон ва ҷомеашиносон, решаи аслии осебҳои иҷтимоӣ ва аз ҷумла фирори духтарон дар хонавода аст, зеро хонавода ба унвони кӯчактарин иҷтимои башарӣ сохторе дорад, ки аносири даруни он ба шиддат ба ҳам вобастаанд ва агар дар ин система мушкиле эҷод шавад, кулли системаро дигаргун хоҳад сохт. Бинобар ин, ҳамеша созгорӣ ва тафоҳум байни аъзо барои коркарди беҳтари ҳалли система зарур аст. Аз ин рӯ, мо дар ин мақола тарҷеҳот ба дунболи авомили хонаводагии муассир бар фирори духтарон ба унвони яке аз масоили зарурии ҷомеа ҳастем.

Ба ақидаи Зондострум, майл ба фирор аз зери бори фишорҳои хонаводагӣ ва иҷтимоӣ ва паноҳ бурдан ба муҳите, ки ирзои ниёзҳои навҷавонон дар он муяссар шавад ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд, ҳамеша дар фикри навҷавонон вуҷуд дорад.

Тибқи назари Девед Элкинд навҷавонон дар муқобили баҳракашии волидайн, ба ҳамон шевае вокуниш нишон медиҳанд, ки коргарон дар муқобили баҳракашӣ дар кор. Ба унвони мисол, тарки мадраса ё хона тавассути навҷавонон ҳаммонанди тарк кардани кор тавассути коргар аст. Аксар ҷомеашиносон муътақид ҳастанд, ки фирор натиҷаи мухолифати навҷавонон бо иқтидор ва истибдоди хонавода ва ба умеди озод шудан аз фишор ва рафтори ғайриодилонаи хонавода аст. Волидайне, ки беш аз ҳад мустабид ва сахтгир бошанд, рушди отифӣ, рӯҳӣ ва равонии фарзандонашонро

мутаваққиф мекунанд. Дар ҳар ҳол, ҳангоме ки аз фирори навҷавонон суҳбат мешавад, бояд дар назар дошт, ки ин фирор ба он маънӣ аст, ки навҷавон дигар ҳозир нест ранҷ бибарад ва дарвоқеъ алайҳи зӯр ва таҳмили бузургсолон эътироз мекунад. Бештари муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ ба ин натиҷа расидаанд, ки сахтгирӣ ва фишори беш аз ҳадди волидайн, махсусан падар, яке аз авомили муҳимми тарки хонавода аз сӯйи фарзандон маҳсуб мешавад. Дар он шароит танҳо иддаи маҳдуде аз фарзандон иртиботи худро бо хонавода ҳифз мекунанд. Пажӯҳишҳои мутааддиде дар заминаи масъалаи фирори кӯдакон ва навҷавонон дар кишварҳои ғарбӣ, бахусус дар Иёлоти Муттаҳида, анҷом шудааст, ки нишон медиҳад солона беш аз як миллион навҷавони 13 то 19-сола аз хона фирор мекунанд ва ин мизон ҳар сол 15 дарсад афзоиш меёбад. Бештар навҷавонони фирорӣ байни 14 то17 сол син доранд ва 74 дарсади онҳо духтар ва 26 дарсади онҳо писар ҳастанд. Муҳаққиқон бар асоси натоиҷи ин пажӯҳишҳо гуфтаанд, ки бисёре аз ин навҷавонон дар зиндагӣ бо хонавода бо масоил ва мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба назаршон ғайриқобили таҳаммул аст. Беш аз 90 дарсад аз навҷавонон ба далели озорҳои ҷисмӣ, ҷинсӣ ва равонӣ аз хона фирор мекунанд ва ба далели тарсе, ки аз озордиҳандагон доранд, ҷуръат намекунанд мушкилоти худро бо касе дар миён бигузоранд.

Дар ин замина Сотирланд базеҳкориро ношӣ аз хатои хонавода донистааст, ки қодир ба ёд додани арзишҳо ва ҳинҷорҳо набудаанд. Ба назари вай нигарониҳо, ниёзҳои ирзонашуда дар афроди одӣ ва базеҳкор шабеҳи ҳам аст ва танҳо равишҳои ёдгирифташуда вокуниш ба ин нигаронӣ ва муҳаррикҳо дар онон мутафовит аст. Хонавода ба унвони муҳити ёдгирии аввалияи навҷавонон ба базеҳкорӣ муассир аст ва маъмулан шароити зер дар хонавода муҷиби иртикоби базаҳи фарзандони онон мешавад:

1. Базаҳкории соир афроди хонавода ё фасоди ахлоқӣ ва алкулӣ будани онҳо.
2. Фиқдони волидайн дар асари фавт, талоқ ё тарки якдигар.
3. Носозгории мавҷуд дар манзил, назири таҳким ба василаи яке аз аъзои хонавода ва сахтгирии беш аз ҳадди маъмул.
4. Фишорҳои иқтисодӣ, назири бекорӣ ва даромади ғайрикофӣ.

Бинобар ин, дар ин мақола низ ба робитаи мизони озор ва азиятҳои ҷисмӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва мушоҷира ва даргирии хонавода нисбат ба духтарони фирорӣ ва ғайрифирорӣ пардохт ва натоиҷи ҳосила баёнгари он мебошад, ки аксар духтарони фирорӣ беш аз духтарони ғайрифирорӣ мавриди озори ҷинсии аъзои хонаводаи худ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, ағлаб духтарони фирорӣ эълом намудаанд, ки аксар ё баъзан тавассути аъзои хонаводаи худ мавриди озорҳои рӯҳӣ ва отифӣ қарор гирифтаанд. Дар муқобили духтарони ғайрифирорӣ дарсади каме баён намудаанд, ки мавриди озори рӯҳӣ ва отифии хонаводаи худ қарор гирифтаанд ва ҳамин духтарони фирорӣ изҳор доштаанд, ки дар хона мавриди бетаваҷҷуҳӣ ба ниёзҳои асосӣ мувоҷеҳ будаанд, дар сурате ки дарсади каме аз духтарони ғайрифирорӣ аз ин масъала изҳори норизоият намудаанд. Идомаи баррасиҳо низ нишонгари он аст, ки агарчи дарсади каме аз духтарони фирорӣ мавриди озорҳои ҷинсӣ қарор гирифтаанд, вале ин теъдод боз ҳам муҳим мебошад, чун дар духтарони ғайрифирорӣ аслан намунае аз ин масъала ёфт нашудааст ва оморҳои дигар низ аз дарсади болотари даргирӣ ва мушоҷира байни аъзои хонаводаи духтарони фирорӣ нисбат ба духтарони ғайрифирорӣ ҳикоят дорад.

Ҳамчунин, баррасӣ ва мутолиот аз собиқаи зиндон, эътиёд ва талоқ бештар дар хонаводаи духтарони фирорӣ нисбат ба духтарони ғайрифирорӣ ҳикоят доранд. Бинобар ин, натиҷагирии назарот ва назарияҳои марбут ба авомили муассир бар фирори духтарон аз хона ва мутолиот ва баррасии аснод ва мадорики мавҷуд дар ин хусус, нишон медиҳад, ки аксаран духтароне, ки аз хона фирор кардаанд, тавассути аъзои хонавода мавриди озор ва азиятҳои ҷисмӣ, равонӣ ва ҷинсӣ қарор гирифтаанд.

Бинобар ин, хушунат алайҳи духтарон нақши босазое дар фирори онҳо аз хона ифо менамояд ва рафтори хушунатомез дар хонавода пайомадҳои номуносибе барои кӯдакон ва навҷавонон хоҳад дошт. Ва ба баёни дигар, решаи аслии инҳироф ва базаҳкории навҷавонон ва аз ҷумла фирор аз хонаро бояд дар сахтгириҳои беҷо, ғайримантиқӣ ва хушунати бузургсолон ҷустуҷӯ кард. Бинобар ин, барои ҷилавгирӣ аз ин масъалаи иҷтимоӣ бояд тааллуқоти фарзандон бо падар ва модарро бо огоҳии лозим бештар кард, то ин муъзали иҷтимоӣ коҳиш ёбд.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадӣ Ҳабиб. Ҷомеашиносии инҳирофот / Аҳмадӣ Ҳабиб. – 1384.

2. Гударзи Баҳман. Баррасии мизони мушкилоти хонаводагии духтарони фирорӣ / Гударзи Баҳман. – 1380.
3. Заворaӣ Фотима. Баррасии авомили хонаводагӣ ва иҷтимоии муассир бар фирори духтарон / Заворaӣ Фотима. – 1380.
4. Сорухонӣ Боқир. Ҷомеашиносии хонавода / Сорухонӣ Боқир. – 1370.
5. Самадирод Анвар. Хулосаи мақолоти фирори духтарон аз хона / Самадирод Анвар. – 1381.
6. Садиқ Раҳматуллоҳ. Осебшиносии иҷтимоӣ / Садиқ Раҳматуллоҳ. – 1385.

### ПРИЧИНЫ ЗАСТАВЛЯЮЩИЕ ДЕВОЧЕК СОВЕРШАТЬ ПОБЕГ ИЗ ДОМА

Причинами ухода девочек из дома являются несложившиеся отношения с родителями и близкими, а также стремление к самостоятельности, желание высвободиться от чрезмерной опеки родителей или педагогов. Обычно это девочки с положительным поведением в школе, привязанные к родителям и чутко реагирующие на малейшую несправедливость. Основная причина ухода из дома, как правило, - стремление к красивой жизни, или побег от насилия и конфликта в семье. Для подростков типично стремление противопоставить свои суждения и вкусы взрослых. Но нередки и более острые конфликты, когда уход воспринимается ультиматум.

**Ключевые слова:** девочки, побег, насилие, преступность, социальная ответственность, семейные трудности, побеги из внешне благополучных семей, родительская позиция, домашняя обстановки, опасное влияние, преступные и аморальные действия.

### REASONS MAKING GIRLS TO KEEP THE RUN FROM THE HOUSE

Causes of abandonment of girls from home are unfulfilled relationships with parents and relatives, as well as the desire for independence, the desire to free themselves from the excessive care of parents or teachers. Usually these are girls with positive behavior in school, attached to parents and sensitive to the slightest injustice. The main reason for leaving home, as a rule, is the desire for a beautiful life, or escape from violence and conflict in the family. For teenagers it is typical to strive to oppose their judgments and tastes of adults. But there are frequent and more acute conflicts, when withdrawal is perceived as an ultimatum.

**Key words:** girls, escape, violence, crime, social responsibility, family difficulties, escape from outwardly well-off families, parental position, home environment, dangerous influence, criminal and immoral actions.

***Сведения об авторе: Неъматулло Вализода Пахномахалла –*** аспирант Таджикского национального университета

## БАРРАСИИ РОБИТАИ ДИНБОВАРӢ ВА САЛОМАТИ РАВОНИИ ДОНИШОМӮЗОН

***Мохаммад Джавади Илхчиоля Мирзабаба***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номиАбдурраҳмониҶомии АТТ**

Мазҳаб ҷустуҷӯйи фардӣ ё гурӯҳӣ барои ёфтани чизе муқаддас дар миёни арзишҳои суннатӣ аст. Дар даҳаҳои охир пажӯҳишгарон ба тафовути мафҳуми мазҳаб ва маънавиёт таваҷҷуҳ намудаанд ва саъй дар тафкики ин ду иқдом кардаанд. Ба назари бештари пажӯҳишгарон мафоҳим ва арзишҳои фардӣ, дарунӣ ва фардгароёнаро ба маънавиёт муртабит мегардад ва мафоҳими арзишҳо ва таҷоруби ҷамъӣ ба мазҳаб марбут мешавад. Иқдисӣ (1386) нишон медиҳад, ки саломатии равонии донишомӯзоне, ки дар фаъолиятҳои мазҳабӣ ширкат доранд, аз донишомӯзоне, ки ширкат надоранд, бештар аст. Ба назар мерасад, ки тиҳӣ шудани зиндагии башарӣ аз маъно ва ё камранг шудани зиндагии маънавӣ ба мафҳуми васеъ ва густардаи худ, аз ҷумлаи авомиле мебошанд, ки инсони имрӯзӣ бидуни восита дар зиндагӣ эҳсоси танҳоӣ ва бепаноҳӣ мекунад, фиқдони паноҳгоҳи муқтадири равонӣ метавонад манобеи қобили таваҷҷуҳе барои тавлиди нигаронӣ ва ташвишҳои равонӣ манзур гардад. Доштани боварҳо ва эътиқодоти мазҳабӣ ва иҷрои фароизи марбут ба он дар фард метавонад як неруи малакутӣ (метофизикӣ) ба вуҷуд оварад, ки ин неру такягоҳи равонии муҳиме барои фард, бавижа дар лаҳазот ва ҳангомаҳои бухрони рӯҳӣ талаққӣ шавад. Ва динбоварӣ як ангезаи равонӣ маҳсуб мегардад, ки реша дар фитрат ва сиришти одамӣ дорад, ба ин далел ки инсон дар аъмоқи вуҷуди хеш ангезаеро эҳсос мекунад, ки ӯро ба пажӯҳиш дар робита бо Холиқи ҳастӣ ва ибодату чораҷӯйӣ ва паноҳ бурдан ба Ӯ во медорад, ки дар ҳангоми сахтиҳо ва гирифториҳое, ки дар зиндагӣ ба вуҷуд меоянд, аз Ӯ кумак мехоҳад. Дар асл инсон оромиши худро дар ҳимоят ва сарпарастии Худованд аз худ меёбад.

Масиреро, ки паёмбарон барои расидан ба камол ва саодати абадӣ тарсим намудаанд, заминасози беҳдошт ва саломатии тану равон аст ва фосила гирифтан аз он фардро дучори таорузҳои дарунӣ ва равонӣ намуда, эҳсоси пучӣ ва яъсу ноумедӣ дар баробари нокомиҳо ва фишорҳо хоҳад намуд. Дин ва диндорӣ дар ҳақиқат ба

ҷомеа ҳуввият ва инсиҷом мебахшад ва ба афрод кумак мекунад, ки ҳисси ҳамбастагӣ ба вуҷуд оваранд. Арзишҳо ва боварҳое, ки дар дин вуҷуд доранд, ба шеваи зиндагӣ кумаки шоёни таваҷҷуҳ мекунанд ва ин шеваи зиндагӣ яке аз шохисҳои муҳимми саломатӣ аст. Дин як чорчӯби ҷомеъ барои табйин ва тафсири вақоеъ ва рухдодҳо арза мекунад ва ҷавобҳои мушаххасе барои саволҳои вуҷудӣ, монанди аз куҷо омадаам, ба куҷо меравам ва ғайра дорад, ки ба эҳтимол мунҷар ба беҳдошт ва саломатии равон ва набудани афсурдагӣ мегардад. Фарди динбовар аз тариқи дуо ва ниёиш бо Худованд робита дорад, ки ҳамон гуна ки дар Қуръон омадааст:

«الا بذکر الله تطمئن القلوب»

(Дилҳо бо ёди Худо оромиш мегирад).

Ва аз сӯйи дигар, мушорикати афроди динбовар дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ аст. Ин мушорикати фаъол як шабакаи иҷтимоии фаъолро фароҳам мекунад, ки ба сурати ғайрирасмӣ дар замонҳое, ки инсон гирифтори алоим, дардҳо ва ранҷҳост, ҳимоятҳои лозимро аз тариқи дилҷӯйӣ, ҳамдилӣ ва ҳамдардӣ фароҳам мекунанд.

Беҳдошт ва саломатии равонӣ яке аз мавзӯоти бисёр муҳим аст, ки таваҷҷуҳ ба он илзомӣ аст. Дар таърифи саломатии равон байни мутахассисони улуми рафторӣ ва равоншиносӣ иттифоқи назар вуҷуд надорад. Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ, саломатиро ин гуна таъриф мекунад: «Саломатӣ иборат аст аз саломати комили ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ, на фақат адами вуҷуд беморӣ». Аз назари Коплан ва Содок саломатии равонӣ яке аз вижагиҳои беҳзистӣ аст, ки бо пайравӣ ба он афрод ба роҳатӣ дар даруни ҷомеаи худ ба ифои нақш мепардозанд, пешрафтҳо ва хусусиёти шахсӣ барояшон ризоиятбахш мешавад. Аммо мақулаи дигаре, ки дар ин мақола ба он пардохта мешавад, боварҳои динӣ аст. Дин ба шакли хос дар фарҳанги шинохташудае вуҷуд дорад. Ҳамчунин, ин як воқеияти мушаххас аст. Муаррихин ва донишмандон онро мутолиа менамоянд. Нақши дин дар робита бо беҳдошт ва шифо аз қуруни бисёр дур шинохта шудааст ва дар тӯли ҳазорон сол дар таскини дардҳои равонии инсон муассир будааст. Бархе аз назарияпардозон ба аҳамияти мутолиаи динӣ ишора намудаанд. Бенҷамин Рош изҳор намудааст: «Дин он қадар барои парвариш ва саломатии равони одамӣ аҳамият дорад, ки ҳаво барои нафасаш».

Ҷеймс, Юнг ва дигарон низ ҳар кадом ба навҳаи худ аҳамияти рафтор ва эътиқодоти диниро ёдовар шудаанд ва бар нақши он дар беҳбуди рафторҳо ва фарояндҳои равонӣ таъкид намудаанд. Юнг бар ин бовар аст, ки эътиқод бар боварҳои динӣ, василае барои расидан ба шахсияти том ва комил мебошад. Ҳатто, Фрейд, ки бо падидаҳои динӣ муносибати хубе надоштааст, муътақид аст, ки дин метавонад дар созмонбандӣ ва низомбахшӣ дар кунишҳои ғаризӣ ва нофармони инсон ва низ коҳиши дардҳо ва алоими равонӣ нақши созандае дошта бошад.

Дар пажӯҳиши ҳозир ба баррасии робита байни боварҳои динӣ ва беҳдошту саломатии равонии (осебдидагии равонӣ) мадориси идораи кулли омӯзиш ва парвариши шаҳристонҳои остони Теҳрон пардохтаем. Зимни ин ки вазъияти боварҳои динӣ ва саломатии равонӣ дар байни донишомузон чӣ гуна аст, мехоҳем робита байни ин ду мақуларо бо якдигар бидонем.

Суолҳои пажӯҳиш инҳоянд: Оё саломатии равонии афроде, ки дорои боварҳои динии қавӣ ва гурӯҳе, ки дорои боварҳои динии заифе ҳастанд, тафовути маънодоре вуҷуд дорад? Оё коҳиши боварҳои динӣ дар байни донишомӯзон муҷиби коҳиши беҳдошт ва саломати равонии онон мегардад?

Дар мутолиаи ҳозир ҷомеаи омории донишомӯзони духтар ва писари давраи мутавассита, пешдонишгоҳии идораи кулли омӯзиш ва шаҳристонии остон аст, ки бар асоси омори расмӣ, он идораи кулли 335267 нафар мебошад, ки аз он теъдод 177652 нафар донишомӯз духтар ва теъдоди 157615 писар мебошад. Аз байни ҷомеаи оморӣ 1100 нафар ба унвони намуна бо равиши намунагирии хӯшаии чандмарҳилаӣ интихоб гардид.

Дар ин домана мадорис ва клос ба унвони хӯшаҳо намунагирӣ шудаанд. Пурсишномаи саломатии умумии равонӣ ҷиҳати санҷиши малакаҳои саломатии равонӣ, ки шомили алоими ҷисмонӣ шуда, изтироб, ихтилоли хоб, ихтилол дар куниши иҷтимоӣ ва афсурдагӣ аст, мавриди истифода қарор гирифтааст. Барои санҷиши боварҳои динии донишомӯзон, миқёси санҷиши боварҳои динии Муҳаммад Худоёрӣ Фард мавриди истифода қарор гирифт. Ин пурсишнома нигариши озмуданиро дар як тайфи гузинаи ликартӣ нисбат ба мақулаҳои динӣ месанҷад, ки дорои эътибор ва равоёи қобили қабул аст. Дар ин мутолиа боварҳои динӣ ба унвони мутағайири мустақил (мутағайири пешбин) ва беҳдошт ва саломатии равон ба

унвони мутағайири вобаста (мутағайири мелок) таъриф шудааст, василае, ки дар ин пажӯҳиш матраҳ гардид, иборат аст аз:

Оё байни боварҳои динӣ ва саломатии равонӣ робитаи маънодоре вуҷуд дорад?

Бад-ин манзур лозим буд сатҳи саломатии равонӣ ва низ боварҳои динии донишомӯзони намунаи таҳқиқ таъйин ва арзёбӣ шавад, пас робита байни ин ду мутағайир ба ҳамроҳи хурдамиқёсҳои ҳар як маврид баррасӣ қарор бигирад. Аз ин рӯ, фарзияҳо ба шарҳи зер тарҳ ва бар асоси додаҳои ҷамъоваришуда мавриди озмун қарор гирифтанд. Фарзияи таҳқиқ иборат аст: аз байни боварҳои динӣ ва беҳдошти равонии донишомӯзон робита вуҷуд дорад. Ва ҳамчунин фарз бар ин буда, ки байни беҳдошти равонии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва заиф тафовут вуҷуд дорад. Ин мафруза дар робита бо хурдамиқёсҳои саломатии равон низ матраҳ буда, мавриди озмун қарор гирифтааст. Дар хотима робитаи ду мутағайири аслӣ (мелок ва пешбин) бар асоси авомили демографӣ аз қабили ҷинсият, син, таҳсилот, риштаҳои таҳсилӣ ва ғайра мавриди баррасӣ ва озмун қарор гирифтааст.

Санҷиши осебдидагии равонӣ дар пурсишномаи саломатии умумии равонӣ аз он чи ки (GHQ) нумраи кулли фард дар ин озмун аз 22 болотар бошад, фард дучори осебдидагии равонӣ буда, аз беҳдошти равонии беҳина бархурдор нест. Дар пажӯҳиши ҳозир нишон дода шуд, ки миёнгини нумраи донишомӯзони гурӯҳи намунаи таҳқиқ дар шохиси осебдидагии равонӣ 25,73 аст ва ин гӯёи осебдидагии умумии равонии донишомӯзон аст, ҳарчанд ки аз нумраи саломатӣ хеле фосила надорад. Дар ин пажӯҳиш мушоҳида гардид, ки миёнгини нумраи саломати донишомӯзон болотар аз миёнгини меъёр мебошад ва ин нишон аз он дорад, ки донишомӯзони омӯзиш ва парвариши идораи кулли шаҳристонҳои остони Теҳрон аз сатҳи боварҳои динии қобили қабул бархурдор ҳастанд. Бо таваҷҷуҳ ба зариби ҳамбастагӣ байни боварҳои динӣ ва осебдидагии равонии донишомӯзон баробари 0,106 мебошад, ки ин мизон бо беш аз 95% итминони маънодор мебошад ва ин бад-он маъност, ки бо афзоиши сатҳи боварҳои динии донишомӯзон аз мизони осебдидагии донишомӯзон коста мешавад ва баръакс. Дар фарзияи дигарон ин пажӯҳиш, байни осебдидагии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии қавӣ, мутавассит ва заиф робита вуҷуд дорад. Ин фарзия бо 99% итминон мавриди тайид қарор гирифт ва ҳамчунин дар хурдамиқёсҳои озмун низ ҳамон ҳолат иттифоқ афтод, яъне байни алоими ҷисмонӣ шуда, изтироб ва сутӯҳи боварҳои динии донишомӯзон тафовути маънидор мушоҳида гардид. Ҳамчунин, дар байни ихтилолоти хоб ва сутӯҳи боварҳои динӣ тафовути маънодоре дида шуд ва низ байни ихтилол дар куниши иҷтимоӣ ва сутӯҳи боварҳои динии донишомӯзон 99% итминон тафовути маънодор мушоҳида шуд ва ҳамчунин байни афсурдагӣ ва сутӯҳи боварҳои динии донишомӯзон тафовут ба сурати маънодор нишон дода шуд. Дар посух ба ин пурсиш, ки байни кадом сутӯҳи ин боварҳои динӣ ва осебдидагии равонӣ алоими ҷисмонӣ шуда, изтироб – ихтилолоти хоб, ихтилол дар куниши иҷтимоӣ ва афсурдагӣ тафовут вучуд дорад ва аз озмуни таъқибӣ истифода гардид ва нишон дода шуд, ки осебдидагии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии заиф бештар аз донишомӯзоне ҳастанд, ки дорои боварҳои динии мутавассит ва қавӣ ҳастанд ва ин дар ҳама хурдамиқёсҳои озмуни GHQ содиқ будааст.

Ёфтаҳои ҳосил аз ин пажӯҳиш нишон медиҳанд, ки байни боварҳои динии донишомӯзони духтар ва писар тафовути маънодоре вуҷуд надорад. Тавзеҳи он ки ин ёфтаро ағлаб пажӯҳишҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъкид мекунанд. Ин дар ҳолест, ки байни осебдидагии равонии донишомӯзони духтар ва писар тафовути маънодоре вуҷуд дорад, яъне сатҳи осебдидагии духтарон бештар аз писарон аст. Ин мавзӯъ дар тамоми хурдамиқёсҳои осебдидагии равонӣ ба ҳамин сурат мушоҳида шудааст. Донишомӯзони духтар дорои алоими ҷисмонӣ шуда, изтироби бештар аз писарон дошта, бештар аз писарон аз ихтилоли хоб ранҷ мебаранд ва бештар аз писарон мушкил дар куниши иҷтимоӣ доранд ва бештар аз писарон афсурдагиро таҷриба мекунанд.

Дар ин пажӯҳиш рӯшан гардид, ки афзоиши сатҳи боварҳои динӣ муҷиби коҳиши мизони осебдидагии равонӣ мешавад. Агар боварҳои динӣ дуруст, мантиқӣ ва мутаассир аз воқеиятҳо бошанд, равишҳои муқобилаи шинохтӣ ва отифии муассир дар иртибот бо стресс ва ҳаяҷонҳои танишзоро дар дастраси фард қарор медиҳанд ва дар натиҷа заминаи мусоиде барои таъмини беҳдошт ва саломатии равонии фард фароҳам хоҳад гардид.

Дин як низоми амалӣ бар асоси эътиқодот, ки робитае бо абъоди фардӣ ва иҷтимоӣ аз сӯйи Парвардигор ба манзури иршоди инсонҳо дар масири такомули

онҳо ирсол шудааст ва шомили эътиқод, боварҳо, нигаришҳо ва рафторҳоест, ки бо ҳам қарин шуда, эҳсоси якпорчагӣ дар фард эҷод мекунад. Эътиқодот ва шиорҳои динӣ ва маънавӣ, манобеи равонӣ ва ҷисмонии қобили санҷише дорад. Ба ҳамин далел, тааҷҷубовар нест, ки таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ дар солҳои охир дар бораи ин мавзӯот анҷом шудааст.


**АДАБИЁТ**

1. Association between dimensions of religious commitment and mental health reported /[Lorson D.B., K.A. Sherrill, J.S. Lyons et al.] // American journal of psychiatry and Archives of General psychiatry. 1978-1989. American journal of psychiatry. – 1992. -№49. –P. 557-590.
2. Conceptualizing religion and spirituality: points of commonality, points of departure / [P.C. Hill, K.L. Pargament, R.W. Hood et al.] // Journal for the theory of social behavior. - 2000. -№ 30. –P.51-77.
3. Spilka, B. The psychology of religion: an empirical approach / B. Spilka, R.W. Hood, B. Hunsberger. –New York : Guilford press, 2003.
4. Sperry, L. Spiritually oriented psychotherapy / L. Sperry, E.P. Shafranske. –Washington: D.C.: American psychological Association, 2005
5. Argyle, M. State of the art: Religion / M. Argyle // Psychologist. – 2002. -№ 1. –P. 22-26.
6. Park, C.L. Religion and meaning / Park, C.L. JNR. F. Paloutzion and C.L. Park (Eds.). Hand book of the psychology of religion. - 2005.
7. Troyer, H. Review of concer among four religious sects / H. Troyer //
Social science and medicine. - 1988. –№ 26. –P.1007-17.
8. Koeing, H.G. Handbook of Religion and Health / H.G. Koeing, M.E. MCcullough, D.B. Larson. -Oxford: Oxford university press, 2001.
9. Ogata, M. Mortal: ty among Japanese zen priests / M. Ogata, M. Ikeda, M. Kuratsune // Journal of Epidemiology and community health. - 1984. –№ 38. P.161-6.


**ИССЛЕДОВАНИЕ ВЗАИМОСВЯЗИ РЕЛИГИОЗНЫХ УБЕЖДЕНИЙ И ПСИХИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ ДЕТЕЙ**


Данная статья посвящена изучению и исследованию взаимосвязи религиозных убеждений и психического здоровья детей. Религия играет важную роль в интерпретации жизненных событий. На сегодняшний день существует много исследований, посвященных вопросу о том, положительно, нейтрально или отрицательно религия влияет на психологическое здоровье личности. Религиозное воспитание детей означает извлечение и расцвет их внутренних врожденных способностей. Воспитание религиозного чувства создает почву для создания духовного взгляда на жизнь у ребенка и приносит ему чувство спокойствия и духовного наслаждения.



**Ключевые слова:** семья, религия, воспитание, религиозное воспитание, воздействие религиозных учений, представления и знания о религии, религиозные понятия, психическое здоровье детей.


**INVESTIGATION OF THE INTERRELATION OF RELIGIOUS BELIEFS AND MENTAL HEALTH OF CHILDREN**


This article is devoted to the study and study of the relationship of religious beliefs and mental health of children. Religion plays an important role in the interpretation of life events. To date, there are many studies on the question of whether positively, neutrally or negatively, religion affects a person's psychological health. Religious education of children means the extraction and flowering of their innate innate abilities. Education of religious feelings creates the ground for creating a spiritual outlook on the life of the child and brings him a sense of peace and spiritual pleasure.



**Key words:** family, religion, upbringing, religious education, the impact of religious teachings, views and knowledge about religion, religious concepts, children's mental health.



**Сведения об авторе:** ***Мохаммад Джавади Илхчиоля Мирзабаба*** **–** соискатель НИИ развития образования Академии образования Таджикистана. Телефон: **09124653325**


# УСУЛИ ТАЪЛИМИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР СИНФИ 9


***Г.Камолова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Аломатҳои китобат маҷмӯи қоидаҳоеро фаро мегиранд, ки ҷиҳатҳои маъноию мантиқӣ, синтаксисӣ ва интонатсионӣ (гуфторӣ, оҳанги гӯйш)-и матнро возеҳу равшан менамоянд. Баробари инкишофи забон ва афзудани зарурати корбасташон теъдоди онҳо торафт афзуда, аз рӯйи вазифа, мавқеъ ва мавриди истифода ба хелҳои гуногун ҷудо шудаанд. Аз ҷиҳати маъно аломатҳои китобат барои возеҳ кардани фикр истифода мешаванд. Бо ин мақсад барои ифодаи дурусти ҷумла, ё ҷудо кардани ҷузъҳои он маъмулан аломатҳои ***вергул, нуқтавергул, нукта ва дунуқта*** истифода мешавад.

Забоншинос Т. Шокиров дурусту бамаврид зикр намудааст, ки «Истифода набурдан ё ғалат кор фармудани аломатҳои мазкур боиси мавҳумию носаҳеҳии ифодаи андеша гашта, фикри нависанда-муаллифи матнро мураккабу муғлақ ва душворфаҳм месозад» [10, 11].

Забоншиносон муайян кардаанд, ки барои ифодаи муносибати гӯянда ё нависанда дар матн аломатҳои ***хитоб, савол, хитобу савол, сенуқта, тире, нимтире*** ёрӣ мерасонанд. Моҳияту вазифаи аломатҳои китобат дар он зоҳир мегардад, ки маҳз ба туфайли онҳо ҳадду ҳудуд ва ҷузъҳои ҷумлаҳо, яъне сохтори синтаксисиашон муайяну муқаррар мегардад. Барои нишон додани муносибатҳои дигар аломатҳои ***нуқта, вергул, нуқтавергул, дунуқта*** истифода мешаванд. Онҳо тарзи муроҷиат, оҳангу тобишҳои маъноии ҷумларо равшану аниқ мекунанд ва хонанда мақсади нависандаро дар ҳар маврид (маҳаллу макон ё замони гуногун) дуруст фаҳмида метавонад. Маҳз ба туфайли аломатҳои ***нуқта, савол ва хитоб*** фикр ба таври нақл (ҳикоя), савол ё хитобан ифода мегардад: **Фирӯз пагоҳ меояд. Фирӯз пагоҳ меояд ? Фирӯз пагоҳ меояд!**

Аломатҳои китобат барои муайяну равшан кардани ҷиҳати синтаксисии матн хизмат карда, ба хонанда (ё шунаванда) дарки дурусти мазмуни матнро таъмин менамоянд.

Аломатҳои китобат хусусиятҳои навоӣ, (мелодиягӣ), оҳангнокӣ, танин, суръат, танфиси нуткро низ ифода мекунанд, ки ин ҷиҳати интонатсионии онҳост [10, 12].

Олимони забоншинос дуруст таъкид намудаанд, ки «…аломатҳои китобат яке аз асоситарин воситаҳои алоқаву муносибати хаттии одамон ва омили асосии ба низом даровардани нутқи хаттӣ маҳсуб мешаванд» [10, 2]. Возеҳ аст, ки хондану фаҳмидани матни дурусту бехато таҳияшуда нисбат ба матне, ки дар он аломатҳои китобатӣ нодуруст гузошта шудаанд, ё умуман гузошта нашудаанд, осонтар аст. «Инчунин мазмун ва тобишҳои иловагии маъно дар нутқи хаттӣ маҳз ба воситаи аломатҳои ҷудогонаи китобат равшан ва таъкид мегардад» [7, 4]. Бинобар ин таълими аломатҳои китобат дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти зиёди назарию дидактикӣ дорад. Забоншиносони шодравон Х.Ҳусейнов ва К. Шукурова ҳамин хусусиятҳои аломатҳои китобатро ба инобат гирифта, онҳоро ба 2 гурӯҳ – **аломатҳои китобатии ҷудокунанда** ва **аломатҳои китобатии фарққунанда** ҷудо намудаанд [8, 14].

**Аломатҳои китобати ҷудокунанда** *(дутире, қавс, қавсҳо(қавсайн), нохунакҳо, саволу хитоб, хитобу савол)* ҳудуди сохтори синтаксисиро нишон дода, барои ҳар чи пурратар ифода намудани мазмуну муҳтавои фикр, шарҳу эзоҳи аъзоҳои алоҳидаи ҷумла хизмат мекунанд. Ҳамчунин ба он далолат мекунанд, ки ягон ҷузъ ё аъзои ҷумла бо оҳангу танини махсус хонда шавад, ному унвони шахс ё предмете, ки нутқи муаллиф ба он нигаронида шудааст, махсус ҷудо карда шавад, нутқи айнаннақлшуда аз сухани гӯянда алоҳида нишон дода шуда, муносибати гуногуни муаллифу нависанда ё равиши сухан алоҳидаву махсус ва барҷаста ифода гардад.

**Аломатҳои китобати фарққунанда** (*нуқта, вергул, нуқтавергул, дунуқта,(баён), сенуқта, савол ва хитоб)* барои аз ҳам фарқ кардани ҷумлаҳо, ҷузъҳои онҳо, аъзоҳои чида, баёнияҳо истифода мешаванд. Ин аломатҳои китобат барои муайян намудани навъҳои ҷумла аз ҷиҳати маъною мақсад, хусусиятҳои эҳсосию муассирӣ ва нишон додани фосилаи нутқ низ истифода мешаванд. Инчунин сарҷумлаю ҷумлаи пайрав, қисмҳои мухобиротии ҷумлаҳои мураккаб. Таркибҳои аъзоҳои ҷумларо аз ҳам ҷудо мекунанд. **Аломатҳои китобати фарққунанда** «баръакси **аломатҳои ҷудокунанда** вобаста ба ҷумла ва маъмулан дар таркиби он истеъмол мегарданд. Аз ҷиҳати тарзи истифода аломатҳои китобатро ба **тоқа** ва **ҷуфт** тақсим кардан дуруст аст» [8, 13]. Ба **аломатҳои китобати тоқа** аломатҳои *вергул, нуқта, нуқтавергул, тире, нимтире, сенуқта ё бисёрнуқта, савол, хитоб (саволу хитоб, хитобу савол),қавс* ва ба **аломатҳои китобати ҷуфт** *нохунак, қавсайн, қавсҳои калон, дутире, духитоб, дусавол* – ро шомил кардан мумкин аст [10, 13].

Дар назарияи методи омӯзиши забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, принсипҳои дидактикии умумӣ нишон дода шудааст, ки муаллимон дар таълими забон ба он такя мекунанд. Инҳо принсипҳои илмӣ, пайдарпайӣ, системанокӣ дар таълим, принсипи алоқамандии назария бо амалия ва ҳаёт, принсипи шуурнокӣ ва фаъолиятнокӣ, принсипи аёният, принсипи устуворӣ ва дастрасу фаҳмо будан ҳангоми омӯзиш мебошанд. Дар баробари ин таълими аломатҳои китобат хусусиятҳои дигар низ дорад. Ҳамин хусусиятҳо олимон-методистонро водор кардаанд, ки баъзе

принсипҳои хосси методикаи таълими онҳоро пешниҳод намоянд. Мухтасар он принсипҳоро шарҳ медиҳем:

**1.Принсипи таҳлили навъҳои гуногуни ҷумла, инчунин маъноҳои калима ва алоқаи синтаксисии байни аъзоҳои ҷумла.** Ба ин принсип омӯзиши дарсҳои боби синтаксис дар мактаб алоқаи бевосита дорад. Дар омӯхтану аз худ намудани қонунияти аломатҳои китобат, пеш аз ҳама, донистани фарқи байни ҷумлаҳои сода аз ҷумлаҳои мураккаб ногузир аст. Ба ин мақсад ба таври ҷиддӣ омӯзонидани синтаксис ва дар ин раванд гузаронидани таҳлили синтаксисӣ хеле бамаврид аст. Барои инкишофи дониши хонандагон ва ба онҳо пурра фаҳмонда додани синтаксис, аз методу усулҳои гуногун ва воситаҳои аёнӣ ва техникӣ самаранок истифода бурдан зарур аст.

Пеш аз ҳама, мисолу машқҳоеро ҷудо кардан лозим аст, ки ба синну соли хонандагон ва ба қобилияту фаҳмиши онҳо мувофиқ бошад ва алоқаи маъноӣ ва синтаксисии байни аъзоҳои алоҳидаи ҷумла ба қадри имкон муайян бошад (муносибати замонӣ, маконӣ, натиҷа, мақсад, шарт ва ғайра). Чунончи:

1). Мо – падар ва писар аз хона баромада, ба ҳавлии бобоям рафтем. С.Айнӣ [4].

2) . Ҳайвонҳо аз шимол ба ҷануб, ба тарафи лаби дарёи Аму, нигоҳ карда медавиданд. С.Айнӣ [4].

3). Муаллим таъкид кард, ки «пагоҳ маҳфили шеърхонӣ мешавад» [6,104].

Ин гуна машќу мисолњо, барои омўзиши дуруст ва њосил намудани малакаи пунктуатсионї дар нутќи хаттї ва дањонї кумак мерасонанд.

«Ҳангоми ифодаи нутқ маъно ва мақсад ба воситаи аломатҳои китобат муайян мегардад»

1. маъно ва дарки матн ҳангоми риоя намудани аломатҳои китобат ба вуҷуд меояд. Интихоби таҳлили машқҳои мувофиқ барои баланд бардоштани савияи донишу маданияти нутқи хаттиву даҳонии талабагон кумак мерасонанд:

1).«Аз лой гурехта ба лойдон афтодам»,– оҳ кашид Ҳоҷӣ [6,102].

2). – Дониста кор кун, дониста! – гуфт Ҳайдарқул [6,103].

3). Вера фикр карда монд, баъд ба Шодигул гуфт: «Майлаш, ба хотири ту мемонам» [4,123].

**2. Принсипи инкишофи нутқи шунавоии хонандагон**. Забономӯзӣ ба гуфтану шунидан ва хондан вобаста аст. Бинобар он зарурияти усули инкишофи нутқи шунавоӣ ҳангоми хониш бо оҳанг, зада, ист, оҳанги гуфтор (баланд ва пастшавии овоз), фикррониӣ ва ифодаи маънӣ ба миён меояд.

Нутқи шунавоӣ, пеш аз ҳама, барои фаҳмидану ифода намудани маъно, ҳамчунин дар алоқа бар он баҳри хубтар дарк намудани маънои воҳидҳои синтаксис, қонуну қоидаи аломатгузорӣ, барои омӯзиши забони овозӣ хизмат мекунад.

Барои исботи чунин фикр, ки нутқи шунавоӣ барои омӯзиши синтаксис ва аломатгузорӣ, ҳамчунин барои инкишофи нутқ ва хониши ифоданок хизмат мекунад, ба мисоли зер муроҷиат мекунем:

-Ту байти бисёр медонистаӣ, ман шаҳрамро ба ту додам,-гӯён Гулизор хушҳолона хандиду бозиро бас карда фаромаданӣ шуд [4,198].

Ҳар як хонанда аз рӯйи фаҳмиш ва шунавоии худ аломатҳои китобатро мегузорад.

Хонандаи аввал:- Ту байти бисёр медонистаӣ, ман шаҳрамро ба ту додам, гӯён Гулизор хушҳолона хандиду бозиро бас карда, фаромаданӣ шуд.

Хонандаи дувум:– Ту байти бисёр медонистаӣ, ман шаҳрамро ба ту додам, – гӯён Гулизор хушҳолона хандиду бозиро бас карда, фаромаданӣ шуд (5,198) .

Ҳангоми санҷиш (озмоиш) маълум гардид, ки аз 25 хонандаи синфи 9 танҳо нутқи шунавоии се хонанда инкишоф ёфтааст ва ҳангоми хондани ҷумла маънои ҷумларо пурра аз худ намудаанду аломатҳои китобатро дуруст дар мавқеашон гузоштаанд, аммо хонандагоне, ки нутқи шунавоияшон он қадар инкишоф наёфтаасту малакаи дарки қоидаҳои талаффуз (ист, задаи мантиқӣ)-ашон паст аст, ба хатоҳо роҳ додаанд.

Ҳолатҳое мешавад, ки гӯянда ва шунаванда дар навишт ба таври мухтасар алоқаи семантикӣ-грамматикии матнро медонад, аммо аз сабаби суст будани маҳорати нутқи шунавоӣ дар гузоштани аломатҳои китобат ба хатоҳо роҳ медиҳад.

Дар ҷумлаи «Баъди хӯроки нисфирӯзӣ дарсамро тайёр мекунам, ба корҳои модарам ёрӣ медиҳам ва баъд ба тамошои боз меравам» се амал пай дар пай чида шуда омадааст. Дар мавриди муҳиммияти ин амалҳо (дар ин ҷумлаҳо) метавон ба

таври муқоиса муайян кард, ки аз ҷиҳати дақиқӣ ва мустаҳкамӣ амали аввал бар дувумӣ бартарӣ дорад. Хонанда, ки дар шунидани амали аввал нутқи шунавоияш бештар бар маънии он, на бар қонунияти синтаксисию грамматикии амал банд аст, дар навиштан ва сабти ҷумла бар хато роҳ медиҳад, ки мисоли ин саҳв ҳамон ҷумлаи дувумин аст.

Хонанда, агар нутқи шунавоии суст дошта бошад, ҳангоми диалог (гуфтугӯ) маънои саволро дуруст намефаҳмад ва ҷавоби мувофиқ дода наметавонад.

Омӯзгор њанўз аз синфњои ибтидої бояд дар синфи якум ба хонандагоне, ки нутќи шунавоияшон суст аст, ањамияти љиддї дињад. Дар синфњои болої ба хотири идома ва таќвияти чунин фаъолият инро, пеш аз њама, дар наќшаи инкишофи нутќи шифоњї ва хониши ифоданок њам дар дарсњои забон ва њам дар дарсњои адабиёт гузаронинидан љоизтар аст, чунки дарсњои забон ва адабиёт бењтарин ва афзалтарин роње дар бењбуд ва инкишофи нутќи шифоњї ё дањонї ва нутќи хаттиву шунавоии хонандагон хоњанд буд. Аз тариќи дарсњои забон ва адабиёт хонанда роњи дурусти ифоданок хонданро фаро мегирад ва аз њаќиќат дур нест, ки фарогирии ифоданок хондан рў ба сўйи инкишофи нутќи шунавої мебарад. Чї тавре ки методист А.Ф. Ломизов мегўяд: «…дуруст ба роњ мондани таълими хониши ифоданок ва ифоданокии нутќи шифоњї бењтарин воситаи методиест барои расидан ба ин маќсад» [3, 45]. .

**3. Принсипи ифоданок хондани «аломатҳои китобат».** Дар нутқи шифоҳӣ риоя кардан ба аломатҳои китобат ва тартиби ҷойгузинии онҳо дар ҷумла ва матн ба мо имконият медиҳад, ки ифоданок талаффуз намоем, мазмуни ҷумла ва матнро дуруст фаҳмем. Дониши пунктуатсионӣ на танҳо азхудкунӣ, нутқронӣ ва тафаккури моро инкишоф медиҳад, ҳамчунин дар нутқи хаттӣ ва хондани матн ҷиҳати дурусту бехато навиштан, барои хонандагон воситаи хубе хоҳад буд. Аз ин рӯ, барои инкишофи ифоданок «хондани» аломатҳои китобатӣ барои хонандагон машқҳои мувофиқ ҷудо намудан лозим меояд, ки ин беҳтарин роҳест, ки бад-он хонандагонро барои фаҳмо хондану дуруст риоя намудани аломатҳои китобат метавон равона сохт.

1) Андак истед, – гуфт Нуралӣ, – ҳозир масъаларо маълум мекунем» [4.123].

Дар нутқи шифоҳӣ ифоданок «хондани» аломатҳои китобат ба методикаи омӯзиши пунктуатсия барои инкишофи нутқи хонандагон фоидаи зиёде мерасонад [2, 968].

## АДАБИЁТ


1. Абдулазизов В. Таълими аломати китобатии тире (–) - и таркиби ҷумлаҳо / В. Абдулазизов, Г. Камолова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. - №3/9(154). - С.185- 189.
2. Ломизов А.Ф. Выразительное чтение при изучение синтаксиса и пунктуатцией и интонацией / А.Ф. Ломизов. - Л.,1965.
3. Ломизов А.Ф. Трудные вопросы методики пунктуатции / А.Ф. Ломизов. – М., 1975.
4. Рустамов Ш. Забони тоҷикӣ барои синфи 7 / Ш.Рустамов, А. Каримов, С. Аминов. – Душанбе: Маориф, 1989.
5. С. Улуғзода. Восеъ / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.
6. Хоҷаев Д. Забони тоҷикӣ барои синфи 9 / Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, А. Муллохонов. – Душанбе: Собириён, 2007.
7. Хоҷаев Д. Наҳв ва аломатгузорӣ (Дастури таълимӣ) / Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров. – Душанбе, 2012. – 86 с.
8. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х. Ҳусейнов, К. Шукурова. - Душанбе: Маориф,1983.
9. Ҳусейнов Х. Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик / Х. Ҳусейнов. –Душанбе: Маориф,1977.
10. Шокиров Т. Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ / Т. Шокиров. –Хуҷанд, 2010.


## ПРЕПОДАВАНИЕ ПУНКТУАЦИОННЫХ ЗНАКОВ В СЛОЖНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ


В статье на основе языкового материала анализируется значение и место употребления пунктуационных знаков в сложном предложении. На основе эксперимента выявлены основные причины и моменты употребления пунктуационных знаков «.» (точка), «;»(точка запятая) и «–» (тире), представлены методические рекомендации по устранению неуместного употребления и допущенных ошибок учащихся и студентов. Указаны основные принципы и эффективные методы преподавания вышеуказанных знаков на уроках таджикского языка. Выявлены моменты неуместного употребления учениками пунктуационных знаков «.» (точка), «;»(точка запятая), и «–» (тире).



**Ключевые слова:** знак, метод правила, пунктуация, синтаксис, сложное предложение, современный, таджикский язык, «.» (точка), «;»(точка запятая), «–» (тире), эффективный.


## INVESTIGATION OF THE INTERRELATION OF RELIGIOUS BELIEFS AND MENTAL HEALTH OF CHILDREN


This article is devoted to the study and study of the relationship of religious beliefs and mental health of children. Religion plays an important role in the interpretation of life events. To date, there are many studies on the

question of whether positively, neutrally or negatively, religion affects a person's psychological health. Religious education of children means the extraction and flowering of their innate innate abilities. Education of religious feelings creates the ground for creating a spiritual outlook on the life of the child and brings him a sense of peace and spiritual pleasure.
**Key words:** family, religion, upbringing, religious education, the impact of religious teachings, views and knowledge about religion, religious concepts, children's mental health.

**Сведения об авторе:** ***Камолова Г.*** – соискатель Таджикского национального университета

# НАҚШИ КАТЕГОРИЯҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР ТАШАККУЛ ДОДАНИ УСЛУБИ ТАФАККУРИ ИЛМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

***С.Холназаров, С.П.Расулов***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Мувофиқи технологияи пешниҳоднамуда дар давраи ташаккулёбӣ ва басистемадарории донишҳои химиявӣ дарки ҷанбаи методологии услуби тафаккури илмӣ асоснок карда мешавад. Дар ин давра ҷамъ кардани қисматҳои донишҳои химиявӣ дар система ва фаҳмиши қонуниятҳои омӯзиши он низ ба амал бароварда мешавад.

Қонуни даврии Д.И.Менделеев асоси илмию назариявии курси химияи мактабӣ мебошад. Қонуни даврӣ асоси бунёди химияи ҳозира аст. Коркарди назарияи сохти атомҳо ва молекулаҳо ба қонуни даврӣ ва системаи даврӣ такя мекард ва мекунад. Барои ҳамин мо дар давраи ташаккулёбӣ мавзӯи "Қонуни даврии Д.И.Менделеев"-ро интихоб намудем.

Мақсади омӯзиши ин боб аз ташаккули мафҳум дар бораи тағйир ёфтани хосияти элементҳо, пайдо кардани маълумоти сифатӣ ва миқдорӣ оид ба атомҳо, ки дарки амиқи табиати бандҳои химиявӣ ва сохти модда, қонунҳои гузариши равандҳои химиявӣ, дуруст аз худ кардани курси химияи ғайриорганикӣ ва органикиро таъмин менамояд, иборат аст.

Шиносоӣ бо таълимот дар бораи қонуни даврӣ имконияти васеъ барои ба система даровардани аломатҳои алоҳидаи донишҳои химия ва фаҳмиши қонуниятҳои омӯзиши онро медиҳад. Истифодаи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ ва ташкил кардани фаъолияти татқиқотӣ дар асоси он барои давраи ташаккулёбӣ (дарк) имкониятҳои васеъ дорад.

Аҳамияти назариявии қонуни даврӣ дар курси химия дар он аст, ки бо истифода аз таълимот оид ба қонуни даврӣ кушодани категорияҳои фалсафӣ дар назди хонандагон аз мафҳумҳои зарурӣ барои ташаккули табиати химиявии олам имконпазир мегардад. Ин тарзи омӯзиши қонуни даврӣ бе истифодабарии донишҳои таърихи ва химиявӣ ғайриимкон аст. Чунки махсусан дар ин ҷо бисёр функсияҳои муносибати таърихӣ (тарбиявӣ, системавӣ, интегративӣ, мотиватсионӣ, методологӣ) ошкор мегарданд.

Таҳлили адабиёти методӣ аз химия нишон дод, ки дар замони ҳозира ҳамаи курси систематикии химия асоси худро аз қонуни даврӣ мегиранд. Вобаста ба ин муайян кардани ҷойи он дар курси химияи мактабӣ аҳамияти зиёд дорад. Дар ин ҷо ба назар гирифтан лозим аст, ки қонуни даврӣ яке аз муҳимтарин қонуни табиат ва асосҳои методологии омӯзиши химия буда, аз як тараф ҳамчун мақсад, аз тарафи дигар ҳамчун восита баромад менамояд. Ҳар ду ин вазифа ба якдигар зич алоқаманд мебошанд.

Муносибати технологияро ҷамъбаст намуда, чунин хусусиятҳои хосси омӯзиши қонуни давриро дар курси химияи синфи 8 ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҳангоми шинос кардани хонандагон бо таълимоти даврӣ онҳо бояд системаи донишҳоро дар бораи моддаҳо амиқ намоянд.

2. Омӯзиши қонуни даврӣ бояд ба маҷмӯи донишҳои хонандагон оид ба химия, ки дар давраи тайёрӣ таълимоти атому фаҳмишҳои аввалинро оид ба олам иборат аз микро ва макроҳиссачаҳо, қонунҳои асосии химия гирифтаанд, такя намояд.

Ин барои ташаккул додани ҳолати химиявии олам дар асоси донишҳои муайян имконият медиҳад.

Барои дарс абстрактӣ будани мафҳумҳо ҳангоми омӯхтани қонуни даврӣ корҳои зеринро иҷро кардан зарур аст.:

- аз худ кардани фаҳмиши ҳозираи “элементи химиявӣ”;

- фаҳмиши моҳияти қонуни даврӣ, системаи даврӣ, ҳамчун ҷамъбасти илмӣ ва ба система даровардани донишҳои химиявӣ;

- аз худ кардани маълумотҳои муҳимми қонуни даврӣ ва вобастагии таркиби моддаҳо аз сохти онҳо;

- ҷамъбасти мазмуннокии мафҳумҳои алоҳида дар бораи моддаҳо ва сохти онҳо дар системаи назариявӣ, дарки вазифа ва ояндаи ин система;

- дарки сабаб, механизми таълим, маълумотҳои муҳим дар бораи бандҳои химиявии гуногун ва намуди панҷараи кристаллӣ, фаҳмиши сатҳи мураккабии ҳолати моддаҳо. Бояд қайд кард, ки барои ошкор намудани хосияти асосии элементҳо, муайян кардани сабабҳои фарқ ва монандии он ба маводи таърихӣ муроҷиат кардан лозим меояд ва ба хонандагон фаҳмонидани он, ки илми мо аз давраи Лавуазе то замони ҳозира устуворона қадам гузоштааст, ниҳоят зарур аст.

Инсоният ба қонуни даврӣ ва назарияи атомҳо такя карда, ҳукмрониашро дар табиат васеъ гардонид. Ӯ элементҳои навро кашф намуда, атомҳои нишонадорро чун нишондиҳанда (индикатор) барои омӯзиши раванди химиявӣ истифода кард ва истифодаи неруи атомро ёд гирифт.

Ба хонандагон ҳақиқати таърихиро қайд кардан зарур аст, ки қонуни даврӣ сохтори худро ба тартиб медарорад, ки асоси таърихии худро аз китоби дарсии “Асосҳои химия” мегирад, Д.И.Менделеев онро баъдан фарзанди дӯстдорам номида буд. Ба ин китоби олими бузурги рус А.М.Бутлеров, Н.И.Зинин ва дигарон баҳои баланд дода, қайд мекунанд, ки ин хел курс дар ягон давлат нест ва набуд.

Дар замони муосир ҳамаи курси химия асоси худро мунтазам аз қонуни даврӣ мегирад. Вобаста ба ин нақши он дар химия боз ҳам меафзояд. Дар ин ҷо барои нигоҳ доштани баробарвазнӣ ду функсияи қонуни даврӣ - мақсад ва воситаи таълимро дар алоқамандӣ бояд ба эътибор гирифт.

Агар қонуни давриро мақсади омӯзиш дида бароем, барои исбот ва боварӣ ҳосил намудан миқдори зиёди далелҳоро дида баромадан лозим меояд. Дар ҳолати ба назар нагирифтани функсияи дуюм, ба хатоӣ роҳ додан мумкин аст: қонуни даврӣ ҳамчун маводи ҷамъбастӣ дар охири курс, баъд аз ҳама элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо омӯхта мешуд. Баъд аз он сохти атом, ҳамчун исботкунанда ва таъсиркунандаи дурустии он пешбинӣ шуда буд.

Дар аввали курс омӯхтани қонуни даврӣ ба хонандагон ба ғайр аз донишҳои қалбакӣ чизи дигаре дода наметавонист. Онҳо таҳкурсии зарурӣ надошта, аҳамияти кашфиёти Д.И.Менделеевро дарк карда натавониста, қонуни давриро кӯркӯрона аз ёд мекунанд, ки ин ба ҷиҳати тарбиявӣ ва инкишофи таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Ба нодуруст истифода бурдани принсипи таърихӣ, яъне аввал дар асоси массаи атомӣ омӯхтани қонуни даврӣ ва баъдан омӯхтани тасаввурот оид ба сохти атом ва дар асоси он омӯхтани системаи даврӣ, такроршавии маводи таълимро ба миён оварда, вақти зиёдро мегирад ва шавқу завқи хонандагонро ба фан коҳиш медиҳад.

Нуқтаи назари дигар, ин то қонуни даврӣ омӯхтани сохти атом мебошад. Ин тарзи муносибат принсипи таърихиро инкор мекунад. Бояд ба хонандагон фаҳмонда

диҳем, ки таълифи назарияи сохти атом аз бисёр ҷиҳат ба шарофати системаи даврии Д.И.Менделеев, ки олимонро ба ҷустуҷӯи сабабҳои даврӣ, такрор шудани хосияти элементҳо водор мекард ва ин ба рушди илм сабаб шуд, муяссар гашт.

Мундариҷаи мавзӯи “Қонуни даврӣ ва системаи даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеев” аз ду қисми калони бо ҳам алоқаманд: маълумот оид ба тағйироти даврии хосияти элементҳои химиявӣ ва моддаҳо вобаста аз зиёд шудани массаи атомии онҳо ва маълумот дар бораи сохти атоми элементҳо иборат мебошад. Фаҳмонда додани сабаб ва оқибати ин алоқамандии қисмҳо, вобастагии қисми якум аз дуюм яке аз вазифаҳои омӯзиши ин мавзӯъ мебошад.

Дар ҷобаҷогузории мундариҷаи мавзӯи мазкур дар барнома муносибати таърихӣ-мантиқӣ истифода карда шудааст. Аввал чӣ тавр аз тарафи Д.И.Менделеев дарк карда шудани вобастагии даврии хосияти элементҳо ва моддаҳо ба массаи атомӣ ва баъд сохти атоми элемент нишон дода мешавад. Ин таври муносибат, якум барои фаъолияти ҷустуҷуии хонандагон, фаъолкунии раванди таълим ва дуюм дар мустаҳкам кардани ҷанбаи тарбиявӣ, фаҳмиши аҳамияти корнамоии илмии Д.И.Менделеев ва ташаккули услуби тафаккури илмӣ нақши муҳим мебозад.

Кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки аввал, хонандагон донишҳои такягоҳиеро, ки барои фаҳмиши ҳодисаҳои даврӣ намерасанд, чунончи ҷамъбасти донишҳо дар бораи металлҳо ва ғайриметаллҳо, мафҳуми амфотерӣ, гурӯҳи (категорияҳои) элементҳои монанд дар мисоли галогенҳо (ғайриметаллҳо), металлҳои ишқорӣ ва элементҳои инертиро аз худ мекунанд.

Даври дуюм, дар бораи ба таври даврӣ такрор шудани хосияти элементҳо, ҷойгиршавии онҳо дар он қатор аз рӯйи афзудани массаи атомӣ ва баровардани таърифот бо тарзи Менделеевӣ маълумот дода мешавад. Баъди он сохти атом омӯхта шуда, ҳодисаи даврӣ бо донишҳои гирифташуда алоқаманд карда мешавад. Дар охир донишҳои дар ду давра гирифташуда маҳорати истифодаи онҳо барои пешгӯӣ намудани хосияти элементҳо ва пайвастагиҳои онҳо ташаккул дода мешавад. Мавзӯъ бо баҳо додан ба фаъолияти Д.И.Менделеев ҳамчун ташаккулдиҳандаи услуби тафаккури илмӣ ҷамъбаст карда мешавад.

Хонандагон ҳангоми омӯзиши химия бояд нақши қонуни davриро дар рушди илм ва истеҳсолот, ягонагии материали элементҳои химиявӣ ва моддаҳо, гузаштани тағйироти сифатӣ ба миқдорӣ, инкори дохилии сохти атоми элементҳо ва аҳамияти ин инкоркуниҳоро барои табаддулоти химиявии моддаҳо донанд. Ин талаботро зарурати дар хонандагон ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ, ки омӯзиши қонуни даврии Д.И.Менделеев барои он маводи бой медиҳад, талаб менамояд.

Барои амалӣ намудани вазифаҳои тарбиявии мавзӯъ ба муаллим истифода бурдани адабиёти фалсафӣ ва ёддоштҳои ҳамасрон дар бораи Д.И.Менделеев шарти муҳим мебошад. Гуфтаҳои К.Я.Паременовро, ки ҳолати он солҳоро ҳаққонӣ нишон додааст, мисол овардан мумкин аст: “Ҳамасрони Менделеевро на далели кашфи қонуни даврӣ, балки бо методи револютсионӣ фикронии муаллиф бештар дар ҳайрат мондаанд”.

Бояд қайд намуд, ки қонуни даврӣ, ин қонуни ҳақиқии табиат ва тартиби системаи даврӣ ҳамчун методи тадқиқотӣ, ки ба воситаи он кашф карда шуд, ҳамин тавр асоси худи қонун ва системаи даврӣ ифодаи графикии он мебошад. Аз маводи таърихӣ истифода бурда ба хонандагон фаҳмондан лозим аст, ки Д.И.Менделеев дар ибтидо кори худро “Таҷрибаи системаи элементҳо” номида бошад, баъд дарк кард, ки қонуни нави табиатро кашф намудааст ва дар китоби “Асосҳои химия” онро “Қонунияти даврӣ” номид. Ба хонандагон дар бораи ақидаи Д.И.Менделеев дар хусуси он ки вақтҳои наздик бисёр элементҳои номаълуми ба элементҳои Az ва SI монанд кашф мешаванд, бештар маълумот додан лозим аст.

Мундариҷаи мавзӯъ ва ҳалли дидактикии он ба рушди мафҳумҳои муҳимми химиявӣ дар тафаккури хонандагон сабаб мешавад. Ба ғайр аз муносибати таърихӣ, ки зикр гардид, инчунин муносибати проблемавиро аз воқеияти проблемавӣ истифода намоем.

Ҳамин тавр, мақсади омӯзиши қонуни даврӣ ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва ба дарки қисмати химиявии олам буда, ҳамчун мақсад ва восита ҳисоб мешавад.

Муносибати нишон додашуда барои ҳалли вазифаҳо моро водор месозанд, ки чунин талаботро пешниҳод намоем:

Якум, дарки фалсафии мазмуни қонуни даврӣ дар ҳолати муносибати системавӣ дар омӯзиши химия бо ҳаматарафа истифода бурдани мафҳуми асосии системаи ташкилкунандаи пайвастагиҳои химиявӣ. Дуюм, функсияи ташаккул додани ҷаҳонбинии қонуни давриро ҳамон вақт кушодан мумкин аст, ки дар асоси он хонандагон ба арзишҳои қонун боварӣ ҳосил намоянд, ин мақсад ҳангоми ҳаматарафа кушодани дигар функсияҳои қонун (ҷамъбастӣ, пешгӯӣ кардан, шарҳдиҳӣ, методологӣ, интегралӣ, системавӣ), инчунин дар рафти ба таври фардӣ қабул кардани кашфи олим, муяссар мешавад.

Ҳангоми ҷобаҷогузории мазмуни мавзӯъ дар барномаи курси химияи мактаби таҳсилоти умумӣ муносибати таърихӣ-мантиқӣ истифода шудааст. Аввал аз тарафи Д.И.Менделеев чӣ тавр вобаста будани хосияти элементҳо ва моддаҳоро, ки аз вазни атоми элементҳо дарк менамоянд, нишон дода шудааст. Дуюм шароит барои фаъолияти ҷустуҷӯи хонанда, фаъолкунии раванди таълим ба воситаи кушодани аҳамияти қаҳрамонии илмии Д.И.Менделеев нишон дода мешавад. Ин таври муносибат дар ҳолати мо низ қобили қабул мебошад.

Ташаккули услуби тафаккури илмӣ бояд ба ҷанбаҳои назариявии мафҳум оид ба қонуни даврӣ алоқаманд бошад.

Ҳамин тариқ мо ба фикри Е.М.Попова, ки давраи ташаккулёбиро ба ду зинаи (давраи) таълим ҷудо менамояд, розӣ нашуда наметавонем. Давраи якум (гузаранда) хонандагон фаҳмиши худро дар бораи элементи химиявӣ, пайвастагиҳои химиявӣ, мавзӯъҳои “Оксиген”, “Сӯзиш”, ”Оксидсидҳо”, “Гидроген”,”Кислотаҳо”, “Намакҳо”, “Маҳлулҳо” “Об, асосҳо”, синфҳои пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ва алоқаи генетикии онҳо амиқтар мекунанд.

Дар ин ҳолат мо имконият дорем, ки категорияҳои зарурие, ки барои аз худ намудани қонуни даврӣ заруранд, истифода намоем.

Барои ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ дар хонадагон ба назар гирифтан зарур аст, ки дар давраи гузариш хусусияти фаъолияти маърифатӣ аз тазаккурӣ ба маҳсулнокӣ баланд мешавад, лекин хонандагон ҳоло барои мустақилона амал намудан тайёр нестанд. Вобаста ба хусусиятҳои психологии рушди шахсият як қисми хонандагон амалиёти худро аз рӯйи намуна ва қисми дигарашон, аллакай қобилият доранд аналогӣ (монанд) иҷро намоянд.

**Бинобар ин мо дар ин давра чунин вазифаҳоро пешниҳод намудем:**

- ҳамин тавр он системаи донишҳоро тайёр намоем, ки барои ташаккул додани маҳоратҳои аналогӣ, амал намудан бо роҳи такмили методҳои илмии дарк имконият диҳанд;

- таъмин кардани роҳбарӣ аз тарафи муаллим дар ташкили фаъолияти таҳқиқот;

- тағйир додани мазмуни мавзӯъҳо, дар онҳо дохил кардани донишҳои таърихӣ-химиявӣ барои аз худ кардани мафҳумҳои нави фалсафӣ (сабаб, оқибат, ҳодиса, моҳият, умумӣ, хос, фардӣ) ва мустаҳкам кардани он ҳодисаҳое, ки дар давраи тайёрӣ хонандагон бо онҳо шинос шуданд (назария, қонун, зиддият, далелҳо,

фарзияҳо). Раванди ташаккули услуби тафаккури илмӣ хусусияти тадқиқотӣ дорад. Вобаста ба ин ду гурӯҳи супоришҳо ва машқҳоро ҷудо кардан мумкин аст. Аз ҳисоби муҳокимаи мантиқӣ аввал аз рӯйи аналогия, баъд мустақилона, метавонем проблемаҳоро ҳал намоем. Метавонем чунин супоришҳои тадқиқотиро пешниҳод намоем: барои гузаронидани тадқиқоти назариявӣ кор кардани маҳорати тартиб додани алгоритми муҳокима: барои банақшагирии эксперимент кор кардани маҳорати ҷудо кардани масъалаҳои муҳими эксперимент, ҷудо кардани сабаб ва оқибат, навиштан ва шарҳи мушоҳида.

**Синфи 8. Мавзӯъ: оксиген, сӯзиш, оксидҳо**

**Супориши №1**

Аз маълумотнома дар бораи кашфи оксиген кӯшиш кунед, ки далелҳое ҷудо намоед, ки мавҷудияти оксигенро дар ҳаво тасдиқ намоянд. Фарзияеро, ки дар бораи оксиген маълумот медиҳад, муайян кунед, имкониятҳои таҷрибавӣ ҳосил кардани оксигенро дида бароед.

Чунин моделро метавонем, дар омӯзиши дигар элемент истифода намоем ва мувофиқи мақсад ва вазифаҳо тағйир диҳем.

Ҳангоми омӯзиши мафҳумҳои аввалини химия хонандагон ба мафҳумҳои илмии “моддаҳо”, “хосиятҳо”, “қонун”, “миқдор”, “сифат” шинос мешаванд ва дар оянда ба таври доимӣ ба онҳо такя менамоянд.

Тадқиқоти таҷрибавӣ (эксперименталӣ) аз тартиб додани нақша ва муайян кардани аҳамияти он сар мешавад. Актуалӣ будани супориши таҷрибавиро тасдиқи хосияти пешгӯикардашуда муайян менамояд. Маҳорати пешгӯӣ намудани хосияти моддаҳоро хонандагон дар мисоли таърихи химия меомӯзанд. Онҳоро дар китоби дарсӣ ва адабиётӣ иловагӣ дарёфт кардан мумкин аст, инчунин онҳоро муаллим ба намуди варақа ба хонандагон медиҳад.

Баъд нақшаи эксперимент тартиб дода шуда, дар асоси он мушоҳида навишта шуда, шарҳ дода мешавад. Пас, хулоса баровարда дар шакли муодилаи химиявӣ тасдиқ карда мешавад. Супоришҳои монандро ҳангоми омӯзиши мавзӯи “Гидроген, кислотаҳо, намакҳо” пешниҳод намудан мумкин аст. Фарқ дар он аст, ки вазифаҳо торафт мураккаб шудан мегиранд ва хонандагон бошанд, бояд ба он кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки супоришҳои монандро мустақилона иҷро намоянд.

Раванди сӯзишро омӯхта, хонандагон маълумотҳоро дар бораи сохти шуълаи шамъ ба ёд меоранд ва онҳоро барои муайян кардани шароити сӯзиш истифода мебаранд. Барои муайян кардани фаъолияти фикрронӣ аз расмҳои (1,2,3 китоби дарсӣ), ки ҳодисаи сӯзишро дар шароитҳои гуногун нишон медиҳанд ва барои гузаронидани эксперименти фикрӣ имконият медиҳанд, истифода мебарем. Хонандагон боз аз сари нав қайд кардани далелҳо (навиштани рафти таҷрибаро), ба монанди суръати сӯзишро дар шароитҳои гуногун ёд мегиранд; дар бораи сабабҳое, ки сӯзиш ва хомӯшавии онро таъмин менамоянд, маълумоти иловагӣ пайдо менамоянд. Тавре таҷриба нишон медиҳад, ҳангоми намоиш додани мисолҳои аниқу равшан, ки бисёр тез мегузаранд, имконияти ҷалби ҳамаи хонандагон ба корҳои фикрии фаъол мавҷуд нест. Бисёри онҳо ба таъсироти омилҳои беруна дода шуда, ба таҳлили сабаб ва оқибати таҷриба дар шароити гуногун имконият намеёбанд, бинобар ин аз расмҳои сӯзиш, ки дар намуди нақша дар кабинет мавҷуд аст (китоби дарсӣ), истифода мебарем ва ба онҳо чунин супориш медиҳем:

**Супориш №1.**

- расмҳоеро, ки дар шароити гуногун сӯзишро инъикос менамоянд, муқоиса намоед;
- сабаб ва оқибати сӯзишро муайян кунед;
- шарҳ диҳед, ки барои чӣ дар як шароит сӯзиш бомуваффақият ва дар дигар шароит камсамар мегузарад?
- баъди муҳокимаи шифоҳӣ хулосаҳоро ба таври таҷрибавӣ тасдиқ менамоем.

Хонандагон дар он ҳолат ба моделикунонӣ шурӯъ менамоянд, агар дида баромадани хусусиятҳои хосси сохти модда лозим шавад, ки бо атом ва молекула рӯй медиҳад.

Агар радиуси буғро $z^1$ , моеъ $z^2$ , ва яхро $z^3$ ишора намоем, дар ин ҳолат $z^1$ $z^2$ $z^3$ мешавад. Баъд ба хонандагон савол дода мешавад, ки аз ҳисоби кадом сабаб гузариши он аз ҳолати агрегатӣ ба дигараш ба амал меояд. Оҳиста-оҳиста супоришҳо мураккаб шудан мегиранд, хонандагон бошанд, кӯшиш менамоянд, ки алоқаҳои сабаб ва оқибатро муайян намоянд.

Пеш аз омӯхтани қонун ва системаи даврӣ маводҳо дар бораи таснифи элементҳо, оксид ва гидрооксидҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Ин мавод аз ҳисоби донишҳо дар бораи ҳодисаи амфотерӣ васеъ мешавад. Хонандагон бо он дар мисоли тадқиқоти эксперимпенталии хосияти рӯҳ, алюминий ва дигар оксидҳо ва гидроксидҳое, ки хосияти рӯҳ, алюминий ва дигар оксидҳо ва гидрооксидҳое, ки хосияти амфотерӣ доранд, шинос мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки басистемадарорӣ ва таснифи пайвастагиҳо аз асри XIX сар шуда, барои иҷро намудани амалиётҳои мантиқии муқоисавии таркиб ва хосияти пайвастагиҳо нақши муҳим мебозад. Нақши категорияҳои фалсафӣ дар ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия хеле муассир мебошад.

### АДАБИЁТ

1. Кедров Б.М. История науки и принципы исследования / Б.М. Кедров. - М.,1971. -135с.
2. Кузнетцова Н.Е. Наука и ее истории / Н.Е. Кузнетцова. – М.,1982. -127с.
3. Макарения А.А. Об индивидуальности химических элементов / А.А. Макарения, С.А. Щукарев // философские вопросы химии. - Ростов–на-Дону, 1972. -142с.
4. Зубайдов У. Методикаи таълими химия (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) / У. Зубайдов, С. Холназаров. - Душанбе, 2011. -383с.
5. Чернобельская Г.М.Теория и методика обучения химии / Г.М. Чернобельская. - М., -318с.

### РОЛЬ ФИЛОСОФСКИХ КАТЕГОРИЙ В ФОРМИРОВАНИИ СТИЛЯ НАУЧНОГО МЫШЛЕНИЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ ХИМИИ

В данной статье рассматривается формирующий этап методической системы, обосновано значение периодического закона при систематизации химических знаний как составляющей научной картины мира в осознании методологического аспекта формирования стиля научного мышления.

**Ключевые слова**: ученые о периодичности, систематизации химических знаний, философские категории, понятия, формирование стиля научного мышления, методические подходы, строение, свойства веществ.

### THE ROLE OF PHILOSOPHIAL CATEQORU IN FORMINQ OF SCIENTIFIC THINKINQ STULE ON TEACHINQ OF CHEMISTRU

This article considers the forminq staqe in the methodic system connectinq the meaninq of periodical lan on systemization of chemical knowleqe is a scientific world vien in methodoloqical realizinq aspects in forminq of scientific thinkinq style.

**Key words:** scientists, chemical knowledge, philosophical categories, conception, forminq of scientic thinrinq style, methodical approaches, peculiaritles.

**Сведения об авторах:** ***Холназаров С.*** - профессор кафедры методики преподавания химии Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава.

***Расулов С.П.*** – аспирант кафедры методики преподавания химии Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава. Телефон**: 93-594-39-31**

## ТАЪСИРИ ДОИРАИ МУОШИРАТ БА АМАЛИ ХУДКУШӢ

***Н.Қ. Амонов, Б.Х. Саидов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз соҳаҳои асосии ташаккул ва зуҳуроти хусусиятҳои психикии шахс муошират ба шумор меравад. Муошират шарти муҳимми иҷтимоишавии одам, талаботи ҳамешагию зарурии ӯст. Дар муносибатҳои гуногунранги одам бо олам муносибати ӯ бо атрофиён ва ҷомеа нисбатан муҳимтар дониста мешавад. Ин муносибатҳо дар раванди муошират амалӣ мегардад, ки дар рафти он мубодилаи ахбор, танзими иҷтимоии фаъолияти одамон сурат гирифта, муносибатҳои мувофиқи байнишахсӣ ташаккул меёбад. Чуноне ки Г. Алпорт қайд мекунад: «Рушди инсон дар ҳамбастагӣ бо ҷомеа сурат мегирад» [4].

Ба проблемаи муошировати самаранок ваќтњои охир диќќати зиёди илмї дода мешавад. Ин масъала нињоят амиќтар дар тадќиќотњои психологњои машњур (Бадалев А.А., Ломов Б.Ф., Кузмин Е.С., Кунитсина В.Н., Занков В.В., Леонтев А.А., Реан А.А. ва дигарон) омўхта шудаанд. Дар ин тадќиќотњо муоширати самаранок ба намудњои гуногуни мустаќил људо карда мешаванд. Дар байни намудњои мустаќили муошират яке аз љойњои муњимро муоширати самаранок (Зимняя А.А., Коломинский Я.Л., Кондратева С.В., Леонтев А.А, Кузмина Н.В., Реан А.А. ва ѓайрањо) ишѓол менамояд. Яке аз вазифањои душвор ва муњимми муошират, ки дар назди љомеа меистад, ин ташкили муоширати самаранок аст ва он мављудияти дарањаи баланди мањорати муоширатро металабад.

Муошировати самаранок одамонро ба якдигар мепайвандад ва одамон тавассути ин муошират ѓаму андуњ ва мушкилињои худро бартараф мекунанд. Агар шахс имконоти муошират кардану ѓаму андуњи худро тавассути ин муошират бароварданро надошта бошад, пас ба њолати афсурдагї гирифтор шуда, даст ба худкушї заданаш имкон дорад.

Тадқиқотҳои эпидемиологӣ боасос тасдиқ менамоянд, ки дар байни ҷуфти ҳамсарон ҳодисаи худкушӣ камтар ба чашм мерасад. Новобаста аз ин, як истиснои аён мавҷуд аст: ҳамсарони навхонадоршуда. Тадқиқотҳои нав нишон медиҳанд, ки бухрон дар панҷ соли аввали ҳаёти оилавӣ бештар рӯй медиҳад [1]. Дар ҳолатҳои мушаххас, бухрони тӯлонии шахсони алоҳидаи аъзоёни оила ба бухрони муносибатҳои байнишахсии оилавӣ табдил меёбад.

Муқаррар карда шудааст, ки дараҷаи худкушӣ ба мавҷудияти кӯдакон дар оила вобастагии баръакс дорад: кӯдакон оиларо мустаҳкам мекунанд, оилаи устувор – монеа бар зидди худкушӣ мебошад. Муошират бо фарзандон боиси паст шудани майли худкушӣ мегардад.

Шахсони аз ҳамсаронашон ҷудошуда бисёртар майл ба худкушӣ намуданро доранд. Алалхусус дар давоми соли аввали аз ҳамсарашон ҷудо шудан, хавфи худкушӣ намудани одамон бештар мешавад.

Шумораи худкушии одамони танҳо зиндагӣ мекардагӣ назар ба одамони аз оилаашон ҷудошуда бештар аст. Нақши муҳимро дар ин ҷо кӯдакон мебозанд. Кӯдакон калонсолонро маҷбур месозанд, ки худро одами зарурӣ дарк намоянд ва ба ҳаёти оядаи волидон муҳимият ворид менамоянд. Баръакси ин ҳолат, шахси муҷаррад худро бе меҳру дилбастагӣ ва бе ғамхор эҳсос мекунад. Вазъият боз ҳам сангинтар мешавад, зеро дар оянда таҳдиди танҳоӣ, партофташуда ва ҷудо аз ҷомеа будан ба инсони муҷаррад афзунтар мегардад.

Нисбат ба одамони оиладор, шумораи худкушӣ дар байни ҳамсарони ҷудошуда бештар аст. Ҷудошавии ҳамсарон дар баробари ҳама гуна мушкилиҳо, инчунин барои инсон боиси аз даст додани муносибати «Мо»-ро дорад, ки аз орзую ваъдаҳо ноумедшавиро ифода менамояд [2].

Ҳамин тавр, дараҷаи баланди худкушӣ дар одамони муҷарраде мушоҳида мешавад, ки ҳеҷ вақт оиладор нашудаанд. Нисбатан камтар худкушӣ дар муҷаррадҳое дида мешавад, ки аз ҳамсари худ ҷудо шудаанду аз зиндагии якҷояашон кӯдак надоранд. Боз ҳам камтар дар муҷаррадҳое вомехӯрад, ки аз ҳамсарашон ҷудо шудаанд, вале аз зиндагии якҷояашон фарзандон мавҷуданд.

Ба гурӯҳи хавф, пеш аз ҳама, одамони танҳо ворид мешаванд, зеро ҳеҷ кас нисбати онҳо меҳру дилбастагӣ надораду ба онҳо аз тарафи ягон кас ғамхорӣ зоҳир карда намешавад. Ба гурӯҳи дуюм, одамоне дохил мешаванд, ки шахси дӯстоштаашонро аз даст доданд, ё ин ки дар муҳаббат ба нокомӣ дучор шуданд (алалхусус дар давоми 6-12 моҳи аввал).

Худкушӣ одатан ҳамчун хусусияти тамаддуни шаҳрҳои калон ҳисобида мешавад, зеро таъсири ҳар гуна мегаполисҳо мушоҳида мегардад. Омили муҳимми худкушӣ ин ҷудоии географӣ, иҷтимоӣ ё эмотсионалӣ аст, зеро одамон камтар имконияти бо якдигар муошират карданро доранду имконоти камтари тавассути муошират баровардани ғаму андуҳи худ боиси пайдо шудани майли худкушӣ мегардад. Бо баландшавии суръати аз деҳа ба шаҳр кӯч бастани оилаҳо, рафиқон ва ҷомеа тағйир меёбаду одамон аз якдигар дур шуда, ҷараёни парокандашавии дӯстон ва наздикон мушоҳида мешавад. Дар натиҷа сохторҳои иҷтимоӣ ва нақшаҳое, ки мазмуни зиндагиро дар бар мегирифтанд, аз байн меравад. Агар одамон решаҳои ҳаётиро аз сабаби қатъ шудани алоқаҳои иҷтимоӣ аз даст диҳанд, табиист, ки дараҷаи худкушӣ меафзояд.

Ҳамин тавр, шумораи худкушӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳаҳо бештар аст. Дар ноҳияҳои аграрӣ муносибатҳои оилавӣ қавитар мегарданду фаъолияти якҷоя дар боғу саҳроҳо аъзоёни оилаи деҳотро муттаҳид менамояд. Дар баробари ин, дар ноҳияҳои аграрӣ ба парвариши ҳайвоноти хонагӣ низ машғул мешаванд, ки ин фаъолият боиси паст шудани ҳаяҷони манфӣ ва пасттар шудани майли худкушӣ шуда метавонад. Умуман, шумораи худкушӣ дар деҳа камтар асту дар шаҳр бештар.

Худкушӣ дорои хусусиятҳои коллективӣ, сирояткунандагӣ ва такроршавандагиро дорад. Худкушиҳои оммавӣ дар аснои ҷинсӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва инчунин дар шакли бешуурона тақлид намудан ба «идеал»-и худ рӯй медиҳанд. Масалан, хабари марги мусиқанавис ва сароянда В.Сойро шунида, чандин нафар аз мухлисонаш даст ба худкушӣ заданд. Мисли ҳамин, маълумотҳои омориро оид ба худкушӣ тавассути оинаи нилгун пахш намудан, шумораи кӯшишҳои худкушӣ дар байни ҷавонони синну соли то 20-сола афзун гардид.

Ба сирояткунандагӣ на фақат чунин шароитҳои одатшудаи тамаддуни шаҳрӣ, ба мисли бемасъулиятии характери меҳнат, вайроншавии асосҳои оилаи анъанавӣ, инкишофи бармаҳали ҷинсии наврасон, инчунин пайдоиши воситаҳои навини технологияи интиқоли ахбор таъсир мерасонад. А.Л. Чижевский оид ба психозе менависад, ки фақат дар қарни XX имконоти сар задан пайдо кард. А.Ф. Кони дар китоби маъруфи худ «Худкушӣ дар қонун ва дар ҳаёт» [3] «нақши таассуфовар»-и кинематография, нашрия, анкетаҳои сотсиологии дуруст фикр накарда тартибдодашударо қайд менамояд, ки ҳамчун «методология» шакл ва усулҳои худкуширо тарзе инъикос менамоянд, ки ҳуқуқшинос дар фаъолияти кории худ ҳар замон рӯ ба рӯ мешавад. Ҳатто, тадқиқотҳои А.Л. Чижевскийро истифода намуда, феномени «ҷавоншавӣ», тез-тез такроршавӣ ва зуҳуроти оммавии худкуширо дар охирҳои қарни XX шарҳ додан мушкил аст.

Дар қарни инкишофи техникӣ бо таъсири воситаҳои гуногуни техникӣ (ба мисли, оинаи нилгун, бозиҳои компютерӣ, сабти воқеаҳои куштори инсон аз тарафи шахси дигар) ба шуури инсон фишор расонда мешавад. Гуфтан мумкин нест, ки ин ҳама амалҳо аз тарафи фақат як давлат иҷро мегардад, вале ин ҳама ба шуури одамон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин замон тавассути воситаҳои ахбори омма ба шуури инсон таъсиррасониро аз будаш зиёд баҳо додан имкон надорад.

Ҳар шахсе, ки ба маҳбас меафтад, имконоти баланди даст ба худкушӣ заданро пайдо мекунад. Ҷудонамоӣ ҳиссиёти танҳоиро дар маҳбасиён афзун мегардонад, илова бар ин таъсири нохуши атрофиён дар ин ҳолати вазнин нақши манфиро иҷро мекунад. Маҳбасшудагон – шахсони ба мақсад нарасида ва талаботҳои шахсии худро қонеъ накарда мебошанд. Ин одамони ноумед бештар майли худкуширо пайдо мекунанд, зеро имконоти камтари муошират бо наздиконро доранду наметавонанд тавассути ин муошират ғаму дарди худро ба наздиконашон расонида, аз ҳолати афсурдагӣ бароянд. Ин ҳолати эмотсионалии афсурдагӣ яке аз сарчашмаҳои худкушиҳо мебошад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки тавассути муошират шахс метавонад аз ҳолати афсурдагӣ дур шаваду майли худкушиаш нест гардад.

**АДАБИЁТ**


1. Абрамова Г.С. Возрастная психология: учебник для студентов вузов / Г.С. Абрамова. - Е.: Деловая книга, 1999. – С.519.
2. Кони А.Ф. Самоубийство в законе и жизни / А.Ф. Кони. -М.: Изд. «Право и жизнь», 1993. – С.229-252.
3. Хрестоматия по суицидологии. – К.: А.Л.Д., 1996. – С.42.
4. Хабибова Н.Ш. Муаммои таҳаммулпазирӣ дар илми равоншиносӣ / Н.Ш. Хабибова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. - № 3/4. – С. 228-231.


**ВЛИЯНИЕ КРУГА ОБЩЕНИЯ НА СУИЦИДАЛЬНОЕ ПОВЕДЕНИЕ**


Общение является одним из важных проявлений в развитии психологических особенностей личности. Общение считается важным условием социализации личности и её потребности. Созидательное общение связывает людей и путем общения люди смягчаются и устраняют свои эмоциональные страдания. Если человек не сможет смягчать и устранять свои эмоциональные страдания, то попадает в состояние депрессии и у них повышается риск суицида.



**Ключевые слова:** общение, семья, депрессия, суицид, развитие психологические особенности личности, эмоциональные страдания, риск суицида.


**NFLUENCE SOCIAL CIRCLE SUICIDAL BEHAVIOR**


Communication is one of the important manifestations of psychological and personality traits.

Communication is considered an important condition for the socialization of the individual and its needs. Creative communication connects people and people through communication soften and eliminate your emotional distress. If a person will not be able to mitigate and resolve their emotional suffering, then fall into a state of depression and increases their risk of suicide.
**Key words:** communication, family, depression, suicide, development of psychological personality characteristics, emotional suffering, suicide risk.

**Сведения об авторах:** ***Амонов Нодир Ќодирович*** **–** доцент кафедры психологии Таджикского национального университета
***Саидов Бахрулло Холович*** **–** доктарант PhD Таджикского национального университета

# ПРИМЕНЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ КОНЦЕПЦИИ ВОСПИТАНИЯ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***К.М. Гулов***
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

В Республике Таджикистан в современной ситуации, характеризующейся укреплением государственности, социальной стабильности, появляются новые возможности для воспитания инициативы, социальной активности и утверждения демократических ценностей. Однако, к сожалению, мы в действительности видим в некоторой степени проявление незрелости определенной части наших соотечественников, особенно, подростков и молодежи, недостаточную готовность осуществлять социальный контроль, активно отстаивать свои права, свободы и интересы.

Образование по-прежнему остается тем социальным институтом, где еще возможно воспитывать новые поколения граждан, способных усвоить демократические ценности, понять необходимость законопослушного поведения, готовых к проявлению гражданской активности в решении социально значимых проблем.

Грандиозные преобразования, происходившие в Республике Таджикистан в последние двадцать лет, привели к серьезным переменам в социально-политической сфере общества, в том числе и в системе образования. Главным и ключевым изменением считается серьезное уменьшение влияния воспитания в общеобразовательных школах на учащихся. В определенной степени уменьшение влияния воспитания общеобразовательных школ на учащихся считается следствием политики, проводившейся с начала 1990-х гг. в системы образования. Усилия по ликвидации господствующей идеологии, составляющей ядро системы воспитания в советской школе, существовали в течение некоторого времени. Это отрицательно повлияло на качество образования и воспитания. Были убраны некоторые базовые элементы, а новые компоненты так и не были в свое время разработаны и внедрены в практику. Функционирующие на современном этапе развития Республики Таджикистан образовательные учреждения, использующие воспитательные средств, в этом направлении выполняют огромную работу, но не могут в должной мере результативно реализовать возложенные функции, которые порою существуют сами по себе, в свою очередь, ни с какой точки зрения не объединены. В сущности, на сегодняшний день частично отсутствует целенаправленный ход воздействия воспитания образовательного учреждения на будущих граждан, в том числе в части гражданско-правового и патриотического воспитания.

Правительство республики после восстановления конституционной власти приняло твёрдый политический курс на установление мира и национального согласия. Это способствовало возрождению всех отраслей народного хозяйства.

Независимое развитие Республики Таджикистан, ее переход на национальные, региональные, демократические и общемировые образовательные, социальные, духовные и нравственные ценности требует по - новому посмотреть на цель и задачи образования и воспитания, формы, методы и средства их осуществления, в том числе по гражданско-правовому и патриотическому воспитанию учащихся в общеобразовательных учреждениях [1].

Образование является важным фактором развития общества, одним из средств его стабильного социально-экономического и культурного развития. Именно поэтому образование является фундаментом государства, способом возрождения материальной и духовной культуры общества. Национальная концепция образования Республики

Таджикистан одной из важных задач государства и общества считает создание современной базы образования на основе национальных и общечеловеческих ценностей, включение Таджикистана в единое международное образовательное пространство и устойчивую связь национального образования с мировой культурой и цивилизацией.

В статье 41 Конституции Республики Таджикистан записано: «Каждый имеет право на образование. Общее основное образование обязательно.

Государство гарантирует общее основное обязательное бесплатное образование в государственных учебных заведениях.Каждый в рамках, определённых законом, может получить бесплатное общее среднее, начальное профессиональное, среднее и высшее профессиональное образование в государственных учебных заведениях» [1].

Эти конституционные права граждан закреплены в Законе Республики Таджикистан «Об образовании», принятом Маджлиси Оли Республики Таджикистан (в новой редакции) 17 мая 2004 года, Национальной концепции образования, нормативно-правовых актах.

В них определены задачи системы образования суверенного, демократического, правового, светского и унитарного государства.

Подчеркивая приоритет образования в условиях перехода к рыночной экономике, правительство республики ставит перед этой отраслью задачу: направить обучение и воспитание на защиту интересов личности, общества и государства, на получение качественного образования.

Барои итминони хотири шумо, табақабандиҳои мухталифе аз ихтилоли хонданро метавон ироа кард. Дар табақабандӣ бо рӯйкарди пизишкӣ, ки камтар мавриди истифодаи омӯзгорон ва дармонгарони ихтилоли ёдгирӣ қарор мегирад, анвои норасохонӣ ба норасохонии таҳвилӣ, иктисобӣ, физиологӣ, сатҳӣ ва амиқ тақсим мешавад, ки умдатан, барои дармони онҳо ба дармонҳои органикӣ рӯй меоваранд.

**Вижагиҳои ихтилолоти ёдгирӣ**. Дар ин қисмат мурури мухтасар бар андешаҳои муосир дар бораи вижагиҳои ихтилолоти ёдгирӣ хоҳем дошт. Аммо, бояд дар назар дошта бошем, ки ҷомеаи омории дорои ихтилолоти ёдгирӣ гурӯҳе ноҳамгун аст. Ҳар донишомӯзе густурае мунҳасир ба фард аст ва мумкин аст душвориҳое дар як ҳавзаи хос дошта бошад. Густураи таркиботи мухталифи ин ҳолатҳо бисёр васеъ аст. Ба илова, ин рафторҳои мушаххаскунандаи ихтилолоти ёдгирӣ бояд дар тӯли замоне давом дошта бошанд. Зеро, бисёре аз донишомӯзоне, ки дорои ихтилолоти ёдгирӣ нестанд, низ мумкин аст дар давраҳои кӯтоҳе шабеҳ ба афроди дорои ихтилоли ёдгирӣ рафтор кунанд (масалан, нишон додани бешфаъолӣ ба хотири ҳаяҷони ношӣ аз рафтан ба як гардиши илмӣ).

Меъёрҳои ойинномаи федералии соли 1977 чораҷӯйиҳои муқаддимотӣ барои баррасии ин вижагиҳо фароҳам мекунад. Феҳристи ойинномаи федерол аз ихтилол

(баёни шифоҳӣ, дарки матлаби шунидорӣ, баёни навишторӣ, маҳоратҳои хондани поя, дарки матолиби хонданӣ, муҳосиботи риёзӣ, истидлоли риёзӣ) нишон медиҳад, ки душвориҳои таҳсилӣ ва забонӣ вижагиҳои нахустин ҳастанд. Пешинаи ихтилолоти ёдгирӣ пур аст. Аз тавсифҳои марбут ба вижагиҳои дигар масалан, нуқсҳои фарошинохтӣ, нуқсҳо дар маҳоратҳои иҷтимоӣ, ихтилолоти таваҷҷуҳ, мушкилоти ҳофиза ва душвориҳои ҳаракатӣ, ки байни афроди дорои ихтилолти ёдгирӣ муштараканд, дар чанд соли гузашта, вижагиҳои донишҷӯёни донишгоҳҳо ва афроди бузургсоли дорои ихтилоли ёдгирӣ таваҷҷуҳи зиёдеро ба худ ҷалб кардаанд. Зеро, маълум шудааст, ки бисёре аз вижагиҳои донишомӯзони дорои ихтилоли ёдгирӣ то давраи бузургсолӣ низ идома меёбад. Ба ҳамин тартиб, нуқсҳои шинохтии вижа ва ҳамчунин вижагиҳои рафторӣ ва иҷтимоии донишҷӯёни дорои ихтилоли ёдгирӣ дар дасти баррасӣ аст.

Бархе аз муаллимион тарҷеҳ медиҳанд, ки ба ҷойи нисбат додани вижагиҳо, рафторҳоро тавзеҳ диҳанд. Масалан, ба ҷойи ин ки бигӯянд: «Аҳмад бешфаъол аст», бигӯянд: «Аҳмад ҳангоми таколифи дарсӣ мураттабан аз пушти мизаш баланд мешавад», ё «Аҳмад пушти мизаш ором намегирад».

Барчаспи «бешфаъол» ба таври зимнӣ далолат бар навъе ташхис ва нисбат додани сифате ба ин донишомӯз дорад. Муаллимон, маъмулан, метавонанд аз мушоҳидоти рафторӣ дифоъ кунанд, вале дар тавҷеҳаи як барчасп душворе доранд. Ин нукта ҳоизи аҳамият аст, ки тафовутҳои фардӣ, субот ва давоми рафторҳои мушаххаскунанда ва мазоёи тавсифҳои рафториро дар назар дошта бошед.

**Вижагиҳои хос:**

**Омили ихтилоф,** ки дар асл ба василаи Битман (1964) роиҷ шуд, яке аз аҷзои калидӣ дар меъёрҳои ташхисии ойинномаи федероли соли 1977 аст ва дар бештари таърифҳо вуҷуд дорад. Бисёре аз соҳибназарон онро махраҷи муштараки ихтилоли ёдгирӣ медонанд. Як ихтилоф вақте вуҷуд дорад, ки тавоноии тахминшуда ва амалкарди таҳсилии донишомӯзон бо ҳам тафовути зиёде дошта бошанд. Ихтилоф, ки омили пояӣ барои андешаи камомӯзӣ аст, мумкин аст дар як маҳорат ва ё дар ҳама ҳиттаҳои маҳоратӣ бошад.

**Душвории ёдгирии таҳсилӣ**. Душвориҳои таҳсилӣ пазируфтатарин вижагиҳои афроди дорои ихтилоли ёдгирӣ ҳастанд. Аз ҷумлаи вижагиҳои зикршуда дар меъёрҳои ташхисии соли 1997 маҳоратҳои хондани поя, дарки матолиби хонданӣ, баёни навишторӣ, муҳосиботи риёзӣ ва истидлоли риёзӣ аст.

**Ихтилолоти забонӣ**. Мушкилоти забонӣ монанди душвориҳои хондан ва риёзӣ, бар ҳасби ҷузъи ихтилолӣ таъбир ва тафсир мешаванд. Бавижа дар муқаррароти таърифи соли 1977 маҳоратҳои ноқис дар баёни шифоҳӣ ва дарки матолиби шунидорӣ зикр шудааст.

Морҷ (1972) тахмин мезад, ки 50% аз афроди дорои ихтилоли ёдгирӣ норасоиҳое дар забон доранд. Дар як таҳқиқ рӯйи донишомӯзони ибтидоӣ Гибс ва Купер (1989) дар 90% аз 242 донишомӯзи дорои ихтилоли ёдгирӣ норасоиҳои забонии хафиф то мутавассит пайдо карданд.

**Ихтилолоти идрокӣ**. Ихтилолоти идрокӣ (нотавонӣ дар ташхис, тамиз додан ва таъбиру тафсири ҳис), бавижа ихтилолоти дидорӣ ва шунидорӣ, ба таври суннатӣ таваҷҷуҳи фаровони чандин соҳибназарон дар ҳавзаи ихтилоли ёдгириро ба худ ҷалб кардааст. Бархе аз истилоҳоти роиҷ дар ин ҳавза иборатанд аз дарёфти дидорӣ, тамизи дидорӣ, ҳофизаи дидорӣ, тамизи шунидорӣ, ҳофизаи шунидорӣ ва якпорчасозӣ байни ҳавос. Агарчи чанд тан аз соҳибназарон бар ихтилолоти ёдгирӣ таъкид варзидаанд, ахиран таъкид рӯйи масоили идрокӣ коҳиш ёфтааст. Ойинномаи федероли соли 1977 ихтилоли ёдгириро дар шеваҳои арзишёбии худ аз ихтилолоти ёдгирӣ манзур накардааст. Аммо Крук Шонк (1976) муътақид аст, ки идрок ва авомили асабшиносӣ авомили калидӣ ҳастанд. Ин мавзеъгирӣ дар тарҳи миллӣ дар бораи табақабандии кӯдакон истисное ба сарпарастии Николас Ҳобс, ки дар он кумита ба баррасии табақабандии ихтилоли ёдгирӣ пардохт ва саранҷом таърифи зерро ироа додааст, машҳуд аст.

**Ихтилоли хосси ёдгирӣ**. Чунончи дар ин ҷо таъриф мешавад, иборат аст аз он даста аз кӯдакон дар ҳар синне, ки сарфи назар аз сабабшиносӣ ё авомили дигаре, норасоии қобили таваҷҷуҳе дар як ҷанба аз пешрафти дарсӣ ба иллати маълулиятҳои идрокӣ ё идрокии ҳаракатӣ аз худ нишон медиҳанд. Истилоҳи идрокӣ, чунончи дар ин ҷо ба кор рафтааст, ба он даста аз фароёндҳои зеҳнӣ (асабшиносӣ) марбут мешавад, ки аз тариқи онҳо кӯдак алифбои пояи садоҳо ва шаклҳоро касб мекунад.

**Норасоиҳои фарошинохтӣ**. Пешинаи таҳқиқоти фазоядае ҳоло шакл гирифтааст, ки нишон медиҳанд, ки бархе аз донишомӯзони дорои ихтилоли ёдгирӣ дучори норасоии фарошинохтӣ ҳастанд. Асосан, фарошинохт шомили ду омил аст: огоҳ будан аз маҳоратҳо, роҳбурдҳо ва тавоноии истифода аз механизмҳои худгардонӣ (аз қабили ҳаракатҳои барномарезӣ, арзишёбии асарбахшии фаъолиятҳои дар ҳоли ҷараён, расидагӣ кардан ба боздеҳи кӯшишҳо ва рафъ кардани мушкилот).

**Мушкилоти иҷтимоӣ-ҳаяҷонӣ**. Бисёре аз донишомӯзони дорои ихтилоли ёдгирӣ ба иллати нокомии ношӣ аз душвориҳои ёдгирии худ, аъмоли азҳамгусехтагӣ доранд ва дар онҳо навъе эҳсоси хударзишмандии манфӣ эҷод мешавад. Рапопорт (1975) ишора мекунад, ки рушди ҳаяҷонии ин донишомӯзон ба шакле мутафовут бо донишомӯзони баҳинҷор сурат мегирад.

Онон ба ҷойи омӯхтан ва касби нигаришҳо дар бораи таколифе, ки метавонанд анҷом диҳанд, ағлаб ба омӯхтани он чи ки наметавонанд анҷом диҳанд, таваҷҷуҳ мекунанд. Ин фиқдони ҳурмат нафси мусбати ағлаб мунҷар ба худпиндора ва иззати нафси заифе дар онҳо мешавад. Лихт гузориш медиҳад, ки ба иллати шикастҳои мутаволӣ кӯдакони дорои ихтилоли ёдгирӣ ағлаб боварҳои марбут ба пешрафти носозгоронаро пайдо мекунанд, ки дар навбати худ, мушкилоте эҷод мекунанд, ки фаротар аз ихтилолоти аслӣ ҳастанд. Чандин тан аз соҳибназарон ишора мекунанд, ки кӯдакони дорои ихтилоли ёдгирӣ ғолибан дар таомул бо волидайн, муаллимон, ҳамсолон ё бегонагон душвориҳое доранд.

Брайт (1977) муътақид аст, ки мушкилоти иҷтимоӣ-ҳаяҷонии бархе аз кӯдакони дорои ихтилоли ёдгирӣ натиҷаи адами дарки иҷтимоӣ аст. Ӯ махсусан тазаккур медиҳад, ки бисёре аз кӯдакони дорои ихтилоли ёдгирӣ фоқиди маҳоратҳои кофӣ дар дарки фароядҳои отифӣ заифанд. Ахиран ҳавзаи норасоии маҳоратҳои иҷтимоӣ дар ихтилолои ёдгирӣ, таваҷҷуҳи фаровонеро ба худ ҷалб кардааст.

Масалан, таърифи ICLD аз ихтилолоти ёдгирӣ, норасоиҳои маҳоратҳои иҷтимоиро ба унвони як нотавонии нахустин дар таърифи худ манзур кардааст ва ба ин кор мабоҳисоти фаровонеро дар ин бора, ки оё бояд норасоиҳои маҳоратҳои иҷтимоиро дар ихтилолоти ёдгирӣ нотавонии нахустин ба ҳисоб овард, ё нотавонии сонавия барангехтааст. Ҳарчанд иттилооти марбут ба норасоиҳои иҷтимоӣ дар донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ дар ҳоли афзоиш аст, ҳанӯз додаҳои мавҷуд фоқиди дарсади донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ аст, ки дучори норасоӣ дар маҳоратҳои иҷтимоӣ ҳастанд. Гришем ва Элвит (1988) чашмандозе муътабар дар бораи мавзӯи норасоиҳои маҳоратҳои иҷтимоӣ тарсим кардаанд: « Танҳо ҳамин воқеият, ки бисёре аз кӯдакони табақабандишуда ба унвони надории ихтилолоти ёдгирӣ норасоӣ дар маҳоратҳои иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ба изофа, таҳвил ёфтани фановарии коромад дар арзёбӣ ва барномаҳои тармимӣ, далеле кофист барои ин ки рафторҳои иҷтимоӣ ҳадафе барои барномаҳои мадохилае бошад».

Ҳавзаҳои иҷтимоӣ-ҳаяҷонии зер метавонанд барои созмондиҳии барномаҳои мадохила дар мавриди кӯдакони дорои ихтилолоти ёдгирӣ муносиб бошад: бешфаъолӣ, ҳавоспарастӣ, худпиндораи заиф, мушкилоти рафторҳои созгорона, норасоӣ дар маҳоратҳои иҷтимоӣ, таконишӣ будан, рафторҳое азҳамгусехта, канораҷӯйӣ, вобастагӣ.

**Мушкилоти ҳофизаӣ**. Ҳолман ва Кофман (1988) ишора мекунанд, ки донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ дар ба хотир супурдан, муҳаррикҳои шунидорӣ ва дидорӣ мушкил доранд. Севинсон, Кукарон ва Виверз (1977) чунин ёфтанд, ки донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ ҳиҷо кардани калимот, усули риёзӣ ва дастурамалҳоро фаромӯш мекунанд. Торгсан ва Коел (1980) натиҷагириҳои зерро ироа кардаанд:

1. Донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ дар корбурди роҳкориҳое, ки донишомӯзон бидуни ихтилоли ёдгирӣ онҳоро ба осонӣ ба кор мебаранд, нотавонанд. Масалан, дар ёдгирии феҳристе аз калимот, донишомӯзон бидуни ихтилоли ёдгирӣ ё калимотро барои худашон мурур мекунад, ё онҳоро барои мутолиа дар гурӯҳҳое табақабандӣ мекунанд. Ба таври куллӣ, донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ чунин роҳбурдҳоро худ ба худ ба кор намебанданд.
2. Донишомӯзони дорои ихтилолоти ёдгирӣ мумкин аст дар ба хотир супурдан, ба хотири маҳоратҳои забонии заифи худ душворӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, махсусан ба хотир супурдани матолиби каломӣ метавонанд барои онҳо бисёр душвор бошад.

**Ихтилолоти ҳаракатӣ**. Донишомӯзони дорои мушкилоти ҳаракатӣ бо гомҳои ношиёна ва бемаҳорат роҳ мераванд, ё дар партоб кардан ва гирифтани як тӯб, часпу

хез кардан ва ҷуфт паридан душворӣ доранд. Бархе дигар аз онҳо дар ҳаракоти зариф, мисли буридан бо қайчӣ, бастани дакмаи либос, ё боло кашидани зип мушкил доранд. Душвориҳои ҳаракатӣ, монанди тавоноиҳои идрокӣ муддате таваҷҷуҳи фаровонеро дар таърихчаи пажӯҳиш дар ихтилолоти ёдгирӣ ба худ ҷалб карда буд, аммо дар ҳоли ҳозир аз ин таъкидҳо коста шудааст. Масалан, дар соли 1977 таърифи ойинномаи федерол аз ихтилолоти ёдгирӣ, ихтилолоти ҳаракатиро танҳо ба он андоза, ки фарояндҳои равоншинохтии поя ба онҳо ирҷоъ дода шудааст, мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

**Мушкилоти таваҷҷуҳ ва бешфаъолӣ**. Барои муваффақ шудан дар таклифи мадраса донишомӯзон бояд фикри марбут ба таколифи клосеро ташхис диҳанд ва ҳифз кунанд ва ҳамин тавр битавонанд таваҷҷуҳи худро аз як таклиф ба таклифи тоза баргардонанд. Донишомӯзони дорои мушкилоти таваҷҷуҳ наметавонанд муҳаррикҳои беруниро аз ҳиттаи таваҷҷуҳи худ дур кунанд, дар натиҷа таваҷҷуҳи онҳо ба муҳаррикҳои номарбут ҷалб мешавад.

Мумкин аст доманаи таваҷҷуҳи онҳо кӯтоҳ бошад ва ҳавоспартӣ ва ҳассоситяти беш аз ҳад аз худ нишон диҳанд. Бисёре аз муҳаққиқон тавонистаанд вуҷуди мушкилоти таваҷҷуҳ ва рафторҳои вобаста ба онро ба таври мустанад нишон диҳанд.

Норасоиҳои таваҷҷуҳ ва рафторҳои вобаста ба он бо муаррифии истилоҳи ихтилоли норасоии таваҷҷуҳ (ADD) дар китоби «Роҳнамоии ташхисӣ ва омории ихтилолҳои равонӣ (DSM)» (Анҷумани равонпизишкии Амрико, 1982) мавриди таваҷҷуҳи зиёде қарор гирифт. Ба илова, огоҳии фазояндае нисбат ба норасоии таваҷҷуҳ бо интишори шакле таҷдиди назар шуда, китоби роҳнамои мазкур дар соли 1987 (Анҷумани равонпизишкии Амрико, 1987) ҳосил шуд. Дар таҷдиди назари соли 1987 истилоҳи ихтилоли норасоии таваҷҷуҳ-бешфаъолӣ (ADHD) тағйир ёфт. Силвер (1990) гузориш медиҳад, ки байни 15 то 20 дарсад аз донишомӯзони ихтилоли ёдгирӣ мубтало ба ADHD ҳастанд.

Чунончи ишора шуд, аз бешфаъолӣ ағлаб ҳамроҳ бо мушкилоти таваҷҷуҳ ёд мешавад. Ба таври куллӣ, бешфаъолӣ ба фаъолияти ҳаракатии зиёде ва беҳадаф итлоқ мешавад (масалан, зарб гирифтан бо ангуштони ниёпо, лоянқатъ савол кардан ва ағлаб такрори ҳамон суол, қодир будан ба нишастан ё ором гирифтан). Яке аз мураббиёни футбол таҷрибаи худро бо донишомӯзе, ки дорои норасоии таваҷҷуҳ ва бешфаъолӣ буд, чунин нақл мекунад: «Ба унвони мураббии футболи лигаи кӯчак, ман ин фурсатро пайдо кардам, ки шоҳиди ин падида дар хориҷ аз клос бошам. Вилиям – яке аз бозингарони 10-солаи тими мо, ба унвони фарди дорои ихтилол табақабандӣ шуда буд, дар тамринҳои футбол ӯ ғолибан даъво роҳ меандохт, умуман аз зери кор дур мерафт, ҷавоби мураббияҳоро медод ва забони беадабона ба кор мебурд. Пас аз як тамрини тӯлонӣ, ки тайи он назорати рафторҳои Вилиям бисёр душвор буд, сармураббӣ аз бозингарон хост, ки назди ӯ ҷамъ шаванд. Вилиям ба ҳамроҳи дигарон аз ин дастур итоат кард. Сармураббӣ бо ибороти рӯшан ба онон гуфт, ки ба он чи ӯ мехоҳад бигӯяд, бодиққат гӯш бидиҳанд, зеро ӯ дӯст надорад дастуруламалҳои худро такрор кунад. Пас аз ин ки вай мутмаин шуд, ки ҳама дар ҳоли гӯш доданҳастанд, ба онҳо гуфт, ки тамрин баъди соати 5:30 рӯзи душанбе хоҳад буд ва ин ки онҳо бояд кулоҳҳо ва либосҳои эмании худро ҳамроҳ дошта бошанд. Баъд пурсид, ки оё касе суол дорад? Вилиям дасти худро боло бурд. Сармураббӣ гуфт: «Бале». Вилиям пурсид: «Тамрин баъди чӣ рӯзе аст?» Сармураббӣ, ки ошкор аз ин суол нороҳат шуда буд, посух дод: «Вилиям! Аввалин чизе, ки ман гуфтам чӣ буд?». Вилиям як лаҳза фикр кард ва ҷавоб дод: «Гуфтанд гӯш бидиҳед». Бо шунидани ин ҳарф сармураббӣ, бозингарон ва худи Вилиям ҳам заданд зери ханда.

**АДАБИЁТ**


1. Abidin, R. R. (1990). Introduction to the special issue: The stress of parenting. Journal of Clinical Child Psychology', 19, 298-301.
2. Debord, K. (2003). Parenting & Family life education; Family and consumer sciences: Trend analysis. Retreived from www. Ces. Ncsu . edu/depts./fcs.
3. IS o f 16.
4. Irelan , J., & Vayzner, M. (2004). Family life education: A program of Lutheran child and family services of Illinois.
5. Naerde, A., Tambs, K., Mathiesen, K. S., Dalgard, O. S., & Samulsen, S.
6. O. (2000). Symptoms of anxiety and depression among mothers of preschool children: Effect of chronic strain related to children and child care- taking, Journal of Affective Disorders, 58, 181-199.

7. Oostburg, M. (1998). Parental stress: Psychosocial problems and responsiveness in help-seeking parents w ith small (2-45 months old) children. Uppsala, Sweden: Department of psychology, Uppsala university.
8. Oostburg, M. Hagekull, B. (2000). A structural modeling approach to the understanding of parenting stress. Journal of Clinical Child Psychology, 29, 615-625.
9. O'ostburg, M., Hagekull, B., & Hagelin.E (2007). Stability and prediction
10. of parenting stress. Infant and Child Development Information, 16**, 207- 223.**
11. Rodgers, A. Y. (2002). Assessment of variables related to parenting behavior in mothers with young children. Children and Youth Services Review, 15, 123-146.
12. Sue, S. (1999). Family therapy for ADHD: Treating children adolescent and adults. **New York: Guilford press.**
13. Sullivan, B. S. (2003). Constant vigilance: Mothers work parenting young children with type 1 diabetes. Journal of Pediatric Nursing, 18, 21-29.
14. Webster-Stratton, C. (1998). Mother's and father's perception of child deviance: Role of parent and child behaviors and parent adjustment. Journal of Consulting and Clinical Psychology, 6. 909-915.
15. William, Z. T. (1987). Transition to motherhood: A longitudinal study. Journal of child mental health. 8. 251-256

**ИССЛЕДОВАНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ДИСЛЕКСИИ У ДЕТЕЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ**

Именно в начальный период обучения у детей закладывается фундамент системы знаний и формируются умственные и практические навыки и умения, действия и деятельность. Неуспеваемость существенно затрудняет овладение ребенком обязательной школьной программой. Причины неуспеваемости учащихся в рассматривались многими педагогами и психологами. Невладение начальными знаниями и умениями приводит к трудностям в овладении учебной программой и нередко такие дети выпадают из обучения. Подобного положения можно избежать, оказав ребенку своевременную и адекватную его проблемам помощь, но для этого необходимо знать возможные причины неуспеваемости, установить, какие из них действуют в конкретном случае. Статья посвящена изучению данной темы.

**Ключевые слова:** фундамент системы знаний, причины неуспеваемости, диагностика, неуспеваемость, последствия, овладение учебной программой, .

**INVESTIGATION OF CHILDREN'S DYSEXIS FEATURES IN THE PROCESS OF EDUCATION**

It is in the initial period of education that the foundation of the knowledge system is laid in children and mental and practical skills and activities, activities and activities are formed. Failure greatly complicates the child's mastery of the compulsory school curriculum. The reasons for the underachievement of students were considered by many teachers and psychologists. Not mastering the initial knowledge and skills leads to difficulties in mastering the curriculum and often such children drop out of school. Such a situation can be avoided by providing the child with timely and adequate assistance to his problems, but for this it is necessary to know the possible causes of underachievement, to establish which of them work in a particular case. The article is devoted to the study of this topic.

**Key words:** the foundation of the knowledge system, the causes of underachieving, diagnosis, underachievement, consequences, mastering the curriculum.

**Сведения об авторе:** ***Алави Силоне Саидабдолгосем*** - аспирантка общеуниверситетской кафедры психологии ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: **919-50-36-34**

# НАҚШИ ДИН ДАР БЕҲДОШТ ВА САЛОМАТИИ РАВОНИИ ДОНИШОМӮЗОНИ МУТАВАССИТАИ ДУЮМ

***Мохаммад Джавади Илхчиоля Мирзабаба***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Замоне ки инсонҳо дар қиболи дарду ранҷ ва алоим ва ноумед шудан аз кумак ва мусоидати дигарон дар коҳиш додани алоими ҷисмонӣ ё равонӣ роҳ ба ҷое намебарад, дармонҳои классикӣ кумаке ба ӯ намекунанд, танҳо роҳ ва равиш барои халос шудан аз изтиробу афсурдагӣ, аз дардҳои ҷонкоҳ ёрӣ талабидан аз имон ва боварҳои динӣ аст.

Пайвандҳо ва иртибот миёни беҳдошт ва саломатии равон, бовар ва эътиқоди динии инсонҳо, яке аз мақулаҳои инкорнопазир аст. Дини ислом бо аксари омӯзаҳои худ дар равоншиносӣ ва равонпизишкӣ, дар тасҳеҳи ҳидояти боварҳо, ахлоқ ва ҳадафи воҳидеро мадди назар дорад ва аз ин тариқ мавзӯоти муштараке байни ин се ришта вуҷуд дорад, ки таваҷҷуҳи донишмандон ва муҳаққиқонро ба худ ҷазб намудааст. Янг дар як конфронси илмии соли 1935 изҳор намудаст, на танҳо масеҳият, балки тамоми мазоҳиб, ҳатто бадтарини онҳо бо оини ҷодуияшон анвои равондармонӣ ҳастанд, ки ранҷҳои равонӣ ва ҷисмиро дармон намуда, беҳбуд мебахшанд. Вай мегӯяд, ки мазҳаб на танҳо зидди беморӣ аст, балки амалан системае барои беҳбуд ва рушди саломатӣ аст.

Ширкат дар маросими дуо ва ниёиш дар мавориди зиёде ба шифо ва муоличаи беморон мунчар шудааст. Дин ва мазҳаб дар ин ҳолат нақши ҷодуӣ дорад, ки барои дармони фард кумак мекунад. Эътиқоди қалбӣ ва боварҳои динӣ таваҷҷуҳ ба мабдаи олӣ ва қудрати волотар сабаби оромиш ва лутфи Худо мешаванд. Дар як ҳамапурсӣ аз 269 пизишк 99% онон бар ин бовар будаанд, ки дуо, ниёиш ва муроқиба ва маросими маънавӣ метавонанд ба шифои беморон кумак кунанд.

Дар таҳқиқе, ки ба баррасии иртибот байни мазҳаб, саломатии маънавӣ, умед ва кайфияти зиндагии беморони мубтало ба саратон пардохт, натоиҷ нишон дод, ки байни саломатии маънавӣ ва кайфияти зиндагӣ (миқёси амалкардӣ ва кайфияти зиндагии куллӣ) иртибот вуҷуд дошт, ки имон ба Худо ё як қудрати бениҳоят ва ҳисси ҳадафмандӣ аз зиндагӣ бо кайфияти зиндагии беморони мубтало ба саратон иртибот дорад.

Ба назар мерасад ҳар таърифе, ки аз дин ироа мешавад, фақат барои нависандаи он розикунанда аст, яъне наметавон таърифи воҳиде аз дин ироа кард, ки барои ҳамагон розикунанда бошад. Бинобар ин, дар мавриди дин доманаи нисбатан васее аз таърифи мутафовут вуҷуд дорад.

Дастёбӣ ба ҳадафҳои илмӣ масир нахоҳад буд, магар ин ки бо равишшиносии дуруст сурат пазирад. Равишҳои бакоргирифта дар ин пажӯҳиш, ҷомеаи оморӣ, намунаи интихобӣ, шеваҳои ҷамъоварии иттилоот, абзори ҷамъоварии додаҳо, равоёи абзори пажӯҳиш, поёии абзор ва ниҳоятан равиши оморӣ мавриди истифода ҷиҳати таҳлили додаҳо шарҳ дода шудааст. Дар ин пажӯҳиш дар назар аст ба ин савол посух дода шавад, ки оё байни боварҳои динӣ ва саломатии равонии донишомӯзони давраи мутавасситаи дувуми остони Албурз робита вуҷуд дорад?

Дар ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳ ба ин ки корбандии пажӯҳиш аз навъи мутолиот пасрӯйдодӣ аст, дар амал аз равишҳои таҳқиқи ҳамбастагӣ истифода шуд. Пас аз интихоби намунаи таҳқиқ додаҳо аз тариқи иҷрои ду пурсишнома бар рӯйи гурӯҳи намуна гирдоварӣ шуд: пурсишномаи Худоёрифард (ба манзури санҷиши боварҳои динӣ) ва пурсишномаи ташхисӣ (SCL-90) ва бо истифода за таҳлили регрессия ва зариби ҳамбастагӣ ба баррасии робита байни мутағайирҳо пардохта шуд.

Табиист, ки дар ин мутолиа ҳеҷ гуна дахолате дар мизон ва камияти мутағайири мустақил (боварҳои динӣ) ва рафтори мутағайири вобаста ё мелок (саломатии равонӣ) надошта ва кулли равобит бидуни дахолати муҳаққиқ, бештар иттифоқ афтодаанд. Бо истифода аз пурсишномаи Худоёрифард (40 гӯя) ба манзури санҷиши боварҳои динӣ ва пурсишномаи SCL-90 (90 саволӣ) барои таъйини мизони саломатии равон бар рӯйи гурӯҳи намуна иҷро ва додаҳо гирдоварӣ шуд. Иҷрои ин ду пурсишнома дар маҳалли мадориси остони Албурз (бар ҳасби донишомӯзони духтар ва писари давраи мутавасситаи дувуми гурӯҳи намунаи таҳқиқ) тавассути муҳаққиқ анҷом пазируфт.

Омӯзиш ва пажӯҳиши остони Албурз (200 нафар духтар ва 200 писар), ки дар соли таҳсилии 92-93 дар мадориси давраи мутавасситаи дувум машғул ба таҳсил мебошанд, ки ба таври тасодуфии сода аз листи ҷомеаи мавриди пажӯҳиш интихоб шудаанд. Лозим ба тавзеҳ аст, ки ба манзури бароварди ҳадди ақали ҳаҷми намуна аз ҷомеа, ҷадвали Морган истифода шудааст.

| Ҷинсият | N (теъдод) | Дарсад |
|---|---|---|
| Духтар | 200 | 50 |
| Писар | 200 | 50 |
| Ҷамъи кул | 400 | 100 |

Барои андозагирии боварҳои динӣ аз озмуни Муҳаммад Худоёрифард истифода шудааст, ки ин пурсишнома нигариши озмуданиро дар як тайфи 5-гузинаӣ нисбат ба мақулаҳои динӣ, аз ҷумла ҳузури Худованд дар зиндагӣ, эътиқод ба мабонии ахлоқӣ, сафарҳои зиёратӣ, дуо, аҳком ва фаризаҳои динӣ, навъи дӯстӣ, китоби осмонӣ ва ғайра мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Барои андозагирии саломатии равонии донишомӯзон аз пурсишномаи SCL-90 истифода шудааст, ки бо истифода аз ин пурсишнома метавон афроди солимро аз бемор ташхис дод. Ҳар як суолоти пурсишнома, аз як тайфи 5-дараҷаии ликартии мизони нороҳатӣ, ки аз нумраи сифри «ҳеҷ» то чаҳор - «беҳ шудан» мебошад, ташкил шудааст. Суолоти пурсишнома 9 бӯъди мухталиф, шомили шикояти ҷисмонӣ, васвоси иҷборӣ, ҳассосият дар робитаи мутақобил, афсурдагӣ, изтироб, пархошгарӣ, тарс, афкори параноидӣ ва равонпареширо дар бар мегирад. Муддати замони лозим

барои иҷро ҳудуди 12 то 15 дақиқа будааст, вале афроди дақиқ мумкин аст онро дар 30 дақиқа ва ё бештар такмил намоянд.

Дар таҳқиқи ҳозир пурсишномаи боварҳои динии Худоёрифард ва SCL-90 ба теъдоди 400 нафар (ба теъдоди озмуданиҳои намунаи оморӣ) тавзеъ гардид ва кулли пурсишномаҳои тавзеъшуда, тавассути озмуданиҳои намуна посух дода шуданд ва ба дасти пажӯҳишгар бозгашт ва бинобар ин, уфти гурӯҳи намуна баробари сифр буд. Барои таҷзия ва таҳлили додаҳо аз нармафзори SPSS-18 истифода ба амал омад ва додаҳо пас аз вуруд ба компютер тавассути ин нармафзор таҷзия ва таҳлил гардид.

Барои баррасии робитаҳои боварҳои динӣ бо сатҳи саломатии равонии донишомӯзони давраи мутавассита ва низ барои баррасии якояки миқёсҳои 9-гонаи саломатии равон бо боварҳои динии донишомӯзон равиши озмуни маънодор будани миёнгинҳо (t-test барои гурӯҳҳои бузург ва мустақил) ба кор бурда шуд.

Барои баррасии робитаи боварҳои динӣ бо ҷинсияти донишомӯзон, аз равиши маънодор будани миёнгинҳо (t-test барои гурӯҳҳои бузург ва мустақил) истифода шуд. Барои баррасии робитаи саломатии равон бо ҷинсияти донишомӯзон, аз равиши маънодор будани миёнгинҳо (t-test барои гурӯҳҳои бузург ва мустақил) истифода шуд.

Натоиҷ:

Байни саломатии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён тафовут вуҷуд дорад. Ҷадвали 1 шохисҳои марказӣ, парокандагӣ ва натоиҷи озмуни t барои муқоисаи боварҳои динӣ дар байни донишомӯзон бо сатҳи саломатии равони боло ва поён.

| Мутағайир | | Фаровонӣ | Миёнгини саломатии равонӣ | Инҳирофи меъёри саломати равонӣ | t-и муҳосибашуда | df | Sig |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Боварҳои динӣ | Боло | 229 | 87/8 | 22/5 | -11/196 | 398 | 0/000 |
| | Поён | 169 | 141/4 | 18/4 | | | |

Чунончи ҷадвали фавқ нишон медиҳад, чун t-и муҳосибашуда (-11/196) бо дараҷаи озодии 398 дар нуқтаи 0/00 маънидор ташхис дода шудааст, дар ин нуқта кӯчактар аз ҳадди аксари алфаи қобили қабул (0/05) мебошад ($P<0/05$). Бинобар ин, бо итминони беш аз 99% метавон иддао кард, ки байни сатҳи саломатии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён дар онҳо тафовути маънидор вуҷуд дорад. Бинобар ин, фарзи сифр (H: $\mu_1 = \mu_2$) мабнӣ бар фиқдони тафовут байни ду гурӯҳи озмудании боварҳои динии боло ва поён рад шуда, фарз муқобили (H: $\mu_1 \# \mu_2$) тайид мешавад. Яъне, саломатии равонии донишомӯзони боварҳои динии боло ба таври маънодории бештар аз саломатии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии поёнтар аст.

Байни пархошгарии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поин тафовут вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 2 шохисҳои марказӣ, парокандагӣ ва натоиҷи озмуни t барои муқоисаи пархошгарӣ дар байни донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён**

| Мутағайир | | Фаровонӣ | Миёнгини пархошгарӣ | Инҳирофи меъёри пархошгарӣ | t-и муҳосиба шуда | df дараҷаи озодӣ | Sig нуқтаи ташхиси маънодорӣ дар озмуни дусӯя |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Боварҳои динӣ | Боло | 229 | 136/82 | 22/12 | -3/318 | 398 | 0/001 |
| | Поён | 169 | 141/13 | 20/51 | | | |

Чунончи ҷадвали фавқ нишон медиҳад, чун t-и муҳосибашуда (-3/318) бо дараҷаи озодии 398 дар нуқтаи 0/001 маънидор ташхис дода шудааст, дар ин нуқта кӯчактар аз ҳадди аксари алфаи қобили қабул (0/05) мебошад ($P<0/05$). Бинобар ин, бо итминони беш аз 99% метавон иддао кард, ки байни боварҳои динии донишомӯзон бо сатҳи пархошгарии боло ва поён дар онҳо тафовути маънодор вуҷуд дорад. Бинобар ин, фарзи сифр (H: $\mu_1 = \mu_2$) мабнӣ бар фиқдони тафовут байни ду гурӯҳи озмудании боварҳои динии боло ва поён рад шуда, фарз муқобили (H: $\mu_1 \# \mu_2$) тайид мешавад. Яъне, сатҳи пархошгарӣ дар донишомӯзоне, ки дорои боварҳои

динии поён ҳастанд, бештар аз донишомӯзоне аст, ки дорои боварҳои динии боло мебошанд.

Байни изтироби донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поин тафовути маънодор вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 3. Шохисҳои марказӣ, парокандагӣ ва натоиҷи озмуни t барои муқоисаи изтироб дар байни донишомӯзон бо боварҳи динии боло ва поён**

| Мутағайир | | Фаровонӣ | Миёнгини изтироб | Инҳирофи меъёри изтироб | t-и муҳосиба шуда | df дараҷа и озодӣ | Sig нуқтаи ташхиси маънодорӣ дар озмуни дусӯя |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бовароиинӣ | Боло | 229 | 137/38 | 22/38 | -2/173 | 388 | 0/03 |
| | Поён | 169 | 142/15 | 20/91 | | | |

Чунончи ҷадвали фавқ нишон медиҳад, чун t муҳосибашуда (-2/173) бо дараҷаи озодии 388 дар нуқтаи 0/03 маънидор ташхис дода шудааст, дар ин нуқта кӯчактар аз ҳадди аксари алфаи қобили қабул (0/05) мебошад (P<0/05). Бинобар ин, бо итминони беш аз 99% метавон иддао кард, ки байни изтироби донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён дар онҳо тафовути маънодор вуҷуд дорад. Бинобар ин, фарзи сифр (H: $\mu_1 = \mu_2$) мабнӣ бар фиқдони тафовут байни ду гурӯҳи озмудании боварҳои динии боло ва поён рад шуда, фарз муқобили (H: $\mu_{1\#}$ $\mu_2$) тайид мешавад. Яъне, изтироб дар донишомӯзоне, ки дорои боварҳои динии поёне ҳастанд, бештар аз донишомӯзонест, ки дорои боварҳои динии боло мебошанд.

Натоиҷи ин пажӯҳиш фарзияи аслии таҳқиқро тайид намуда, ҳокӣ аз он аст, ки байни саломатии равонии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён тафовути маънодор вуҷуд дорад. Натоиҷ нишон дод, ки мизони саломатии равони донишомӯзони дорои боварҳои динии боло ба таври маънодоре болотар аз донишомӯзони дорои боварҳои динии поён аст.

Дар бисёре аз назарияҳои равоншиносӣ ва дин бар аҳамияти иртиботи дин ва саломатии равон таъкид шудааст. Ба эътиқоди Эриксон фарде аз саломатии равонӣ бархурдор аст, ки дар мавриди фароянди зиндагиаш дидгоҳи маънавии рӯшан ва қобили дарке дошта бошад. Патрик Фоган муътақид аст, ки аъмоли мазҳабӣ дар боло бурдани сатҳи беҳдошти равонии фард, коҳиши изтироб ва афсурдагӣ ва ба даст овардани иззати нафс ва хушнудӣ дар равобити фардӣ ва иҷтимоӣ муассир аст. Ба назари вай афзоиши сатҳи саломатии равонӣ таъсири босазое дар зиёд шудани тӯли умри шахс ва имкони беҳбудӣ ва коҳиши ибтило ба бемориҳои кушанда дорад. Юнг мегӯяд, ки дар тайи солҳое, ки садҳо мариз ба ман муроҷиат кардаанд, камтар беморе болои 35- соларо суроғ дорам, ки мушкилаш аз набудани дин дар зиндагӣ маншаъ нагирифта бошад, ки бо рӯй овардани вай ба масоили динӣ, ба таври ҷиддӣ мушкилаш рафъ шудааст.

Натоиҷи пажӯҳиши ҳозир ҳокӣ аз он аст, ки байни пархошгарии донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён тафовути маънодор вуҷуд дорад. Ин бад-он маънист, ки ҳар қадар боварҳои динӣ дар донишомӯзон болотар бошад, мизони пархошгарӣ дар онон поёнтар аст ва баръакс. Бисёре аз назарияҳои равоншиносӣ ва ҳамчунин ахлоқ муайяди натоиҷи ҳосил аз таҳқиқи ҳозир мебошанд. Аз назари Ҷаводӣ Омлу дин мактабест, ки аз аксари эътиқод, ахлоқ, қавонин ва муқаррарот ташкил шудааст, ки ҳадафи он роҳнамоии инсон барои расидан ба саодат аст. Муваррихи маъруф Арнолд Тойнби мегӯяд: «Бухроне, ки аврупоиён дар қуруни ҳозир дучори он шудаанд, асосан ба фақри маънавии онон бозмегардад». Ӯ муътақид аст, ки танҳо роҳи дармони ин фақр ва пошидагии ахлоқӣ бозгашт ба дин аст. Ба ин далел, дин дар эҷоди маъно ва ҳисси тасаллут дар афрод муассир аст.

Ҳамчунин, натоиҷи ин пажӯҳиш нишон дод, ки байни изтироби донишомӯзон бо боварҳои динии боло ва поён тафовути маънодор вуҷуд дорад. Яъне, мизони изтироб дар донишомӯзони дорои боварҳои динии боло камтар аз изтироби донишомӯзони дорои боварҳои динии поён аст. Бисёре аз назарияпардозони ҳавзаи равоншиносӣ ва дин робитаи нигариши мазҳабӣ ва анвои мухталифи изтиробро мавриди тайид ва таъкид қарор додаанд. Ба таври куллӣ, кунишӣ муҳимми фаъолиятҳои мазҳабӣ ин аст, ки фардро дар баробари авомили танидагизо тавонманд мекунад. Ширкат дар маросими мазҳабӣ ва зиёрати амокини муқаддас боиси эҷоди умедворӣ ва тақвияти имони мазҳабӣ дар афрод мешавад ва ҷавви

маънавии ин мавқеиятҳо ва қарор гирифтан дар ҷамъ ва гурӯҳҳои мазҳабӣ барои иҷрои маросим муҷиб мешавад, ки фард эҳсоси танҳоӣ накарда ва мунзавӣ нашавад ва ба иллати неруи ҳамдилӣ ва эътиқоди яксоне, ки байни ӯ ва атрофиёнаш қарор дорад, изтироб ва таниши ӯ коҳиш меёбад. Натоиҷи ҳосил аз таҳқиқи ҳозир бо натоиҷи таҳқиқоти анҷомшуда дар заминаи иртиботи боварҳои динӣ ва изтироб ва адабиёти пажӯҳишии марбута ҳамсӯ мебошад.

Дар мутолиаи ҳозир ба баррасии иртиботи боварҳои динӣ ва саломатии равони донишомӯзон пардохта шудааст. Барои санҷиши боварҳои динӣ аз пурсишномаи Худоёрифард ва барои санҷиши саломатии равон аз пурсишномаи SCL-90 истифода шудааст. Дар ин мутолиа ҷомеаи омории иборат аз кулли донишомӯзони давраи мутавасситаи дувум, ки дар мадориси давлатии идораи кулли омӯзиш ва парвариши остони Албурз дар соли таҳсили 92-93 машғул ба таҳсил (теъдоди онҳо болиғ бар 66065) мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Қуръони маҷид. Тарҷумаи Меҳдӣ Илоҳӣ Қамшаӣ. –Теҳрон: Марвӣ, 1372.
2. Ислом ва беҳдошти равон (маҷмӯаи мақолот). –Ҷ. 1. –С.23, 154.
3. Болҷонӣ Исфандиёр ва дигарон. Баррасии иртибот байни саломатии маънавӣ, умед ва кайфияти зиндагӣ дар беморони мубтало ба саратон (маҷмӯаи мақолот) / Болҷонӣ Исфандиёр ва дигарон. – 1390. Давраи якум. -№1. –С. 51-62.
4. Ҷаводӣ Илихчи Илиё Муҳаммад. Баррасии робитаи боварҳои динӣ ва беҳдошт ва саломатии равонии (осебдидагии равон) донишомӯзон ва муаллимони созмони омӯзиш ва парвариши шаҳристонҳои остони Теҳрон / Ҷаводӣ Илихчи Илиё Муҳаммад. Шӯрои таҳқиқоти Созмони омӯзиш ва парвариши шаҳристонҳои остони Теҳрон, соли таҳсили 87-88.
5. Карамӣ. Баррасии робитаи чандгонаи абъоди ҷиҳатгирии мазҳабӣ бо саломатии равонӣ дар донишҷӯёни Донишгоҳи Розӣ / Карамӣ ва дигарон // Маҷаллаи улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ. Донишгоҳи Шаҳид Чимрон, 1385. - №3.


**РОЛЬ РЕЛИГИИ В ПРОФИЛАКТИКЕ И УЛУЧШЕНИИ ПСИХИЧЕСКОГО ЗДОРОВЬЯ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ КЛАССОВ**


В последние годы всё более активно обсуждается роль религиозности и духовности в душевном здоровье и улучшении качества жизни. Религиозность служит защитой и для телесного, и для психического здоровья верующего человека и придают верующему уверенность в жизненной поддержке, способствуя, в том числе, улучшению его психического здоровья. Верующий человек живёт в поисках смысла жизни, стремится к построению хороших и крепких внутрисемейных отношений. В данной статье автор рассматривает роль религии а профилактике и улучшении психического здоровья учащихся средних классов школ Исламской Республики Иран.



**Ключевые слова:** религиозность, психическое здоровье верующего человека, профилактика и улучшение психического здоровья учащихся, уверенность, улучшение психического здоровья.


**ROLE OF RELIGION IN PREVENTION AND IMPROVEMENT OF MENTAL HEALTH OF STUDENTS OF MIDDLE CLASSES**


In recent years, the role of religiosity and spirituality in mental health and improving the quality of life has been increasingly discussed. Religiousness serves as a defense for the bodily and mental health of a believer and gives the believer confidence in life support, contributing, among other things, to improving his mental health. A believing person lives in search of the meaning of life, strives to build good and strong intra-family relations. In this article, the author examines the role of religion in the prevention and improvement of mental health in secondary school pupils in schools in the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** religiousness, mental health of a believer, prevention and improvement of students' mental health, confidence, improvement of mental health.



**Сведения об авторе:** ***Мохаммад Джавади Илхчиоля Мирзабаба*** – аспирант Института развития об разования им.А.Джами Академии образования Таджикистана. Телефон: **09124653325**


# САҲМИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ АЗ БУҶАИ ТАВЛИДИ НОХОЛИСИ МИЛЛӢ ДАР ЭРОН


***Саида Тоҳира Ҳусайнӣ Суракӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Тибқи охирин гузориши ЮНЕСКО дар миёни тамоми кишварҳои ҷаҳон Яман бештарин саҳм аз тавлиди нохолиси миллии худро дар бахши омӯзиш сарф кардааст. Ин кишвар бо ҳазина кардани 10/6 дарсад аз кулли тавлиди нохолиси миллии худ бештарин баҳоро ба омӯзиш дод, дар ҳоле ки Эквадор бо ҳазина кардани танҳо 1/1 дарсад аз кулли тавлиди нохолиси миллии худ дар ин бахш рукӯди заифтарин кадри

омӯзишро ба худ ихтисос дод. Дар ин сол Эрон 5 % аз кулли тавлиди нохолиси миллии худро дар бахши омӯзиш ҳазина кардааст, ки нисбат ба солҳои поёнии қарни гузашта, яъне солҳои 1998-99 мелодӣ 0/4 % рушд доштааст. Дар асоси охирин омори ироашуда тавассути созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО дар соли 2002 мелодӣ ИМА 5/7 %, , Англия 4/6 % ва Бразилия 4/5 %, Австралия 5 %, Бангладеш 2/2 %, Арманистон 3/1 %, Австрия 5/9 %, Донмарк 8/5 % ва Олмон 4/6 % – Италия 5 %, Конго 4/6 % аз кулли тавлиди нохолиси миллии худро дар бахши омӯзиш сарф кардааст.

Шоёни зикр аст, ки ҳеҷ як аз кишвари ҷаҳон дар саҳми бахши омӯзишӣ тағйири чандоне надодааст. Ин кишварҳо дар як раванди пойдор ва босубот қарор доранд ва то солиёни сол тағйири чашмгиреро дар зерсохтҳои иқтисодӣ ва фарҳангияшон мушоҳида нахоҳанд кард.

**Тавлиди нохолиси миллӣ роиҷтарин шохиси тавсеа.** Тавлиди нохолиси миллӣ (GNP) иборат аст, аз арзиши кулли молу хадамоти тавлидшудаи солона дар як кишвар, аз он ҷо ки тавлиди нохолиси миллӣ барои ҳар кишваре қобили дарк аст, ба унвони роиҷтарин шохиси санҷиши мизони тавсеа дар мутолиоти татбиқии кишварҳо ба кор меравад.

Роиҷтарин шеваи андозагирии рушди тавлиди нохолиси миллӣ, баёни он ба василаи дарсад мебошад, ки онро «дарсади рушди солона» меноманд, ки дар формулаи зер нишон дода шудааст:

$$r_n=\left(\frac{GNPn}{CNPn-1}-1\right)x100$$

**$GNP_n$**=тавлиди нохолиси миллӣ дар соли **n**

**$r_n$ =** дарсади рушди солонаи тавлиди нохолиси миллӣ аз соли **n** -1 то соли **n**

Бо мушоҳидаи ҷанбаҳое аз тавсеа, ки қобили рушд аст, метавонем иддао кунем, ки як кишвар, миллат ё ҷомеае тавсеа ёфтааст. Рушд на танҳо қобили рӯят аст, балки қобили андозагирӣ низ ҳаст, яъне метавон онро ба сурати камӣ баён кард. Аз ин рӯ, иттилоъ аз хусусиятҳои шохисҳои рушд аз аҳамияти хос бархурдор аст. Дар ин маврид ба тавлиди нохолиси миллӣ ишора шуд, ки яке аз боризтарин ва роиҷтарин шохисҳои андозагирии амалкарди иқтисоди як кишвар маҳсуб мешавад ва рушди куллии иқтисодро андоза мегирад [1].

**Чигунагии тахсиси буҷа ба омӯзиш ва парвариш.** Сармояе, ки ба омӯзиш ихтисос меёбад, бозтоби арзишест, ки як кишвар барои омӯзиш қоил аст. Стандарти бартари ҳазинаи омӯзиш ва парвариш ҳамон миқдор пулест, ки як кишвар ба омӯзиш ихтисос медиҳад ва ба унвони шохиси аҳамияти омӯзиш ва парвариш аз он ёд мешавад. Саҳми буҷаи омӯзишу парвариши Эрон аз буҷаи умумии давлат дар соли 1376 (20/9) дарсади буҷае, ки ин рақам дар соли 1383 ба (18/5) дарсад расида аст ва дар ин замина саҳми ҳазинаҳои омӯзишу парвариш аз ҳазинаҳои давлат низ нишон медиҳад, ки 8/9 % аз ҳазинаҳои давлати Эрон, саҳми омӯзишу парвариш аст, аммо болотарини ин рақам бо 26 % мутааллиқ ба кишвари Гиена 24/8 % мутааллиқ ба Лаҳистон аст. Арзиш ва эътибори низоми омӯзишии кишвар барои барномарезон ва чароии ин наҳваи тахсиси сармояи миллии Эрон ба омӯзишу парвариш бо нигоҳе ба вазъияту чолишҳои пешравии низоми омӯзишӣ ошкортар мешавад. Имсол 14/5 млн донишомӯз бо коҳиши 1/8 млн нафарӣ соли таҳсилро дар 135 воҳиди омӯзишӣ оғоз карданд. Ин ҷамъият то соли 1390 ба шакли номаҳсус коҳанда буда ва ба 13 млн. нафар мерасад, ки ин рақам то соли 1400 муҷаддадан бо рушд рӯ ба рӯ шуда ва дар соли 1404 ҷамъияти донишомӯзӣ ба 20 млн нафар афзоиш меёбад.

Нигоҳе ба коркунони Вазорати омӯзишу парвариш ва ҷамъи коркунони расмӣ ва паймонии ин дастгоҳро дар соли 1382-83 984 ҳазор нафар нишон медиҳад, ки ҷамъи коркунони ҳаққи тадриси он 84 ҳазор нафар ва кадри хадамотӣ 59 ҳазор нафар ва дар маҷмӯъ кулли персонали он 1 млн ва 127 ҳазор ва 734 нафар буда, ки ин теъдод 91\3 буҷаи омӯзишу парваришро ба худ ихтисос додаанд. Тамоми вусъат ва густурдагии ин вазоратхонаи тавил дар канори мушкилоте, ки бо он дасту по мезанад, умқи мушкилоти мавҷудро ошкортар месозад. Ба унвони намуна соли таҳсили гузашта ҳудуди 1 млн донишомӯзи эронӣ мардуд шудаанд ва дар ҳоле ки ба эътиқоди коршиносони таълиму тарбия рақами хисоротҳои мардуд ва уфти таҳсилии донишомӯзони эронӣ ба ҳадди афзоянда расида, риштаи улуми инсонӣ низ, ки ба далели заифҳои мавҷуди шуғлӣ, мушкилоти бештарро бар низоми омӯзишӣ таҳмил кардааст.

Ба гуфтаи Исно, аз соли 1379 то кунун саҳми омӯзишу парвариш дар буҷаи миллӣ хамвора сайри нузулӣ доштааст, ба гунае ки дар соли 1384 бо касри шадид 3 ҳазор ва 300 млрд тумон мувоҷеҳ шудааст. Коршиноси таълиму тарбияти кишвар дар хусуси наҳваи тахсиси буҷа ба низоми омӯзишӣ муътақиданд, ки ба ҳамон андоза, ки низоми омӯзишӣ барои мо аҳамият дошта бошад, ночорем ба он буҷа ихтисос диҳем, яъне агар таълиму тарбияро таҳкурсии тавсеаи миллии худ ҳаммонанди соир кишварҳои дунё бидонем ва барои рушди иқтисодӣ ба мудирият ва омӯзиши неруи инсонӣ буҷаи дошта бошем, нигоҳ ва амалкарди мо дар хусуси чигунагии ихтисоси буҷа ба омӯзишу парвариш низ тағйир хоҳад ёфт.

**Пешниҳод ва ироаи роҳкориҳо**

1. Қарор додани омӯзиш ва парвариш ба унвони мабнои тавсеаи миллии кишвар.
2. Дар назар гирифтани саҳми мустақил аз саронаи тавлиди нохолиси миллӣ дар сарфаслҳои мустақил ва ҷудогона.
3. Аз байн бурдани нигоҳи масрафӣ ба омӯзишу парвариш дар барномаҳо.
4. Бозандешии бунёдин бо муҳандисии муҷаддади фарояндҳо ва сохторҳо.
5. Аввалият додан ба сармоягузориҳои калон дар амри омӯзишу парвариш.
6. Тарроҳиҳои таҳаввули иҷтимоӣ бо меҳварият қарор додани ниҳоди омӯзишу парвариш.
7. Тағйири сиёсатҳои омӯзишӣ ва парваришии кишвар дар ростои аҳамият додану барҷастатар кардани тавсеаи манобеи инсонӣ.
8. Бозсозии зерсохтҳои низоми омӯзишу парвариши манобеи молӣ ва инсонӣ.
9. Марказкунонӣ ва истихдоми минтақавии омӯзишу парвариш.
10. Тавсеаи адолати омӯзишӣ ва эҷоди фурсатҳои баробари омӯзишӣ.
11. Қарор гирифтан дар нуқтаи тасмимгирӣ ва тасмимсозиҳои калони роҳбурди кишвар.
12. Тахсиси дарсади бештар аз тавлиди нохолиси миллӣ ба хотири омӯзиш.

Бар асоси натоиҷи пажӯҳише, ки тавассути Бонки Ҷаҳонӣ анҷом шудааст, кишварҳое, ки саҳми камтаре аз сарвати ҷаҳониро доро ҳастанд, бештар ба сарвати табиӣ ва физикии худ вобаста мебошанд ва дар муқобили кишварҳое, ки бештарин саҳм аз сарвати ҷаҳониро дар ихтиёр доранд, дар сармояи инсонии худ такя намудаанд. Бидуни шак, муҳимтарин ниҳоди эҷод ва афзоиши сармояи инсонӣ бахши омӯзиш, хусусан омӯзишу парвариши умумӣ аст, ки баррасии абъоди ин бахш, аз ҷумла муқоисаи он дар тавлиди нохолиси миллӣ ва дохилӣ ва мизони саҳм барои он аз буҷаи умумии давлат ва баррасии чолишҳои мавҷуд, метавонад қобилиятҳо ва зарфиятҳои ин бахшро дар ростои ташкили сармояи инсонӣ мушаххас намояд, ки дар сурати тавсеаи ин бахш заминаи мусоид барои тавсеаи пойдори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фароҳам хоҳад шуд.

Ин мақола дар садад аст, то ба сурати иҷмолӣ ба саҳми омӯзишу парвариш аз тавлиди нохолиси миллӣ пардохта, ва ба муқоисаи саҳми кишварҳои мухталиф аз (GNP) бипардозад.

**АДАБИЁТ**


1. Машоих Фарида. Фароянди барномарезии омӯзишӣ / Машоих Фарида. –Теҳрон: Мадраса, 1385.
2. Алоқабанд Алӣ. Ҷомеашиносии омӯзиш ва парвариш / Алоқабанд Алӣ. Нашри Равон, 1384.
3. Амузода Мустафо. Иқтисоди омӯзиш ва парвариш / Амузода Мустафо. –Интишороти «Ҷаҳони донишгоҳӣ» воҳиди Исфаҳон, 1385.
4. Машоих Фарида. Дидгоҳҳои нав дар барномарезии омӯзишӣ / Машоих Фарида. - Теҳрон: Самт, 1380.
5. Фаюзот Яҳё. Мабонии барномарезии омӯзишӣ / Фаюзот Яҳё. Нашри Вироиш, 1380.
6. Оқозода Аҳмад. Омӯзишу парвариши татбиқӣ / Оқозода Аҳмад. -Теҳрон: Самт, 1381.
7. Маликӣ Ҳасан. Барномарезии дарсӣ роҳнамои амал / Маликӣ Ҳасан. –Теҳрон: Паём, 1382.
8. Оқобузургӣ Малика. Тарҳи пажӯҳишӣ бо унвони «Баррасии саҳми омӯзишу парвариш дар манобеи молии дабирхонаи шӯрои олии инқилоби фарҳангӣ»/ Оқобузургӣ Малика. - 1384.
9. [Захираи электронӣ]. http://www.FPM.ir
10. [Захираи электронӣ]. http://Farhangian.com
11. Williams Peter. Teacher de mond and supply (Fundomentals of Educational Planing, NO 27). IIEP. - Paris,1979.
12. Unesco, Les aspects sociaux et economiques de la planification de I"education. -Paris, 1965.
13. Combs P.H. What is Educational Planing / P.H. Combs. - Paris,1970.


**РОЛЬ БЮДЖЕТНЫХ ВЛОЖЕНИЙ ИЗ ВВП В СИСТЕМУ ОБРАЗОВАНИЯ ИРАНА**

Уровень национальных расходов на образование - это относительная величина, которая рассчитывается как общий объём государственных и частных расходов на образование в течение

календарного года, включая государственные бюджеты всех уровней, частные фонды, внешние заимствования, гранты и пожертвования от международных учреждений и неправительственных организаций. Уровень расходов на образование выражается в процентах от валового внутреннего продукта Ежегодно в Исламской Республике Иран 20 % бюджетных расходов и 5 % ВВП уходит на образование, один из самых высоких показателей в мире. Статья посвящена изучению данной темы.
**Ключевые слова:** Иран, образование, воспитание, уровень национальных расходов на образование, валовой внутренний продукт, расходы на образование, бюджет, бюджетные расходы.

**THE ROLE OF BUDGET INVESTMENTS FROM GDP TO THE SYSTEM OF EDUCATION OF IRAN**

The level of national expenditure on education is a relative amount that is calculated as the total amount of public and private expenditure on education during a calendar year, including state budgets at all levels, private funds, external borrowings, grants and donations from international institutions and non-governmental organizations. The level of expenditure on education is expressed as a percentage of gross domestic product. Annually in the Islamic Republic of Iran, 20% of budget expenditures and 5% of GDP go to education, one of the highest rates in the world. The article is devoted to the study of this topic.
**Keywords:** Iran, education, upbringing, the level of national expenditure on education, gross domestic product, education expenditures, budget, budgetary expenditures.

**Сведения об авторе:** ***Саида Тохира Хусайни Сураки*** – аспирантка Таджикского национального университета

# МУАЛЛИФАҲОИ МУАССИР БАР ФАЪОЛИЯТИ ФАРОҒАТӢ

***Жило Азизӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Рӯшан ва мубарҳан аст, ки далели мутафовите вуҷуд дорад, ки аз як тараф, танаввӯъ дар фаъолияти фароғатиро сабаб мешавад ва аз тарафи дигар, нобаробарии мавқеиятҳо ва маҳдудият дар гузиниш ва интихоби фаъолиятҳои фароғатӣ мунҷар мегардад ва ба монанди нобаробариҳо дар имконоти таҳсилӣ, маскан ва даромад, нобаробариҳо дар мавриди авқоти фароғат низ вуҷуд дорад. Бинобар ин, фаъолиятҳои фароғатиро наметавон фақат бар асоси муаллифаҳои марбут ба шахс ё фард дар назар гирифт, балки муаллифаҳои иҷтимоии ба ҳам вобастае вуҷуд доранд, ки инкори зиндагии иҷтимоиро шакл медиҳад. Ин муаллифаҳо гузиниши фаъолиятро маҳдуд ва бар навъи тасвири мардум аз авқоти фароғат низ муассир аст.

Қатъан фаъолият ва замони фароғат аз ҷумлаи ҳавзаҳоест, ки шахс озодона бармегузинад. Бархе муътақиданд, ки авқоти фароғат замони мозоде аз шабонарӯз аст, ки ба кор хобидан ва корҳои воҷиби дигар ихтисос надорад.

Паркер (1983) авқоти фароғатро ба унвони вақте ки шахс маҷбур ба анҷоми кор ё адои соир вазоиф нест, талаққӣ мекунад.

Каплан (1975) авқоти фароғатро ба унвони таҷриба ё фаъолияте бо тасмимгирии нисбатан шахсӣ дар назар мегирад. Авқоти фароғат мухтаси қишри хос, синни хос ва ё замони хос нест, балки замоншумул ва фардшумул аст. Ҳамаи афроди ҷомеа на танҳо ниёзманди доштани авқоти фароғат ҳастанд, балки хоҳу нохоҳ бахши зиёде аз зиндагии ононро метавон зермаҷмӯаи авқоти фароғат донист. Муаллифаҳои вижа ва муртабит бо муаллифаҳои фароғатӣ иборатанд аз:

**Муаллифаи аввал.** Афрод авқоти фароғаташонро худ бармегузинанд ва бидуни ин гузиниш ормони авқоти фароғат мафҳуме надорад. Аммо, ин амр барои мушорикат дар авқоти фароғат кофӣ нест. Аз ин рӯ, авомили гуногуне вуҷуд дорад, ки гузиниши шахсиро маҳдуд мекунанд. Ин авомил дар байни афроди мухталиф мутафовит ва манут ба шароити зиндагии шахсӣ аст:

- Яке аз ин авомил бӯъди камии марбут ба фаъолият ва замони марбут ба фароғат аст, ки соат ва замони кори афрод чӣ гуна аст. Ба ибораи дигар, мизони авқоти фароғат аз кор ё соир вазоиф ва чӣ гуна тавзеи ин вақт дар тӯли рӯз, ҳафта ё сол аст.
- Авомили дигар, мизони дастрасӣ ё адами дастрасии афрод ба фазоҳо ва маконҳои мухталифи фароғатӣ аз бӯъди тавзеи фазоӣ, имконоти авқоти фазоӣ, имконоти авқоти фароғат аст.
- Ҳазина ва пул аз ҷумлаи омили дигар аст, яъне афрод аз лиҳози миқдори пулӣ, ки мехоҳанд, ё метавонанд барои авқоти фароғат харҷ кунанд, мутафовит ҳастанд. Бинобар ин, ҳазинаи фаъолиятҳо гузинаҳоро маҳдуд мекунанд.

